АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРИИ БА НОМИ АКАДЕМИК
Б. ИСКАНДАРОВ

Ба ҳуқуқи дастнавис

ТДУ: 809. 155.0

ТКБ: 81.2 Т03
Ф – 43

ФАРҲОДОВА САРВБОНУ АЛИДОДОВНА

ЛЕКСИКАИ ЧОРВОДОРӢ ДАР ЛАҲҶАИ БАДАХШОНИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
(ДАР АСОСИ ГӮЙИШИ ВОДИИ ҒОРОН)

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои филология,
дотсент Мирбобоев Азизхон

ДУШАНБЕ – 2026

М У Н Д А Р И Ҷ А

Номгӯйи ихтисораҳо …… ….....5

МУҚАДДИМА 6-16

БОБИ 1. ТАСНИФОТИ ЛУҒАВИЮ МАЪНОИИ ЛЕКСИКАИ СОҲАИ ЧОРВОДОРӢ ДАР ГӮЙИШИ ҒОРОН.....17-92

1.1. Матолиби муқаддамотӣ 17-20

1.2. Таҳқиқи вожагони ифодакунандаи номи умумии ҳайвоноти хонагӣ 20-28

1.3. Вожагони марбут ба ҳайвоноти хурди хонагӣ 28-30

1.3.1. Таҳқиқи луғавию маъноии вожагони марбут ба гӯсфанд 30-32

1.3.1.1. Калимаҳои марбут ба синну сол ва ҷинсияти гӯсфанд 33-36

1.3.1.2. Калимаҳои ифодакунандаи рангу намуд ва хусусиятҳои зоҳирии гӯсфанд 36-43

1.3.1.3. Вожагони марбут ба зот ва парвариши гӯсфандон 43-46

1.3.2. Вожаҳои марбут ба бузпарварӣ 47-49

1.3.2.1. Калимаҳои ифодакунандаи синну сол ва ҷинсияти буз 49-51

1.3.2.2. Вожаҳои марбут ба рангу намуд ва хусусияти бадани буз 51-57

1.3.2.3. Калимаҳои марбут ба парвариши буз 57-59

1.4. Вожагони марбут ба чорвои калони хонагӣ 60

1.4.1. Калимаҳои ифодакунандаи номи умумии чорвои калони шохдор..... 60-63

1.4.1.1. Вожаҳои марбут ба шохисҳои ҷинсӣ ва синнусолии гов 63-66

1.4.1.2. Калимаҳои вобаста ба шохисҳои рангу намуд ва хусусиятҳои бадани гов.....67-69

1.4.2. Вожаҳои ифодакунандаи дигар хусусиятҳои гов 69-70

1.4.2.1. Калимаҳои марбут ба говҳои парворӣ ва фарбеҳ 70

1.4.2.2. Калимаҳои ифодакунандаи рафтор ва хислати чорво 71

1.4.2.3. Вожаҳои ифодакунандаи зоти гов 71-72

1.4.2.4. Вожагони марбут ба шохисҳо аз рӯйи таъиноти хоҷагидорӣ ...72-77

1.4.2.5. Калимаҳои ифодакунанлаи нуқсонҳои бадани чорво 78
1.5. Вожагони марбут ба ҳайвоноти боркаш ва саворӣ 78
1.5.1. Вожагони марбут ба асппарварӣ.....78-81
1.5.1.1. Калимаҳои ифодакунандаи синну сол ва ҷинсияти асп 81-82
1.5.1.2. Калимаҳои марбут ба шохисҳои зоҳирии асп 82-83
1.5.1.3. Вожагони вобаста ба таъиноти асп 83-84
1.5.1.4. Вожаҳои ифодакунандаи зоти асп 84-85
1. 5. 2. Вожаҳои ифодакунандаи хар ва парвариши он 85-86
1. 5.2.1. Калимаҳои марбут ба шохисҳои синнусолии ҷинси хар 86-88
1.5.2.2. Вожаҳои марбут ба аломатҳои умумии бадан ва зоти хар 88-89
1.5.2.3. Вожагони ифодакунандаи таъиноти хар дар корҳои хоҷагӣ ва рафтори он 89-92
БОБИ 2. БАРРАСИИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ ВОЖАГОНИ ЧОРВОДОРӢ ДАР ГӮЙИШИ ҒОРОН 93-146
2.1. Матолиби муқаддамотӣ 93-96
2.2. Вожаҳои марбут ба расму ойини чорводорӣ 96-105
2.3. Калимаҳои ифодакунандаи макони парвариши чорво 106-112
2.4. Калимаҳои ифодакунандаи касбу кори марбут ба чорводорӣ.....112-119
2.5. Вожаҳои марбут ба маҳсулоти соҳаи чорводорӣ 119-120
2.5.1. Калимаҳои ифодакунандаи маҳсулоти ширӣ 120-127
2.5.2. Калимаҳои марбут ба маҳсулоти мӯйина (пашм) ва чарм 128-129
2.5.3. Калимаҳои ифодакунандаи маҳсулоти аз пасафкандаи чорво тайёршуда 129-134
2. 6. Вожагони марбут ба хурокҳои ширӣ 134-136
2.7. Калимаҳои марбут ба бемориҳои чорво 136-140
2. 8. Воҳидҳои нидоии марбут ба чорво (вокативҳо) 140-146
БОБИ 3. МАНБАЪҲОИ ТАШАККУЛ ВА ТАҲАВВУЛИ ЛЕКСИКАИ ЧОРВОДОРӢ ДАР ГӮЙИШИ ҒОРОН.....147-197
3.1. Матолиби муқаддамотӣ 147-150

3.2. Таркиби лексикаи чорводорӣ аз рӯйи баромади калимаҳо 150-151
3.2.1. Мавқеи калимаҳои аслии тоҷикӣ дар низоми луғавии соҳаи чорводории лаҳҷа.....151-155
3.2.2. Мавқеи вожагони иқтибосӣ 155-161
3.2.2.1. Калимаҳои арабӣ 161-162
3.2.2.2. Вожаҳои туркӣ-узбекӣ 162-169
3.2.2.3. Калимаҳои русӣ-байналмилалӣ 169-171
3.2.2. 4. Вожаҳои иқтибосии забонҳои эронии шарқӣ 171-174
3.3. Таҳқиқи калимасозии лексикаи чорводорӣ дар гӯйиши Ғорон ...174-176
3.3.1. Калимаҳои сода 176-177
3.3.2. Бо пасвандҳо сохтани калимаҳо 177-188
3.3.3. Калимаҳои мураккаб 188-192
3.3.4. Вожагони дар қолаби ибора-истилоҳ сохташуда 192-194
ХУЛОСА.....195-197
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ 198
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.....199-217
Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия …..... 218-220

НОМГӮЙ ИХТИСОРАҲО

Анд. – Андароб (деҳа)

Бғ. – Бағуш

Бр. – Баршор

вах. – вахонӣ

Вг. – Вогз *(деҳа)*

Гч. – Гармчашма (деҳа)

Дт. – Дашт (деҳа)

Дх. – Делох (деҳа)

ишк. – ишкошимӣ

Кл. – Кӯҳи Лаъл (деҳа)

Қз. – Қозидеҳ

рӯш. – рӯшонӣ

саҳ. – саҳифа

Сб. – Сниб

санскр. – санскрит

суғ. – суғдӣ

т.ш. – тоҷикии шарқӣ

ФТЗТ – Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ

ФЗТ – Фарҳанги забони тоҷикӣ

ФГҶЗТ – Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ

Хғ. – Хасхарағ

Шб. – Шанбедеҳ

шуғ. – шуғ нонӣ

яғн. – яғнобӣ

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Шеваҳо, лаҳҷаҳо ва гӯйишҳои забони тоҷикӣ, ки аз қадимтарин сарчашмаи ташаккули забони адабии форсии дарӣ дар сарзамини таърихии Мовароуннаҳр маҳсуб мегарданд, дар таърихи пайдоиш ва таҳаввули забони осори хаттии форсӣ-тоҷикӣ мақом ва ҷойгоҳи хосса доранд. Бар пояи ҳамин шеваю лаҳҷаҳо меъёрҳои забони адабӣ пойдор гардидаанд, ки баъзан, дар сартосари қаламрави сукунати мардуми форсизабон ба унвони забони марҷаи тақлид пазируфта шуд.

Дар тафовут аз забони адабии форсии аҳди Сомониён лаҳҷаҳои тоҷикӣ он лаҳҷаҳое буданд, ки дар натиҷаи омезиши гуфтори форсии мовароуннаҳрию хуросонӣ бо забонҳои эронии шарқӣ мисли суғдӣ, бохтарӣ, хоразмӣ ва сакоӣ шакл гирифта, нахустин намунаҳои хаттии онҳо дар асрҳои VIII–IX милодӣ то замони мо маҳфуз мондаанд. Бинобар ин, таҳқиқу баррасии ҷанбаҳои сохторию корбурди онҳо на танҳо аҳаммияти сифр диалектологиро молик аст, балки барои возеҳ кардани манзараи умумии пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули таърихии забони форсии тоҷикӣ низ аҳаммияти бузурги илмиро молик аст.

Мубрамияти таҳқиқи луғоти истилоҳоти шеваҳою лаҳҷаҳо, бахусус, вожаву истилоҳоти соҳавӣ дар он низ инъикос меёбад, ки онҳо аз даврони пеш дар тули қарнҳо ифодагари мафҳумҳои ҳаётан муҳимми рӯзгори сокинони гӯйишвари лаҳҷаҳои алоҳидаи забон буданд ва доир ба муҳити зиндагӣ ва тарзи зисти ин гӯйишварон иттилооти арзишманде медиҳанд.

Чорводорӣ яке аз қисматҳои ҳаёти мардумони кӯҳистони Тоҷикистон мебошад, ки қисмати таърихии он ҳануз аз давраҳои оғози рӯзгори эронитаборони бумии маскуни минтақаи Осиёи Миёна маншаъ гирифтааст, бинобар ин, луғот ва истилоҳоти мансуб ба чорводорӣ, аксаран, калимаҳои аслии тоҷикӣ буда, решаҳои таърихии онҳо то ба забони эронии бостон мерасанд.

Аз ин рӯ, интихоб гардидани вижагиҳои лексикаи мансуб ба чорводорӣ ба сифати мавзуи кори диссертатсионӣ дорои аҳаммияти калони илмӣ дар лаҳҷашиносии муосири тоҷик мебошад.

Гӯйиши ғоронии лаҳҷаҳои бадахшонии шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ, ки ба сифати маводи таҳқиқ дар тафовут аз дигар шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ дар ҳолати инзивои диалектологӣ қарор дошта, ба ягон лаҳҷаи дигари забони тоҷикӣ мустақиман ҳаммарз нест, дар муҳити равобит бо забонҳои эронии шарқии гурӯҳи помирӣ истифода мегардад. Чунин муҳити амалкарди гӯйиши ғоронӣ ва ҳамчунин, дигар лаҳҷаҳои тоҷикии бадахшонӣ дар сохтори савтӣ, луғавӣ ва дастурии онҳо таъсири амиқ гузоштаанд, ки боиси тафовутҳои диалектологии ин гӯйишу лаҳҷаҳо аз дигар лаҳҷаҳои шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ гаштааст.

Аз ин лиҳоз, мавзуи луғот ва истилоҳоти чорводорӣ дар гӯйиши ғоронии забони тоҷикӣ ба як масъалаи муҳимму мубрами лаҳҷашиносии муосири тоҷик табдил меёбад.

Гӯйиши тоҷикии ғоронӣ дар ноҳияи Ишкошим густариши васеътар дошта, ҳам дар соҳили рости дарёи Панҷ, ки аз 14 деҳа (Хасхоруғ, Сангоб, Андароб, Сниб, Делох, Гармчашма, Дашт, Кӯҳи Лаъл, Сист, Вогз, Шамбедеҳ, Қозидеҳ, Бағуш, Баршор) иборат мебошад ва ҳам дар соҳили чапи дарёи Панҷ мустаъмал мебошад.

Бояд қайд кард, ки гӯйиши Ғорон имрӯз ҳам дар гуфтугӯйи рӯзмарра ва мубодилаи афкор ба соҳибони ин гӯйиш хизмат мекунад. Аз ин рӯ, ҳаматарафа омӯзиши густурда ва таҳқиқи амиқи лексикаи соҳавии гӯйиши мазкур, аз ҷумла, лексикаи соҳаи чорводорӣ яке аз мавзуъҳои мубрами лаҳҷашиносии тоҷик ба ҳисоб меравад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Гарчанде таҳқиқи диалектологии забони тоҷикӣ ҳануз аз асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ бо номи донишмандони рус В.Г. Григорев [1.126], А.А. Семёнов [1.165], В.П. Наливкин [1.148], П.К. Кузнетсов [1.138], Ш. Ҳотамтоев [2. 212] пайванд гирифта, баъдан, дар даврони шуравӣ аз

тарафи муҳаққиқон В.С. Расторгуева [1.158], А.З. Розенфелд [1.162;1.163;1.164], Ю.И. Богорад [1.120] ва ҳамчунин, лаҳҷашиносони тоҷик, мисли Л. Бузургзода [1.11; 1.12], Р. Ғаффоров [1.14], Ғ. Ҷӯраев [1. 93; 1.94], У. Обидов [1.57;1.58], М. Маҳмудов [1.34], М. Эшниёзов [1.106; 1.107] ва дигарон идома ёфта бошанд ҳам, вале ҳануз паҳлуҳои камтаҳқиқ ва муаммоҳои нокушодаи илмии лаҳҷаю гӯйишҳои гуногуни забони тоҷикӣ хеле зиёданд.

Яке аз чунин масъалаҳои мубрами шевашиносии тоҷик – таҳқиқи сохтори луғавию маъноӣ ва дастурии лаҳҷаву гӯйишҳои забони тоҷикист.

Қайдҳои аввалин ва маълумоти мухтасару ҷудогонаро оид ба водии Ғорон дар осори муҳаққиқон А.А. Бобринской, О. Олуфсен, А.А. Семёнов, М.С. Андреев, И.И. Зарубин ва А.Н. Болдирев метавон пайдо кард, ки хусусияти ҷуғрофию топографӣ ва этнографӣ доранд.

Чунончи, муҳаққиқи даниягӣ О. Олуфсен солҳои 1898-1899 ба Бадахшон, махсусан, водиҳои Вахон ва Ғорон сафар намуда, баъд аз бозгашт дар соли 1904 таассуроти худро дар асараш «Тавассути Помир (Вахон ва Ғорон) (Through the unknown Pamirs (Vakhan and Garon))» менависад. Асари мазкур доир ба забон, расму анъана, тарзи зисту зиндагӣ ва либоспӯшии сокинони водиҳои Вахон, Ишкошим, Ғорон ва Шуғнон маълумот медиҳад [1. 182].

Дар асри XX дар таҳқиқи фолклори водии Ғорон шарқшиноси маъруфи рус А.Н. Болдирев иқдоми барҷастае карда, асаре бо номи «Фолклори Бадахшон (Бадахшанский фолклор)» дар соли 1948 таълиф мекунад. Дар ин асар муҳаққиқ доир ба фолклори сокинони водии Ғорон ва хусусиятҳои гӯйиши мазкур низ маълумоти хеле мукаммал медиҳад [1. 121, с. 225-294].

Бояд зикр намуд, ки таҳқиқотҳои аввалин оид ба лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ аз ҷониби муҳаққиқони рус В.С. Росторгуева, А.З. Розенфелд ва Ю.И. Богорад оғоз гардида, муҳаққиқон урфу одат, расму анъана ва забони мардуми водии Ғоронро мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Ба андешаи муҳаққиқон, гӯйиши Ғорон аз даврaҳои хеле қадим ташаккул ёфта, он гуногунранг ва ғанӣ мебошад. Мо метавонем аз гӯйиши ин мардум калимаю

истилоҳотеро пайдо намоем, ки дар дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ камистеъмоланд ё истеъмол намешаванд ва дорои хусусияти хоси фарқкунанда низ мебошанд.

Дар лаҳҷашиносии тоҷик омӯзиш ва таҳқиқи гӯйиши Ғорон хеле мушкилоти ҷиддӣ ва муаммоҳои сарбастаи ин соҳаро ҳаллу фасл намуд. Таҳқиқоте, ки дар таърихи лаҳҷашиносии тоҷик, бахусус, дар омӯзиши гӯйиши Ғорон ҷойгоҳи хосса дорад, ин пажуҳиши забоншиноси рус Ю.И. Богорад мебошад, ки муҳаққиқ ба мақсади ҷамъ овардани маводи гӯйиши Ғорон ду маротиба солҳои 1952 ва 1959 ба водии Ғорон сафар кардааст. Ӯ соли 1963 доир ба гӯйиши Ғорон як мақолаи ҳаҷман хурдеро таҳти унвони «Горонский говор таджикского языка (Гӯйиши ғоронии забони тоҷикӣ)» таҳия ва нашр мекунад, ки дар он оид ба хусусиятҳои фонетикӣ, морфологӣ ва лексикии гӯйиши мазкур маълумот додааст. Ба ақидаи Ғ. Ҷӯраев, Ю.И. Богорад «ба зинаи нави таҳқиқи лаҳҷаҳои тоҷикӣ ибтидо гузошт» [1. 94, с. 3]. Лаҳҷашиноси варзида А.З. Розенфелд оид ба хусусиятҳои овоӣ ва баъзе ҷиҳатҳои луғавии гӯйиши Ғорон дар таҳқиқоти худ таҳти унвони «Лаҳҷаҳои бадахшонии забони тоҷикӣ» маълумот додааст [1. 164].

Мавриди ба зикр аст, ки муҳаққиқони забоншинос гуфтори сокинони водии Ғоронро ба шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ мансуб дониста, онро ба гурӯҳи лаҳҷаи бадахшонӣ дохил кардаанд. Ба андешаи В.С. Расторгуева, – таъкид мекунад профессор Ғ. Ҷӯраев: «Шеваи ҷанубӣ мувофиқи таснифоти профессор В.С. Росторгуева яке аз чор гурӯҳи шеваҳои забони тоҷикист. Ин шева ба чор лаҳҷа (ё гурӯҳи лаҳҷаҳо): лаҳҷаҳои раштӣ, кулобӣ, роғӣ ва бадахшонӣ ҷудо мешавад, ки ҳар яке аз онҳо дар навбати худ чанд шоха дорад» [1. 99, с. 6].

Муҳаққиқи дигари лаҳҷашинос А.З. Розенфелд, ки лаҳчаҳои бадахшониро бештар мавриди таҳқиқ қарор додааст, онро ба чаҳор гӯйиш тақсим намудааст: «тоҷикии мунҷонӣ дар водии Шоҳдара, тоҷикии ғоронӣ дар водии Ғорон, тоҷикии ишкошимӣ (ё нудӣ) дар водии Ишкошим ва тоҷикии вахонӣ дар баъзе деҳаҳои водии Вахон» [1. 164, с.10].

Баъдан, муҳаққиқ З.О. Назарова ба муқоисаи системаи феълии забони ишкошимӣ ва тоҷикии бадахшонӣ, аз ҷумла, гӯйиши Ғорон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, масъалаи мазкурро дар рисолаи худ «Муқоисаи феъли забони ишкошимӣ бо тоҷикии бадахшонӣ» мавриди таҳқиқ қарор додааст [1. 147].

Таҳқиқоти муҳаққиқи ҷавон С.Ф. Шердилова дар мавзуи «Таҳқиқоти этнолингвистии лексикаи гӯйиши тоҷикони водии Ғорон (аз гурӯҳи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ)» нахустин рисолаи илмии мукаммал оид ба гӯйиши Ғорон буда, муҳаққиқ вижагиҳои хоси гӯйиши мазкур, вожагони ифодакунандаи урфу одат, ҷашну маросим, касбу кор ва хусусиятҳои этнолингвистии минтақаи мазкурро мавриди таҳқиқ қарор додааст [1.102].

Инчунин, муҳаққиқ Д. Фозилов бо номи «Гӯйиши Ғорон (лексика ва морфология)» рисола таҳия намудааст, ки он ба таҳқиқи қабати лексикӣ, фразеологӣ ва морфологии гӯйиши мазкур бахшида шудааст [1. 87].

Ҳангоме ки диссертатсияи мо дар ҳоли таълиф қарор дошт, мақолаҳои Г. Қурбонбекова доир ба лаҳҷаи Ғорон ба нашр расида, кори диссертатсионии ӯ дар мавзуи «Фитонимическая и зоонимическая лексика в горонском говоре таджикского языка (Лексикаи набототу ҳайвонот дар гӯйиши ғоронии забони тоҷикӣ)» ҳимоя шуд [1. 141].

Доир ба баъзе хусусиятҳои грамматикӣ ва луғавии гӯйиши сокинони водии Ғорон дар асари «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» (иборат аз 5 ҷилд) низ маълумот дода шудааст [1. 97; 1. 98; 1. 99; 1.100; 1.101].

Ҳамчунин, дар «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» моддаҳои луғавӣ аз гӯйиши сокинони водии Ғорон оварда шуда, ба забони адабии тоҷик ва дигар гӯйишҳои ҷанубӣ муқоиса карда шудаанд [2.188; 2.189].

Ҳамин тавр, оид ба омӯзишу таҳқиқи хусусиятҳои гӯйиши Ғорон мақола ва рисолаи илмӣ анҷом дода шудаанд, ки онҳо дар такмили назарияи илми забоншиносии тоҷик, махсусан, бахши шевашиносии он нақши муҳим доранд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ. Мавзуи таҳқиқот дар асоси бандҳои Нақшаи чорабиниҳои «Барномаи рушди

забони давлатӣ барои солҳои 2020–2030», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми ноябри соли 2020, № 647 тасдиқ гардидааст ва ҳамчунин, нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии мавзуъҳои илмии Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Баҳодур Искандаров анҷом дода шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Таҳқиқи луғавӣ-маъноӣ ва сохтории луғот ва истилоҳоти марбут ба соҳаи чорводорӣ дар гӯйиши Ғорон мақсади асосии таҳқиқот мебошад. Зимни баррасии ин масъала ба муқоисаи гӯйиши Ғорон бо лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ва забони адабии тоҷикӣ низ таваҷҷуҳ шудааст.

Вазифаҳои таҳқиқот. Ҳалли масъалаҳои зерин вазифаҳои асосии таҳқиқ шуморида мешаванд:

– ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандии вожагони марбут ба соҳаи чорводорӣ;

– таҳлилу баррасии хусусиятҳои луғавии вожагони ифодакунандаи мафҳумҳои гуногуни соҳаи чорводорӣ;

– муайян намудани мақом ва ҷойгоҳи калимаҳои аслии тоҷикӣ дар низоми вожагони гӯйиши Ғорон;

– нишон додани замина ва омилҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва таърихии воридшавии иқтибосот ва мавқеи онҳо дар ташаккули воҳидҳои луғавии марбут ба чорводорӣ;

– баррасии хусусиятҳои маъноии луғот ва истилоҳоти мансуб ба соҳаи чорводорӣ;

– таҳқиқи хусусиятҳои калимасозии вожагони марбут ба чорводорӣ;

– муайян намудани мавқеи вожагони соҳаи чорводорӣ дар миёни дигар қабатҳои луғавӣ ва истифодаи онҳо вобаста ба ҷашну маросим ва анъанаҳои мардумӣ, дар такя ба ҷанбаи этнолингвистии онҳо;

– муайян кардани ҷойгоҳи гӯйиши Ғорон дар инкишофи умумии низоми луғавии шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ.

– мушаххас намудани умумият ва тафовутҳои гӯйиши мардуми водии Ғорон аз дигар лаҳҷаҳои бадахшонӣ ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ бар пояи маводи лексикаи чорводорӣ.

Объекти таҳқиқот. Объекти таҳқиқи кори диссертатсиониро вожагони марбут ба соҳаи чорводорӣ бар мабнои маводи гӯйиши Ғорон ташкил медиҳанд.

Мавзуи (предмет) таҳқиқот. Лексикаи чорводорӣ дар лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ (дар асоси гӯйиши водии Ғорон) мавзуи таҳқиқот маҳсуб мешавад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Таҳқиқот дар асоси дастовардҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии забоншиносони шинохтаи ватанӣ, аз қабили Н. Маъсумӣ, Ш. Рустамов, Р. Ғаффоров, Ҳ. Маҷидов, Д. Саймиддинов, Д. Карамшоев, М. Қосимова, Б. Камолиддинов, Н. Шарофов, М. Муҳаммадиев, Ғ. Ҷӯраев, М. Маҳмудов, С. Раҳматуллозода, О. Маҳмадҷонов, Ш. Исмоилов, С. Мирзоев, Б. Тӯраев, Г. Мирзоев, А. Мирбобоев, Ҳ. Бердиқулов, Г. Ниматов, М. Аламшоев, Ф. Амонова, А. Зоҳидов, С. Алиев, Ш. Мирзоев ва донишмандони хориҷии риштаи забоншиносӣ В.И. Абаев, И.М. Стеблин-Каменсқий, Т.Н. Пахалин, И.М. Оранский, Л.С. Пейсиков, Н.М. Шанский, В.В. Виноградов, В.В. Лопатин, Е.А. Земская, А.Л. Хромов, В.С. Расторгуева, А.З. Розенфелд, А. Н. Кисляков, А.П. Колпаков, М.С. Андреев, Р.Л. Неменова, Е.М. Пешерева, О.Н. Трубачёв ва дигарон анҷом дода шудааст.

Навгониҳои илмӣ. Ҳарчанд лексикаи гӯйиши Ғорон бо дарназардошти хусусиятҳои этнографӣ, таърихӣ, ҷуғрофӣ ва дигар масоили марбут ба онҳо таҳқиқ шуда бошад ҳам, лексикаи марбут ба соҳаи чорводорӣ дар гӯйиши мардуми водии Ғорон дар шакли рисолаи диссертатсионӣ бори нахуст мавриди таҳқиқ ва таҳлилу баррасӣ қарор мегирад. Ҳамчунин, бори аввал дар лаҳҷашиносии тоҷик вожагону истилоҳоти соҳаи чорводорӣ аз назари диахронӣ ва синхронӣ ба таври амиқу густарда таҳлил шуда, бо шеваю лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ муқоиса мешаванд.

Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Муайян карда шуд, ки таҳқиқу баррасии вожагони марбут ба соҳаи чорводорӣ дар лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ (дар асоси гӯйиши сокинони водии Ғорон) дар диссертатсия, ҳамчун яке аз қабатҳои қадимӣ ва муҳимми луғавӣ, метавонад барои рушди минбаъдаи таркиби луғавии забони тоҷикӣ мусоидат намоянд.

2. Муайян шуд, ки аҳаммияти амалӣ ва назариявии таҳқиқи лексикаи соҳаи чорводории гӯйиши Ғорони лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ дар муайян кардани ҳудуди амалкард ва диалектизмҳои хоси худ зоҳир гардида, онҳо ҷанбаҳои моддӣ ва маънавии ҳаёти мардумро инъикос мекунанд.

3. Муайян гардид, ки дар лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи гӯйиши Ғорон) таъсири забони адабии тоҷикӣ ва субстратҳои забонҳои бадахшонӣ дар асоси унсурҳои луғавии иқтибосӣ назаррас мебошанд.

4. Собит гардид, ки таҳаввулоти луғавӣ, маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба соҳаи чорводории гӯйиши Ғорон дар муқоиса бо дигар гӯйишу лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ, нишондоди сарчашмаи бавуҷудоиву инкишофи лексикаи ин гӯйиш ба шумор меравад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳаммияти назариявии кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки нуктаҳои назариявӣ ва фарзияҳо доир ба таҳаввули сохтори луғавию дастурии лаҳҷаю гӯйишҳои дар ҳоли инзивои лингвогеографӣ қарордошта бар мабнои луғоту истилоҳоти соҳавии гӯйиши ғоронии забони тоҷикӣ зимни таҳқиқи баррасии хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва дастурии дигар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳаммонанди он дар оянда ба сифати заминаи илмӣ хидмат карда метавонад. Натиҷаҳои илмии диссертатсияро метавон ҳангоми таҳқиқи муқоисавии лаҳҷаҳои ҳаммарзи тоҷикии соҳили рӯди Панҷ (Афғонистон) бо гӯйиши ғоронӣ истифода кард.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои амалӣ ва маводи гирдомадаи диалектологии онро ҳангоми таҳияи фарҳангҳои диалектологӣ ва тарҷумавии забони тоҷикӣ, таълифи китобҳои дарсии

«Лаҳҷашиносӣ» ва машғулиятҳои лексикию амалии ин фан, баргузории курсу семинарҳои махсус оид ба шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ ва лингвогеографияи лаҳҷаҳои тоҷикӣ дар коллеҷҳо ва мактабҳои олӣ ба кор бурдан имконпазир аст. Маводи амалии диссертатсия зимни таҳияи корҳои илмӣ-таълимии донишҷӯёни тахассусҳои филологӣ қобили истифода буда метавонад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия. Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки масоили таҳқиқотӣ бо таҳлилу баррасии назариявӣ ва қиёсу муқобилаи илмӣ таъмин буда, бо нуктаҳои мушаххаси методологӣ, маводи гуногунҷанбаи таҳлилӣ дар мувофиқат бо сохтор ва мақсаду вазифаи таҳқиқ асос ёфта, боиси ба таври мукаммал таҳқиқ гардидани лексикаи чорводорӣ дар лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ (дар асоси гӯйиши Ғорон) мушаххас гардидааст. Диссертатсия дар асоси маъхазҳои муътамади илмӣ ва сарчашмаҳои дақиқ рӯйи кор омадааст. Мақсад ва вазифаҳои гузошташуда таҳлилу баррасӣ гардиданд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар гирдоварии маводи фаровони забонӣ дар шароити саҳроӣ, таҳияи матолиби густардаи илмӣ ба сурати таҳқиқоти монографии лексикаи чорводории гӯйиши ғоронии забони тоҷикӣ зоҳир мегардад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маърузаҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (11.04.2022; 08.12.2023), Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд (27.02.2023), Донишгоҳи техникии Тоҷикистон (17.05.2025) ва дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (16.10.2026) мавриди баррасиву муҳокима қарор гирифтааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи забонҳои помирии Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандаров (протоколи №.9, аз 22-юми сентябри 2026) муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 мақола дар маводи конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва 5 мақола дар дигар маҷаллаҳои илмии дохил ва хориҷи кишвар интишор шудаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссератасия аз муқаддима, 3 боб, хулоса, тавсияҳо, феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, ҳаҷми умумии он 220 саҳифаи чопи стандартии компютериро ташкил медиҳад.

БОБИ 1

ТАСНИФОТИ ЛУҒАВИЮ МАЪНОИИ ЛЕКСИКАИ СОҲАИ ЧОРВОДОРӢ ДАР ГӮЙИШИ ҒОРОН

1.1. Матолиби муқаддамотӣ

Баррасии маъноии калимаҳо диққати донишмандонро аз замони Юнони Қадим ба худ ҷалб карда, то имрӯз доир ба ин масоил таваҷҷуҳи зиёди донишмандон боиси он гардидааст, ки ба яке аз равияҳои асосии илмӣ мубаддал гардад. Ин аст, ки луғатшиносӣ чун самти мустақил таркиби луғавию фонди асоси вожагони забон, қонуниятҳои рушду такомули онро омухта, доир ба масоили марбут ба маъношиносӣ, хусусиятҳои гуногуни вожагонӣ, мансубияти забонии вожаҳо, иштироки вожаҳо дар таркиби ибораҳои рехта, решашиносӣ, таърихи пайдоиши калимаҳо ва ғайра маълумот медиҳад.

Ба андешаи инҷониб, дар ташаккули хусусиятҳои гуногуни масоили вожагонӣ донишмандони машҳури бурунмарзӣ мисли А.А. Реформатский, Л.И. Баранникова, Т.И. Ведина, Л.С. Пейсиков, Б.Н. Головин, Ю.С. Маслов, Н.М. Шанский, А.В. Калинин, О.Н. Трубачёв саҳми калон гузоштаанд. Бешубҳа, корҳои бунёдии донишмандони форсизабон дар пешравии таҳқиқи мушкилоти вожагонӣ ва мукаммал сохтани пойгоҳи илмии он ҷойгоҳи бузург доранд. Имрӯз номи донишмандоне чун С. Айнӣ, П.Н. Хонларӣ, Б. Ниёзмуҳаммадов, Қ. Тоҳирова, Н. Шарофов, Т. Бердиева, М. Норматов, Н. Бозидов, Ғ. Ҷӯраев, Ю. Кенҷаев, Д.Ф. Фозилов, Н. Маъсумӣ, Х. Ҳусейнов, Р. Ғаффоров, Б. Камолиддинов, М.Н. Қосимова, Д. Саймиддинов, Ғ. Ҷӯраев, Ф. Шарифзода, С. Назарзода, С. Раҳматуллозода, М. Султонов, З. Мухторов, М. Саломиён ва дигаронро овардан мумкин аст, ки осори гаронмояе таълиф кардаанд ва ин осор дар ташаккули масоили назариявии вожашиносӣ аҳаммияти калони илмӣ доранд. Омӯзиши осори донишмандон моро ба ин андеша овард, ки онҳо дар таҳқиқи худ масъалаҳои савтиёти лаҳҷаҳо, хосиятҳои вожагонию сарфу наҳви шеваю забонҳои матраҳнамударо фаро гирифтаанд. Махсусан, дар кори онҳо баррасии масоили мубрами вожагонии лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ анҷом дода

шудааст, ки ба рушди вожашиносӣ таъсири амиқ гузошта, барои таҳқиқҳои минбаъда чун сарчашмаи асосии илмӣ ба шумор мераванд. Ҳамчунин, осори мазкур барои таълифи китобҳои дарсии макотиби олии кишвар, дастур ва воситаҳои гуногуни таълимӣ мусоидат кардаанд.

Аз феҳристи таҳқиқгарон маълум аст, ки масъалаҳои вожагонӣ диққати донишмандони зиёдеро ҷалб кардааст. Ба назари мо, ба баррасии ин масъала таваҷҷуҳ кардани олимон аз он аст, ки калима бунёди ба вуҷуд омадани воҳидҳои дигари забонӣ аст. Тавассути он ибораҳои мутааддид, ҷумлаҳои сода, мураккаб ва дар маҷмуъ, матнҳо ба вуҷуд меоянд. М. Норматов оид ба ин масъала андешаи худро чунин баён намудааст: «Калима маводи бинокории забон аст, бе он забон вуҷуд надорад» [1. 56, с. 42]. Муҳаққиқон дар пажуҳишҳои худ воҳидҳои луғавии «лексика, вожа, калима, луғат»-ро чун муродиф истифода кардаанд, ҳарчанд ки онҳо бо баъзе хусусиятҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд ва дар илм маълуманд. М. Норматов оид ба хусусиятҳои фарққунандаи лексемаву калима ибрози андеша намудааст, ки асосан, аз он иборат аст, лексема мафҳумро ифода карда, ба ашёю ҳодисаҳо ном мегузорад ва аъзои ҷумла мешавад, ки ин ҳолатро калимаҳои мустақилмаъно доранд [1. 56, с. 40].

Маводи мавриди таҳқиқ масоили вожагонии гӯйиши забони тоҷикӣ дар водии Ғоронро дар бар гирифта, дар тадвини он аз масоили назариявии осори донишмандони мазкур истифода шудааст.

Беш аз сад соли охир ба таҳқиқи шеваҳои забонамон мутахассисони шевашиноси тоҷик ва берун аз Тоҷикистон мароқ зоҳир карда, ба дастовардҳои муҳимми илмӣ ноил шудаанд. Ин ба он маънӣ аст, ки макони буду боши тоҷикон дар минтақаи паҳновари Осиё Марказӣ аз тарафи мутахассисон тавассути сафарҳои хидматӣ муайян шуда, мансубияти лаҳҷаҳо ба гурӯҳбандие, ки дар илми шевашиносӣ ба вуҷуд омадааст, дақиқ гардида, ҷиҳати таҳқиқоти дигар мутахассисон роҳ кушодааст. Ҳамчунин, садҳо монография, рисолаҳои

илмӣ, очерку мақолаҳо ба вуҷуд омадаанд, ки фазои шевашиносии тоҷикро муштамил бар таҳқиқот намудаанд.

Баъдан, хусусиёти савтию дастурии лаҳҷаҳо мавриди омӯзиш қарор гирифт. Таҳқиқҳои баъдӣ ба бахши вожагони лаҳҷаҳо ва вожаҳои соҳавии забони адабӣ марбут аст, ки дар ин самт ҳам корҳои мондагори зиёде амалӣ гардидаанд. Агар ба корҳои муҳаққиқоне, чун У. Муруватов [1. 45: 1.46], Р. Саидов [1.72], Ҷ. Муруватов [1. 46], Ғ. Ҷӯраев [1.94], М. Кабиров [1.23], М. Қаҳҳоров [1.26], З. Замонов [1.128], Р. Сангинова [1.77], Н. Гадоев [1.13], С. Узбеков [1. 83], С. Раҳматуллозода [1.63; 1.65], М. Каримова [1. 25], С. Юсупова [1. 108], С. Муминова [1. 44], С. Шердилова [1. 102] ва дигарон назар афканем, мебинем, ки дар онҳо ба омӯзиши хусусиятҳои луғавии забони тоҷикӣ ва шеваҳои он аҳаммияти калон дода шуда, аммо калимаҳои марбут ба соҳаи чорводорӣ ба таври пурра мавриди таҳқиқ қарор дода нашудаанд.

Баррасии масоили вожагонии марбут ба ҳайвонот ва чорводорӣ дар солҳои охир нисбатан бештар сурат гирифтааст.

Муҳаққиқ Ғ. Ҷӯраев дар монографияи «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» бахши алоҳидаеро ба ин масъала бахшида, нисбатан васеъ онро таҳқиқ кардааст [1.97, с.166-172]. Доир ба луғот ва истилоҳоти чорводорӣ дар забонҳои эронӣ аз ҷониби муҳаққиқон А. Мирбобоев [1.144], Ҳ. Бердиқулов [1.9], Г. Ниматов [1.55], М. Аламшоев [1.111], М. Рӯзиев [1.70] ва мақолаву фишурдаҳои Г. Қурбонбекова [1.141] таҳқиқоти мукаммали илмӣ анҷом дода шудааст, ки дар пешрафти соҳа аҳаммияти калон доранд. Як идда олимон зимни таҳқиқи хусусиятҳои луғавии лаҳҷаҳо фаслҳои алоҳидаи корҳои худро ба таҳқиқи вожагони марбут ба ҳайвонот бахшидаанд, бархе таҳқиқоти муқоисавии забоншиносӣ кардаанд ва ё қисми дигари муҳаққиқон доир ба ин масъала мақолаҳои алоҳида ба табъ расонидаанд. Таҳқиқоти илмӣ ва маводи ба табъ расонидаи муҳаққиқон Ҳ. Мирзоев [1.42], Ҳ. Муродов [1.47], И. Сулаймонов [1.79], Ҷ. Саидов [1.72; 1.73; 1.74], О. Саркорӣ [1.78] далели ин гуфтаҳост.

Ҳамчунин, фарҳангҳои соҳавии таҳиянамудаи муҳаққиқон М. Аламшоев [2. 202], Ҳ. Бердиқулов [2. 183], М. Рӯзиев [1. 193] дар рушди соҳа нақши муҳим доранд.

Ҳамин тавр, асару мақолаҳои ба ҷанбаҳои назариявию амалии вожагони марбут ба соҳаи чорводорӣ чандон зиёд нестанд, дар сурате ки ин қабати луғавӣ аз муҳимтарин бахши вожагон буда, аз қадим ҳамсафари мардум будааст. Вобаста ба ин, метавон зикр намуд, ки **таснифоти луғавию маъноии вожагони соҳаи чорводорӣ дар гӯйиши Ғорон** дорои аҳаммият буда, дар асоси осори назариявии зикргардида мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

1.2. Таҳқиқи вожагони ифодакунандаи номи умумии ҳайвоноти хонагӣ

Ба таҳқиқи муҳаққиқон қадимтарин бахшҳои китоби «Авасто» тарзи зист ва тафаккуру ҷаҳонбинии мардумони эронитабореро инъикос намудаанд, ки дар нимаи аввали дувуми пеш аз милод дар Осиёи Миёна зиндагии кӯчнишини чорводориро сипарӣ мекарданд [1. 4, с. 105].

Агар ба матни тарҷумашудаи китоби «Авасто» назар кунем, маълум мешавад, ки дар он, дар баробари дигар заруратҳои рӯзгордорӣ, доштани ҳайвонотро ситоиш мекунад, ки ин аз қадим будани анъанаи чорводорӣ дарак медиҳад. Дар китоби мазкур омадааст: «Куҷост дувумин ҷойе, ки Замин дар он ҷо шодком шавад?

Аҳура Маздо посух дод:

Чунин ҷой он ҷост, ки ашаване хонае бар пой дорад бо мубаде дар он: бо *галлае гов*, кадбонуе, фарзандоневу *рамаҳое,* хуб дар он. Хонае, ки дар он *галаи говон* ба хубӣ парварда шавад; ашаванӣ афзунӣ гирад; хуроки *сутурон* фаровон бошад; *саги* хуб парвариш ёбад; кадбону комёб шавад; фарзандон биболанд; оташ фурӯзон бимонад ва ҳар як аз ниёишҳои неки зиндагӣ ба хубӣ бархонда шавад» [1. 4, с. 431].

Ин аст, ки аз даврaҳои қадим то имрӯз мардум ба ром кардани ҳайвонот машғул буда, бо ин восита зиндагии худро пеш мебаранд. Хусусан, дар ҳоле, ки

аз воситаҳои замонавии пешқадам ҳануз хабаре набуд ва зиндагии мардум ба табиат ва мавҷудоти он сахт вобаста буд, ром кардани ҳайвонот аз масъалаҳои ҳаётӣ ба шумор мерафт. Бо ром шудани ҳайвоноти ваҳшӣ мардум ба чорводорӣ шуғл варзидаанд, ки боиси ба вуҷуд омадани вожагони соҳа гардидааст. Ин вожаҳо имрӯз забонзади мардуми ориёитабор буда, дар осори гуногуни илмию фарҳангӣ ва адабӣ мунъакис шудаанд. Дар сатҳи лаҳҷаю шеваҳо мукаммал шуда, ба таҳқиқи он мутахассисони зиёде машғул шудаанд. Ҳамин тарзи зист ва тафаккуру ҷаҳонбинии эрониёни бостон дар низоми луғот ва истилоҳоти чорводории даврaҳои гуногуни таърихи забонамон низ мунъакис шудаанд.

Бинобар ин, калимаву истилоҳоти марбут ба чорводорӣ дар ҳар як забони эронӣ, бахусус, забони тоҷикӣ ва шеваву лаҳҷаҳои он мавқеи муайян дошта, тавассути рушду инкишофи унсурҳои вобаста ба нигоҳубин ва парвариши ҳайвоноти хонагӣ дар минтақаҳои мухталифи Тоҷикистон, бахусус, водии Ғорони ноҳияи Ишкошим мукаммал шуда, бо фарогирии вижагиҳои этникии сокинони водии мазкур дар мавриди истифода қарор доданд. Шароити табиии водии Ғорон, аксар кӯҳсор буда, масоҳати хеле ками заминҳои киштбоб барои ривоҷи кишоварзӣ имкон намедиҳад ва барои чорводории мавсимӣ-кӯчӣ мувофиқтар аст, ки ин ҳамчун заминаи рушди лексикаи гӯйиши ғоронӣ маҳсуб мешавад.

Таркиби луғавии ҳамаи лаҳҷаҳо баробару якхелу якнавохт буда наметавонад. Дар гӯйиши Ғорон вожагони чорводории умумиистеъмол ва хоси лаҳҷа вуҷуд дорад, ки метавонанд, номи умумии ҳайвонот ва ё номи мушаххаси онҳоро ифода кунанд. Агар ба сохтори онҳо назар намоем, онҳоро дар шакли сода, сохта, мураккаб ва ибора-истилоҳҳо дидан мумкин аст.

Муҳаққиқ Мирбобоев А. аз рӯйи муносибати маъноӣ номи умумии ҳайвоноти хонагиро ба 4 гурӯҳ ҷудо намудааст:

1. Номҳои куллӣ, ки номгӯйи умумии тамоми намуди ҳайвонотро дар бар мегиранд;

2. Номгӯйи умумии ифодакунандаи намуди муайяни ҳайвоноти хонагӣ;

3. Номҳои куллӣ – нумеративҳо;

4. Номгӯйи умумӣ бо маънои номуайянӣ [1.144, с. 43], ки дар маводи мо низ аз нигоҳи луғавӣ-маъноӣ чунин гурӯҳбандӣ қобили қабул буда метавонад.

Калимаҳои *айwон, мол, чорпо//чорwо, чаръында, ҷонwар* ва *лағна* мансуб ба гурӯҳи аввал мебошанд, ки на танҳо ба лаҳҷаи Ғорон, балки ба дигар лаҳҷаҳо низ мансубият пайдо мекунанд. Махсусан, калимаи умумиҳоҷикии «ҳайвон» амалан, дар ҳамаи шеваҳои забони тоҷикӣ ва гузашта аз ин, дар забони адабии меъёр чун истилоҳи соҳа истифода мешавад, ки аслан, иқтибос аз забони арабӣ мебошад. Шакли талаффузи он дар гӯйиши Ғорон *айwон* мебошад. Дар шакли «Ҳайвон – зинда, ҷондор; ҷондори безабон» дар ФЗТ шарҳ ёфтааст [2. 195, с. 718].

Дар забони осори классикӣ ва забони адабии ҳозираи тоҷик ибораи «ҳайвони нотиқ» ба маънои *инсон, одам* ва ҳайвони ғайринотиқ ба маънои *чорпо* истифода мешавад.

Калимаи *мол* аз вожаҳои серистеъмоли забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Тавре маълум аст, ин вожа дар баробари маънои ҳайвоноти хонагӣ ба маънои «молу манол, чизу чора» низ мавриди истифода қарор мегирад. Ба ин маънӣ калимаи мазкур дар ҳайати калимаю ибораҳои *молдор, молдорӣ, моли майда* ва *моли калон* ва ғайра истифода мешавад. Ин ҳолат ба лаҳҷаи Ғорон низ мансуб аст. Мисол: *Бачо **мол-а** ба чарохърга бърдан. Wахти **мол** дохтан шъдаст, кудако бърет мол-а бъйорет* (Гч.). ***Моли калон-а** ама wахт ай **моли майда** ҷъдо ба пъшта бъбарет, ки йакҷойа айкъни́ намеша* (Шб.).

Ба маънои ҷузъ танҳо «рамаи гӯсфандон»-ро ифода мекунад: *Мешо-ра алойда ба чаро бърдан. Имруз мол-а ай пъшта дер оwърдан* (Гч.).

Вожаи *мол* дар ФЗТ ҳамчун калимаи арабӣ танҳо ба маънои «дороӣ, сарват, бойигарӣ» оварда шуда [2.194, с. 669], аммо дар ФТЗТ калимаи мазкур ба маънои «чорпои хонагӣ» низ омадааст [2. 194, с. 810].

Муҳаққиқ А. Мирбобоев, ки кораш роҷеъ ба лексикаи чорводорӣ дар забони вахонӣ аст, истифодаи онро дар ин забон ба таври серистеъмол арзёбӣ

мекунад. Номбурда рӯйи ин андеша аст, ки вожаи *мол* дар забони вахонӣ ба маънои *чорво* ва ё *ҳайвони хонагӣ* аст [1.144, с. 8].

Боиси тазаккур аст, ки калимаи мол дар шакли *молъ ол* ‘молу ол’, «бойигарӣ ва дигар чизҳо, «ҳайвон ва амсоли он», «чорвои хурд ва ғайра» камубеш мафҳуми умумиро дар бар мегирад. Мисол: *Одами хонадор* ***молъ ол*** *дора*. ***Молъ ол-а*** *ба пъшта бърдан* (Дт.). Барои ифодаи мафҳуми «чорвои хурд» ва «чорвои калон» таркиби ***молъ гов*** «молу гов» кор фармуда мешавад. Мисол: ***Молъ гов-а*** *ба айлоқ бърдан.* ***Молъ гов*** *ай гъшнагӣ паҷонък шъдан* (Хғ.).

Ҳамин тавр, доираи ифода ва алоқамандии сермаъноии калимаи мазкурро дар гӯйиши Ғорон метавон ба сурати *чорwo* – чорвои хурд – *гӯсфанд* ва дигар *ҳайвон* дарк намуд.

Вожаи *чаръндa* низ мафҳуми умумии ҳайвонро ифода карда, дар маводи фолклории мардуми ин водӣ бештар истифода мешавад ва нисбат ба вожаҳои зикргардида камистеъмол мебошад. Перомуни калимаи *чаранда* муҳаққиқ М. Аламшоев дар забони шуғнонӣ таҳқиқ анҷом дода, ба ин андеша аст, ки: «...*čarinda* – «ҳайвони алафхур буда, мечарад», он ба гурӯҳи забонҳои эронӣ дохил шавад ҳам, дар забони шуғнонӣ ва дигар забонҳои бадахшонӣ бо тағйирёбии фонетикӣ (садонокҳои: а, і, ā) истифода мешавад: шуғ. *čarinda,* руш., хуф., барт., сар. *čarinda,* тоҷ. *čaranda*» [1. 111, с. 10].

Вожаи умумиистеъмолии *чорпо//чорwo* дар баробари забони адабии меъёр дар лаҳҷаҳои забонамон низ зиёд кор фармуда мешавад. *Чорпо//чорwo* ба маънои умумии гову гӯсфанд ва дигар ҳайвоноти хонагист, ки чор пой дошта бошад.

Ҳамчунин, дар гӯйишвораи мазкур вобаста ба ифодаи ҳайвоноти хонагӣ калимаи *лағна* ба кор бурда мешавад. Ин калима дар гӯйиши мардуми Ғорон нисбат ба чорво мафҳуми хурдию камӣ ва навозишро ифода мекунад. Мисол: *Мъ йак-дъ сар* ***лағна*** *доръм*; ***Лағно*** *ай хънъкӣ мемъран* (Сист.). ***Лағна-ра*** *ама wахт дуд бънет, ки баракат-ъш зъйод бъша; Имруз* ***лағна-ра*** *дер ow додем* (Кл.). Калимаи мазкур дар забони вахонӣ ҳам чунин маъноро ифода мекунад.

Аз назари муҳаққиқ А. Мирбобоев вожаи «*лағна*» дур намондааст. Дар таҳқиқи муқоисавии ӯ ин вожа чунин шарҳ дода шудааст: «Вожаи «лағна» маънои «хароб» ва «лоғар» дошта, дар забони шуғ., бағ.: лоғар; тоҷикӣ: лоғар, «хароб»; афғонӣ: *ləγ* «хурдӣ», «камӣ» маъмул аст» [1. 144, с. 49].

Дар иртибот ба вожаи умумитоҷикии *ҷонвар* бояд зикр намуд, ки ин яке аз воҳидҳои луғавии қадимии забони тоҷикӣ аст. Муҳаққиқ Д. Саймиддинов ин вожаро дар асоси маводи забони форсии миёна таҳқиқ карда, чунин андешаро пеш меорад: «Дар забони форсии миёна ҳама ҷонварон таҳти номи муштараки gyānwar «ҷонвар» ёд мегарданд» [1. 75, с. 90]. Вожаи мазкур ҳарчанд камистеъмол ҳам бошад, он барои ифодаи номи умумии ҳайвонот дар гӯйиши Ғорон дар шакли *ҷонwар* маъмул аст. Вожаи мазкур дар забони адабӣ ва лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ, аз ҷумла, лаҳҷаи Варзоб [1. 70, с. 32] мустаъмал аст. Калимаи *кола* дар дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба маънои ҳайвон дида мешавад. Вожаи *коло* ба калимаи *кола* аз назари савтиёт монанд аст, аммо аз ҷиҳати маъно аз кола фарқ мекунад. *Кола* ба маънои ҳайвон, аммо *коло* ба маънои мол, сарулибос, ашё мустаъмал аст.

Дар баробари ин маъноҳо муҳаққиқ М. Рӯзиев оид ба истифодаи вожаи *кола* дар лаҳҷаи ноҳияи Варзоб маънои дигареро шарҳзу эзоҳ медиҳад, ки фарққунанда аст. Ӯ ин маъноро чунин овардааст: «Калимаи *кола* маҷозан дар аксари деҳаҳои Варзоб нисбат ба шахсе, ки рафтору кирдораш ба падараш ва ё авлоди падараш монанд нест, низ истифода мешавад» [1. 70, с. 33].

Бояд зикр намуд, ки вожаи *кола* дар баъзе аз забонҳои шарқии эронӣ ва лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ низ ба назар мерасад, аммо на мафҳуми *мол,* балки ба маънои кӯдаке фаҳмида мешавад, ки фарзанди зан аз шавҳари пешинааш бошад [1. 164, с.106; 1. 3, с.151].

Дар гӯйиши Ғорон чун дар дигар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва забонҳои шарқии эронӣ вожаи *кола* ба маънои «матоъ» ба кор рафта, ибора-истилоҳи *колаи* с*ар* ҳангоми бурдани сарулибос ва 3-4 сар ҳайвони хурд, ки дар рӯзи муайян ба хонаи духтардор мебаранд, истифода мешавад. Бояд зикр намуд, ки дар дигар

лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ, аз ҷумла, дар лаҳҷаи водии Рашт бурдани чизу чора ба хонаи духтардор бо вожаи «қалин» ифода мешавад [1. 21, с. 65].

Вожаи *кола* дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба якчанд маъно омада, чунин шарҳ дода шудааст: «Коло//Кола – мол, матоъ; чизу чора», «Кола – зарфи каду барои шароб» [2. 194, с. 558]. Тибқи иттилои У. Обидов ин вожа дар шеваи Ҷабал-ус-Сироҷ (Афғонистони Шимолӣ) чунин шарҳ ёфтааст: «вожаи *кола* дар шакли *коло* ба гурӯҳи калимаҳои ҳиндӣ тааллуқ дошта, «мафҳуми сарулибос»-ро ифода мекунад» [1.57, с. 132]. Аз шарҳи маводи мазкур, метавон хулоса кард, ки вожаи *коло*, дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ, аз ҷумла, дар гӯйиши Ғорон бо таҳаввулоти овозӣ дар шакли *кола* ба ҳамин маъно мавриди истифода қарор дорад.

Ба гурӯҳи дуюм истилоҳоте мансуб мебошанд, ки дар фарқият аз калимаҳои *айwон, мол, лағна* маҷмуи намуди муайян ва аз ҷиҳати маъно то андозае аниқро ифода мекунанд. Ин гурӯҳи калимаҳо мафҳуми кулро, ки ягон гурӯҳи ҳайвоноти хонагӣ таҳти як ном аз рӯйи аломатҳои умумии зооморфологӣ ва вазифаҳои муайяни хоҷагидорӣ ҷамъбандӣ мешаванд, ифода мекунанд. Мисол: ***Айwони*** *безъбон йагон гъно надора; Дъхтаро ба раи* ***мол*** *рафтан* (Кл.). *Баракати аҕел* ***мол*** *бъдаст; Мъ ба тъ гъфтъм, ки ба* ***лағна*** *ка бъндоз* (Анд.).

Дар гӯйиши мазкур ҷиҳати баёни номи ҳайвони калони шохдор вожаи *гоw,* барои ифодаи ҳайвони боркаш *улоғ* ва вожаи *мол* дар баёни ҳайвоноти хурд кор фармуда мешавад: *Зеби аҕел ам* ***гоw*** *бъдаст; Да қишлоқ бе* ***улоғ*** *намеша; Аҕели* ***мол*** ай *гарми таф-таф шъдаст, ай дасти ами мол-а да шола бонет* (Сб.).

Забоншинос А. Мирбобоев оид ба ифодаи шакли ҷамъи ҳайвонот аз рӯйи хусусияти номбурда дар забони вахонӣ чунин қайд намудааст: «... *чат* – барои ифода намудани ҳайвоноти шохдори калон (ба ғайр аз хук); *wəloɣ* **(**лаҳҷаи поён *uloɣ*) – барои ҳайвоноти боркаш, аммо мафҳуми ҳайвоноти хурд метавонад бо калимаи серистеъмоли *мол* ифода ёбад» [1.144, с. 50].

Инчунин, барои ифодаи ин маъниҳо ибора-истилоҳоте, ки хусусияти ташреҳию тавзеҳӣ доранд, истеъмол мешаванд. Аз ҷумла, чунин ибораҳоро овардан мумкин аст: ***Моли калон*** «чорвои шохдори калон», ***моли майда*** «чорвои хурд». Мисол: *Моли* ***майда-ра*** *ба чаро бурдан*; ***Моли калон-а*** *ба пъшта бурдан* (Гч.). ***Моли майда-ра*** *ай* ***моли калон*** *ҷъдо кънет, къ аґело чал мешан* (Анд.).

Дар таркиби лексикаи чорводории забони вахонӣ ва лаҳҷаи бадахшонии тоҷикӣ (хусусан, вахонӣ-тоҷикӣ) вожаҳои тоҷикии «*резапо, резачорпо*» маъмул буда, муҳаққиқ А. Мирбобоев оид ба корбурди вожаҳои мазкур чунин баён мекунад: «Вожаҳои тоҷикии резапо, резачорпо бештар дар гуфтори насли калонсол истифода мешаванд» [1.144, с. 51]. Дар гӯйиши Ғорон ин вожаҳо роиҷ нестанд.

Дар сурати пурра набудани аломатҳои фаръӣ ва умумии роҳҳои ба таври луғавӣ ифода ёфтани номи умумии ҳайвоноти хонагӣ, ниёз ба роҳҳои лексикӣ-грамматикӣ пеш меояд. Дар ин ҳолат, калимаҳои ҷуфтистеъмол ва таркибҳо васеъ ба кор мераванд. Тавассути калимаҳои ҷуфтистеъмол маҷмуи ду намуди ҳайвонот ифода карда мешавад: *гowъ мол* – чорвои шохдори калон ва хурд, *гowъ хар* – подаи гову хар, *харъ хук* – галаи хару хук ва ғ. Мисол: ***Гowъ мол****, ки сер боша ба зъминойи мардъм намеран;* ***Гowъ мол-а*** *дору додан, ки касал нашан* (Анд.). ***Гowъ хар-а*** *towъстоно ба пъшта мебарем, ки да тагow ай гармӣ́ шъшпъхтък мешан*; ***Гowъ хар-а*** *нига* (нигоҳубин) *мекънӣ́, ки фойда-ъш-а бъбинӣ́* (Кл.).

Дар шакли ифодаи чунин калимаҳои ҷуфтистеъмол вожаи *барawбъча* низ дохил мешавад, ки он нисбат ба барраву бузғола кор фармуда мешавад.

Ба гурӯҳи сеюм истилоҳҳое, дохил мешаванд, ки онҳо дар забон барои ифодаи исми ҷомеи марбут ба ҳайвоноти хонагӣ истифода мешаванд ва метавонанд чун нумеративҳо дар шакли морофологӣ истифода шаванд. Ба ин гурӯҳ истилоҳҳои *пода, гала, рама* дохил мешаванд.

Дар ин маврид, агар калимаҳои мазкур бе шумора омада бошанд, ҳамчун номи ташхискунандаи навъе аз ҳайвоноти хонагӣ фаҳмида мешаванд, яъне *пода* – ифодакунандаи ҳайвоноти калони шохдор, *гала* – ифодакунандаи хару асп аст. Мисол: ***Пода*** *ай пъшта ануз найомадаст*; ***Пода*** *ай тъшнагӣ́ рузмӣ́ ба лаwи ow хамбидаст*; ***Гала*** *амаи гандъмо-ра помол кардаст* (Гч.).

Аммо дар сурате, ки ин калимаҳо бо шумораҳо оянд, онҳо дар нутқ ҳамон маънои грамматикии нумеративро ифода менамоянд. Масалан: ***Йак пода*** *гow-а бачо ба чаро бърдан; Амъки Раwшан* ***йа(к) гала*** *хара ай зъмино барowърд* (Сб.).

Инчунин, барои ифодаи ҷамъи намуди муайяни ҳайвонот (ба ғайр аз хук) дар гӯйиши Ғорон чун дар забони адабии тоҷикӣ ба маънои мушаххаскунандаи навъи ҳайвон ибораҳои изофии *галаи нархар* «галаи хар» ё калимаҳои мураккаби навъи *галагow, подагow* кор фармуда мешаванд. Мисол: *Амъкъм Маwлодод* ***галаи нархар-а*** *ба Паси Бъқ бърд;* ***Галаи нархар*** *рузи дъроз мочахар-а да зак пеш кардан* (Кл.). *Хирманкубо* ***галагow-а*** *бастанъ саросима хирман мекубан, ки awo набора; Кудако* ***подагow-а*** *бawахтӣ́ ба пъшта бърдан, ага awo гарм бъша ра гаштан наметонан* (Вз.).

Ба гурӯҳи чорум номҳои умумӣ таркибҳои гуногуни забонии дорои маъноҳои номуайян дохил мешаванд. Ин калимаҳо дар шакли грамматикӣ такрор омада, дар он ҷузъи дувуми такрор шаклашро тағйир дода, мафҳуми ба номуайян будани маънои таркиб ишора мекунад.

Аз рӯйи мазмун ва маънӣ шаклҳои такрор ба се қисми мухталиф ҷудо мешаванд:

1. Дар қисми якум ба назар мерасад, ки онҳо номи умумии ҳайвонотро ифода мекунанд ва аз рӯйи навъҳои худ шабеҳ ҳастанд. Дар ин гуна калимаҳои такрор ҷузъи дуюм маънои луғавӣ надоранд ва маънои аслӣ ба дӯши вожаи аввал аст, ки ҷузъи асосӣ ва маънодори он ба шумор меравад. Мисолҳо гувоҳи ҳамин маъно мебошанд: *айwон-пайwон, айwон-майwон* – ҳайвонот ва ҳамнавъи он, *лағна-пағна, лағна-мағна* – чорвои хурд ва ҳамнавъи он, *мол-пол* – ҳайвонот

ва шабеҳи он. Мисол: ***Айwон-пайwон-а*** *бawахтӣ ка(ҳ) дохтъм*; ***Лағна-пағна-ра*** *ай шола ба аҕел бъндозет* (Анд.). ***Лағна-маҕна*** *да тайи борон крах (сармо задан) мешан* (Кл.). ***Мол-пол-а*** *wреш бъкънем, ки рузи чоршанбе айлоқо меран*; ***Мол-пола*** *ба Барсисте йак бор бъбаретъ тез бъйорет, ки гум нашан* (Сист).

2. Қисми дуюми чунин такрор шакли вайроншудаи ҷузъи аввал мебошанд, ки маҷмуи ҳайвоноти ҳамнавъ ё шабеҳро ифода мекунад: *гow-нow, гow-мow* – ҳайвони калони шохдор ё ҳайвони дигар», *улоғ-млоғ//плоғ* –ҳайвоноти боркаш, *мол-пол* – ҳайвони хурд. Редубликатсияи *гow-нow* дар баробари «ҳайвони шохдори калон» ба маънои «намуди алоҳидаи ҳайвони хонагӣ» низ маъмул аст. Масалан: *Мъ намедонъм да пъшти боғ йагон* ***гow-нow*** *набъд*; *Пъга* ***гow-мow*** *ама-ра торикон ба айлоқ мебарем, ки мардъм дига ба дод омадан* (Кл.). *Мъ наw ай Заки Ошурбеко омадъм йагон* ***улоғ-млоғ*** *набъд*; *Товъстон* ***мол-пол*** *ама ба пъшта мера* (Дт.).

3. Қисми сеюм номҳои такроре мебошанд, ки калимаи якум ба сифати ҷузъи асосии он, ҳамчун унсури муайяни номи ҳайвонот баромад мекунад, ҷузъи дуюм ишора ба номуайянии он навъ аст: *бъз-мъз, бъз-пъз* – буз ё ҳайвони дигар», *меш-пеш* – гӯсфанд ё ҳайвони дигар», *гow-мow, гow-нow* –гов ё ҳайвони дигар», *бара-мара, бара-пара* – барра ё ҳайвони дигар, *хуг-муг, хуг-пуг* – хук ё ҳайвони дигар, *бъча-мъча, бъча-пъча* – бича ё ҳайвони дигар, *хар-мар, хар-пар* – хар ё ҳайвони дигар, *асп-масп, асп-пасп, шътър-мътър, шътър-пътър* – уштур ё ҳайвони дигар. Мисол: *Йак бор дари аҕела хабар бъгир, ки* ***бъз-мъз*** *набаромада боша*; Awал *ба* ***меш-пеш*** *коз бъде, ки мол-а мебароран* (Сист). *Ба назар-ъм* ***бара-мара*** *да теск то нимруз банд бъдан*; *Имсол зъмистон* ***бъча-мъча*** *ама ай хънъки мърдан*; *Да аҕели мешо* ***хар-мар*** *нандозет, ки баро-ра лаҕат мекънан* (Шб.)

1.3. Вожагони марбут ба чорвои хурди хонагӣ

Водии Ғорон, ки минтақаи кӯҳистонӣ аст, барои нигоҳубини анвои гуногуни ҳайвоноти хонагӣ имконоти васеъ дорад. Ин аст, ки мардуми ин диёр ба ин шуғли бисёр ҳаётӣ ва муфид аз замонҳои қадим даст задаанд. Имрӯз ҳам

ба унвони яке аз соҳаҳои ҳаётан муҳимми зиндагӣ ин касбро нигоҳ медоранд ва пешрафти он роҳу воситаҳои гуногунро истифода мекунанд. Ҳамакнун, истилоҳоти ин бахш низ дар ҳоли пешрафт аст.

Чунонки аз таҳлили маводи марбута бармеояд, ба сурати умум, номҳои умумии ифодакунандаи ҳайвонот дар гӯйиши ғоронӣ ба дигар лаҳҷаҳои шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ шабеҳ буда, аз як манбаи умумӣ пайдо шудани онҳоро минтақаҳои густариши шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ ифода менамояд. Бо вуҷуди ин, хусусияти фарқкунандаи савтӣ, вожагонӣ ва истилоҳотие мавҷуд аст, ки гӯйиши Ғоронро аз дигар гӯйишҳои забони тоҷикӣ фарқ мекунонанд.

Калимаю истилоҳот дар ҷойи холӣ ба вуҷуд намеоянд. Онҳо бояд заминае дошта бошанд. Дар соҳаи чорводорӣ пайдоиши калимаю истилоҳот ба равнақу ривоҷи соҳа вобаста будааст. Муҳаққиқ Г. Шарифова оид ба замина ва пажуҳиши истилоҳоти соҳаи чорводорӣ чунин таъкид намудааст: «Чорводорӣ яке аз манбаъҳои асосӣ ва муҳимми рӯзгузаронии мардуми тоҷик, бавижа, мардуми кӯҳистон мебошад. Бинобар ҳамин, дар заминаи он вожаҳои фарохури замон ба вуҷуд омадааст. Аз ин ҷиҳат, вожаву истилоҳоти соҳаи чорводорӣ як қисмати бузурги сарчашмаи луғавии забони тоҷикӣ ва гӯйишҳои онро фаро гирифта, доираи он хеле васеъ ва доманадор мебошад, ки пажуҳиши махсусро мехоҳад» [1. 95, с.147].

Бо таваҷҷуҳ ба он ки дар водии Ғорон чорводорӣ таърихи тулонӣ дорад, истилоҳоти он ҳам қадимӣ аст. Ин гуна калимаву ибораҳоро дар мисоли калимаҳои марбут ба чорвои хурди хонагӣ дар гӯйиши Ғорон метавон мушоҳида кард. Бояд зикр намуд, ки гарчанде дар бархе аз асарҳои алоҳида ишораҳо доир ба ин қисмати вожагон оварда шуда бошад ҳам, вале то ба имрӯз вожаҳои марбут ба чорвои хурди хонагӣ дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба сурати монография мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Калимаи *мол* дар лаҳҷаи Ғорон номи умумии ҳайвоноти хурдро ифода мекунад. Ҳамчунин, ба ин маънӣ ибораи *моли майда* мустаъмал аст. Мисол: ***Мол**, ки ай пъшта омад, нъмък бъндозетъшон; **Моли майда-ра** алойида ка(ҳ)*

бъндозет, ки гowo назананъшон (Гч.). ***Моли майда*** *да аѓел тъѓънҷоке шъдаст, ки ка(ҳ) дохтан намешашон*; ***Моли майда*** *бе дору намеша* (Сб.).

Барои ифодаи мафҳумҳои марбут ба чорвои хурди хонагӣ вожаҳои *бъз* ва *гъсфанд* ба кор бурда мешаванд.

Тибқи иттилои муҳаққиқ Г. Ниматов барои ифодаи чорвои хурд дар забони яғнобӣ вожаи **буз** истеъмол мешавад [1. 55, с. 24].

Лексикаи марбут ба чорвои хурди хонагӣ дар гӯйиши Ғорон ба зергурӯҳҳо ҷудо мешавад, ки онҳо дар зерфаслҳои алоҳида оварда мешаванд.

1.3.1. Таҳқиқи луғавию маъноии вожагони марбут ба гӯсфанд

Дар байни ҳайвоноти хурд **гӯсфанд** мақоми хос дорад. Онро, асосан, барои маҳсулоти ҳаётан муҳиммаш нигоҳубин мекунанд. Гӯсфанд барои мардум гӯшт, пашму пӯст ва ҳатто, шир дода метавонад.

Дар соҳаи чорводории гӯйиши Ғорон вожагони марбут ба гӯсфандпарварӣ мавқеи махсус дошта, онҳо калимаҳои худии гӯйиши мазкурро ташкил медиҳанд.

Калимаи гӯсфанд дар гӯйиши ғоронӣ дар шакли *гъсфанд* ва *меш* маъмул аст. Бояд зикр намуд, ки доираи истифодаи калимаи *меш* нисбат ба *гъсфанд* васеътар аст. Калимаи *меш* мафҳуми «гӯсфанди мода, модагӯсфанд»-ро дар бар мегирад. Вожаи *сутур* дар забони яғнобӣ барои ифода *гӯсфанд* истифода бурда мешавад [1. 55, с. 24].

М. Ҳасандӯст дар «Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ» вожаи гӯсфанд ва мешро чунин шарҳ додааст: «Гӯспанд **(**gōs-pand) ҷонвари пистондор, нишхоркунанда, ки ҳарду навъ аҳлӣ ва ваҳшии он ёфт ва аз пашм, пӯст, шир ва гӯшти он истифода мекунанд» [2. 200, с. 2469].

Ҳамзамон, луғатнигори номбурда дар Фарҳанги мазкур шаклҳои истифодаи ин вожаро дар забонҳои қадим ба таври зер овардааст: «Форсии миёна**:** *gōspand* – «гӯспанд», авастоӣ: *gao-spenta* [лафзан: гов/чорпои муқаддас (яъне судманд, муфид)], аз *gao* ва *spenta* аз решаи *spand* – муқаддас шумурдан, форсии миёнаи турфонӣ: *gwspnd* [*gōspand*], бахтёрӣ: *gūsind, gusend* – «гӯспанд»,

кунзорӣ: *yōsan* – «гӯсфанд», систонӣ: *gospe, gosvē* – «гӯсфанд» суриёнӣ: *gwespndgyr* – «чубдаст, гавоз, гӯсфанд, гир ...» [2. 200, с. 2469].

Тибқи маълумоти зикргардида метавон хулоса кард, ки калимаи гӯспанд//гӯсфанд таърихи қадим дошта, он дар забони адабии тоҷикӣ ва шеваҳои муҳити Тоҷикистон ва берун аз он, махсусан, дар гӯйиши Ғорон дар шакли *гъсфанд* ба кор бурда мешавад.

Тибқи маълумоти О.Н. Трубачёв вожаи ҳиндуэронии «*гӯсфанд*» ба славянии куҳан «*мех*» хешигарӣ дорад. «*Мех*»-и русӣ аз ҷиҳати маъно «ҳайвоне, ки бо пашм пӯшида шудааст» шарҳ дода шудааст [1. 171, с.11].

Инчунин, М. Ҳасандӯст дар Фарҳанги болозикр вожаи меш ва решаи онро дар забонҳои бостон ва муосир дар гунаҳои зер шарҳ додааст: «... Меш (měš) гӯсфанд, бавижа, гӯсфанди мода, форсии миёна: *mēš,* эронии бостон: *maiši-/-maiša***,** санскрит: *měsa*, (музаккар) – фавҷ, меш, *mesū* (муаннас) – модаи гӯсфанд, меш, муштақанд аз ҳиндуурупоӣ: *moiso-s/maiso-s* – гӯсфанд; чарм, пӯст; лаҳистонӣ: *miech* – киса, гунӣ, машк, мивониёӣ: *maišas* – тӯбара, бузранг, ҷувол, лидунёӣ: *māiss* – гунӣ, киса, *moisos/maisos* (бо афзояи -s) зоҳиран муштақ аст аз решаи *меғ-mei* – моқ кашидан, баъ-баъ кардан (қиёс санскрит: *-mi, ma–, (mimāti*), ғуррӣ кардан, баъ-баъ кардан, низ қиёси авастоӣ: *maēša* – меш, *maēšū* (музаккар) – модаи гӯсфанд, *maēšina* **–** (сифат) мешин аз меш, мешӣ, портӣ: *myš [mēš],* сакоӣ **–** miña **–** мешин, аз *меш *maišinyă (ka)*.... хоразмӣ: *mh* – меш *(*maišī), mhnȳk* – гӯсфанди нар, қӯч, пашту: *maǧ* – меш, қуч, *maǧa* – гӯсфанди мода, вахонӣ: *may*, сарикӯлӣ: *mewl,* язғуломӣ: *maw* – меш (*maiša*), яғнобӣ: *meš* – меш, балучӣ: *meš* – меш, гӯронӣ: *mäîä, mäî* – меш, ошитиёнӣ: *miša* –меш ... арманӣ: *mak'i* – меш...» [2. 200, с. 2485-2486].

Дар асоси шарҳи Фарҳанги мазкур метавон гуфт, ки унсури луғавии ***меш*** дар забонҳои зикргардида нисбат ба гӯсфанди мода ба кор рафта, дар гӯйиши ғоронӣ ҳам ба ҳамин маъно кор фармуда мешавад.

А.З. Розенфелд дар хусуси истифодаи калимаи *меш* чунин таъкид намудааст, ки калимаи *мешак//мешък* аз вожаи *меш* ва пасванди *-ак//-ък* таркиб

ёфта, мафҳуми «*мешъки нар //мешъки мода***,** архар»-ро мефаҳмонад [1. 164, с.113]. Дар лаҳҷаи Ғорон барои ифодаи «гӯсфанди кӯҳӣ» аз калимаи *мешък* истифода мекунанд, ки ин ақидаи Розенфелдро тақвият мебахшад. Ин навъи гӯсфанди кӯҳӣ дар кӯҳҳои ноҳияи Ишкошим ва Мурғоб дучор мешавад. Ин намуди гӯсфанди кӯҳӣ – *мешък* шохҳои тобхурда дошта, он аз ҷониби олими итолиёӣ Марко Поло сабт карда шудааст, ки имрӯз бо ҳамин ном дар ҷаҳон машҳур мебошад. Бояд зикр намуд, ки синну соли гӯсфанди кӯҳӣ аз рӯйи ҳалқаи шохҳояш муайян карда шуда, бо калимаҳои *дъсол, сесол, чорсол, пан(ҷ)сол* ифода карда мешавад. Вожаҳои мазкур аз ҷиҳати сохт мураккаб буда, аз шумораҳои ду, се, чор ва вожаи *сол* таркиб ёфтаанд. Мисол: *Бъбом нақл мекард, ки ай dawрой пеш* ***мешък*** *да пъштаойи мо набъдаст*; Мъ *хъд-ъм йагон бор* ***мешък-а*** *да и ҷоо ба чъшм-ъм надидам, диго-ра намедонъм* (Гч.). *Акаи Карим дина ба пъшта рафта бъд, ба фикр-ъм йак* ***дъсол*** *задаст*; *Чупоно да Къзумчъшма йак* ***чорсол*** *дидан, ки тоқа мечара* (Сб.).

Дар гӯйиши Ғорон чун дигар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ калимаҳое вомехуранд, ки на навъи гӯсфанд, балки ҷамъи онҳоро ифода мекунанд. Масалан: вожаи *сърук* **(**гурӯҳи ҳайвон**)** ба маънои номи ҷомеъ омадааст: *Мешо* ***сърук-сърук*** *ҷъдо шъдан*. *Йак* ***съруки*** *калони мешо ба паларо баромадан* (Бағ.). *Амъки Қодир йак* ***сърук*** *меш-а ба lawи ow owхърӣ хамбонд*; ***Мешо сърук-сърук*** *да тайи боғо сойа гъръфтан* (Шб.).

Дар гӯйиши Ғорон барои ифодаи тудаи чорвои хурд вожаҳои *рама* ва *сърук* ба кор бурда шуда, ҳамзамон, доираи истифодаи вожаи *сърук* нисбат ба вожаи *рама* васеътар мебошад. Дар лаҳҷаи ноҳияи Варзоб низ вожаҳои *рама* ва сурук ба ҳамин маъно истеъмол мешаванд [1. 70, с. 36].

Тибқи иттилои муҳаққиқ Ғ. Ҷӯраев калимаи *рама*, маъмулан, ба забони адабии тоҷикӣ мансуб буда, истеъмоли он дар шеваҳо низ ба назар мерасад [1.100, с.167].

1.3.1.1. Калимаҳои марбут ба синну сол ва ҷинсияти гӯсфанд

Бояд зикр намуд, ки ҳайвоноти хонагӣ дар гӯйиши Ғорон чун дигар шеваҳои забони тоҷикӣ ва забонҳои шарқии эронӣ аз рӯйи синну сол, ҷинсият, зоту сиёқ (аломатҳои зоҳирӣ) ва хислат номгузорӣ карда мешаванд.

Синну соли гӯсфандон аз рӯйи аломатҳои ҷинсӣ бо вожаҳои алоҳида ифода карда шуда, ба таври мушаххас фарқ карда мешаванд.

Синни барраи навзод то 2-сола бо вожаҳои *тарък* (то чормоҳа), *бара* **(**то яксола**)** ва ибораҳои *барайи калон//барайи порина, барайи бъкъл* (аз яксола то дусола) ифода карда мешавад. Ибора-истилоҳҳои *барайи порина* ва *барайи бъкъл* мафҳуми барраеро, ки соли гузашта зойида шудааст, ифода мекунанд. Мисол: *Барайи калон да тески гъсоло бъдастъ бачо мешуран-ъш*; ***Баройи бъкъл*** *да боғ нестан, ба назар-ъм ай дъми мол рафтан* (Дт.). ***Барайи поринагира*** *ҷъдо кънет, ки мешойи ширдо-ра мемака*; ***Барайи бъкъл*** *йагон бор ай дъми ҷъйа-ъш ҷъдо намеша* (Кл.). Синни барраи то якмоҳа, бо ибора ифода карда мешавад, ки он аз вожаи *барра* ва калимаи ифодакунандаи шумораи рӯзҳо ва ҳафта таркиб меёбад: *барайи якруза, барайи дъруза, барайи дъафтаина, барайи биструза***,** аммо баъди якмоҳаи пурра шуданашон бо шумораи моҳҳо таркиб меёбанд: *барайи дъмоҳа, барайи семоҳа, барайи шашмоҳа* ё *барайи нимсола* ва ғайра. Синни барраи то яксола аз рӯйи фасли зойида шудан низ муайян карда мешавад: *барайи зъмистони́* **(**баррае, ки зимистон зойида шудааст**)**, *барайи бори́* (баррае, ки баҳор зойида шудааст), *барайи тоwъстони́* (баррае, ки тобистон зойида шудааст), *барайи тирамойи́* (баррае, ки тирамоҳ зойида шудааст). Мисол: ***Барайи зъмистони́*** *ширмаст шъдаст. Ай* ***баройи бори́*** *йакта-ъш-а ба занемък-ъм Съфатък медем, ки имсол мешо-ъш бара накардан* (Дх.). ***Барайи тоwъстони́*** *да мол ай дъми ҷийа-аш ҷъдо намеша*; ***Барайи тирамойи́*** *дина да ағели занемък-ъм Гълзора бъдастъ мъ мешуръмъш* (Сб.).

Боиси тазаккур аст, ки дар лаҳҷаи Ғорон ҷинсияти грамматикӣ барои ифодаи анвои мол вуҷуд надорад, аммо ҷинсияти лексикӣ ва тавассути калимаҳо муайян кардани ҷинсияти молу гов ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла,

калимаҳои *нар* ва *мода* барои муайян кардани ҷинси барраи навзод истифода мегардад. Албатта, дар ин ҳолат чун муайяншавандаи калимаҳои *нар* ва *мода вожаи барра* низ дар шакли *барайи нар* ва *барайи мода* маъмул аст. Мисолҳо: *Меши бури калон ар сол* ***барайи мода*** *мекъна*; ***Барайи нар*** *ай аҕел баромадаст* **(**Дт.). ***Баройи нари*** *бъкълък-а пеш ай айлоқравӣ йахта бъкънем, ки тезтар съйат бъшан* (Кл.). Ҳамзамон, аломатҳои ҷинсии табиию биологӣ барои фарқ намудани даврaҳои инкишофи синнусолии гӯсфандон нақши аввалиндараҷа мебозанд, зеро номи як ҳайвон ва синни якхела, аммо ҷинси гуногун аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Ҷинси табиии гӯсфанд чун дигар ҳайвонот мувофиқан бо калимаҳои *нар, нарина, мода* ва *модина* ифода мешавад. Мисол: *Барайи* ***нар*** *назар ба барайи* ***мода*** *калонтар шъдаст*; *Моли* ***нарина*** *да пъшти боҕи амъкъмъно мечаран* (Анд.). *Меши* ***мода-ра*** *wреш кардем, ки пъга ба айлоқ мерем*; Моли ***модина-ра*** *wахти wреш пошон-а съст бъбандет, ки ама-ъш бъгъзан* (Вз.).

Инчунин, ҷинси табиии гӯсфанд бо калимаҳои дигар низ ифода меёбад. Дар баёни гӯсфанди мода вобаста ба синну соли ҳайвон вожаҳои *wерак, нъзем, меш* мустаъмаланд. Воҳиди луғавии *wерак* дар робита ба гӯсфанде гуфта мешавад, ки 2-3-сола аст ва ҳануз назойидааст. Вожаи *нъзем* нисбат ба гӯсфанди мода, ки бори аввал зойидааст, ба кор бурда мешавад: ***Нъзем*** *дина ай аҕел баромадастъ дига найофтъм-ъш;* ***Нъземи*** *бур-а шаw саго ай дари аҕел пеш кардан* (Сист). *Апаи Съфатък нъзем мешура, ки ба* ***меши*** *пир-ъш олиш бъкъна; Шири* ***меш*** *ба хънъкзадагӣ фойда доштаст* (Кл.).

Бояд зикр намуд, ки доираи истифодаи вожаи *wерак* дар байни сокинони деҳаҳои водии Ғорон тафовут дорад. Вожаи мазкур дар байни сокинони деҳаҳои Ҷамоати деҳоти ба номи Аскар Замиров истифода намешавад, вале дар нутқи насли калонсоли сокинони деҳаҳои Бағуш ва Қозидеҳ серистеъмол мебошад: *Йак* ***wеракък*** *дошт-ъм да нубат чарха зад-ъш; Йак* ***wерак-а*** *ба молдорӣ ба занемъкъм Сълтонбегим додъм* (Бш.).

Вожаи *меш* нисбат ба гӯсфанди модае, ки соли дуюм насл медиҳад, кор фармуда мешавад: ***Меши*** *сфе пашм-ъш ба ҷураб хъшру бъдаст;* ***Меши*** *съйа шаw бара кардастъ хас-ъш-а ануз напартофтаст;* ***Меш*** *назар ба бъз тамбал бъдаст, да пъшта фақат хоw мера* (Гч.).

Воҳидҳои луғавии *нарбара, ҷондор, ғър//ғърък* низ истифода мешавад. Ин вожаҳо дар робита ба мансубияти синнусолӣ ва ахташавӣ ба кор мераванд. Аз ҷумла, нарбара 2-3-сола аст, ҷондор гӯсфанди нари аз 4-сола боло ва вожаи *ғър//ғърък* ба маънои гӯсфанди ахтанашуда мураввақ аст. Мисол: ***Нарбарайи*** *тунд да нубати амъкъм Нурмамад ба моли снибъйо алалаш шъдаст; Да аҕел ага* ***ҷондор*** *набоша да назар-ът метоwа, ки аҕел баракат надора;* ***Ҷондори*** *калон-а ба мемоно къштем* (Гч.). *Йак* ***ҷондор*** *да пъшти аҕели амсойа ба фикр-ъм ай къшое тора задаст;* ***Ғър-а*** *ай мол ҷъдо кънет, ки мол дътула меша;* ***Ғъръки*** *майда-ра магам дертар ба айлоқ барет, ки касал шъдаст* (Дх.).

Барои ифодаи синну соли тамоми намуди ҳайвоноти хонагӣ калимаҳои *поринаги́* ва *перорина* ба кор бурда мешавад. Масалан: *бъчаи поринаги́, барайи поринаги́, гъсолайи перорина* ва ғайра. Вожаи *поринаги́* аз ҷиҳати сохт калимаи сохта буда, ҳамчун сифат мафҳуми «соли гузашта» ва калимаи *перорина* мафҳуми «ду сол пеш»-ро ифода мекунад.

Калимаҳои умумиистеъмолии *майда, калон* ва *пир* дар баёни хусусиятҳои синнусолии гӯсфанд роиҷанд. Мисол: *Барайи* ***майда-ра*** *ай ҷъйа-ъш ҷъдо кънет;* ***Меши*** *калони съйа порина ам қъсир бъд; Меши* ***калон*** *ай айлоқ гърехтаст* (Сист). *Меши съйа* ***пир*** *шъдаст, магам ба йагон меши хъшзоти амсойа олиш-ъш бъкънем; Нарбарайи* ***пир*** *ай мол доим ақиб мемона* (Кл.).

Дар гӯйиши Ғорон вожаи *қъшқор* низ ба монанди дигар шеваву лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ нисбат ба гӯсфанди нари шохдор, ки ба *мешък* (архар – гӯсфанди кӯҳӣ) монанд аст, кор фармуда мешавад.

Мавсими ҷуфтшавии ҳайвонот раванди табиии ҳаёти онҳост. Барои хушзотии ҳайвонот ба ин масъала таваҷҷуҳи хосса дода мешавад. Аз ҷумла, дар байни гӯсфандони нар ба ҳамоне таваҷҷуҳ карда мешавад, ки он хушзот бошад.

Ин гуна гӯсфандони хушзот ахта намешаванд, ки боиси истифодаи онҳо дар ҷуфтшавии ҳайвонот хоҳад шуд. Дар гӯйиши Ғорон нисбат ба гӯсфандони ноахта вожаи *ғър//ғърък* истифода шуда, мафҳуми «ҷуфтшавӣ, алоқа намудан»-и онҳо бо феъли таркибии *ғър рафтан* ифода карда мешавад. Гӯсфанди ахтанакардаро ҳама вақт ҳамроҳи гӯсфандони мода наемонанд, чунки мавсими ҷуфтшавию бордоршавии тамоми ҳайвоноти хурдро фасли тирамоҳ мувофиқ мешуморанд. Чупонҳо дигар вақт гӯсфанди ноахтаро аз гӯсфандони мода ҷудо мекунанд, то ки гӯсфандон бемавсим назоянд: ***Ғъри*** *амсойа-ра имшаw қатии мешо бъмонем, ки* ***ғър бъран*** (Анд.). ***Ғъро-ра*** *ай мол ҷъдо кънет, ки мешо-ра* ***ғър наран***; ***Ғъри*** *акаи Сафар-а қатии мешо бъндозем* (Гч.). *Мешо-ра қатии ғър дохтем, ки* ***ғър бъран*** (Дх.). Гӯсфанде, ки намезояд бо вожаи ***қъсир*** ифода карда мешавад: *Нъземъки сърх имсол* ***қъсир*** *бъдаст*. *Мешойи қъсир-а ба чаро барет* (Кл.).

С. Раҳматуллозода истифодаи ин вожаро дар баъзе гӯшаҳои кишвар чунин нишон додааст: «Мафҳуми *гӯсфанди қисир* дар минтақаҳои Сарихосор ва Ховалинг бо ибора-истилоҳи гуспани сибай ифода меёбад» [1. 63, с. 150].

1.3.1.2. Калимаҳои ифодакунандаи рангу намуд ва хусусиятҳои зоҳирии гӯсфанд

Ҳар як ҳайвон дорои рангу аломатҳои зоҳирии хоси худ буда, бо воситаи онҳо аз ҳайвони дигар тафовут мекунад. Гӯсфандон низ дорои ранг ва аломатҳои хоси худ мебошанд, ки бо вожагони алоҳида ифода меёбанд. Барои нишон додани аломатҳои умумии фарқкунандаи гӯсфанд дар гӯйиши Ғорон калимаҳои зиёди ифодакунандаи рангҳои гуногуни пашми онҳо кор фармуда мешавад, ки онҳо, асосан, ба воситаи калимаҳои исмшудаи сифатҳо ва ибораҳо ифода меёбанд: *сърхък* – сурхак, *барайи съйа* – барраи сиёҳ, *нъземи съторасар* – гӯсфанде, ки дар сар нишонаи шабеҳи ситора дорад ва ғ.

Вожагони ифодакунандаи ранги пашми гӯсфандро аз нигоҳи ифодаи луғавӣ-маъноӣ ба чунин гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст:

1.3.1.2.1. Калимаҳо ифодакунандаи ранги якхелаи пашми гӯсфанд: ***съйа*** **‘**сиёҳ**’**, ***съфе(д)*** **‘**сафед**’**, ***сърх*** **‘**сурх**’**, ***кабут*** **‘**кабуд**’**, ***бур*** **‘**бур**’**. Масалан: *Барайи* ***съйаи*** *имсола ай баройи бъкъл калонтар шъдаст; Нарбарайи* ***бур*** *да* ***Паси Бъқ*** *ай мол ҷъдо шъд* (Кл.). *Нъземи* ***съфе(д)*** *ҷъфтакӣ зоийдаст; Барайи меши* ***сърх*** *мешо-ра пасмак мезана* (Гч.). Воҳидҳои луғавӣ дар аксар мавридҳо дар шакли сода ба кор рафта, ҳангоми ифодаи аломатҳои субъективӣ ба он пасванди хурдию навозиш *-ък//ек* ҳамроҳ карда мешавад, ки муодили он дар забони тоҷикӣ пасванди *-ак* мебошад: *сърх – сърхък* ‘сурх – сурхак’, *съйа съйек*‘сиёҳ – сиёҳак’, *бур – бурък* ‘бур – бурак’.

Бояд зикр намуд, ки вожаи *зард* дар робита ба ранги анвои буз калимаи *сурх* барои баёни ранги гӯсфанд маъмул аст. Мисол: *Меши* ***сърх*** *ай дъга моло пеш омад; Меши* ***сърх-а*** *да нубати аъмъки Сайналӣ чарха задаст* (Анд.).

Муҳаққиқ Г. Ниматов истеъмоли ранги *зард* ва *сурх*-ро дар бархе аз забонҳои эронӣ чунин шарҳ додааст: «Калимаи *zard* истилоҳи эронӣ буда, он дар баъзе забонҳои эронӣ дар чунин шакл меояд: форсии миёна – *zard*, афғ. *zēt*, вах. *zart*, шуғ. *zīrd*, язғ. *zard,* ишк. *zord,* ост. *zard*» [Ниматов, 29]. Ҳамчунин, тибқи шарҳи муҳаққиқ: «Вожаи сурх дар заминаи вожаи эронии *suxra* ба вуҷуд омада, дар дигар гурӯҳи забонҳои эронӣ шаклҳои гуногун дорад: курдӣ *sor*, афғ. *sūr*, ишк. *surx*, вах. *sərk,* осет. *surx*» [1. 55, с. 30].

1.3.1.2.2. Гурӯҳи калимаҳое, ки шабоҳати ранги пашмро ифода мекунанд

Дар ин маврид, бобати ранги пашми гӯсфандонро ифода намудан, ҳаминро метавон зикр намуд, ки гӯсфанд якранг набуда, он аз рӯйи ранги асосӣ номгузорӣ мешавад*:* *съйала* – гӯсфанде, ки ранги сиёҳаш зиёдтар ва сафедаш камтар, *сърхала* – гӯсфанде, ки ранги сурхаш бисёртар аст, *бурала* – гӯсфанде, ки ранги бураш баландтар аст. Мисол: *Барайи* ***сърхала*** *ай дъми ҷъйа-ъш ҷъдо шъдаст*; *Мешии* ***сърхала*** *йак лох-ъш шал шъд* (Шб.). *Нарбарайи* ***съйаала*** *waxти рагаштан пастана-ъш-а бой медъйа; Меши* ***съйала*** *имсол қъсир бъдаст*

(Вз.). *Ҷондори* ***бурала*** *да аҳели мъмойи Мермо омъхт шъдаст; Нарбарайи* ***бурала-ра*** *wреш бъкънет, ки пашм-ъш мера* (Гч.).

Дар чунин шакли ифодаи калимаҳо унсури **-ала** вазифаи пасвандиро иҷро мекунад.

Бояд зикр намуд, ки дар ҳолати нишон надодани ранги асосӣ вожаи *ала* ба маънии «алла» алоҳида низ кор фармуда мешавад. Мисол: *Меши* ***ала-ра*** *ай аҳели амсойа ёфтъм; Нарбарайи* ***ала*** *дъ руз шъдаст, ки ягон чи намехъра* (Кл.). *Ҷондори* ***ала*** *ай ҷондори съйа калонтар бъдаст. Меши* ***ала*** *ранги хъд-ъш бара кардаст* (Шб.).

1.3.1.2.3. Калимаю ибораҳое, ки ранги ягон аъзои бадани гӯсфандро ифода мекунанд

Номгӯйи ифодакунандаи ранги аъзои алоҳидаи бадани гӯсфанд қисми калони чунин маъноҳои луғавии фарққунандаро дар бар мегирад. Воситаи ифодаи ин гурӯҳи калимаҳо аз ҷиҳати маънои луғавӣ воҳид надорад. Бархе аз ин вожаҳо ранги пашм ва аъзои баданро дар шакли *съйасар* ифода мекунанд ва вожаи ифодакунандаи ранг сифатҳои сода мебошанд. Мисол: *съйасар* – гӯсфанде, ки тори сараш сиёҳ**,** *съйагуш* – гӯсфанде, ки гӯшҳои сиёҳ дорад, *съфедъм* – гӯсфанде, ки думи сафед дорад, *сърхдъм* –гӯсфанде, ки думаш сурх аст.

Гурӯҳи дигар калимаҳоеро дар бар мегирад, ки ба сифати ифодакунандаи номгӯйи ранг вожаи метаморфӣ кор фармуда мешавад: *съторасар* – гӯсфанде, ки тори сараш сафед аст, *холру* – гӯсфанде, ки рӯяш холҳои сурху сиёҳ дорад, *холгуш* – баррае, ки гӯшҳояш холҳои сиёҳу сафед дорад, *towапъшт* – гӯсфанде, ки дар пушташ ягон намуди ранг шабеҳи тоба бошад. Мисол: *Меши* ***съторасар*** *ай нъхшор мондаст; Нарбарайи* ***холру*** *да Лалмо ба моли систъйо алалаш шъд, мъ ҷъдокъни́ натонъстъм-ъш* (Кл.). *Барайи бъкъли* ***холгуш*** *мешойи ширдор-а пасмак мезана; Ҷондори* ***towапъшт*** *зъмистон ай ҷондоройи дига бақwатар шъдаст* (Сб.).

Ба гурӯҳи сеюм номҳое дохил мешаванд, ки онҳо бо калимаҳои метаморфӣ ифода шуда, маънои аввал не, балки маънои маҷозӣ қабул мекунанд. Дар ин гуна номҳо аъзои бадани ҳайвон номбар карда намешавад. Мисол: *қурбоник* – барра ё гӯсфанде, ки гирди чашмонаш сурх аст: *Барайи* ***қурбоник-а*** *да аҕели дарун бъндозет; Нарбарайи* ***қурбоник-а*** *да Иди Қурбон мекъшем* (Кл.). *Барайи* ***қурбоник*** *да аҕел хосъйати хъб доштаст; Нарбарайи* ***қурбоник*** *ай нарбарайи съфе бақwатар бъдаст* (Дт.).

Як рӯйдоди этнофарҳангие мавҷуд аст, ки мувофиқи ривоятҳо дар Иди саиди Қурбон аз даврои Иброҳим – пайғамбар бо амри Худованд танҳо куштани гӯсфанди нар иҷозат дода шудааст. Ба ақидаи сокинони Ғорон, гирди чашмони гӯсфанди қурбонӣ бояд пашми сурх дошта бошад. Ин гӯсфандро одамони калонсол, ки дуо гирифтаанд, дар деҳа тозаву озода нигоҳубин мекунанд. Аз рӯйи эътиқод, вақти куштан хуни онро мегиранд, ки барои табобати бисёр бемориҳо, аз он ҷумла, бемориҳои асаб фоидабахш аст. То ҳатто, устухони гӯсфанди қурбониро дар замин намепартояд ва онро ба саг ҳам додан мумкин нест. Устухонҳояшро дар ҷойи тоза мемонанд ё ба об партофта, дасту рӯяшонро тоза мешӯянд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ин гӯйиш гӯсфандонро барои фарқ кардан аз ҳамдигар, вобаста ба рангашон, номгузорӣ мекунанд. Мисол: *Меши* ***сърх-а*** *да боғ дохтъм, ки по-ъш меланга. Нарбарайи* ***қашқа*** *пир шъдаст* (Кл.). *Барайи* ***тowек-а*** *ба мол назанет, ки ҷъйа-ъш-а мемака; Меши* ***ала-ра*** *wреш бъкнет, ки пашм-ъш дъроз шъдаст* (Сист). *Ҷондори* ***бур*** *шаw да аҕел бъқ мърдаст; Нарбарайи* ***съйа*** *ръшқайи пър хърдастъ wърам кардаст* (Дт.)

Номгӯйи гӯсфандон аз рӯйи аломатҳои модарзодӣ хусусияти асосии ягон аъзои бадани онҳоро инъикос мекунанд. Ин истилоҳҳоро аз рӯйи аломатҳои алоҳидаи зоҳирӣ метавон ба якчанд гурӯҳ ҷудо кард:

а) номгӯйи хусусияти гӯсфандон аз рӯйи шакли гӯши онҳо. Барои ифодаи ин аломати зоҳирии гӯсфандон калимаҳои *қър* – гӯсфанде, ки гӯшҳояш тамоман ноаён аст, *лапагуш* – гӯсфанде, ки гӯшҳои калони кашол дорад,

лақагуш – гӯсфанде, ки гӯшҳои дароз дорад, *смохгуш* – гӯсфанде, ки гӯшҳояш шикоф мебошад, *биркадор* – гӯсфанде, ки дар гӯшаш тамға дорад кор фармуда мешаванд.. Калимаҳои мазкур аз ҷиҳати сохт мураккаб буда, аз ду ҷузъ *лапа-, лақа-* (овезон**)** ва *гӯш* иборат мебошанд, ки баромади тоҷикӣ доранд. Аммо вожаи *биркадор* аз русӣ *бирка* ва аз тоҷикӣ **–** асоси замони ҳозираи феъл *–дор* таркиб ёфта, мафҳуми гӯсфандеро, ки дар гӯшаш тамға дорад, ифода мекунад. Вожаҳои мазкур дар забони вахонӣ низ чунин аломатҳои зоҳириро дар бар гирифта, ба ҳамин маъноҳо ба кор бурда мешаванд. Тибқи маълумоти муҳаққиқ Мирбобоев А. дар забони вахонӣ барои нишон додани хусусияти гӯсфанд аз рӯйи намуди гӯшҳояш вожаи *кар* нисбат ба гӯсфанд ё баррае, ки гӯшҳои кутоҳ дорад, кор фармуда мешавад. Калимаи мазкур дар забони тоҷикӣ маънои «ношунаво»-ро ифода менамояд, вале маънои он дар ин ҳолат, дар забони вахонӣ тағйир ёфтааст. Тағйирёбии маънои калимаи мазкур дар дигар забонҳои бадахшонӣ низ ба назар мерасад: шуғ. – бач., руш. – хуф. ишк. *кар* – баррае, ки гӯшҳои кутоҳ дорад [1. 144, с. 66].

Дар гӯйиши Ғорон гӯсфанде, ки гӯшҳояш кутоҳ аст бо истилоҳи *қър* ифода карда мешавад: *Меши* ***қър*** *да раша мечара; Меши* ***қър*** *ай мешойи дъга фарқ мекъна; Меши* ***қър*** *ам пир шъдаст* (Дт.).

б) гурӯҳи калимаю ибораҳое, ки барои ифодаи ҳаҷму андозаи гӯсфанд кор фармуда мешаванд. Ин гурӯҳи калимаҳо хусусияти андоза ва дараҷаи фарбеҳии парвоии гӯсфандро ба пуррагӣ ифода мекунанд. Дар гӯйиши Ғорон нисбат ба барра (гӯсфанд)-е, ки хуб парво шудааст ва қадаш паст аст, вожаи *мъндъқ* истифода мешавад. Дар гӯйиши мазкур вожаи *мъндъқ* нисбат ба одами қадпасти фарбеҳ низ истифода мешавад. *Меши сърхи калон ай бақъwатӣ* ***мъндъқ*** *шъдаст; Барайи* ***мъндъқ*** *мешойи ширдор-а хап-хапък мемака* (Дх.). *Нарбарайи* ***мъндъқ*** *ай ҷо-ъш намеҷъмбад; Барайи съфейи* ***мъдъқ*** *дина да ағели амсойа бъд* (Сб.).

Инчунин, истилоҳоти дигаре вуҷуд доранд, ки андозаи гӯсфандро аз рӯйи дигар аломатҳои баданаш ифода мекунанд. Аз ҷумла, вожаҳои *жбъқ* – барра,

гӯсфанди фарбеҳи қадпаст, *пақък* – барра, гӯсфанди пуштхамида, ки пойҳои кутоҳ дорад, *фарбе//фарбек* – барра, гӯсфанди фарбеҳ, *лоша//лошек, хароб//харобек* – барра, гӯсфанди қадпасти лоғар**.** Мисол: *Барайи* ***пъқък*** *мешойи дъга-ра мемака, ай дасти ами бақwатък шъдаст; Нарбарайи* ***фарбе-ра*** *зъмистон мекъшем, ки руған бъкна* (Гч.). *Мешойи* ***лоша-ра*** *алойида ба чаро барет, ки сер бъкънан; Барайи* ***лошек*** *да байни баройи калон сер намекъна; Меши бъғъз* ***хароб*** *шъдаст, ба назар-ъм пъга баракъни́ наметона* (Кл.). *Барайи* ***харобек*** *ай дъми ҷъйа-ъш ҷъдо шъдаст; Меши* ***бур*** *бъғъз бъдаст, ай дасти ами* ***хароб*** *метоwа* (Дт.).

в) номҳое, ки шакл ва намуди пойи гӯсфандонро ифода мекунанд. Вожагони *каҷалапо, бешълчък, баромадагипо, лангък, чълоқ* нуқсони пойҳои ҳайвонотро ифода мекунанд.

Вожаи *каҷалапо* нисбат ба баррае, истифода мешавад, ки пойҳояш кач ё шакли сумҳояш тағйирёфта зойида шудааст: *Барайи* ***каҷалапо*** *wахти хоw поош-а ҷамъкъни наметона; Барайи меши съфе* ***каҷалапо*** *бъдаст* (Дх.).

Калимаи *бешълчък* нисбат ба баррае, кор фармуда мешавад, ки бо нуқсони сум зойида шудааст. Мисол: *Меши съйа барайи* ***бешълчък*** *кардаст; Барайи бъкълъки сърх* ***бешълчък*** *бъдаст, магам бъкъшемъш; Нъземи* ***бешълчък*** *ба молдори́ намеша* (Кл.).

Калимаҳои *баромадагипо* нисбат ба баррае, ки пойҳояш тобхурда ва ба ҳар тараф баромадагӣ мебошанд, истифода шуда, истилоҳи *лангък* нисбат ба баррае, ки *ланг* зойида шудааст, кор фармуда мешаванд. Тағйирёбии нуқсон метавонад нисбат ба дигар ҳайвоноти сумдор низ хос бошад, аз ин лиҳоз, алоқамандии ин аломатҳо ба гӯсфандон, барои истифодаи ибора буда, як унсури асосии он номгӯйи синнусолии ин ҷинси табиӣ мебошад. Мисол: *Нарбарайи* ***баромадагипо*** *ай ҷо-ъш ҷъмбидан наметона; Барайи* ***лангък*** *да боғ сойа гъръфтаст; Меши* ***ланг*** *бъсйо хароб шъдаст, алба по-ъш дард мекъна* (Вз.).

г) калимаҳое, ки хусусиятҳои фарқкунандаи баъзе узвҳои бадани гӯсфандонро ифода мекунанд. Ин калимаҳо хусусиятҳои асосии модарзодии баданро нишон медиҳанд. Яке аз аломатҳои асосии гӯсфанд ин мавҷудияти дунба ё думи онҳо мебошад. Вобаста ба дунба доштан, вожаи *дъмбадор* истифода мешавад: *нарбарайи* ***дъмбадор*** – гӯсфанди дунбадор, *ҷондори* ***бедъмба*** – гӯсфанди бедунба, *барайи* ***дъроздъм*** – барраи дароздум, *барайи* ***цъндик*** – барраи кутоҳдум, *нарбарайи* ***тунд*** – гӯсфанди нари бедум.

Инчунин, гӯсфандон аз рӯйи мавҷудияти шох номгузорӣ мешаванд: *нарбарайи* ***шохдор*** – гӯсфанди нари шохдор***,*** *ҷондори* ***йакшоха*** – гӯсфанди нари якшоха, ***чапаршох*** – гӯсфанде, ки шоххои тобхурда дорад.

Ҳамчунин, шакли сару гардани гӯсфандон низ бо воситаи чунин ифодаҳо нишон дода мешавад: *каҷгардан* – гӯсфанде, ки гарданаш ба як тараф кач кашидагӣ мебошад, *морадор* – барра ё гӯсфанде, ки дар гарданаш ба монанди муҳра нарак дорад. Мисол: *Меши* ***каҷгардан*** *ай ағел баромадаст; Меши* ***морадор*** *барайи съфе кардаст* (Гч.). Гӯсфандон, инчунин, аз рӯйи хусусияти нуқсони узви баданашон номгузорӣ мешаванд. Масалан: *меши шалък* – гӯсфанди модае, ки пойҳояш шал аст. Вожаи *шал* нисбат ба одаме, ки дасташ кор намекунад, низ истифода мешавад.

Нисбат ба гӯсфандони парворӣ ва фарбеҳ чунин ибора-истилоҳҳо истифода мешаванд: *нарбарайи бақъwат* – гӯсфанди нари фарбеҳ, *ҷондори гър(д)дъмба* – гӯсфанди нари дунбадор. Мисол: ***Нарбарайи бақъwат*** *ба колаи сари Фариз меша*. ***Ҷондори гър(д)дъмба*** *имсол лоша шъдаст* (Дх.). Муҳаққиқ С. Хоркашев (Раҳматуллозода) оид ба вожаи ифодакунандаи гӯсфандони парворӣ ва фарбеҳ чунин менигорад: «мафҳуми **гӯсфанди фарбеҳ** дар лаҳҷаҳои гурӯҳи қаротегинӣ ва вахиёӣ-қаротегинӣ бо ибораи **гуспанди бадил** ифода карда мешавад» [1. 63, с. 150].

Ҳамчунин, барои ифодаи синну соли ҳайвони хурд вожаҳои *майда, калон* ва *пир* истеъмол мешавад, ки ин калимаҳо умумиистеъмоланд. Мисол: *Барайи* ***майда*** *ҷъйа-ъш-а нағз макидан наметона; Барайи* ***майда*** *кала-ъш да тайи дар*

банд задаст; Меши ***калон*** *имсол дътула шъд, ай дасти ами лоша шъдаст* (Кл.). *Меши* ***калон*** *шаw бара кардастъ хас-ъш-а напартофтаст; Ҷондори* ***пир*** *да нубат хъд-ъш-а сер намекъна; Ҷондори* ***пир-а*** *къштем, ки зъмистон намъра* (Сист).

1.3.1.3. Вожагони марбут ба зот ва парвариши гӯсфандон

Зот ва парвариши гӯсфандон низ аз масъалаҳои муҳимми ҳаёти чорводорӣ ба шумор меравад. Зоти ҳайвонот хуб бошад, масолеҳи хуб аз он гирифтан мумкин аст. Дар минтақаҳои гуногун зоти гӯсфандон вобаста ба шароитҳои табии фарқ мекунанд. Ин аст, ки зотҳои гуногун ба вуҷуд меоянд. Ин ҳолат ба лаҳҷаи Ғорон низ мансуб аст. Барои мисол, нисбат ба гӯсфанди бедунбаи зоташ маҳаллӣ калимаҳои *таҷоӣ, ҷойдорӣ* истифода мешаванд: *меши* ***таҷоӣ*** – гӯсфанди маҳаллӣ, *меши* ***ҷойдорӣ*** – гӯсфанди маҳаллӣ, *меши* ***тоҷикӣ*** – гӯсфанди тоҷикӣ, *меши* ***дарwозӣ*** – гӯсфанди дарвозӣ. Мисол: *Мешойи* ***ҷойдорӣ*** *серширан; Мешойи* ***тоҷикӣ*** *ба молдорӣ мешан* (Кл.). *Мешойи* ***тоҷикӣ*** *пашм-ъшон дъроз меша; Солойи пеш да Ғорон зоти мешойи* ***дарwозӣ*** *бъсйо бъд, олийо кам шъдаст; Ай Дилбарък як-дъ меш-ъш ай зоти мешойи* ***дарwозӣ*** *бъдаст* (Анд.).

Ҷадвали 1. – Номгӯйи зот ва сифати асосии зоти гӯсфанд

Номи зоти гӯсфанд дар гӯйиши Ғорон	Дар забони адабӣ	Сифати асосии зоти гӯсфанд
Меши ***тоҷикӣ***	Гӯсфанди тоҷикӣ	Зоти нимдуруштпашми думдор
Меши ***помирӣ***	Гӯсфанди помирӣ	Зоти маҳинпашми дунбадор
Меши ***исорӣ***	Гӯсфанди ҳисорӣ	Зоти маҳинпашми дунбакалон
Меши ***қърғизӣ***	Гӯсфанди қирғизӣ	Зоти дуруштпашму думдор

Инчунин, бо мақсади парвариши зоти хуби гӯсфанд ду зоти гуногунро ба якдигар ҷуфт мекунанд, ки насли он бо вожаи *дърага* ифода мешавад. Аксар маврид, гӯсфанди зоти маҳаллиро бо зотҳои дунбадор ҷуфт мекунанд, то насли хуб ба даст оранд.

Дар ФТЗТ калимаи болозикр чунин шарҳ меёбад: «*дурага* – зоти нави аз ду зоти гуногун ба вуҷуд овардашуда» [2.194, с. 498].

Бояд зикр намуд, ки вобаста ба парвариши гӯсфандон гурӯҳи вожагоне, вуҷуд доранд, ки асосан, аз рӯйи номҳои синну соли онҳо ҷудо карда мешаванд. Маълум мешавад, ки таъиноти хоҷагидории ин навъи ҳайвонот аз хусусияти синнусолии онҳо вобастагӣ дорад. Масалан: вожаи *меш* ба ғайр аз ифодаи аломати синнусолӣ, инчунин, таъиноти хоҷагидориро низ мефаҳмонад. Вобаста ба таъиноти хоҷагӣ вожаи *меш* ба маънои ‘наслдиҳанда, меши ширдеҳ’, аз рӯйи наслдиҳӣ ибора-истилоҳи *меши навзойида, меши зоч* – гӯсфанде, ки ба наздикӣ зойидааст кор фармуда мешавад. Вобаста ба наслдиҳӣ гӯсфанде, ки бори аввал мезояд, *нъзем* меноманд.

Дар мавриди наслдиҳӣ ва зойидани гӯсфандон, умуман, чорво дар гӯйиши Ғорон вожаҳои *за* ва *зоч* истифода мешавад. Вақте ки гӯсфанд ба зойидан наздик мешавад, ба ҳар тараф ҳаракат мекунад, хоб мекунад ва боз мехезад. Ҳамин ҳолат, бо вожаи *за* ифода мешавад: *Меши сърх-а* ***за*** *гъръфтаст; Меши съйа-ра awали wега, ки* ***за*** *гъръфтастъш ануз ам назоидаст* (Гч.). Гӯсфанде, ки нав мезояд, дар гӯйиши Ғорон бо ибораи *меши зоч* ифода карда мешавад. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» истифодаи калимаи **зоч** нисбат ба ҳайвон оварда нашудааст. Он дар шакли *зоча//зоҷ* омада, чунин шарҳ дода шудааст: «*зоча* – зане, ки нав кӯдак зойидааст. Вожаи *зоҷ* ба маънои зани навзойида (то ҳафт рӯз) баён ёфтааст» [2. 194, с. 549]. Калимаи «зоч»-ро нисбат ба ҳайвон низ ба ҳамин маъно фаҳмидан мумкин аст. Дар гӯйиши тоҷикони Вахон он бо вожаи *зеча* ифода мешавад.

Аз рӯйи таъинот дар тамоми манотиқи кишвар ҳайвони хурд бештар барои ширу гӯшт ва пашм парвариш карда мешавад. Дар лаҳҷаи мавриди таҳқиқ *мешои душойӣ* нисбат ба *г*ӯсфандоне гуфта мешавад, ки аз онҳо шир медӯшанд. Мисол дар ҷумла: ***Мешойи душойӣ*** *ба гъмон-ъм сер накардан, ки waг мезанан* (Кл.). ***Мешойи душойӣ*** *харч-ъшон ага соз боша, шир-ъшон ам гawc меша* (Сб.).

Дар забони адабӣ як идда вожагоне вуҷуд доранд, ки онҳо барои ифодаи гӯсфандони *ширӣ* кор фармуда мешаванд. Дар зер шарҳи бархе аз ин гуна вожаҳоро дар асоси фарҳангномаҳо меорем.

Дар байни ин истилоҳот вожаи *ширдор* барои ифодаи аломати муҳимми ҳайвоноти ширдеҳ маъмул аст. Шарҳи ин калима Дар ФТЗТ чунин аст: «ширдор – моле, ки шир медиҳад, моле, ки шири зиёд дорад» [2. 195, с. 676]. Масалан: Ба **м*ешойи ширдор*** *owи хънък надет* (Қ.). Ҳамчунин, вожаи *сершир* нисбат ба гӯсфандоне гуфта мешавад, ки дар пистонашон шири зиёд доранд, ки дар забони адабӣ низ маъмул аст. Мисол: *Мешойи* ***сершир-а*** *ба айлоқ набарет, ки кудако бе бахш мемонан* (Бш.).

Яке аз калимаҳое, ки на танҳо дар забони адабии тоҷикӣ, балки дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ маъмул аст, вожаи *ширмаст* мебошад. Дар гуфтори мардуми Ғорон ин вожа маъмул аст ва нисбат ба барраҳое кор фармуда мешавад, ки бо хурдани шири модар фарбеҳу чолок шудаанд: *Барайи тарък* ***ширмаст*** *шъдаст; Мешо-ра надушет, ки барошон* ***ширмаст*** *бъшан* (Шб.). Ин калима дар ФЗТ низ шарҳ ёфтааст: «**ширмаст** – бачаи бузу гӯсфанд ва ғ., ки чолок ва шӯху бозингар аст» [2. 195, с. 591].

Дар ФТЗТ калимаи *ширмак* чунин тафсир ёфтааст: «ширмак бачаи одам ё ҳайвоне, ки шири модар мемакад» [2.195, с. 549]. Дар соҳаи чорводорӣ калимаи мазкур нисбат ба барраи то яксола гуфта мешавад.

Бояд зикр намуд, ки гӯсфандони нар вобаста ба ахта ва ахтанашуданашон, вобаста ба истифода ва таъиноти хоҷагидорӣ фарқ карда мешаванд. Гӯсфанди ахтакарда барои *гӯштӣ* бештар истифода мешавад. Вобаста ба он, калимаҳои *нарбара, ҷондор* кор фармуда мешавад, ки ҳам мафҳуми синну сол ва ҳам мафҳуми таъиноти хоҷагиро ифода мекунанд. Мисол: ***Нарбарайи*** *бур-а ба мемоно къштем, аммтари руғани пър кард ки;* ***Ҷондори*** *калон-а wахти мактаби бачкач мефърушем* (Сист).

Барои ҳама синну соли гӯсфанди ахтакарда вожаи *йахтакарда* – барра, гӯсфанди ахтакарда истифода мешавад, ки ҳамчун муайянкунанда ба ҳисоб

меравад. Нисбат ба гӯсфанди ахтанашуда истилоҳи *нойахта* кор фармуда мешавад. Бояд зикр намуд, ки дар гӯйиши Ғорон вожаи *ҷъшқор* он қадар маъмул набуда, баъзан, нисбат ба нарбараи нари 4-сола, ки ба монанди гӯсфанди нари кӯҳӣ шохҳои майдаи ба гӯшҳояш хамида дорад, кор фармуда мешавад.

Барои таъиноти гӯсфандон дар хоҷагӣ номгузории фарқкунанда кор фармуда мешавад. Мисол: *барайи қурбоник* – баррае, ки дар гирди чашму даҳонаш нишонҳои сурхи бурранг дорад, ки аз рӯйи ин аломати хос барои куштан дар Иди Қурбон муайян карда шудааст.

Дар гӯйиши мазкур истилоҳи *нимсуд* аз рӯйи таъинот нисбат ба гӯсфанде гуфта мешавад, ки ҷиҳати насл гирифтан, муваққатан, истифода карда, ба соҳибаш бармегардонанд. Агар гӯсфанд якчанд маротиба барои истифодаи муваққатӣ дода шавад, он аз рӯй номи соҳиби муваққатиаш ва ё баръакс номбурда мешавад: *Меши сърха ба занемъкъм Почо* ***нимсуд*** *дода бъдъм; Меши* ***нимсуди*** *апаи Нисо ай мол ҷъдо шъдаст* (Кл). *Апаи Санам аммарӣ ушйоре бъдаст, ки ай исоби моли* ***нимсуд*** *молдор шъд* (Гч.). *Апаи Розек дъл-ъш намеша, ки мол-ъш-а ба йагон кас* ***нимсуд*** *бъдъйа* (Дх.).

Вожаи *нимсуд* аз ҷиҳати сохт мураккаб буда, аз ду ҷузъ «ним» ва «суд» таркиб ёфта, мафҳуми «нисфи фоида»-ро ифода мекунад.

Бояд зикр намуд, ки гурӯҳи номгузориҳо аз рӯйи таъиноти хоҷагӣ хусусияти этнографиро низ ифода мекунанд, ки вожаи мазкур низ ба ҳамин мафҳум алоқамандӣ дорад.

Ҳамин тавр, нисбат ба аломатҳои хос ва фарқкунандаи ҷинси гӯсфанд гурӯҳи вожагоне кор фармуда мешаванд, ки бархе аз онҳо истилоҳҳои худии гӯйиши Ғорон буда, таркиби луғавии соҳаи чорводории лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикиро ғанӣ гардондаанд.

1.3.2. Вожагони марбут ба бузпарварӣ

Ҳайвони дигари хурди хонагӣ буз буда, сокинони ин водӣ ба нигоҳубини ин намуди ҳайвон диққати махсус дода, дар рӯзгорашон аз маҳсулоти он – гӯшт, пӯст, мӯй ва шир истифода мебаранд.

Нисбат ба он дар гӯйиши мазкур калимаи умумистеъмоли *бъз* – буз ба кор бурда мешавад. Мисол: ***Бъз*** *да шахъ лула мачаспаwъ хъд-ъш-а сер мекъна;* ***Бъзи*** *зарди амъкъмъно қайт бъдаст, ай дасти ами да аѓел банд-ъш кардан* (Кл.). *Ба кудакойи майда зъйотар шири* ***бъз*** *медйан, ки шири меш кудак-а мегирона; Мъмом гушти* ***бъз*** *намехъра, ки бод дора* (Дт.).

Дар ФТЗТ калимаи мазкур чунин тафсир ёфтааст: «Ҳайвони ҷуфтсуми алафхури хонагӣ аз ҷинси гӯсфанд, ки дорои шох, риши дароз ва думи кутоҳ аст ва барои гӯшт, пашм ва шир парвариш мекунанд; *бузи кӯҳӣ* – як зоти бузи шабеҳи оҳу, ки дар кӯҳҳои Тоҷикистон мавҷуд аст» [2.194, с. 242].

Гунаҳои мухталифи вожаи мазкур бо дарназдошти баъзе хусусиятҳои савтӣ дар забонҳои шарқии эронӣ, бахусус, забонҳои бадахшонӣ: ***vez*** (ишк.), *vaz* (шуғ., рӯш., язғ.) ва *tuɣ* (вахонӣ) [1.144, с.72] ва *vuz* дар забони яғнобӣ [1. 41, с. 24] дида мешавад. Дар таҳқиқи Г. Ниматов калимаи номбаршуда дар забони яғнобӣ номи умумии ҳайвони хурд аст [1.55, с. 24].

Ин нукта ҳам муҳим ба назар мерасад, ки дар лаҳҷаи Ғорон ҷиҳати ифодаи *бузи кӯҳӣ* воҳидҳои луғавии *ҷондор, сайд, нахчир* дар муомилот аст. Дар ташхиси синни ин гуна чорпоёни нар ҳалқаҳои шохи онҳо кумак мекунанд. Агар ҳалқаҳои шох муайян кунад, ки бузи нари кӯҳӣ 6-сола аст, пас онро *ҷъwона* ном мебаранд. Ҳарчанд дар забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ вожаи *ранг* барои ифода анвои чорво нест, аммо дар гӯйиши Ғорон дар баробари ин маънои маъмулӣ ба маънои *бузи кӯҳӣ* низ мустаъмал аст. Мисол: *Аъмъки Иқбол да Къзумчъшма йак* ***ҷъwона*** *дидаст; Пешо да сари дари палаwоно шохойи* ***ранг*** *мемондан* (Гч.).

Калимаи *нахчир* дар гӯйиши Ғорон нисбат ба бузи кӯҳӣ ба кор рафта, доираи истифодааш назар ба воҳидҳои луғавии *ҷондор* ва *сайд* васеътар мебошад.

Боиси зикр аст, ки дар фолклори мардуми Бадахшон ба ин навъи ҳайвон таваҷҷуҳи махсус дошта, нисбат ба он эҳтиром мегузоранд. Муҳаққиқ Н. Қурбонхонова дар ин хусус андешаи худро чунин баён намудааст: «... дар фолклор ва фарҳанги мардуми Бадахшон *нахчир* низ мавриди таваҷҷуҳи хос қарор гирифтааст. Ин ҳайвони ёбоӣ дорои даст ва пойи баланди борик ва чашмони зебо аст ва дар давидан маъруф мебошад. Нахчирон дар кӯҳу дашт гала-гала шуда ҳаракат мекунанд, аз гиёҳҳои саҳроӣ мехуранд ва онҳоро барои гӯшту пӯсташ шикор мекунанд. Дар Бадахшон барои арҷгузорӣ ва эҳтиром нисбат ба ин ҳайвон номашро кам ба забон мегирифтан. Онро ба мафҳуми умумии «ҷонвар» ё «ҷондор» ёд мекунанд. Дар деҳоти болооби Бартанг нахчирро танҳо «сафед» ва мешро «тор» (сиёҳ) ном мебаранд» [1. 30, с. 57-58]. Инчунин, муҳаққиқ оид ба истифодаи гӯшт ва муқаддас будани ин навъи ҳайвон дар байни мардуми Бадахшон чунин қайд мекунад: «Дар Бадахшон роиҷ аст, ки инсон бояд соле як бор гӯшти нахчирро хурад, то ки ҷисмаш аз гуноҳ пок шавад. Ҳамин бовар буд, ки агар сайёд аз шикор бо сайди нахчир меомад, тамоми аҳли деҳа омада, аз ӯ барои худ пораи гӯшт мебурданд. Азбаски одамон ин ҳайвонро муқаддас меҳисобанд, устухони онро ҷамъ карда, ба дарё мепартофтанд ва агар дарё наздик набошад, онро болои бом, гӯё тозатарин ҷой аст, мепартофтанд. Ба саг додани гӯшту устухони нахчирро гуноҳи азим ҳисоб мекарданд» [1. 30, с. 61].

Муҳаққиқ С. Раҳматуллозода оид ба истифодаи вожаҳои мазкур дар дигар шеваҳо чунин қайд кардааст: «Ибораи мазкур дар дигар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ низ бо вожаи *сайд* ифода карда мешавад» [1. 61, с.150]. Дар гӯйиши мазкур вожаи *сайд* ҳам мафҳуми умумӣ (бузу гӯсфанди кӯҳӣ) ва ҳам мафҳуми ҳайвони кӯҳии шикоршаванда ва шикоршударо ифода мекунад.

Вожаи *чапъш* барои ифодаи бузи то сесолаи модаи кӯҳӣ ва ҳам хонагӣ истифода шуда, аз сесола боло бошад, бо калимаи *бъз* баён мегардад.

Номи умумии буз тавассути калимаи *бъзина* – бузҳо баён мешавад, ки ба номи умумии гӯсфандон монандӣ дорад. Мисол: *Awал моли* ***бъзина-ра*** *wреш бъкнетъ, ки бъзо лаг рафтан;* ***Бъзина*** *ай мешина ҷъдо шъду рост* ба *Howи Шехалӣ баромадан* (Қз.). *Моли* ***бъзина-ра*** *ҷъдо кънет, ки имруз занъкойи wрешгар мъйойан; Ага* ***бъзина*** *боша шъг ам мехъра, неки мешина намеша* (Бр.).

Бо ҳамин метавон гуфт, ки номи умумии мансуб ба бузҳо ба номи умумии мансуб ба гӯсфандон шабоҳати калон доранд ва аз гурӯҳҳои гуногуни вожагонӣ иборатанд.

1.3.2.1. Калимаҳои ифодакунандаи синну соли ва ҷинсият буз

Калимаю истилоҳоти марбут ба синну соли ҳайвонот яке аз қабатҳои муҳим дар таҳқиқи соҳаи чорводорӣ ба шумор меравад.

Таҳқиқ гувоҳи он аст, ки барои нишон додани аломатҳои синну соли гӯсфандону бузҳо ва номҳои умумии марбут ба онҳо дар лаҳҷаи Ғорон калимаю истилоҳот мусовӣ истифода мешаванд.

Дар гӯйиши ғоронӣ вожаи *бъча* барои бузғолаи то дусола маъмул аст.

Тавре ки маълум аст, ҷинсияти грамматикӣ дар забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои забонамон мавҷуд нест, аммо ҷинсияти луғавӣ дида мешавад, ки бо калимаю ибораҳои ифода мегардад. Барои нишон додани ҷинсияти бузғола калимаи алоҳида вуҷуд надорад. Ин аст, ки онро бо ибора ифода мекунанд: *бъчайи нар* – бузғолаи нар, *бъчайи мода* – бузғолаи мода. Мисол: *Имсол Бъчойи* ***мода*** *назар ба бъчойи нар зъйотар шъдан: Бъзи бур арсол* ***бъчайи мода*** *мекъна* (Хх.). *Бъзи зард имсола ам бъчайи нар кардаст, магам бъча-ъш-а ба бъчайи мода олиш бъкънем;* ***Бъчойи нар-а*** *йахта бъкънем, ки то айлоқрawӣ съйат бъша* (Гч.).

Ҳамин тавр, ибораи *бъчайи нawшъдагӣ* нисбат ба бузаки нав зодашуда ва ибораи *бъзи зойдагӣ* дар муддати ду моҳ нисбат ба бузе гуфта мешавад, ки бича зоидааст. Калимаи *тарък* то як моҳ ба бузғолае гуфта мешавад, ки навакак зоида шудааст. Масалан: ***Бъчайи нawшъдагӣ*** *ай тайи каҷowa набаройа.*

Бъчайи тарък *ҷъйа-ъш-а нememака* (Дт.). *Ба* ***бъзи зойдагӣ*** *owи хънък надъет, ки шир намекъна;* ***Бъзи зойдагӣ*** *парwойи бъча-ъш надора* (Сист).

Синни бузҳо то яксолагӣ ба таври зер аст:

1. Синни бузғолаҳо то якмоҳагӣ: *бъчайи динагӣ* – яъне бузичае, ки дирӯзакак зойида шудааст, *бъчайи парерина//парeруза* – бузғолае, ки ду-се рӯз пеш зойида шудааст, *бъчайи нуруза* – раҷами нуҳ гувоҳи он аст, ки бузғола нуҳрӯза аст ва ғайра.

2. Аз рӯйи моҳ низ синни бузҳо баён карда мешавад. Ба ин тартиб, аз якмоҳа то чормоҳа: *бъчайи дъмо(ҳ)а* – бузғолаи думоҳа**,** *бъчайи семо(ҳ)а* – бузғолаи семоҳа.

3. Ҳисоби синни бузғола аз рӯйи фасли зойиданаш, аз чормоҳагӣ то яксола шудани онро фаро мегирад: *бъчайи борӣ* – бузғолае, ки баҳор зойда шудааст, *бъчайи тоwъстона* – бузғолае, ки тобистон зойида шудааст, *бъчайи тирамойӣ* – бузғолае, ки тирамоҳ зойида шудааст.

Барои муайян намудани синну соли бузи мода вожаҳои *чапъш* (аз 2 то 3-сола, яъне бузе, ки бори аввал насл медиҳад), *бъз* (аз 3-сола боло) кор фармуда мешаванд: ***Чапъши*** *зард да ли (коҳе, ки дар болои бом тал мезананд, ғарам) паридастъ мо мешурем-ъш;* ***Чапъш*** *имсол бъча мекъна* (Сб.). ***Бъз*** *назар ба меш да чаро чақонтар меша; Ай* ***бъз*** *карда, ба гъмон-ъм меш нига бъкънӣ, сабъктар-ът меғалта* (Дх.). Вожаи ***чапъш*** дар гӯйиши тоҷикони Вахон дар шакли **čəpəš** истеъмол мешавад [1.144, с.74].

Калимаҳои *нарбъча, нарбъз* нисбат ба бузҳои нари ахташуда ва калимаҳои *такка* ва *шъг* бошад, нисбат ба бузҳои ноахта, истеъмол мешаванд. Калимаи *нарбъча* барои ифодаи нарбузи 2-3-сола, калимаи *нарбъз* барои ифода нарбузи аз 3-сола боло истифода мегардад. Мисол: *Йак* ***нарбъча*** *да пъшти боғи амъки Ръстам мечара; Мъ ба туйи бачайи бъбом Айомбек йак* ***нарбъз*** *мебаръм* (Гч.). Вожаи *така* нисбат ба бузи ноахта кор фармуда мешавад. Нисбат ба нарбузи ноахта, чунин гуфтан мумкин аст, ки бузи ахтанашудаи рама аст, ки пешсафи рама истода, бузу гӯсфандонро аз ақиби худ мебарад. Ин гуна нарбуз бо

ибораҳои *такайи пеши мол* ва *такайи сари мол* ифода мешаванд. Дар шеваҳои дигар низ барои ифодаи чунин бузҳо вожа ва таркибҳои фарқкунанда вуҷуд дорад, ки дар таҳқиқи муҳаққиқон оварда шудаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқ М. Рӯзиев оид ба мавҷудияти ин гуна таркибҳо дар лаҳҷаи Варзоб чунин қайд кардааст: «Нисбат ба нарбузи калони ахтакардашуда, ки пешопеши рама мегардад ва рамаро раҳнамоӣ карда, аз паси худ мебарад, таркибҳои *серки пеши мол, серки сари мол, серки пешкаш* истифода бурда мешавад» [1.70, с. 37].

Барои ифодаи бузи нар аз рӯйи аломати ахтакарда вожаи алоҳида истифода намешавад, аммо худи мафҳуми ахта бо ибораи *бъчайи йахтакарда/-ги́* ва ибораи *бъзи нойахта* барои ифодаи бузи наре, ки ахта нашудааст маъмул аст: ***Бъчайи йахтакардаги-ра*** *ай аѓел набарорет, ки да куча назанан-ъш;* ***Бъзи нойахта*** *да мол бъзо-ра чаридан наземона* (Дт.). *Мардъм ай дасти бъзойи* ***нойахта*** *ба дод омадан, ки ай мол ҷъдо бъкънанъшон* (Вз.).

Дар ин гӯйиш калимаи *шъг* ба унвони муродифи калимаи *така* барои ифодаи нарбузи ахтанашуда аст. Ибораи *шъг рафтан* маънои «ҷуфтшавӣ»-ро мефаҳмонад: ***Шъг-а*** *шаw ай байни бъзойи зойидаги́ ҷъдо бъкънет, ки бъзо-ра* ***шъг мера****; Wахти* ***шъграwи́*** *ба бъзо нъмък нандозет, ки бъча мепартоwан* (Гч.). *Ба гъмонъм шъгойи андаробъйо зъмистон ама-ъш мърдан, ки ай Сниб* ***шъг*** *бърдан; Бъзо ага* ***шъг наран*** *имсол қъсир мемонан* (Дх.).

Ба ҳамин маъно, дар лаҳҷаи Варзоб феъли таркибии *уш//ушин рафтан* ба кор бурда мешавад [1.70, с. 36].

1.3.2.2. Вожаҳои марбут ба рангу намуд ва хусусияти бадани буз

Миқдори зиёди номгӯйи хоси буз вожагони марбут ба гуногунрангии ранги мӯйинаи чорворо дар бар мегиранд. Қайд кардан бамврид аст, ки чунин тарзи номгузорӣ, дар аксар маврид аз номгӯйи гӯсфанд тафовут дорад.

Нисбат ба ранги ягона ва умумӣ номгӯйи рангҳое, ки баён намудем, ба кор меравад: *съфе(д)* – сафед, *съйа* – сиёҳ, *зард* – зард, *бур* – бур ва ғайра. Бояд тазаккур дод, ки барои фарқ намудани номгӯйи умумии буз ба мисли гӯсфанд калимаи *ала* маъмул аст**.** Мисол дар ҷумла: *бъзи зардала* – ишора ба бузе, ки

дорои ранги зардча дорад, *бурала* – ишора ба ин аст, ки буз ранги бур дорад, *съйаала* – ранги буз омехта аст. Мисол: *Амъки Қъwатък бъзи* ***зардалаш-а*** *фърухт*; *Бъзи* ***бурала*** *а йодмон набароййа, ки шаw да дар бъмона* (Дх.). *Нарбъчайи* ***съйа(а)лайи*** *амъкъмъно-ра гърг хърдастъ нубатдор хабар нашъдаст; Апаи Хъшнамо нарбъзи* ***бурала-ъш-а*** *ба апаи Усник туйона бърд* (Гч.).

Инчунин, барои ифодаи ранги пӯст, мӯй (бузмӯй) ва дигар аъзои бадани ҳайвоноти хонагӣ вожагони муайянкунанда бо унсурҳои луғавӣ ба кор бурда мешаванд, ки дар ин ҳолат вазифаи ҳиссаи ифодакунандаро пасванди *-фом* ва муродифи он унсури калимавии *ранг* ба ҷо меорад. Масалан: *зардфом, сиёҳфом, сурхфом* ва ғ.

Дар гӯйиши мазкур барои ифодаи ранги пӯст ва мӯйи одамон низ вожагони муайянкунанда тавассути калимаи *ранг* ифода шуда, ҷиҳати муайян намудани ранги асосӣ истифода мешавад. Ин вожа дар ҳолати паст ва ноаён будани ранг ба кор рафта, ҳамчун унсури ёвар дар таркиби рангҳои асосӣ меояд: *зардранг, съфе(д)ранг, бурранг, кабутранг, съйаранг***.**

Бояд зикр намуд, ки вожаи *ранг* ҳамчун муродифи унсури *-фом* дар забони адабии тоҷикӣ мавқеи намоён дорад.

Як қатор калимаҳо барои ифодаи гуногунрангӣ ё бархе аломатҳои аъзои бадани буз мушоҳида мешаванд, ки онҳо дар тафовут барои номгузории гӯсфандон ба кор бурда намешаванд. Чунки, аксаран, ба ҳам мувофиқ набудани онҳо мутобиқи хосиятҳояшон дида мешавад. Ин ба он маънӣ аст, ки агар гӯсфандон дар рӯяшон 2 хатти рост дошта бошанд, бузҳо онро надоранд.

Номгӯйи фарқкунандаи ин навъи ҳайвон аз рӯйи аломатҳои асосии узвҳои ҷудогона тавассути калимасозӣ сохта мешавад, ки онҳо аз рӯйи ифода тафовут мекунанд. Ин гуна вожаҳо аз ҷиҳати сохт вожаҳои мураккаб мебошанд: *съйасар* – қолиби сифату исм: бузе, ки тори сараш сиёҳ аст, *зар(д)сар* – қолиби сифату исм: бузе, ки мӯйи тори сараш зард аст, *холгуш* – қолиби исму исм: бузе, ки дар гӯшҳояш холҳои хурд дорад, *съфепъшт, зардпъшт* – бузғола ё бузе, ки

дар пушташ дорои нақши сафед (зард) аст, *бурпъшт* – бузғола ё бузе, ки нақши бур дар пушташ дорад ва ғ.

Гурӯҳи номгузорӣ бо воситаҳои наҳвӣ сохта мешаванд: *съфеқамар* – дорои хатти сафед аз паҳлу, *зардқамар* – ранги зард бо нақши сафед аз паҳлу, *съфеи холгуш* – бузи сафед, ки дар гӯшҳояш хол дорад, ки калимаи *буз* ҳамчун унсури асосӣ бо ин вожаҳо ҳамроҳ меояд. Масалан: ***Бъзи съфеқамар*** *чан(д руз шъд, ки да шах банд задаст; Бъзи* ***съфеқамари*** *амсойа да нубати мо гум шъдаст* (Дх.). ***Бъзи зардқамар*** *шир-ъш ай дъга бъзо фарқ мекъна; Бъзи* ***зардқамар-а*** *wреш мекънем, ки бъзму-ъш дъроз шъдаст* (Хғ.). *Бъзи* ***съфеи холгуш*** *дъ сол шъд, ки бъчаи мода мекъна; Бъзи* ***съфеи холгуш*** *wахти духтан шир-ъш-а нағз намехамбона, магам дъборадуш бъкънет-ъш* (Гч.).

Вобаста ба маъно, ном гузоштани бузҳо аз рӯйи аломатҳои аъзои бадан аз ҳамдигар тафовут дорад:

1**) вожагони ифодакунандаи намуд ва ранги гӯш:** *съмохгуш* – буз ё бузғолае, гӯшҳояш ҳамчун нишон сӯрох карда шудаанд, *ҷърғотгуш* – буз ё бузғолае, ки гӯшҳояш ба монанди ҷурғот сафед аст;

2) калимаҳое, ки ранги сарро ифода мекунанд: *съйасар* – бузғола ё бузе, ки дар сараш нақши сиёҳ дорад, *зардсар* – бузғола ё бузе, ки дар сараш нақши зард дорад, *матowсар* – бузғола ё бузе, ки дар сараш нақши сафеди шабеҳи маҳтоб дорад. Мисол: *Бъзи* ***съйа*** *бъча-ъш мърдъ дъга духтан намонд. Бъзи* ***съйа*** *ай* ***бъзи зард*** *дъсола калон, ага ба ягон бъзи йоштар олишъш бъкънем, меша; Бъзи* ***зардсар*** *да пъшта фақат тоқа мечара* (Қд.). *Бъчаи бъзи* ***матowсар*** *бъзи зард-а мемакона; Бъзи* ***матowсар*** *пистон-ъш wарам кардаст, ай дасти ами духтан наземона* (Шб.);

3) калимаҳое, ки барои ифодаи ранги шикам ва пушт истифода мешаванд: *гълпъшт* – бузе, ки шикаму пушташ гул дорад, *қамар* – бузе, ки дар канори шикамаш ранги сафед аст, *зардқамар* – бузи дорои хатти зард дар шикамаш**);**

4) калимаҳое мавҷуданд, ки бо онҳо ранги бархе узвҳо муайян карда мешавад: *алапоча* – бузғолае, ё бузе, ки пойҳояш сиёҳу сафед аст, *съфепо* – сафедпо, *съфепок* – сафедпоак//сафедпояк ва ғ.

Дар гӯйиши мазкур дар таркиби калимаҳои ба монанди *съфепок* (сафедпоак// сафедпояк) овози *-к* мафҳуми хурдиву навозишро ифода карда, пасванди ифодакунандаи хурдию навозиши *-ек* дар шакли ихтисора ба кор бурда шудааст, ки гунаи адабии он *-ак (-як)* мебошад.

Ҳолатҳое мавҷуданд, ки дар мавзеъҳои гуногуни бадани бузҳо нақшҳои гуногун аст, яъне дар ҳамон шакл таваллуд шудаанд ва мардум онҳоро бо ҳамон рангашон ном мегузоранд: *Towапъшт* – бузе, ки пушташ дорои нақши тобамонанд аст, *гълпъшт* – бузе, ки ягон намуд нақш дар пушташ дорад: *Мъ наw дидъм, ки бъзи* ***towапъшт*** *йаклоха бъдаст; Да байни мол бъзи* ***towапъшт*** *тез ба чъшм мераса*; *Бъзи* ***гълпъшт*** *қоқ кардаст, ки бъча-ъш-а дъга макидан наземона* (Гч.).

Бояд зикр намуд, ки дар гӯйиши Ғорон ибораҳои ифодакунандаи номҳо бо воситаи ҷузъҳои *хол, ала, қамар* мувофиқи номи рангҳо сохта мешаванд.

Ҳамзамон, чунин тарзи ифодаи рангҳо маъноҳои зиёдро дар бар гирифта метавонанд. Як калима метавонад се ё чор аломати ранги бузро нишон диҳад: *зардала* – бузе, ки хатти зард аз паҳлу дорад, бузе, ки дорои ранги зарди алотоб аст, *бурқамар* – бузи бур дорои нақш аз паҳлу, бузе, ки аз ду паҳлу ранги бур дорад.

Аз мисолҳои болозикр ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки бо ёрии ду ранг – ранги бадан ва тобиши аз ҳама намоёни дохили ранг, ки фарқ дорад, муайян мешавад. Аз ҷумла, дар номгӯйи *зардқамар* ҷузъи *қамар* гувоҳи он аст, ки буз ё бузғолаи зард дорои нишони сафед аз паҳлуи шикамаш мебошад: *Бъзи* ***зардқамар-а,*** *ки wреш кардет, бъзмуйи съфе-ъш-а алойда бъкънет; Ай чъшми бъчайи бъзи* ***зардқамар*** *ow мера* (Бр.). *Бъчайи бъзи* ***зардқамар*** *бъзи съфе-ра мемака; Нарбъзи* ***зардқамар*** *қайт бъдаст* (Қз.).

Номҳои ифодакунандаи хусусияти табиии ин навъи чорвои хурд хусусияти асосии ягон узви онҳоро (аз рӯйи аломатҳои модарзодӣ) дар бар мегиранд. Қисми зиёди чунин калимаҳо барои гӯсфанд ва бузҳо умумӣ буда, ба ин қатор бештар номҳое тааллуқ доранд, ки ягон аъзои бадани онҳо дорои нуқсон аст. Нуқс дар сум бошад, бо калимаҳои содаю мураккаби *каҷпо, чълоқ, баромадагипо, бешълчък* ифода меёбад. Ин калимаҳо, асосан, дар таркиби ибораҳо дида мешаванд: *бъзи чълоқ* – бузе, ки сумҳояш тағйир ёфтаанд, *бъчайи бешълчък* – бузғолае, дорои нуқси модарзодӣ мебошад ва ғайра кор фармуда мешаванд.

Номгӯйи дигар вобаста ба ифодаи аломатҳои модарзодӣ аз номи гӯсфандон тафовут дошта, онҳоро ба таври зер гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

1.3.2.2.1. Калимаҳои ифодакунандаи номи бузҳо, ки хусусияти алоҳидаи баданро дар бар намегиранд

Ба ғайр аз вожаҳои умумии ифодакунандаи хусусияти хос барои бузу гӯсфандон (паст, фарбеҳ) вожаҳои дигар низ кор фармуда мешаванд. Ин номҳо бо калимаҳои *пъқ/пъқък* –қадпаст, *сағридор* – фарбеҳи камҳаракат, *палағда* – хароби беҳаракат. Вожаи *palaɣda* баромади суғдӣ дошта, дар забони вахонӣ низ ба ҳамин маъно дар шакли *pəlɣəta* истифода мешавад [1.144, с. 83]. Мисол: *Бъчайи бъзи зард* ***пъқък*** *шъдаст; Бъчайи тарък бъсйо* ***палағда*** *шъдаст, дъга ҷъйа-ъш-а надушет; Нарбъзи калон* ***сағридор*** *бъдаст, магам ба туйи Наҷиб бъмонем-ъш* (Дх.).

Ин навъи ҳайвон вобаста ба мавҷуд будан ё набудани шохҳояшон низ номгузорӣ шуда, ҳамзамон, ин хусусияти номгузории бузҳо дар фарқият аз номгузории гӯсфандон тафовут дорад. Агар гӯсфандон вобаста ба мавҷудияти шохҳо бо ибораҳои *меши шохин, нъземи шохин, нарбарайи шохин* ва вожаи *шохинък* номгузорӣ шаванд, аммо бузҳо баръакс, аз рӯйи ин хусусияти фарққунандаашон бо вожаи *кал* номгузорӣ мешаванд.

Воқеан, ҳам ин аломати номгузорӣ танҳо хоси бузҳо буда, нисбат ба дигар навъи ҳайвоноти хонагӣ мушоҳида намешавад ва тавассути ибораҳои *бъзи кал* –

бузи бешох, *бъчайи калък* – бузғолаи бешох. Масалан: ***Бъзи кал*** *ай бъзойи чукшох метарса;* ***Бъчайи калък*** *бъзи зарда мемака* (Сист). ***Нарбъзи кал*** *да байни бъзина фарқ мекъна****;*** ***Нарбъчайи кал*** *да боғи амъки Пойнда даромадаст* (Кл.).

Бузҳо аз рӯйи намуди шох, аслан, тавассути вожаҳои мураккабсохт номгузорӣ шуда, дар таркиби номҳо вожаи *шох* бо сифатҳои муайянкунандаи намуди он омада, номи алоҳидаро ифода мекунад: *чангшох* – бузе, ки дорои шоххои чангу хамида аст, *чукшох* – бузе, ки дорои шоххои дарози рости нугтез аст, *чапаршох* – бузе, ки шоххояш шабеҳи чапар – абзоре, ки барои ҳамвор кардани шудгор ба кор меравад, *ҷондоршох* – бузе, ки дорои шоххои дарози шабеҳи шоххои ҷондор «архар, гӯсфанди кӯҳӣ», аст). Ҳамзамон, тавассути мисолҳои зер истифода вожаҳои мазкурро дар гӯйиш муайян кардан мумкин аст. Мисол: *Нарбъзи* ***чангшох*** *шохойи базеб дора; Бъзи* ***чапаршох*** *намедон-ъм чъба, ки дъ руз шъд, меланга* (Анд.). *Нарбъчайи* ***ҷондоршох*** *да нубати амъки Алибахш ба моли систъйо алалаш шуд; Кудако ай бъзи* ***чукшох*** *метарсан, ай дасти ами ка дохтан намеран* (Дт.).

Боиси тазаккур аст, ки ҷиҳати нишон додани сифати гӯшҳо калимаҳои махсус истифода мешавад. Агар буз ва гӯсфанд гӯши кутоҳ дошта бошад, вожаи содаи *қър* ва агар гӯшҳои онҳо калону кашол бошад калимаи *лапагуш* истифода мешавад. Мисол: *Меши* ***қър*** *дар нубати амъки Қодир ланг шъдаст*; *Нарбарайи* ***лапагуш*** *дина дар ағели амсойа бъдаст; Бъзи* ***лапагуш*** *гушо-ъш дърозе, ки қариб ба зъмин бърасан* (Кл.).

Ҳамчунин, сифати зоҳирии гӯши бузҳо бо калимаи *чапгуш* – он бузе, ки гушаш чаппа аст**,** *доғгуш* – буз бо гӯшҳои холҳо, *смохгуш* – гӯшсӯрох. Масалан: *Бъчайи бъзи* ***чапгуш*** *бъзи доғгуш-а мемака; Бъзи* ***чапгуш*** *ба wъреш шъдаст. Нарбъзи* ***доғгуш*** *да шахи Ҷари Дъроз паридаст* (Кл.). *Бъзи* ***доғгуш*** *да тески бъчо банд задаст; Нарбъчайи* ***смохгуш*** *бъзойи қъсир-а руз намедъйа; Бъзи* ***смохгуш*** *ба мол хел намегира* (Сб.).

1.3.2.2.2. Калимаҳое, ки хусусияти асосӣ ва модарзодиро ифода мекунанд

Вожаҳое, ки барои ифодаи хусусият ва аломати асосии бадани ин навъи ҳайвони хонагӣ, истифода мешаванд, онҳо аз ду ҳисса иборатанд. Ҷузъҳои таркиби ин гуна вожаҳо ранги бузмӯй ва аломати дигар узвҳои чорворо дар бар мегирад: *сӣйаи қър* – сиёҳи кутоҳгӯш, *съфейи лапагуш* – сафеди калонгӯш, *бури кал* – бури бешох, *сӣйасари кал* – сиёҳсари бешох**,** *кали кабут* – кабуди бешох**,** *кали сӣйа* – сиёҳи бешох. Мисолҳои зер гувоҳи мавҷудияти калимаҳои мазкур дар гӯйиши маврид таҳқиқ шуда метавонанд: *Бъзи* ***сӣйаи қър*** *ба моли шамбедечъйо гат шъд; Нарбъзи* ***съфейи лапагуш*** *да шах банд задаст* (Вз.). *Нарбъчайи* ***бури кал*** *да Пъръҷ ай мол ҷъдо шъдаъст; Бъчайи бъзи* ***кали сӣйа*** *қатии барawбъчайи апаи Нозигъл ба зак рафт* (Гч.). *Бъзи* ***кали кабут-ъм***, *хъмбъки пърқърут-ъм; Бъчайи бъзи* ***сӣйасар*** *бъзи* ***сӣйаи кал-а*** *мемака* (Дх.). *Бъзи* ***съфейи лапагуш*** *ай бъзи* ***съфейи кал*** *ба гъмон-ъм пештар мезойа; Бъзи* ***съфейи лапагуш*** *ай сари, ки да боғи амъкъмино ба хъд-ъш мечара* (Анд.).

Бояд таъкид намуд, ки ин намуди номгузорӣ ҷиҳати муайян кардани ду ё зиёда ҳайвоне, ки аломати якхела доранд, нақши калон дорад.

1.3.2.3. Калимаҳои марбут ба парвариши буз

Вожаву истилоҳҳои марбут ба **буз**, ки аз ҳаёти воқеии онҳо сар мезанад, дар лаҳҷаи Ғорон мушоҳида мегардад, аммо баъзе калимаҳое, мавҷуданд, ки онҳо ба буз иртиботе надоранд. Барои мисол, калимаи *қърбонӣ.*

Дар ҳаёти хоҷагидорӣ мутобиқи аломати марбут ба ахта шудан ё нашудан ва насл додани бузҳо низ як идда калима ба кор мераввад. Бузҳои ахташуда бо калимаи *йахтакарда* ва бузи ахтанашуда бо вожаи *нойахта* баён мегардад. Мутобиқ ба синну сол метавон иброз дошт, ки вожаи *нарбъча* – бузи ахташудаи ду-сесола, *нарбъз* – нарбузи сесола маъмул аст. Калимаҳои *такка* ва *шъг* низ мустаъмаланд, ки бузи ахтанашударо ифода мекунанд.

Ҳамчунин, бузи наслдиҳандаи аз ду-сесола бо вожаи *чапъш* ифода мешавад, ки вожаҳои мазкур дар боло бо мисолҳо шарҳ дода шуданд.

Бояд тазаккур дод, ки мисли гӯсфандон, бузҳо ҳам ба *гушти́* ва *шири́* ҷудо мешаванд. Бузҳоро барои гирифтани гӯшт ахта мекунанд ва ахтанокардаро бо мақсади бордоркунии модабузҳо парвариш мекунанд. Бузҳои ширирo барои ширашон нигоҳубин мекунанд. Шири буз барои кӯдакони хурди то яксола муфид аст, зеро зуд ҳазм мешавад ва ғизонокии калон дорад.

Дар водии Ғорон чун дар дигар минтақаҳои Тоҷикистон танаи бузи кушташуда дар чорабиниҳои варзишӣ ва дигар маъракаҳо бо номи *бузкаши́* ‘бузкашӣ’ истифода мешавад.

Бузҳоро низ ба мисли гӯсфандон ба истифодаи муваққатӣ ба дигар кас бо мақсади гирифтани насл медиҳанд, ки он бо таркиби *бузи нимсуд* ифода карда мешавад. Да сурати аз ду-сар зиёд вуҷуд доштани чунин бузҳо дар хоҷагӣ, онҳоро ба номи соҳиби пештарааш, номгир мекунанд. Масалан: ***Бузи апаи Хъшнамо*** (бузе, ки муваққатан ба апаи Хушнамо дода шудааст). Ҳолатҳое мешавад, ки се ё зиёдтар бузро барои истифодаи муваққатӣ медиҳанд ва ин ҳолатро аз рӯйи хусусиятҳои фарқкунандаи модарзодӣ номбар мекунанд: *Бузи* ***зарда*** *ба мъмойи Фотъма порина* ***нимсуд*** *дода бъдъм; Бузи* ***съйасари кал-а*** *ба мъмойи Нисо чан(д) сол шъд, ки* ***нимсуд*** *додъм* (Сб.). *Апаи Санамък ар сол моли мардъм-а* ***нимсуд*** *мегира; Бузи* ***съйаи лапагуш-а*** *дъга* ***нимсуд*** *намедем, ки хъдъмон ай wъ бъча надорем* (Гч.).

Азбаски бештари ҳудуди ин водиро кӯҳистон ташкил медиҳад, аз ин рӯ, сокинон бо мақсади мувофиқ будан ба шароити он, аслан, зоти бузҳои «ҷойдорӣ»-ро нигоҳубин мекунанд. Дар замони муосир, инчунин, зоти дигари ин навъи ҳайвони хонагӣ – *ангори́,* ки дорои бузмӯйи маҳин (тибит) мебошад, дар ин минтақа парвариш карда мешаванд. Аз мӯйинаи он либосҳои гуногун, ба монанди ҷӯроб, шол, болопӯш (жемпер) омода мегардад. Масъалаи мазкур дар бахши алоҳида мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Истилоҳи мазкур дар гунаи *тебът* дар ин водӣ ба кор бурда мешавад. Шарҳи маънои ин калимаро аз фарҳангномаҳои муътабар овардан мумкин аст. Аз ҷумла, Муҳаммад

Бурҳониддин онро ба маънии зер шарҳ додааст: «пашми нарме бошад, ки аз буни мӯйи буз ба шона бароваранд ва аз он шоли нафис бофанд» [2.192, с. 269].

Ҳамзамон, аз рӯйи маъно ҳамчун муродифи ин вожа калимаи *пат* оварда шудааст, ки он дар ФЗТ ва дар ФТЗТ ба таври зайл маънидод мегардад: «пат – пашми нарме, ки аз таги мӯйи ҳайвонот, аз қабили буз ва гӯспанд гирифта мешавад, тибит» [2. 194, с. 45]. «пат – 1. пашми нарме, ки аз таги мӯйи ҳайвонот, аз қабили буз ва гӯсфанд мебарояд, тибит. 2. Қабати нарми пашммонанд, ки бар рӯйи баъзе чизҳои бофта пайваста аст: пати бахмал, пати қолин. 3. аз пат бофташуда; гилеми пат» [2. 195, с. 82].

Боиси зикр аст, ки мӯйи бузи ангорӣ аз рӯйи хусусият, коркард ва сифати қили онҳо аз мӯйи бузи ҷойдорӣ тафовут доранд. Дар гуфтори намояндагони ин гӯйиш барои ифодаи *мӯйи буз* калимаи *бузму* ба кор рафта, он аз пашм ба куллӣ фарқ мекунад.

Инчунин, дар фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ» вожаи бузашм зикр ёфтааст, ки маънии он низ ҳамчун муродифи вожаҳои мазкур тафсир ёфтааст: «бузашм – пашми нармро гӯянд, ки аз буни мӯйи буз бирӯяд ва онро ба шона бароранду битобанд ва аз он шол бофанд» [2. 192, с. 175]. Ин калима дар забони адабии муосир ба кор бурда намешавад, аммо ба ҳамин маъно калимаҳои *тибиту пат* серистеъмоланд. Дар ин Фарҳангнома бо тафовути овоӣ гунаи дигари он «тибид» вомехурад, ки ҳаммаънои калимаи *тибит* мебошад [2. 192, с. 269].

Аз тавзеҳи фарҳангномаҳои зикргардида бармеояд, ки воқеан, тибит мӯйест нарм ва барои бофтани либос ба кор меравад. Ин аст, ки нигоҳ доштани ин гуна бузҳо дар рӯзгор фоидаовар мебошад.

Дар маҷмуъ, аз таҳқиқи маводи дар дасти мо маълум шуда, ки калимаву истилоҳоти соҳа чорвои хурди хонагӣ аз бахшҳои муҳимми лексикаи соҳаи чорводорӣ маҳсуб ёфта, хусусиятҳои алоҳидаи ин намуди чорво ҳам бо вожаҳои хоси гӯйиши ғоронӣ ва ҳам бо вожаҳои умумиточикӣ ифода карда мешаванд.

1.4. Вожагони марбут ба чорвои калони хонагӣ

Дар водии Ғорон қариб ҳамаи намуди ҳайвоноти хонагӣ мавҷуд аст. Бо вуҷуди ин, ба масъалаи нигоҳ доштани чорвои калони хонагӣ аҳаммияти калон медиҳанд. Дар ин ҳолат, муҳимтар аз ҳам *гов* аст, зеро дар шароити буду боши мардуми Ғорон ниёзашон ба ширу ҷурғот ва гӯшт зиёд аст. Дар радифи ин муҳиммият, гов ба унвони ҳайвони корӣ ном бурда шуда, онро дар корҳои саҳроии ҷуфт, хирманкӯбӣ, ҷувозкашӣ ва ғ. истифода мекунанд.

Луғоти соҳаи мазкур аз ҳисоби парвариш ва истифодаи чорвои калон дар таркиби луғавии гӯйиши ғоронӣ фаровон аст.

Вожагоне, ки мафҳуми чорвои шохдори калонро дар бар мегирад, аз ҷиҳати сохт ва маъно аз номҳои чорвои хурд фарқ мекунад. Пеш аз ҳама, аз рӯйи тарзи нигоҳубин ва таъиноти онҳо дар корҳои хоҷагӣ, инчунин, дар фарқият аз номгузории бузу гӯсфанд, бештар номгузории ин намуди чорво тавассути калимаҳои сода ифода меёбад.

1.4.1. Калимаҳои ифодакунандаи номи умумии чорвои калони шохдор

Дар гӯйиши Ғорон калимаю истилоҳоте мустаъмал аст, ки номи умумии ҳайвони калонро ифода мекунад. Ин гуна истилоҳ калимаи ***гов*** **‘**гов**’** ва ибораи *моли калон* мебошад.

Ҳангоми мушаххас шудани хусусиёти гов аз рӯйи ҷинсу ранг ва ғ. метавонад чун вожаи ифодакунандаи маънои ҷузъ истифода шавад: *Амъки Иқбол дъ* ***гowи нар*** *дора;* ***Гowи калон*** *ба назар-ъм ганҷ хамбондаст* (Сб). *Ага ай йагон кас* ***барзагow*** *найowем зъмин бе қълба мемонан;* ***Модагow*** *wарам кардастъ дъқърса мепахса* (Кл.).

Вобаста ба шароити водии Ғорон мардум аз чорвои калон – говро бештар парвариш мекунанд, чунки нигоҳубини шутур, асп ва қутос дар ин водӣ душвор мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, бо дарназардошти дастрас набудани маводи зарурӣ доир ба вожагони марбут ба қутосу шутур, дар фасли мазкур вожаҳои марбут ба гов ва аспу хар мавриди таҳлил қарор дода шуданд.

Бояд тазаккур дод, ки ба ғайр аз гов ва хук, ба қатори ҳайвони калони шохдор дигар ҳайвоноти дар муҳити кӯҳистон зиндагоникунанда, аз қабили аспу хар, хашгов ба он шомил аст.

Калимаи *гов* дар «Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ» ба чунин маънӣ омадааст: «*гов* – 1. чорпои шоху сумдори ширдеҳи маъруф, гав; 2. қадаҳ, суроҳӣ, ҷом, зарфи шароб, ки ба шакли гов сохта шудааст; 3. маҷ. паҳлавон, мубориз, далер; 4. *маҷ.* бузург, калон, муътабар; 5. *маҷ.* нодон, аблаҳ, аҳмақ» [2. 195, с. 340].

Дар гӯйиши мазкур низ вожаи *гов* ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам ба маънои маҷозӣ истифода шуда, чунин маъноҳоро ифода мекунад.

Муҳаққиқ М. Рузиев оид ба истифодаи вожаи *гов* дар шеваву лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ва забонҳои шарқии эронӣ чунин қайд намудааст: «Дар баъзе лаҳҷаҳои тоҷикӣ ва забонҳои шарқии бо тафовутҳои овозӣ дар шаклҳои *гав* дар Самарқанду Бухоро, *гов* дар шеваи ҷанубӣ, *γow* дар забони яғнобӣ ва *гow* дар лаҳҷаи Ғорон мушоҳида гардида, дар лаҳҷаи Варзоб бе тағйирот, яъне дар шакли гов мустаъмал аст» [1. 70, с. 40].

Калимаи мазкур дар «Фарҳанги решашиносхтии забони форсӣ» чунин шарҳ дода шудааст: «*гов /gäv/***,** пистондори нешхоркунанда ва алафхур ..., ки аз пӯст, шир ва гӯшти он истифода мекунанд» [2. 200, с. 2336]. Ҳамзамон, муаллиф калимаи мазкурро дар забонҳои қадим ва муосир дар гунаҳои зер овардааст: «Форсии миёна: *gäv,* эронии бостон: *gävam***,** қиёси санскрит: *gāv* – «гов», арманӣ: *kov* – «гов», юнонӣ: *βoũs***,** лотинӣ: *bös* – «гов, олмонии куҳан: *kuo* (олмонии нав: *kuh*), англисӣ: *cow,* русӣ: *govyádo* – «каллаи гов, қиёси авастоӣ: *gav* – «гов», форсии бостон: *gav* – «гов», форсии миёнаи турфонӣ ва портӣ *g'v* [*gäw*] – «гов»; бурҷи Савр, портӣ: g'wz'dg [gäw-zädag] – «гусола», форсии миёнаи турфонӣ: *g'w'hwn* [*gäw-ähun*] «говоҳан», суғдӣ: *γ'w* – «гов», сакоӣ: *güha* – «гови нар, *gühä* – «модагов», хоразмӣ: *γ'wk* – модагов, *γ'w* – «гови нар», яғнобӣ: *γäw* – «гов», ишкошимӣ: *γu,* вахӣ: γï (gä**v**a), шуғ.: *žöw* –

«модагов», *žö-γaθ* – «пиҳин, саргини гов, сарикӯлӣ: *žew* – «модагов, язгуломӣ: *γew* – «гови нар», бахтиёрӣ: *mägä* – модагов ...» [2. 200, с. 2336].

Аз маълумоти овардашуда бармеояд, ки вожаи *гов* калимаест, ки дар тули асрҳо барои мардум хизмат карда, дар шакли мавҷуда на танҳо дар забони адабии меъёр, балки дар шеваҳо низ мустаъмал аст, ки гӯйиши Ғорон аз ин истисно нест.

Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки истеъмоли вожаи мазкур бо тағйироти овозӣ дар шеваву лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ва забонҳои яғнобиву бадахшонӣ аз вижагиҳои хоси ду гурӯҳи забонҳо – ғарбӣ ва шарқии эронӣ дарак медиҳад.

Муҳаққиқ С. Раҳматуллозода доир ба истеъмоли калимаи *гов* дар шеваву лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ андешаи худро чунин баён намудааст: «Вожаи умумиистеъмоли гов барои ҳамаи забонҳои оилаи забонҳои эронӣ умумӣ аст ва на танҳо дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ, балки барои ҳамаи тоҷикон вожаҳои *барзагов, модагов, ҷавона, ғуноҷин, гусола, пиргов, қисир, тайлоқ* умумиистеъмоланд» [1.63, с.143]. Албатта, фарқияти истеъмоли ин калимаҳо бо вижагиҳои савтии худ дар шеваву лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ мушоҳида мешавад.

Дар гӯйиши Ғорон чун дар забони адабӣ барои ифодаи ҷамъи ҳайвони калон (гов) вожаи умумитоҷикии *пода* ба кор бурда мешавад: *Товъстон* ***пода*** *ба пъшта, ки рафт дъга роат мекъна;* ***Пода-ра*** *дур набарет, ки wега дер мъйойан* (Сб.). *Акаи Назримад* ***пода-ра*** *ба Къзъмчъшма бурд;* ***Пода*** *ага howахт бъхамба кишт-а ҷазир мекъна* (Гч.).

Вожаи *пода* галаи гову гӯсфанду буз аст ва дар минтақаҳое, ки дар он ҷойҳо ин навъи ҳайвонот зиёд аст, ташкил карда мешавад. Бар ҳамин маънӣ дар ФТЗТ шарҳ ёфтааст [2.195, с. 432].

Бо роҳи морфологӣ тавассути вожаи *пода* вожаҳои мураккаби *подабон, подабонӣ, подабаро* ба вуҷуд омадааст, ки маъноҳои гуногун доранд. Мафҳуми навбати подабонӣ дар ин гӯйишвора бо таркиби *нубати гоw* ифода карда мешавад. Мисол: *Имруз* ***нубати гоw*** *ай амъки Икромъ пъга ай акаи Мизроб*;

Нубати гов *и даф ай кучаи амъки Сангмамадино сар шъд* (Анд.). Вожаи ***нубат*** шакли таҳаввулёфтаи **навбат** буда, аз рӯйи мушоҳидаҳо дар дигар лаҳҷаҳои тоҷикӣ низ дар шаклҳои гуногун истеъмол мешавад.

Вожаи *пода* дар забони яғнобӣ ба монанди забони тоҷикиву узбекӣ мафҳуми «галаи ҳайвоноти гуногуни хонагӣ»-ро ифода мекунад [1.55, с. 37].

Зикр кардан бамаврид аст, ки барои ифодаи ҷамъи ҳайвони калон ибора-истилоҳи *моли калон* (ба ғайр аз ҳайвони майда) низ ба кор бурда мешавад.

Инчунин, вожаи *гов* ҳамчун ифодакунандаи маънои номи хоси умумӣ барои ҳамаи намуди омехтаи гов бо навъҳои дигари чорво дар таркибҳо меояд: *говъ мол* : 1) чорво ; 2) гов ва ҳайвони хурд; *говъ хар* – гову хар. Мисол: *Ай дасти* ***говъ мол*** *зъмино-ра бе одам мондан намеша; Айлоқбаро* ***говъ мол-а*** *ба айлоқ бърдан, ки кишт-а нахъран* (Шб.). ***Говъ хар-а*** *ай шола ба ағел бъндозет, ки шаw шъдаст; Мардъм олийо маст шъдан, ки дига да қишлоқо говъ хар нига намекънан* (Дх.).

Вобаста ба хусусият калимаҳои марбут ба говро ба гурӯҳҳои зер ҷудо кардан мумкин аст:

1.4.1.1. Вожаҳои марбут ба шохисҳои ҷинсӣ ва синнусолии гов

Дар гӯйиши Ғорон ҳайвоноти калон аз рӯйи синну сол, ҷинсият, зоту аломатҳои зоҳирӣ ва хислат номгузорӣ карда мешаванд. Ин ҳолат дар забонҳои яғнобию бадахшонӣ ва лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ низ ба мушоҳида мерасад. Ҷиҳати ифодаи гови то дусола новобаста аз ҷинсият вожаи ***гъсола*** «гусола» ба кор бурда мешавад. Истифодаи истилоҳҳо барои ифодаи синни насли навзоди чорвои шохдори калон ба монанди бузу гӯсфандон аз рӯйи ҳисоби рӯз, моҳ, фасл, умумӣ мебошад. Мисол: *гъсолаи серуза* – гусолае, ки аз рӯзи зойида шуданаш се рӯз гузаштааст, *гъсолаи якмо(ҳ)а* – гусолае, ки аз рӯзи зойида шуданаш як моҳ гузаштааст, *гъсолаи борӣ* – гусолае, ки баҳор зойида шудааст). Дар забонҳои бадахшонӣ, аз ҷумла, шуғнонию рӯшонӣ мафҳуми *гусола* бо калимаҳои *шӣг* (шуғ.), дар рӯш. *шог* ифода ёфта, инчунин, дар ҳолати ба сӯйи худ хондани гусола *шиг-шиг* (шуғ.), *шог-шог* (рӯш.) ҳангоми рондан *шаг-шаг,*

нисбат ба модагов (шуғ. жов), барзагов (шуғ. *ҳӣҷ)*, дар вақти ҷеғ задан вожаи *ис-ис***,** ҳангоми рондан *вис, вис-вис* истифода мешавад.

Мафҳуми фарқкунандаи умумӣ аз рӯйи аломатҳои биологии ҷинсӣ нисбат ба гусола низ ба монанди насли ҳайвони хурд вуҷуд надорад. Аз рӯйи аломатҳои биологӣ нисбат ба гусолаи нар ибораи *гъсолайи нар* ва нисбат ба мода *гъсолайи мода* кор фармуда мешавад. Мисол: *Гowи амсойа* ***гъсолайи мода*** *кардаст*. ***Гъсолайи нар*** *занъндък шъдаст* (Гч.).

Дар гӯйиши Ғорон нисбат ба гусола ва барраву бузғолаи то 4-моҳа вожаи *тарък* кор фармуда мешавад. Дар шеваи ҷанубӣ (Вқ.) нисбат ба гусолаи яксола вожаи *тарпича* истифода мешавад [1.63, с. 45]. Вожаи мазкур аз ҷиҳати маъно ба вожаи *тарък* наздик мебошад.

Бояд зикр намуд, ки дар гӯйиши Ғорон ва дар гӯйиши тоҷикзабонони водии Вахон низ дар мавриди нишон додани синни гусолаи яксола ё дусола вожаи *гъсола* кор фармуда мешавад: *гъсолайи яксола, гъсолайи дъсола*.

Ҷиҳати ифодаи ҷинси табиӣ ва синну соли гов дар гӯйиши Ғорон чун дигар шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ калимаҳои алоҳида истифода мешаванд. Мисол: барои ифодаи ҷинси модаи гов калимаҳои *мода, бъкл, гънаҷи́* ва барои ҷинси нар калимаҳои *нар, бъкл, ҷwона, бъқа, барзагow* кор фармуда мешавад. Гусолаи 2-сола то 3-сола бо калимаи ***бъкъл*** ифода карда мешавад. Мисол: ***Бъкъли*** *майда-ра қатии барзагowo ба пъшта бърдем, ки да та зъмино-ра руз намедъйан; Йак* ***бъкъл*** *ай гow*о *ҷъдо шъдастъ тоқа woғ мезана* (Сист).

Бояд зикр намуд, ки вожаи *бъкъл* нисбат ба барраву бузғола, гусола, инчунин, кӯдаке, ки 2-3-сола шудааст, вале ӯ ҳануз шири модар мемакад, кор фармуда мешавад. Мисол: *Апаи Гълзорек бачайи* ***бъкъл*** *доштаст, ай дасти ами ба кор намебаройа; Бачайи* ***бъкъл*** *айни қинигари-ъш, ки тоқа мондан-ъш намеша* (Гч.).

Вожаи *гънаҷи́* нисбат ба гусолаи сесола то чорсола ки ҳануз насл надодааст, ба кор бурда мешавад: ***Ғънаҷи́*** *ай тарси гowи калон ба охър наздик намеша;* ***Ғънаҷи́*** *ага гъсола бъкъна, ай ширтълаби́ халос мешем* (Кл.).

Тибқи маълумоти муҳаққиқони лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ вожаи мазкур дар лаҳҷаҳои дигар дар шаклҳои гуногун зуҳур кардааст. Агар ба таҳқиқоти донишмандон назар кунем, хоҳем дид, ки вожаҳои *ғулочин, фарҷома* мансуб ба минтақаи Фориш [1.27, с.175]; *ғънаҷин* барои гӯйиши Тагнов [1.13, с. 88] ва *ғуноҷин* ба минтақаи Варзоб [1.70, с. 40] меъёр аст, ки ин гуногунрангӣ, асосан, хусусияти савтӣ дорад.

Бояд зикр намуд, ки вожаи *ғунаҷин* (*ғънаҷи́*) дар забони яғнобӣ, лаҳҷаҳои Самарқанд ва баъзе забонҳои бадахшонӣ бо тафовути овозии вожаи *фарғумч* дар забони шуғнонӣ *farγemc,* рӯшонӣ *farγemč,* ишкошимӣ *fərγəmč,* тоҷикӣ-бадахшонӣ *fərγəmč* ба кор бурда мешавад [1. 55, с. 38].

Бояд зикр намуд, ки вожаи мазкур дар гӯйиши Ғорон роиҷ набуда, вале дар гӯйиши тоҷикони Вахон серистеъмол мебошад.

Ҷиҳати ифодаи гови модаи аз 4-сола боло вожаи *гоw* истифода мешавад. Инчунин, ҷиҳати нишон додани синну соли гов калимаҳои *калон* ва *пир* мустаъмал аст, ки хусусияти умумиистеъмолӣ доранд: *Гоwи* ***калон*** *гъсола-ъш-а сер намекъна; А бача бъдаw, ки гоwи* ***калон*** *мемака* (Кл.). *Гоwи* ***пир-а*** *имсол мекъшем, ки дандон ба ком-ъш намондаст*; *Барзагоwи* ***пир*** *дига ба қълба намеша* (Дх.).

Нисбат ба *гови нар* вобаста ба ахтакарда ё ноахта буданашон аз дусола боло аз вожаҳои алоҳида истифода мешавад.

Вожаи *ҷъwона* нисбат ба гови нари ахтакардашудаи 2-3-сола кор фармуда мешавад. Мисол: ***Ҷъwона-ра*** *шаw надохтем, саго пастана-ъш-а кандан;* ***Ҷъwонайи*** *съйа-ра имсол қълбакъно сара мекънан* (Сб.).

Вожаи *ҷувона//ҷавона* дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ба чунин маъно омадааст: «1. гови ҷавони нар, гусолаи нар, навбас; 2. муғҷа, муғҷаи дарахт» [2. 195, с. 574]. Калимаи мазкур дар бархе лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ муодилҳои гуногун дошта, аз ҷумла, дар лаҳҷаҳои Бухорову Самарқанд ва водии Зарафшон гунаҳои *ҷувона, навас//набас, ҷавона//ҷувона ва*

наваст//набаст [1. 9, с.33] ва дар лаҳҷаи Варзоб дар шакли *ҷувона//ҷавона* [1.70, с. 43] роиҷ аст.

Дар гӯйиши Ғорон вожаи *ҷъwона* нисбат ба бузи нари кӯҳии аз 3-сола боло низ ба кор бурда мешавад. Мисол: *Тағам Туймамад нақл мекард, ки йак* ***ҷъwона*** *гушти чан бъз-а медод; Палawоно дар Росто дидан, ки йак* ***ҷъwона*** *тоқа мечара; Пешо да пъшта* ***ҷъwона*** *бъсйо бъд, олъйо кам шъдаст* (Гч.).

Вожаҳои *бъқа, бъқача* нисбат ба гови нари ахтанашуда истифода мешаванд. Мисол: *Да ҷангали Делох йак* ***бъқа*** *мърдаст, неки сойиб-ъш малъм нест; Бачо* ***бъқа-ра*** *ай пода ҷъдо кардан* (Кл.). ***Бъқача*** *фарбе шъдаст, ага йагон харидор пайдо бъша, мефърушем-ъш; Амъки Чоршамбе ар сол йактайи* ***бъқача*** *мефъруша* (Шб.).

Бояд зикр намуд, ки вожаи *буқа* дар забонҳои яғнобӣ, вахонӣ ва дигар лаҳҷаҳои бадахшонӣ низ маъмул аст

Ҷадвали 2. – Ташреҳи ҷинсияти луғавии *гов* аз рӯйи синну сол

Ному ҷинси табиии гов дар забони адабии тоҷикӣ	**Ному ҷинси табиии гов дар гӯйиши Ғорон**	**Синну соли тахминии чорвои калон (гов)**
Гови мода	*гъсолаи тарък*	то 4-м оҳа
Гусола	*гъсола*	аз 4-моҳа то 1-сола
Гусолаи яксола	*гъсолаи поринаги́*, *бъкъл*	аз 1-сола то 2-сола аз 2-сола то 3-сола
Ғуноҷин	*ғънаҷи́*	аз 3-сола то 4-сола
Модагов	*модагоw*	аз 4-сола боло
Гови нари ахтанашуда	*бъқача* *бъқа*	аз 2-сола то 3-сола аз 3-сола боло
Гови нари ахташуда	*ҷъwона*	аз 3-сола боло
Барзагов	*барзагоw*	аз 4-сола боло

1.4.1.2. Калимаҳои вобаста ба шохисҳои рангу намуд ва хусусиятҳои бадани гов

Ҳар як ҳайвон дорои рангу аломатҳои зоҳирии хоси худ буда, тавассути онҳо аз ҳайвони дигар фарқ карда мешаванд. Ин хусусият дар говҳо низ ба назар мерасад, ки онҳо бо номҳои алоҳида ифода меёбанд.

Истилоҳоте, ки рангу намуди говро ифода мекунанд, онҳоро вобаста ба хусусияти ифодаи рангашон метавон ба гурӯҳҳои зер ҷудо намуд:

1.4.1.2.1. Калимаҳое, ки ранги умумии ҳайвонотро ифода мекунанд: *сӣйа* – сиёҳ, *сърх* – сурх, *съфед* – сафед, *зард* – зард, *бур – бур*: *Гови* ***сӣйа*** *ай пода ҷӣдо шӣдастъ да ҷангал рагум задаст. Гови* ***сърх*** *шири ғаwс дора*; *Гови* ***съфе*** *гӣсола-ӣш-а макидан наменона* (Анд.). *Гови* ***зард*** *ай харобӣ́ шир-ӣш тӣнӣк шӣдаст, ки гӣсола-ӣш-а сер намекӣна; Гови* ***бур*** *да кадон даромадастъ говдушо мешуран-ӣш* (Дх.).

Нисбат ба ранги умумии говҳо ҳаминро бояд қайд кард, ки қисми зиёди говҳо ранги сиёҳ доранд.

1.4.1.2.2. Гурӯҳи калимаҳое, ки нисбат ба маҷмуи рангҳо истифода мешаванд

Ба қатори ин гурӯҳ калимаҳои фарққунандаи *қашқа, ала, сӣйаала, сърхала, бурала, съфегардан, сӣйаи съфедъм, съторапешонӣ́, рахш, алапоча, холдор* ва ғайра дохил мешаванд.

Бояд зикр намуд, ки дар гӯйиши ғоронӣ чун дигар шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ говҳоро барои аз ҳамдигар фарқ кардан, вобаста ба рангашон, номгузорӣ мекунанд.

Агар говҳо як хел ранг дошта бошанд ҳам, онҳоро аз рӯйи аломатҳои зоҳириашон аз якдигар фарқ кардан мумкин аст. Масалан: *Амсойа дъ гови сӣйа калон дора, йакта-ӣш* ***сӣйаи съфедъм****, дига-ӣш* ***сӣйаи қашқа***; *Гови* ***сърхи съфедъм*** ай *гови* ***сърхи қашқа*** *серширтар бӣдаст* (Кл.).

Калимаи *қашқа* нисбат ба говҳои сиёҳе, ки пешониашон сафед аст истифода мешавад. Мисол: *Гови* ***қашқа*** *касал шъдаст*; *Тевъло гови* ***қашқа-ра*** *да даргов партофтан* (Вз.).

Калимаҳои *сйаала, сърхала* ва *бурала* нисбат ба говҳое, ки ранги сиёҳу сафед, сурху сафед ва буру сафед доранд, истифода мешаванд: *Гови* ***сйаала*** *ай дур ам метова; Акаи Икром гови* ***сйаала-ъш-а*** *ай пода ҷъдо карду да боғ-ъш дохт* (Анд.). *Гърг пастанайи гови* ***сърхала-ра*** *кандаст*; *Гови* ***бурала*** *ага харч дошта боша, то тирамо шир медъйа* (Дт.).

Калимаи *рахш* нисбат ба гове, ки ранги сурхи сафедчатоб ё сиёҳу сурх дорад, ба кор бурда мешавад: *Гови* ***рахш-а*** *надушет, ки ганҷ хамбондаст; Гови* ***рахш*** *имсол машкад бъдаст, ки то айлоқраw-а шир-ъш қоқ нашъд* (Кл.). Го*wойи* ***рахш*** *ҷасад-ъшон ай говойи дига фарқ мекъна; Гови* ***рахш*** *ага серхарч боша, шири ғawс дора* (Вз.).

Муҳаққиқи шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ С. Раҳматуллозода вожа ва ибораҳои ифодакунандаи гови рангаш сафеду сиёҳро дар минтақаҳои ҷануби кишвар чунин нишон додааст: «Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ барои ифодаи гови сафеду сиёҳ ибораи *гови мийонакол*, дар Кулоб ***гови қашқа,*** дар Ванҷу Дарвоз алабула, дар лаҳҷаҳои ғарбу шимоли Кулоб *гови рахш* маъмул аст» [1.63, с.145-146].

Вожаи *рахш* дар ФЗТ чунин шарҳ дода шудааст: «рахш 1. барқ, партав, акси нур, тобиш; 2. дуранга, омехтагии ранги сурх ва сафед ё сиёҳу сурх; 3. асп, аспи тезрав; 4. номи аспи Рустам дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ» [2.195, с.128]. Шарҳи 2-юми вожаи *рахш* аз рӯйи Фарҳанги мазкур ба гӯйиши Ғорон нисбат ба ифодаи *гови рахш* мувофиқат мекунад.

Вожаи *съторапешони́* нисбат ба гове, ки дорои холи сафеди ситорамонанд дар пешониаш мебошад, ба кор бурда мешавад: *Бъқаи* ***съторапешони́*** *бъқойи дигар-а шох мезана; Гови* ***съторапешони-ра*** *ай зъмини акаи Олим барowърдъм*; *Гъсолаи гови* ***съторапешони́*** *гови амсойа-ра мемака* (Гч.).

Вожаи *алапоча* нисбат ба гове истифода мешавад, ки пойҳояш сиёҳу сафед (малла) мебошад: *Гови* ***алапоча*** *қатии гӯйи делохъйо ба Съпъричбод рафтаст; Гови* ***алапоча*** *гъзоса-ъш-а ҷъдокъни́ намемона* (Гч.). *Гови* ***алапоча*** *ба йак қатиғ ам шир надора* (Шб.). Вожаи мазкур дар гӯйиши тоҷикони Вахон низ серистеъмол мебошад.

1.4.2. Вожаҳои ифодакунандаи дигар хусусиятҳои гов

Яке аз аломатҳои зоҳирӣ, ки говҳо аз рӯйи онҳо номгузорӣ мешаванд, ин мавҷудияти шох ва шакли онҳо мебошад. Масалан: *чангшох, йакшоха, чапаршох, чукшох, лақашох, кӣндшох* ва ғ.

Вожаи *чангшох* нисбат ба говҳое, ки нуги шохҳояшон ба пойини гӯшашон ҳамидаанд (камоншакл) истифода мешавад Масалан***:*** *Гови* ***чангшох*** *дъ сол меша, ки қъсир мемона* (Гч.)**.** *Барзагови* ***чангшох*** *дъ руз шъд, къ ай нъхшор мондаст* (Шб.).

Бояд зикр намуд, ки дар забони шуғнонӣ сифати чинг ва ҷинси занона чанг маънои «хам, камоншакл»-ро ифода мекунанд. Вожаи шуғнонии *сингхох* ва рӯшонии *сингхав* «хамшох» ба калимаи «чангшох» ҳаммаъно мебошанд.

Дар забони яғнобӣ ба ҳамин монанд калимаи **шохчунг** маълум аст, ки аз ҷиҳати маъно антоними калимаҳои мазкур мебшад.

Калима*и йакшоха* нисбат ба гове, ки як шох дорад, кор фармуда мешавад. Мисол: *Гови* ***йакшоха-ра*** *гӯйи дъга мезанан, ай дасти ами фақат да кънҷи ағел хӯв мекъна* (Дх.). *Вожаи* ***чапаршох*** нисбат ба гове, ки шохҳои калони тобдор (шабеҳи чапар) дорад, ба кор бурда мешавад: *Гови* ***чапаршох*** *гъсола-ъш-а ра намедъйа, къ бъмака; Гови* ***чапаршох*** *хароб шъдаст, ай дасти ами базур ра мегарда* (Дт.). Вожаи мазкур дар гӯйиши вахонӣ-тоҷикӣ низ дар ҳамин шакл истифода мешавад.

Ин калима дар ФГҶЗТ чунин шарҳ дода шудааст: «чапар – 1. шохмола, олоте, ки дар кӯфтани ғалладона истифода мешавад (мавриди галлаговкунӣ); 2. олоте, ки дар ҳамвор намудани замини шудгоршуда истифода мебаранд» [2. 188, с. 824].

Дар гӯйиши Ғорон вожаи мазкур серистеъмол мебошад. Инчунин, нисбат ба одаме, ки гӯшҳои калон ва паҳн дорад, кор фармуда мешавад.

Истилоҳи *чукшох* нисбат ба гове, ки шохҳояш рости тез мебошад, истифода мешавад: *Гови* ***чукшох*** *да кадони амсойа даромадастъ мо мешуремъш*; *Кудако ай гови* ***чукшох*** *метарсан, ки шохойи тез дора* (Вз.). Говҳо, инчунин, аз рӯйи намуди думашон номгузорӣ мешаванд: *гови дъроздъм* (гове, ки думи дароз дорад), ***гови кындъдъм//гови калтадъм*** (гове, ки думи кутоҳ дорад) ва ғ. Мисол: *Гови* ***дъроздъм*** *имсол зъмистон харч-ъш кам бъд, ки лоша шъдаст; Гови* ***кындъдъм*** *да къшое, ки боша ай дъмъш мешъносем-ъш* (Анд.). *Барзагови* ***дъроздъм*** *вахти қълба ай барзагови* ***кындъдъм*** *тезтар мера* (Кл.).

Бояд, зикр намуд, ки истилоҳҳои мазкур нисбат ба номгузории ҳайвоноти шохдори хурд низ истифода мешаванд. Мисол: *йакшоха* – бузе, ки як шох дорад), *кындшох* – бузе, ки шоҳҳои кутоҳи кунд дорад. Дар гӯйиши Ғорон вожаи *кал* танҳо нисбат ба бузҳое, ки шох надоранд, истифода шуда, нисбат ба гов кор фармуда намешавад.

1.4.2.1. Калимаҳои марбут ба говҳои парворӣ ва фарбеҳ

Дараҷаи фарбеҳию харобии чорвои калон чун ҳайвоноти боркаш бо калимаҳои *ҷаласт, бақъват, йалтаст* – нисбат ба фарбеҳӣ ва *лоша, лоғар, хароб* – нисбат ба харобӣ ифода карда мешавад.

Вожаҳои *йалтаст, ҷаласт* нисбат ба чорпоёне гуфта мешавад, ки бениҳоят фарбеҳанд ва аз рӯйи фарбеҳӣ гӯё медурахшад. Мисол*: Пъшти гови амъки Амирбек ай бақъвати́* ***ҷаласт*** *мекъна; Амсойа чъшм-ъш да амъ барзагови* ***бақъват*** *бъдаст, ки фақат мепърса* (Вз.). Сифатҳои ***лоша, хароб, лоғар*** ба гове гуфта мешавад, ки хароб аст: *Гови* ***лоша-ра*** *нигаҳ-ъ бин къне, зъйотар ка(ҳ) бъндозет, ки ол бъгира; Гови съйай калон имсол бъсйо* ***хароб*** *шъдаст* (Сб.). *Говойи ширӣ харч-ъш-он кам, ай дасти ами лоша шъдан; Барзагови кори́* ***лоғар*** *шъдаст, да вахти қълба қъват намекъна* (Бғ.).

1.4.2.2. Калимаҳои ифодакунандаи рафтор ва хислати чорво

Дар гӯйиши Ғорон барои ифодаи хислату хусусияти *гов* як идда калимаҳои ба чашм мехуранд. Аз ҷумла, гунаи *занъндък* нисбат ба хислати гове гуфта мешавад, ки одамонро бо шохаш мезанад. Мисол: *Гowи* ***занъндък*** *кудако-ра пеш мекъна; Ай тарси гowи* ***занъндък*** *тоқа ба ағел рафтан намеша* (Дх.). Тибқи маълумоти муҳаққиқ С. Фарҳодова гунаи истифодаи вожаи «задан» дар забонҳои шарқии эронӣ чунин аст: «... вожаи *задан* дар забони яғнобӣ бо калимаи *деҳна* ва дар забонҳои язғуломӣ *dē*; шуғнонӣ dē, *dīt*; бартангӣ *dey, det*; ишкошимӣ *dē, dēt*; вахонӣ *dē, dəyt;* мунҷонӣ *dē, də* низ маънои «задан, ҷангидан»-ро ифода мекунанд» [1. 84, с. 142]. Дар гӯйиши Ғорон низ вожаи *задан* бо калимаи *де* ифода меёбад. Мисол: *Гъсола-ра да фък-ъш йакбор* ***де*** *дига гowo-ра пасмак намезана* (Гч.). *И бача-ра якбор* ***де*** *и кор-ъш-а дига такрор намекъна* (Шб.).

Тавассути феъли мазкур бо роҳи калимасозӣ вожагони мураккаби *шохзан, лағатзан* сохта шуда, хислати чорворо ифода мекунанд. Мисол*: Кудак-о ай гowи* ***шохзан*** *метарсан, ай дасти ами гъсоло-ра намебароран; Ай дасти гowи* ***шохзан*** *ама гърезон шъдан* (Сб.). *Гowи* ***лағатзан*** *wахти духтан, фақат лағат мезана; Гowойи* ***лағатзан*** *шир-ъшон-а намехамбонан, ай дасти ами шир кам шъдаст* (Анд.). Инчунин, дар гӯйиши Ғорон чун дигар шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ барои ифодаи хислати говҳо таркибҳои *гowи ганда, гowи dewона, гowи съркън* истифода мешавад. Масалан: *Гowи қашқа* ***гowи ганда*** *бъдаст, да куча ама-ра сър мекъна* (Кл). *Кудако ба нубат қабул намекънан, ки* ***гowи dewона*** *уно-ра гуш намекъна;* ***Гowи dewона*** *йагон кас-а духтан наметона* (Гч.). *Гowи* ***съркън*** *гърди қишлоқ гowo-ра сър мекъна; Ай пеши хонаи амъки Намат гъзашт-ъм, ки гowи* ***съркън*** *dewонаwор кудако-ра сър мекъна* (Дх.).

1.4.2.3. Вожаҳои ифодакунандаи зоти гов

Вобаста ба шароити табиии ҳар минтақа зотҳои гуногуни гов нигоҳубин карда мешаванд ва онҳоро дар иртибот ба маҳалли пайдо шудаашон ном

мебаранд. Калимаву ибораҳои вобаста ба зоти говҳо дар гӯйиши Ғорон он қадар зиёд вуҷуд надорад, чунки зоти говҳо низ он қадар бисёр нест.

Нисбат ба гове, ки зоташ маҳаллӣ бошад, ба монанди зоти ҳайвоноти хурд, вожаи *ҷойдорӣ́* истифода мешавад. Говҳои *ҷойдорӣ* ба шароити ҷуғрофии водии Ғорон хеле мувофиқ мебошанд. Аз ин рӯ, зоти мазкур бештар парвариш карда мешавад. Дар баробари зоти *ҷойдорӣ* мардум ба парвариши зоти *тоҷикӣ́* низ аҳаммияти махсус дода, он дар байни аҳолӣ хеле маъмул мебошад. Инчунин, бо мақсади парвариши говҳои хушзот зоти тоҷикӣ бо говҳои шведӣ дурага карда шуда, зоти «*говӣ зотӣ*» ба вуҷуд оварда шудааст. Мисол: *Мардъми қишлоқ пешо фақат говойи* ***ҷойдорӣ́*** *нига мекардан; Говойи* ***ҷойдорӣ́*** *ба шароити куйистон тобоваран* (Сб.). *Говойи амаи Санамък* ***зотӣ́*** *бъдан, ай дасти ами серкънӣ́ намешашон; Говойи* ***зотӣ́*** *ага харч-ъшон кам боша, шир-ъшон-а намехамбонан* (Дх.).

Тибқи иттилои А. Мирбобоев, дар водии Вахон дар баробари зотҳои зикршуда, зоти *арҳып* бо роҳи дурагакунии қутос ва гов ба вуҷуд оварда шудааст. Вожаи мазкур дар забони классикии тоҷик маънои «аспи тезрафтор, аспи тезрав»-ро ифода намуда, вале дар забони вахонӣ маъноияш тағйир ёфтааст [1.144, с. 99]. Дар водии Ғорон чунин зоти асп парвариш карда намешавад.

1.4.2.4. Вожагони марбут ба шохисҳо аз рӯйи таъиноти хоҷагидорӣ

Бояд қайд намуд, ки вожагони марбут ба шохисҳои ҳайвоноти шохдори калон дар муқоиса аз номҳои ҳайвоноти хурд нисбатан зиёд мебошад. Сабаби зиёд будани истилоҳоти мазкур нисбат ба ҳайвоноти шохдори калон аз он иборат аст, ки онҳо ба ғайр аз таъмини рӯзгор бо маҳсулоти гӯшту шир, боз дар корҳои саҳроӣ васеъ кор фармуда мешаванд. Аз ин лиҳоз, вобаста ба вазифаи таъиноти хоҷагӣ ҳайвоноти шохдори калон дорои ду хусусият буда, калимаҳои марбут ба он ду гурӯҳро дар бар мегиранд:

а) калимаҳое, ки тавассути онҳо вазифаи чорво дар соҳаи мазкур тафовут дорад;

б) калимаҳои шохиси чорво марбут ба корҳои саҳроӣ.

Ба гурӯҳи аввал вожаҳое дохил мешаванд, ки хусусияти ҳайвони шохдори калон аз рӯйи маҳсулдиҳӣ тавсиф карда мешавад. Говҳо низ чун ҳайвоноти хурди хонагӣ барои истеҳсоли маҳсулоти гӯшту ширӣ *говойи гӯшти́, говойи шири́* номида мешаванд. Мисол: ***Говойи гушти́*** *да шола банд бъдан;* ***Говойи шири-ра*** *коз бъндозет, ки шир бъкънан* (Сб.).

Дар давраи собиқ Иттиҳоди Шуравӣ бо таъсири забони русӣ дар гӯйиши Ғорон дар истеҳсоли маҳсулоти гӯшту ширӣ баъзе калимаҳои русӣ пайдо шуданд, аз ҷумла, *говu закупка* (гове, ки барои гӯшт парво шудааст, гови гӯштӣ). Тибқи маълумоти муҳаққиқ С. Раҳматуллозода дар тамоми шеваҳои забони тоҷикӣ нисбат ба гови махсуси парвошуда вожаи *бурдоқӣ* кор фармуда шуда [1.65, с.149], вожаи мазкур дар гӯйиши тоҷикони Вахон дар шакли *bərdoqi* истеъмол мешавад, вале дар гӯйиши Ғорон ин вожа маъмул нест.

Говҳо, инчунин, аз рӯйи бордор будан ва наслдиҳӣ баъзе номҳои фарқкунанда доранд, ки бо калимаҳои *бъғъз, зойидаги́, машкад, қъсир* ифода мешаванд. Вожаи *бъғъз* – бордор, ҳам нисбат ба чорвои хурд ва ҳам нисбат ба чорвои шохдори калон истифода мешавад. Вожаи *зойидаги́* нисбат ба гове, ки ба қарибӣ зойидааст, кор фармуда мешавад. Мисол: *Говu* ***бъғъз-а*** *ба пъшта назанет, ки новахти́ гъсола накънан; Говu* ***зойидаги́*** *атола намехъра, ай дасти ами гъсола-ъш сер намекъна* (Анд.).

Дар гӯйиши Ғорон нисбат ба гови ширӣ, ки гусолааш калон шудаасту онро ҳануз медӯшанд, вожаи *машкад* кор фармуда мешавад: *Говu* ***машкад*** *гъсола-ъш-а анузам мемакона; Говойи* ***машкад-а*** *бавахти́ ба айлоқ бърдан* (Кл.). Ин вожа дар гӯйиши тоҷикони водии Вахон низ ба таври васеъ ба кор бурда мешавад. Ҳангоми душидани гови машкад ё гове, ки нав зойида, гусолааш мемурад, дар назди онҳо хусаи намакини гусола, намаксанг, сабус, ё орди каме таркардашуда мемонанд ва онро дар гӯйиши Ғорон ва Вахон бо вожаи *лесък* – лесак ифода мекунанд. Вожаи *лесък* аз асоси замони ҳозираи феъли *–лес* ва пасванди *-ък* **(**дар забони адабӣ *-ак*) таркиб ёфтааст.

Дар «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» вожаи *лесък* дар гӯйиши Ғорон ва Вахон ҳамчун муродифи вожаи *бувак//бувък* [2.188, с. 415] оварда шуда, чунин шарҳ дода шудааст: «бувак//бувък – (вахиёӣ-қаротегинӣ, қаротегинӣ, шимоли Кулоб) хуса, пӯсти коҳ ҷойкардашудаи гусолаи навзоди нобудшуда, ки бо мақсади ором намудани модагов назди вай мемонанд» [2.188, с.117].

Дар водии Ғорон низ дар пӯсти гусолаи навзоди нобудшуда коҳ пур мекунанд, то ки онро дар назди гов ба монанди гусолаи зинда рост монда, говро бемонеа дӯшанд ва онро *нрес* меноманд. Мисол: ***Нрес-а*** *бъйор, ки гоw шир-ъша намехамбона*; *Гоwи бегъсола бе* ***нрес*** *шир намедъйа* (Бғ.).

Дар иртибот ба истифодаи вожаи *нрес* (муқ.: вахонӣ *nriz*) бояд зикр намуд, ки вожаи мазкур хоси гӯйиши Ғорон аст [4.3*].

Дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ пӯсте, ки дар он коҳ пур карда шудааст, бо вожаҳои мухталиф ифода карда мешавад. Аз ҷумла, дар баррасии С. Раҳматуллозода (Хоркашев) ба ин маънӣ дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷанубӣ-шарқии забони тоҷикӣ калимаҳои *бувак//бувък, върсък//ръсък, купак* оварда шудааст [1.63, с.144]. Аз баррасии М. Рӯзиев маълум гардид, ки дар гуфтори мардуми Варзоб калимаи *кавора* ба маънои мазкур маъмул аст

Вожаи мазкур дар гӯйиши Ғорон дар шакли *кawора* маъмул буда, лекин на ба маънои дар боло шарҳёфта, балки мафҳуми «чизи дарунхолӣ»-ро ифода мекунад. Ба маънои маҷозӣ нисбат ба шахс ва ҳайвони фарбеҳе, ки хароб мешавад, кор фармуда мешавад. Мисол: *Акаи Карим-а дидъм аммтари́ харобе шъдаст, ки* ***кawорайи*** *холи́ мондаст; Барзагоwи съйа ай харобӣ* ***кawора*** *шъдаст* (Кл.).

Нисбат ба гове, ки насл намедиҳад вожаи *қъсир* ба кор меравад. Масалан: *Гоwи сърхи амсойа имсол қъсир бъдаст, ки бақwат шъдаст; Гоw йак сол ага қъсир бъмона, соли дига бawахти́ мезойа* (Кл.).

Агар ба баррасиҳои шевашиносон назар кунем, гунаҳои гуногуни ин вожаро вомехурем. Мутобиқи маълумоти муҳаққиқ Р. Неменова дар шеваи

ҷанубии забони тоҷикӣ таркиби *субай-сувайт* ба мушоҳида мерасад [1.52, с. 42]. Дар таҳқиқи С. Раҳматуллозода ибораҳаи *гови фар* дар гӯйишҳои қаротегинӣ ва вахиёӣ-қаротегинӣ барои ифодаи маънои *гови нозой* дар муомилот аст [1. 63, с. 180].

Мафҳуми ҷуфтшавию бордоршавии говҳо бо таркиби феълии *тewл рафтан* ва гови ноахта ҳангоми бордоркунӣ бо вожаи *тewл* ифода карда мешавад. Гови ноахта (буқа)-ро ҳама вақт ҳамроҳи гови мода наемонанд, чунки барои ҷуфтшавию бордоршавии ҳайвоноти калон низ фасли баҳору тирамоҳ мувофиқ мебошад. Масалан: *Ба гъмонъм гowи рахш ануз* ***тewл нарафтаст****; Бъқа-ра имшаw қатии гowи сърх да аґел бъмонет, ки* ***тewл*** *брад* (Гч.). ***Тewло*** *чанд руз шъд, ки дewола-ра да та дохтан. Ай ҷawри* ***тewло*** *дawръ печа дида намеша* (Дт.). *Гow****и*** *сърх ануз* ***тewл*** *нарафтаст, имсол дер гъсола мекъна* (Сист).

Мардуми Ғорон чун дигар мардуми минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон говро дар корҳои хоҷагӣ бештар барои ҷуфтронӣ (шудгори замин) ва кӯфтани ғалла парвариш мекунанд. Амалҳои ҷуфтронӣ ва кӯфтани зироатҳои ғалладона бо воситаи *ҷувона* ва *барзагов* иҷро карда мешаванд. Ҷувонае, ки бори аввал бо он ҷуфт мекунанд, дар гӯйиши Ғорон бо вожа-истилоҳи *сара кардан//саракъни́* ифода карда мешавад: *Ҷъwонайи сърх-а* ***сара кардан***; *Ҷъwона-ра ага наґз* ***сара бъкънан****, waхти қълб азоб намекашан* (Дт.).

Дар ФЗТ калимаи *сара* ба маънои «хуб, нағз, чидаю баргузида, писандида» шарҳ ёфтааст [1. 195, с. 200]. Аммо дар лаҳҷаи Ғорон ва Нуд маънои «ром кардан»-ро дорад, ки ин ром кардан барои он аст, ки барзагов ба ҷуфт омода шавад. Мутобиқи маълумоти Н. Гадоев бо ин маъно дар лаҳҷаи Тагнов низ мустаъмал аст [1. 13, с. 74].

Бояд зикр намуд, ки бисёр вожаҳое ҳастанд, ки дар тули таърих ба таҳаввулоти маъноӣ гирифтор шудаанд ва маҳв шудаанд. Дар рӯзҳои аввали ҷуфтбарорӣ барзаговҳоро хуб нигоҳубин карда, асосан, баъди нисфирӯзӣ ҷуфт мекунанд. Ин лаҳзаи ҷуфтбарориро дар гӯйиши Ғорон *гowхънък* меноманд.

Вожаи *ҷуфтронӣ* дар гӯйиши мазкур бо калимаи *қълба//қълбакуни́* ифода шуда, барзаговҳое, ки бо онҳо ҷуфт мекунанд, *гови қълба* меноманд: ***Говойи қълба-****ра ба Делох* ***қълба*** *бурдан; Зъмин ага серхок боша, қълбакън wахти* ***қълбакъни́*** *азоб намекаша* (Анд.). *Амъки Моил мега, ки ба wахти* ***қълба*** *говo-ра ба Делох мебаран* (Кл.). Аз рӯйи мушоҳидаҳо ин амал дар гуфтори сокинони ноҳияи Ванҷ бо вожаи *сарҷуфтӣ* ифода карда мешавад.

Вожаи *қулба* дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънои «сипор, омоч» [1.194, с.704] (ашёи ҷуфтронӣ) омада, дар гӯйиши Ғорон бошад, мафҳуми амали ҷуфтрониро ифода мекунад. Мисол: ***Қълба,*** *ки тамом шъд, барзагowo-ра ба пъшта мебарем. Амъкъм Зафар ба Сист* ***қълба*** *рафт* (Шб.).

Дар гӯйиши Ғорон ва дигар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ ҳангоми кӯфтани зироатҳои ғалладона барзаговҳо аз рӯйи ҷойгоҳашон бо номҳои алоҳида номгузорӣ карда мешаванд. Масалан: *говu дарун* – гове, ки ҳангоми ғаллакӯбӣ дар даруни қатор меистад**,** *говu кори́* – барзагове, ки ҳангоми ғаллакӯбӣ аз дохили қатор дар ҷойи аввал меистад. Дар лаҳҷаҳои шимолии Кулоб истилоҳи *гови корӣ* бо истилоҳи *гови пал* ва дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ бо истилоҳи *гови йуғи́* ифода карда мешавад [1.63, с.146]. Бояд зикр намуд, ки ба барзаговҳо ҳангоми корҳои саҳроӣ хуроки серғизо, аз ҷумла, *тарит* медиҳанд, то ки онҳо қуввати ҷуфтронӣ ва ғаллакӯбӣ дошта бошанд. Мисол: *Ба барзагowo* ***тарит*** *бъндоз, ки wахти қълба шуд; Тарит барзагow-а бақwат мекъна* (Дх.). Вожаи *тарит* дар ФГҶЗТ ба чунин маъно омадааст: «*тарит* – тарид, хуроки ҳайвонот, (аз омехтаи коҳ бо кунҷора, сабус, орд)» [2.188, с. 664]. Ин калима дар ФЗТ ба маънои хуроки одамон шарҳ ёфтааст: «*тарид//тарит* **–** нони ба шир, дуғ, шарбат, шурбо поракардашуда ва ғ.» [1.195, с. 329]. Аз шарҳи фарҳангномаҳои мазкур метавон хулоса кард, ки вожаи *тарид//тарит* дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ маънои хуроки ҳайвонотро дорад ва дар забони адабии тоҷикӣ ба маънои хуроки одамон истифода мешавад. Дар гӯйиши Ғорон низ ба маънои хуроки ҳайвонот ба кор меравад.

Мисол: *Ага ба* го*wойи қълба* ***тарит*** *нандозем, да қълба азоб мекашем; Гоw, ки* ***тарит*** *хърд, қъwат мегира* (Шб.).

Нисбат ба говҳое, ки барои майда кардан, кӯфтани хирман дар як арғамчин баста мешаванд, вожаи *галагоw* истеъмол мешавад: *Хирманкубо* ***галаг*ow-*а*** *да хирман бастан; Бачо да хирман фақат ай дъми* ***галаг*ow** *медawан* (Кл.). *Да байни* ***галаг*ow** *барзаг*ow *амъкъм Хайрмамад ай ама тезтар мера; То ай палу одам набоша,* ***галаг*ow** *wахти хирманкуби́ ай хирман мебаройа* (Вз.).

1.4.2.5. Калимаҳои ифодакунандаи нуқсонҳои бадани чорво

Чорвои шоҳдори калон чун ҳайвоноти хурди хонагӣ аз рӯйи нуқсони ягон аъзои баданаш низ номгузорӣ мешаванд. Калимаҳои *кур, чълоқ, лангък, дълоха, селоха* ба ин гурӯҳ номҳо дохил мешаванд.

Вожаи *кур* нисбат ба гове, ки ҳарду чашмаш кур аст кор фармуда мешавад: *Гоwи съйа* ***кур*** *шъдаст, ага бъғъз намебъд мекъштем-ъш. Гоwи амсойа* ***кур*** *шъдаст, ай дасти ами ба пъшта намера* (Вз.).

Нисбат ба гове, ки аз зарби ягон чиз пояш маъюб шуда бошад, вожаи ***чълоқ*** кор фармуда мешавад. *Гоwи* ***чълоқ*** *ра(ҳ) гаштан наметона, харч-ъш-а да пешъш бъмонет, ки сер бъкъна; Гоwи* ***чълоқ-а*** *амоли бъкъшем, ки гушт-ъш-а бой надъйа* (Кл.).

Вожаи *лангък* – лангак нисбат ба гове ё гусолае, ки пояш аз таъсири чизе осеб дидааст ва мелангад, истифода мешавад: *Гъсолайи* ***лангък*** *ай дъми гоwо ба пъшта нара. Гоwи* ***лангък*** *имсол бъғъз бъдаст* (Сист).

Калимаи *дълоха* нисбат ба гове, ки синааш ду пистон дорад, истеъмол мешавад. Мисол: *Гоwи* ***дълоха*** *гъсола-ъш-а макидан наземона; Пеш ай туй магам гоwи* ***дълоха-ра*** *бъфърушем, ки чизу чорайи туй-а бъхарем* (Қз.).

Бояд қайд намуд, ки бо вожаи **гов** дар шеваю лаҳҷаҳо ва забони адабии тоҷик бо роҳи калимасозии сохта ва мураккаб калимаҳое сохта мешаванд, ки вобастагӣ, нигоҳубин, хурок, монандии дигар ашё ба гов, таъиноти кишоварзӣ, хосиятҳои зоологӣ ва дигар хусусиятҳоро дар бар мегирад. Масалан**:** *говбанд, говбон, говчупон, говгум, говдуш, говдушӣ, говзабон, говзанбур, говзаҳра, говзӯр,*

говмалах, говмеш, говмоҳӣ, говмонанд, говпайкар, говрон, говрона, говсар, говчашм, говҷаллоб, говҷигар ва ғ.

Дар маҷмуъ, теъдоди калимаву истилоҳоти ифодакунандаи гов дар гӯйиши ғоронӣ фаровон ва гуногунранг буда, онҳо дар ғанигардонии таркиби лексикаи соҳаи чорводории забони тоҷикӣ нақши калон доранд.

1.5. Вожагони марбут ба ҳайвоноти боркаш ва саворӣ

Ғорон минтақаи кӯҳӣ ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, барои нигоҳ доштани ҳайвоноти хонагӣ аз имконоти кӯҳӣ дар робита ба чарогоҳҳо метавонанд самаранок истифода кунанд. Ин аст, ки дар ин минтақа ҳам чорвои хурд ва ҳам чорвои калон парвариш мешавад. Дар баробари ин, барои осонии кор аз ҳайвоноти боркашу саворӣ истифода мекунанд.

Чунки дар шароити кӯҳистони водии Ғорон ҳайвоноти боркаш воситаи беҳтарини ҳамлу нақли бор ва ба манзил расонидани одамон ба ҳисоб меравад. Ҳарчанд дар замони ҳозира воситаҳои зиёди боркашони пайдо шуда бошад ҳам, вале дар минтақаҳои кӯҳӣ ба ҳайвоноти боркаш хеле ниёз доранд.

Аз ин лиҳоз, зиндагӣ ва фаъолияти ҳаррӯзаи мардуми Ғорон ба ҳайвоноти хонагӣ, аз ҷумла, ҳайвонҳои боркаш вобастагии зич дошта, дар баробари ин, боиси пайдоиш ва ташаккули вожагони марбут ба он мегардад.

1.5.1. Вожагони марбут ба асппарварӣ

Ҳайвони боркаше, ки аз қадим чун нақлиёт, воситаи боркашонӣ, шудгор, ҷувозгардонӣ, бузкашӣ ва варзишу мусобиқаҳои аспдавонӣ дар муҳорибаҳо ва ғайра истифода мешавад, ин асп мебошад. Дар водии Ғорон чун дигар мавзеъҳои Бадахшон дар гузашта мардум ба парвариши ин навъи ҳайвони боркаш ба таври васеъ машғул буданд, чунки воситаи асосии боркашонӣ ҳисоб меёфт. Ба гузашти айём ва пешрафти техникаю истифодаи он дар корҳои хоҷагидорӣ аз ин анвои ҳайвонот истифода намешавад. Бо вуҷуди ин, вожаҳои ифодакунандаи онҳо вуҷуд дошта, дар ривояту афсонаҳо ва назми халқӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Аз ҷумла, ибораи *аспи Дулдул* мутобиқи

ривоятҳо ба ҳазрати Алӣ мансуб аст. Дар ин замина, ибораҳои *аспи абр, аспи бод* ба маънои *аспи бодпо*, ба мушоҳида расид.

Муҳаққиқ Д. Саймиддинов вожаи мазкурро дар забони форсии миёна чунин шарҳ додааст: «Вожаи *asp,* «асп» дар забони форсии миёна махсуси лаҳҷаи шимолӣ-ғарбӣ (портӣ, дар портӣ аз модӣ) мебошад. Гунаи форсии он бинобар шакли форсии бостон (*asa-bāra*) дар вожаи форсии миёнаи *aswar* «савор» маҳфуз мондааст» [1.75, с. 96]. Ин нукта гувоҳи он аст, ки калимаи *асп* ҳануз аз даврaҳои қадим маълум буда, дар замони муосир низ, дар забони адабии тоҷикӣ ва шеваю лаҳҷаҳои он, аз ҷумла, дар гӯйиши Ғорон дар ҳамин гуна маъмул аст.

Дар «Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ» вожаи *асп* чунин шарҳ дода шудааст: «асб /асв/ ҷонвари пистондор, алафхур ва сумдор, бо ёли баланд» [2.197, с. 329]. Инчунин, муаллифи Фарҳанги мазкур, ки ба баррасии решаи калимаҳо даст задааст, перомуни вожаи асп низ маълумоти муфассал додааст. Агар ба шарҳи решашиносии калимаи *асп* дар ин Фарҳанг назар кунем, хоҳем дид, ки он хеле ҷолиб буда, дар чунин гунаҳо оварда шудааст: «... *aspa*-(т.), *aspā*-(f), форсии бостон *asa*-(т.), *aspa*- (т.) дар забони форсии миёна ба сурати *asp*, форсии миёнаи турфонӣ *’sp* [*asp***]**, суғдӣ **’*sp*** [*asp*], хутанӣ *assa* [<**aspa*-], хоразмӣ *’sp* [*asp*], балхӣ *as*» [2. 197, с. 199].

Ба унвони калимаҳои умумиэронӣ гунаҳои *асп* ва *асб* дар муомилот аст. М. Бобомуродова дар таҳқиқи худ оид ба манзалати *асп* ва вожаи «асп» дар таркиби номи шахсони қадими асотирӣ ва ривоятӣ чунин баён намудааст: «Манзилати асп гувоҳи он аст, ки вожаи «асп» як ҷузъи номи ашхоси қадими асотирӣ ва ривоятӣ Гуштосп, Таҳмосп, Арҷосп, Гаршосп, Луҳросп, Озаргушасп, Ҷомосп ва дигарҳо аст. Вожаи асп дар китоби муқаддаси «Авасто» бо номи «Аспа» дарҷ гардидааст. Дар забони ориёӣ масдари «ас» ба маънои тунд (тез) рафтан аст. Дар Авесто ба вожаи «асуаспа», ки маънои аспи тундро дорад, бисёр вомехурем. Бояд афзуд, оҳу, ки басо тездав аст, дар «Авасто» «асу» ном дорад. Номҳои зиёде, аз ҷумла, номҳои подшоҳону паҳлавонони

номвари мо, ки аз вожаи асп таркиб ёфтаанд, далели он аст, ки аз рӯзгори бисёр куҳан онҳо бо асп ошноӣ доштаанд. Чунин номҳо дар китоби «Авасто», катибаҳои Ошур, Бобул, сангнавиштаҳои Ҳахоманишиён ва осори Юнон сабт шудаанд, ки чанде аз онҳо чунинанд: Аспабора номи яке аз подшоҳон ва ё сарлашкарони Мод, ки подшоҳи Ошӯр дар садаи ҳаштуми пеш аз милод дар катибае аз ӯ ном мебарад. Маънои ин вожа «савори асп» аст. Вожаи Гаршосп – дорандаи аспи лоғар аст. Арҷосп – дорандаи аспи арҷманд ва гаронбаҳо. Луҳросп – дорандаи аспи тунд (тездав), Виштосп, дорандаи аспи аз кор афтода, Таҳмосп, дорандаи аспи фарбеҳ ё дорои аспи зӯрманд. Ҳвасп – дорандаи аспи хуб. Аспчано – дорандаи асп ё хостгорӣ доштани асп. Аспчано дар кандакории «Нақши Рустам» мунъакис гардидааст. Гушнасп – дорандаи аспи нар ва далер. Шедасп – дорандаи аспи дурахшон. Беварасп – дорандаи даҳ ҳазор асп. Пурушасп (номи падари Зардушт) – дорандаи аспи пир» [3, 213].

Шарҳи анвои вожаи мазкур дар ФТЗТ чунин аст: «асп – чорпои хонагӣ, сумдори саворӣ ва боркаш; *аспи бидав* – аспи даванда; *аспи бодпой* – аспи тезрав; *аспи боркаш // аспи кӯпкоригӣ* – аспи махсуси мусобиқаи бузкашӣ; *аспи даврӣ* аспе, ки дар муддати муайян савор мешаванд; *аспи етакӣ* аспе, ки аз лаҷомаш гирифта, аз паси худ мебаранд; *аспи лақай* як зоти асп аст, ки дар Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ парвариш меёбад; *аспи маст* – аспи саркаш; *аспи раҳдор* – аспи рафтораш муътадил, аспи хушрафтор; *аспи саманд*: а) аспи зардранг; б) аспи даванд; *аспи сиёҳмушкин* – аспи сиёҳранг; *аспи саворӣ* – асп барои саворшавӣ …» [2. 196, с. 89].

Лаҳҷашиноси тоҷик М. Маҳмудов дар «Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро» намудҳои «... *аспи бодпо, асп даванд***,** *аспи булул*»-ро шарҳ додааст, ки аз мавҷудияти ин намуди аспҳо дар лаҳҷаи Бухоро дарак медиҳад [1.34, с. 35].

Зикри ин нукта зарур аст, ки вожаҳои нисбат ба намуди аспҳо дар лаҳҷаҳои Бухоро истифодашаванда, дар гӯйиши Ғорон низ кор фармуда мешаванд: *Аспи бъбом Иброим* ***аспи бодпо*** *бъд, ама кас awac мекардан* (Гч.).

Аспи ***dawанд*** *ай аспойи дига пеш медawа. Амъки Ҷамшед аспи* ***dawанд-а*** *да зак табела зад, ки бо(з) ба йагон ҷо нагъреза* (Кл.).

Боиси зикр аст, ки дар гӯйиши мавриди назар чун дар забони адабии тоҷикӣ калимаҳои *аспъкӣ, аспъкбозӣ, аспбандӣ, аспсъworӣ, аспбонӣ, аспдawonӣ, асптозӣ* зиёд кор фармуда мешаванд, ки аз серистеъмолии вожаи мазкур дарак медиҳад.

Истилоҳоти ҳайвоноти боркаш монанди ҳайвоноти майда ва калон вобаста ба хусусиятҳои фарқкунандаи умумии синну сол, ҷинс, ранг, зот ва таъинот гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

1.5.1.1. Калимаҳои ифодакунандаи синну сол ва ҷинсияти асп

Синну соли ҳайвонот барои истифодаи онҳо дар ҳаёти мардум муҳим ба шумор меравад. Барои ин ҳолатҳо дар гӯйиши Ғорон калимаҳое мавҷуданд. Аз ҷумла, калимаи *къра* барои ифодаи аспи то яксола маъмул аст. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки вожаи *къра* дар забони адабии тоҷикӣ дар шакли *курра* [2.196, с. 664] ва дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ гунаи ***къра*** маъмул аст [2.189, с.357]. Мисол: *Аспи акаи Моил* ***къра*** *кардаст.* ***Къра*** *ай дъми асп ба зак рафт* (Кл.).

Дар ФТЗТ калимаи курра дар шакли «бачаи хар, асп, шутур, хутик, той, тойча» шарҳ ёфтааст [2.196,с. 664]. Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ, шимоли Кулоб, қаротегинӣ низ нисбат ба «бачаи навзоди хар ё асп» вожаи *къра* кор фармуда мешавад [2.188, с. 310].

Нисбат ба ҷинси табиии асп мисли дигар ҳайвонот калимаи *нар* ва *мода*//*моча* ба кор бурда мешавад: *Аспи* ***нар*** *назар ба* ***аспи мода*** *бълантар бъдаст. Аспи* ***мода*** *ай дасти къра-ъш да кънҷи ахтхона хow мекъна* (Гч.). Инчунин, нисбат ба ҷинси мода дар гӯйиши Ғорон вожаи *байтал* истифода мешавад, вале вожаи мазкур он қадар серистеъмол намебошад. Дар гуфтори мардуми Варзоб бошад, калимаи *ғуноҷинбайтал* (аспи модаи дусола) маъмул аст [1. 70, с. 48].

Нисбат ба аспи нар вобаста ба ахтакарда ва ноахта буданаш вожаҳои *йахтакарда* ва *нойахта* истифода мешавад. Мисол: *Аспи* ***йахтакарда*** да *кънҷи ахтхона хоw кардаст. Аспи* ***нойахта*** *да зак аспойи мода-ра чаридан наменона* (Кл.).

Вожаҳои *йош* ва *пӣр* низ барои ифодаи синну соли аспкор фармуда мешаванд: *Аспи* ***пир-а*** *да рузохър ҷаw бъндозет, ки олак шъдаст. Аспи* ***йош-а*** *ба бъзкашӣ бърдан* (Анд.).

1.5.1.2. Калимаҳои марбут ба шохисҳои зоҳирии асп

Ҷиҳати фарқ намудани асп аз рӯйи ранг ва аломатҳои зоҳирии он калимаву ибораҳои зиёде истифода мешавад. Барои ифода намудани аломатҳои фарққунанда калимаҳои сода бисёртар кор фармуда мешавад. Яке аз хусусият ва нишони асосии фарққунандаи аспҳо ранги онҳо мебошад. Аз рӯйи ин хусусият аспон тез фарқ карда мешаванд.

Муҳаққиқ Хоркашев С. вожаҳои ифодакунандаи аспро аз рӯйи ранг дар лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ чунин шарҳ додааст: «... *аспи қъзил* – аспи хокистарии холдор; *аспи ҷеран//ҷиран //ҷиранг* – ҷиран, аспи сиёҳмӯй; *аспи саман//саманд //съманд* – аспи зардчатоб, малларанг, дорчинранг; ... *аспи мъшки* – аспи сиёҳранг, сиёҳмушкин барои гурӯҳи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ умумӣ аст» [1. 63, с.139].

Дар гуфтори мардуми ин водӣ нисбат ба ранги аспон вожагони *аспи рахш* – аспе, ки дорои ранги сурху сафеди омехта аст**,** *аспи бур* – аспи дорои ранги сурхи сиёҳчатоб**,** *аспи қашқа* – аспи сафедпешонӣ, *аспи съфедъм* –аспе, ки дорои думи сафед дорад**,** *аспи ала* – аспе, ки дорои ранги сафеду сиёҳ аст ва ғ. кор фармуда мешаванд.

Яке аз хусусиятҳои асп рафтори он аст. Вожаҳое, ки хусусият ва рафтору одати аспро ифода мекунанд, дар гӯйиши Ғорон он қадар бисёр вуҷуд надорад. Нисбат ба аспе, ки ҳангоми аз пешаш гузаштан мегазад, онро *газънда* мегӯянд. *Мъ наw донъст-ъм, ки аспи амъкъм Назримад* ***газънда*** *бъдаст* (Гч.). Нисбат ба хару аспе, ки бо пойҳояш одамон ё дигар ҳайвонотро мезананд, истилоҳи

лағатзан истифода мешавад. *Кудако-ра ба awлии амсойа намонет, ки аспи* ***лағатзан*** *дора* (Сб.). Инчунин, ибораи *аспи дурдaw* нисбат ба аспе, ки соҳибашро гӯш накарда, дур медавад, кор фармуда мешавад: *Бъбом Замир аспи* ***дурдaw*** *дошт, асп-ъш-а доим да ар ҷо медидем* (Анд.).

1.5.1.3. Вожагони вобаста ба таъиноти асп

Дар ҳаёти мардум аспро дар корҳои гуногун – кашонидани бор, чун воситаи нақлиёт, мусобиқаҳои гуногуни аспдавонию бузкашӣ истифода мекунанд. Аз ин рӯ, ҳомилони лаҳҷаи Ғорон дар истифода ва таъиноти корҳои марбут ба асп аз вожагони гуногун истифода мебаранд. Ҳамчун воситаи нақлиёт барои боркашонӣ калимаи *боркаш* ва ибораи *аспи боркаш* дар истифода аст.

Ин вожа дар гурӯҳи забонҳои шарқии эронӣ аз ҷумла, шуғ. *borgi* **(***viztazij***),** вах. *borgi,* ишк. *borgi,* вах.-тоҷ. *borgi* ва дар забони яғнобӣ дар шакли *borvarak* истифода мешавад. Мисол: *Пешо бъбомъно* ***аспойи боркаш*** *дошган;* ***Аспойи боркаш*** *кори мардъм-а бъсйо осон мекънан; Йак* ***аспи боркаш*** *кори чан(д) кас-а иҷро мекъна* (Сб.).

Бояд зикр намуд, ки *аспи боркаш* бо истилоҳи «аспи ёбу» (дар заб. вах., ишк., вах.-тоҷ. *yobы/ yobыw*) низ ифода меёбад. Вожаи мазкур дар лаҳҷаҳои шимолии Кулоб, Ванҷ низ маъмул мебошад [1. 63, с. 67]. Инчунин, дар гӯйиши Ғорон калимаҳое истифода мешаванд, ки сифатҳои навъи аспҳои тозиро ифода мекунанд: *аспи dawанд* – аспи тезгарду тезпар, *аспи пайга, аспи бъдaw* ва ғ. Мисол: *Аспи* ***dawанд*** *ай гала ҷъдо шъдаст; Бъбом Иброим* ***аспи бъдaw*** *дошт, ки йагон кас ай асп-ъш гъзаштан наметонист* (Гч.).

Ҳамчунин, аспонро дар мусобиқаҳо ва тӯйу маъракаҳо барои *бузкашӣ* истифода мебаранд ва чунин асп дар гӯйиши ғоронӣ *аспи бъзкашӣ* номида мешавад.

Ибораи *аспи ҷъwоз* (аспи ҷувозкаш) барои ифодаи аспе, ки корҳои хоҷагиро иҷро мекунад, кор фармуда мешавад: ***Аспи ҷъwоз-а*** *ба Делох*

ҷъwозкаши́ бурдан. Бъбои Пано ***аспи ҷъwоз-а*** *ба йагон кас намедод, къ нигакъни́ наметонистан-ъш* (Сб.).

Истилоҳи *аспи айғър* нисбат ба аспе, ки ба ҳар тараф давида, бо дигар аспон ҷанг мекунад, кор фармуда мешавад. Муҳаққиқ Г. Ниматов оид ба истифодаи калимаи *айғир* дар забонҳои дигари эронӣ чунин қайд кардааст: «Калимаи «айғир», аслан, туркӣ мебошад ва дар забонҳои дигари эронӣ (вах. *agы**r**,* шуғ. *eɣir,* тоҷ. *ayɣir*) низ мавриди истифода қарор гирифтааст» [1.55, с. 50].

Бояд зикр намуд, ки асп ҳайвони хеле нозук буда, табиати аҷибе дорад, бинобар ҳамин, соҳибонашон ба онҳо эҳтиёткорона муносибат мекунанд, то ки онҳо наранҷанд ва аз соҳибашон рӯ нагардонанд. Маълум аст, ки хуроки асосии асп ҷав мебошад. Ҳангоми аспонро ҷав додан дар фуки онҳо халтаи махсус (турба**)** мекашанд, то ки вақти ҷавхурӣ хоку чанг ё сангреза нахурад. Дар гӯйиши Ғорон он бо вожаи *тъбра* ифода карда мешавад. (гӯянда Мамадҷонов Т). Ин калима дар ФТЗТ чунин тафсир шудааст: «*тӯбра* – тӯрба, емхалта, халтае, ки ба он коҳу алафу ҷав мегиранд ва бар сари асп, хар ва ғ. меовезанд» [2.196, с. 372]. Аз тафсири Фарҳанги мазкур бармеояд, ки истифодаи вожаи мазкур дар гӯйиши Ғорон низ ба ҳамин маъно роиҷ аст.

1.5.1.4. Вожаҳои ифодакунандаи зоти асп

Дар гӯйиши Ғорон, аспҳо вобаста ба зот ва макони баромадашон ба навъҳо ҷудо карда мешаванд. Дар гӯйиши мазкур аспи маҳаллиро *аспи ҷойдори́//аспи таҷои́* меноманд. Дар баробари аспҳои маҳаллӣ, инчунин, аспҳое парвариш карда мешаванд, ки аз рӯйи зоту пайдоиш ва номашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, *аспи қърғизи́* (зоти қирғизӣ), *аспи арабӣ, аспи бадахшони́* (зоти бадахшонӣ).

Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ин навъи чорво аз рӯйи зоту ҷинс, син ва ранг номгузорӣ карда мешавад. Аз ҷумла, муҳаққиқ Г. Шарипова оид ба номгузории намудҳои асп дар лаҳҷаи Масчоҳ чунин маълумот додааст: «...*байтал* – аспи мода, *айғир* – нарасп барои насл, *зоти*

тоҷикӣ – аспи маҳаллӣ, *зоти лақай* – аспи боқуввати сафедча, *туруқ, ҷеран, саман, куран, охйол, чавкар, зоти арабӣ* – номи хелҳои гуногуни асп, *аспи боркаш* – аспи ароба, *аспи тозӣ* – асп барои бузкашӣ» [1. 95, с. 148].

1.5.2. Вожаҳои ифодакунандаи хар ва парвариши он

Ҳайвони дигари боркаш, ки дар рӯзгори мардуми Ғорон аҳаммияти калон дорад, хар мебошад. Дар шароити имрӯз дар минтақаҳои кӯҳӣ, аз он ҷумла, дар водии Ғорон хар воситаи асосии боркашонӣ ба ҳисоб меравад. Доир ба ҳаёти хар, махсусиятҳои кор бо ӯ, ҷинс, синну солаш низ як идда вожаҳо ба вуҷуд омадааст.

Сарчашмаҳои илмию луғатнигорӣ гувоҳи онанд, ки *хар* ба унвони ҳайвони муҳимми рӯзгордории мардумон хизмат кардааст. Инъикоси он дар луғати решашинохтии М. Ҳасандӯст гувоҳи ин гуфтаҳост. Ин луғатнигор истифодаи вожаи мазкурро дар забонҳои бостон ба таври зер нишон додааст: «... дар авастоӣ *xara-* (т.), *xarā-* (f.), дар форсии миёна *xar* ва *gōr*<**gaura-*<*gau,* форсии миёнаи турфонӣ *xr* [*xar*], дар забони суғдӣ *γr'* [*xar*], хутанӣ *khara*, хоразмӣ *xr*, балхӣ *xaro*» [2. 197, с. 223].

Калимаи *хар* барои ифодаи ҳайвони боркаш дар забони тоҷикӣ, форсӣ ва дарӣ маъмул аст, ки шакли аслии баромади худро нигоҳ доштааст. Дар забонҳои бадахшонӣ, аз ҷумла, язғуломиву вахонӣ дар шакли *хur* мавриди истифода аст.

Ин вожа дар ФЗТ чунин тавсиф ёфтааст: «хар – чорпои боркаш, ҳимор. 2) маҷозан: аҳмақ, аблаҳ. 3) дар қисми аввали калимаҳои мураккаб омада, маънии калон, дағал, дурушт ва зиштро ифода мекунад, мас. «харсанг – санги калон»; хармуш – муши калон» [2. 195, с. 462].

Вожаи мазкур имрӯз ҳам дар забони адабии тоҷикӣ ва ҳам дар шеваҳо, аз он ҷумла, дар гӯйиши Ғорон, дар чунин шакл истифода мешавад.

Ҳайвони боркаш дар гӯйиши Ғорон, инчунин, бо калимаи ***улоғ,*** ки бештар дар нутқи калонсолон мушоҳида мешавад, ифода меёбад.

Вожаи мазкур дар лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ маъмулу фаҳмо бошад ҳам, дар баробари он вожаи туркии *улоғ* ва гунаҳои он *улав, велоғ, улоқ* низ дар муомилот аст. Аз ҷумла, ба андешаи Р. Саидов дар гурӯҳи лаҳҷаи Вахиёи Боло ба гунаи *улоқ* истифода мешавад [1.72, с.168], аммо дар ФГҶЗТ (2017) ин калима ба лаҳҷаи мазкур мансуб дониста нашудааст. Муҳаққиқ А. Мирбобоев гунаи *wəloɣ*-ро оварда, истифодаи онро дар забони вахонӣ меъёр медонад. Дар лаҳҷаи Тагнов гунаи *улав//улоғ* истифода мешудааст [1.13, с. 88].

Инчунин, дар гуфтори мардуми ин водӣ вожагоне вомехуранд, ки мафҳуми ҳайвони боркашро ифода мекунанд. Аз ҷумла, вожаи *хингал* аз қабили ҳамин гуна вожаҳо маҳсуб меёбад, он дар шакли алоҳида не, балки ҳамчун таркиби ҷуфтистеъмоли *харъ хингал* маъмул мебошад. Вожаи мазкур дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ба гунаи *хингил* омада, чунин тафсир шудааст: «хингил – чорпоёни савориву боркаш, хар бо бору бунааш» [2. 196, с. 436]. Дар лаҳҷаи ҳардурӣ дар шакли «*хару хингил*» дида мешавад ва онро муҳаққиқ М. Эшниёзов дар шакли «хару хӯтук, хару асп» шарҳ медиҳад [1. 105, с. 97]. Дар таҳқиқи М. Рӯзиев гунаи *хингил* дар лаҳҷаи Варзоб дида мешавад [1. 70, с. 47].

Бо такя ба маводи ҷамъовардашуда, метавон хулоса кард, ки таркиби *хару хингал* дар гӯйиши Ғорон мафҳуми *харъ хотък* (бачаи хар)-ро ифода мекунад, ки ба шарҳи М. Эшниёзов ва натиҷагирии М. Рӯзиев вобаста ба вожаи *хингил* мувофиқат мекунад: *Дари боғ-а сахт бъкънет, ки* ***харъ хотък*** *надаройа; Ай дасти* ***харъ хотък*** *гандъмо-ра қоқ карда натонъстем* (Анд.). ***Харъ хотък*** *рузи дъроз да зак пешкъни доран* (Анд.).

Ҳамчунин, гурӯҳҳои зеринро овардан мумкин аст, ки ба аломатҳои гуногуне вобастагии ҳайвонотро нишон медиҳанд:

1.5.2.1. Калимаҳои вобаста ба шохисҳои синнусолии ҷинси хар

Дар гӯйиши Ғорон нисбат ба бачаи хари нав зойидашуда вожаи *къра,* нисбат ба курраи яксола то дусола вожаи *хотък* истифода мешавад: *Хари бъбойи Азорабек* ***къра*** *кардаст* (Гч.). ***Хотък-а*** *бон қатии харо ба пъшта бъра* **(**д**)** (Сб.).

Инчунин, ҷиҳати фарқияти синну сол ва номи *курра* вожаи тавсифии *кърайи наwшъдагӣ* (куррае, ки нав зойида шудааст) истифода мешавад. Мисол: ***Кърайи наwшъдагӣ*** *да байни мол ба хъд-ъш хо*w *кардаст;* ***Кърайи наwшъдагии*** *амсойа ай шола баромадастъ гум* (Сист).

Бояд зикр намуд, ки монанди ҳайвоноти дигар синни курраи то яксола, вобаста ба рӯз, моҳ, фасл ва сол ҳисоб карда шуда, тавассути калимаҳои тавсифӣ ва ибораҳо ифода карда мешавад: *кърайи даруза* – аз рӯзи зойида шуданаш даҳ рӯз гузаштааст, *кърайи семо(ҳ)а* –куррае, ки аз рӯзи зойида шуданаш се моҳ гузаштааст, *кърайи тирамойӣ* – куррае, ки тирамоҳ зойида шудааст, *кърайи имсола* – куррае, ки имсол зойида шудааст.

Муҳаққиқ С. Раҳматуллозода оид ба истифодаи вожаҳои ифодакунандаи синну соли *хар* дар шеваю лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ чунин қайд кардааст: «Барои ифодаи маънои «тойхар, харкурра, куррача» дар қолаби калимаҳои сохта ва мураккаби тобеъ як силсила истилоҳот дида мешавад, ки истеъмоли онҳо дар минтақаҳо нест... . Масалан, агар истифодаи калимаи *тойча* ба маънии «куррача» барои шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ хусусияти умумӣ дошта бошад, воҳидҳои луғавии *тойчък, тойхар* ба ҳамин маънӣ чун муродиф дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кулоб мустаъмал аст. Аз ин ду истилоҳ дар гурӯҳи лаҳҷаҳои ҷанубии Кулоб вожаи *тойчък,* дар гурӯҳи лаҳҷаҳои ғарбии Кулоб *тойхар,* дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ бо илҳоқи пасванди *-ак* шакли *тойхарак* роиҷ аст. Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ, шакли чаппаи он *хартой* ва бо иловаи пасванди *–ик* (гунаи *-ак) хартойик* истифода шуда, воҳидҳои луғавии *хутик//хутък, хотик//хотък* дар ин гурӯҳи лаҳҷаҳо чун муродиф истифода мешаванд» [1. 63, с.142].

Истифодаи калимаи *нархар* ҷиҳати ифодаи ҷинси нарина ва *мочахар* (ҷинси модина) дар лаҳҷаи Ғорон маъмул аст. Мисли шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ ва дар забони яғнобӣ низ *мочахар* маъмул аст. Дар дигар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ вожаи модахар дар лаҳҷаҳои марказӣ унсури модиён маъмул аст. Перомуни калимаи модахар дар гурӯҳи шеваҳои вахиёӣ-

қаротегинӣ муҳаққиқ С. Раҳматуллозода чунин баён намудааст: «... вожаи *къчхар* ба маънии «хари мода» истифода шавад ҳам, вожаи *мочахар* чун муродифи он ривоҷ дорад, вале *модахар* дар ин гурӯҳи лаҳҷаҳо мутадовил нест» [1. 63, с.141].

Калимаи мочахар мутобиқи сохтор аз ду асос сохта шудааст, ки аввалӣ *моча* «1. хари мода. 2. *таҳқ.* зани бадкора, бероҳагард; мочахар – модахар, хари мода» [2. 196, с. 858] ва дуюмӣ *хар* мебошад.

Вожаи *моча* дар забонҳои шарқии эронӣ дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла, дар забони вахонӣ *моч*; шуғнонӣ *мочак;* ишкошимӣ *мочък* ба кор бурда мешавад.

Вобаста ба синну сол, ҳайвоноти боркаш, хусусан, харҳо бо чунин номҳои марбут ба синну соли онҳо номгузорӣ мешаванд: *къра* – курраи навзод, *хотък* (аз 2-сола то 3-сола), *хар* (аз 3-сола то 7-сола), *пирхар* (аз 7-сола боло). Мисол: *Къра-ра ай байни харо ҷъдо къшет;* ***Хотък-а*** *бач-о ба зак бърдан;* ***Пирхар-а*** *кам бор бъкъшет, ки қъwат намекъна* (Анд.).

Дар водии Ғорон ба синну сол ва ҷинси ҳайвоноти боркаш таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, онҳоро вобаста синну сол ва ҷинсашон дар корҳои хоҷагӣ кор мефармоянд. Албатта, аз рӯйи аломати ҷинсӣ истифодаи харҳо дар рӯзгор фарқ мекунанд. Харҳои нар аксар маврид барои истифода дар корҳои хоҷагӣ ва харҳои мода, асосан, бо мақсади наслдиҳӣ истифода мегарданд.

1.5.2.2. Вожаҳои марбут ба аломатҳои умумии бадан ва зоти хар

Номҳои ифодакунандаи аломатҳои умумии бадан, хусусиятҳои хоси модарзодӣ ва зоти харҳо аз ҷиҳати маъно ба гурӯҳҳои зерини ҷудо мешаванд:

– **калимаҳое, ки маҷмуи аломатҳои бадани ҳайвонотро ифода мекунанд:** *майдек* – хари майдаяк, *пастък* – хари қадпаст дохил мешавад. Мисол: *Хари* ***майдек*** *ай харо ҷъдо шъдаст; Хари* ***пастък*** *ай дъга харо бақъwатар бъдаст* (Гч.).

Барои ифодаи дараҷаи харобиву фарбеҳии ҳайвони савориву боркаш дар гӯйиши мазкур калимаҳои *саҕрӣ надора, паръкош метоwан, ҷаласт, йалтаст, саҕридор, бақъwат* кор фармуда мешаванд.

Вожаҳои *саҕридор, ҷаласт, йалтаст, бақъwат* ба маънои фарбеҳ истифода шуда, таркибҳои *саҕрӣ надорад, паръкош метоwан, лоша* мафҳуми «хароб, лоғар»-ро ифода мекунанд. Мисол: *Хари акаи Раҷаб ай бақwатӣ пъштъш* ***ҷаласт*** *мекъна* (Дх.). *Аспи амъки Амадбек ай хароби* ***паръкош метоwан*** (Гч.).

– калимаҳое, ки аломатҳои модарзодӣ ва нуқсони ягон узви бадани онҳоро ифода мекунанд: *хари калталинг* –харе, ки поҳояш кутоҳ аст*, хари гардандъроз* – харе, ки гарданаш дароз бошад, *хари калтадъм* – харе, ки думаш кутоҳ бошад, *хари каташъкам* –харе, ки ишканбааш калон бошад, *хари дърозмийон* – харе, ки миёнаш дароз бошад ва ғ. Масалан: ***Хари гардандъроз*** *ай ақиб ам боша, ки гардан-ъш ба охър мераса;* ***Хари калтадъм*** *wахти пардъмзан лаҕат мезана* (Сист). ***Хари каташъкам*** *йак қап ҷаwа бъхърад ам, ки сери-ъш-а намедона;* ***Хари дърозмийон*** *ба боркънӣ оқела бъдаст* (Дх.).

1.5.2.3. Вожагони ифодакунандаи таъиноти хар дар корҳои хоҷагӣ ва рафтори он

Дар водии Ғорон, ки асосан, кӯҳистон аст, чун дар дигар минтақаҳои Тоҷикистон харро бештар барои боркашӣ истифода мебаранд. Вобаста ба таъинот дар рӯзгор вожаи *боркаш* ба кор рафта, он дар забонҳои шарқии эронӣ, аз ҷумла, шуғнонӣ дар гунаи *viztazij* ва дар забони яғнобӣ дар шакли *borvarak* маъмул аст. Мисол: *Мъ ба шъмо хари* ***боркаш*** *нестъм. Ай ҷawри боркашии мардъм хари* ***боркаш*** *дъга ай ҷо-ъш хестан наметона* (Анд.). *Wахти айлоқraw ама хари* ***боркаш*** *мешуран; Да қъшлоқ ага хари боркаш надошта бошӣ, одам бъсйо қин меша* (Шб.).

Бояд зикр намуд, ки дар гузашта дар водии Ғорон ин навъи ҳайвонро инчунин, барои нарм кардани зироатҳои донагӣ истифода мебурданд.

Дар гӯйиши Ғорон баъзе номҳо аз рӯйи таъинот, вобаста ба нигоҳубини ҳайвонот, гузошта мешаванд. Нисбат ба харе, ки фасли тобистон бе соҳибаш дар айлоқҷойҳо меистанд *хари лалмӣ*–хари лалмӣ ва нисбат ба харе, ки тобистон дар деҳа нигоҳ дошта мешавад, ибораи *хари бандӣ* истифода мешавад. Чунин харҳоро доимо дар як ҷо мебанданд. Мисол: ***Харойи лалмӣ*** *се мо(ҳ) да пъшта местан;* ***Хари бандӣ*** *да банд одат кардаст, ага сар бъдемъш ам дур намера* (Бр.).

Яке аз калимаҳое, ки дар ин гурӯҳ истифода мешавад, вожаи *табела* аст. Табела кардан кори маъмулии мардуми чорводор ба шумор меравад. Калимаи *табела* мутобиқи мушоҳидаҳои модар дар лаҳҷаи Ғорон серистеъмол аст. Ин калима нисбат ба ҳайвони боркаш ба кор бурд мешавад. Дар «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» калимаи *табела* чунин тафсир шудааст: «*табела* (Бдх.) *задан* дар лаби ҷӯ ё марғзор, мех задани афсори сутур» [1.188, с. 645]. Инчунин, дар Фарҳанги мазкур истифодаи гунаи дигари ин вожа бо тағйироти овоӣ вобаста ба минтақаҳои мухталифи кишвар чунин шарҳ дода шудааст: «тавела//тавила (Ҷк., Шк.), 1. арғамчин, банд, ресмони дарозе, ки бо он ҳайвоноти хонагӣ дар чарогоҳ баста мешаванд … . 2. (Вқ.) саисхона, охтахона, аспхона; 3. (Бдх.) ба парастории касе супоридани касе, ба умеди касе шудан, бовар карда додан (касе ё чизеро)» [1.188, с. 645]. Вобаста ба ин, дар гӯйиши ғоронӣ хареро, ки табела бастаанд, *хари табела* меноманд. Мисол: ***Хари табела*** *да зак шаw мондаст;* ***Хари табела-ра*** *да йак руз дъ бор табела бъгардон* (Вз.).

Тавре ки қайд намудем, ин навъи чорворо аз рӯйи таъинот бештар барои боркашӣ истифода мебаранд. Барои он ки хару асп озор набинанд, ба пушти онҳо *ҷул* (*туқум*) мекунанд. Дар гӯйиши Ғорон он бо вожаи *ҷъл* ифода карда мешавад. Яъне дар зери зини хару асп намад ё матои махсуси ғафси дӯхташударо мегузоранд, то ки пушташон озор наёбад ва озурдаву захмин нашавад. Дар забони яғнобӣ вожаи мазкур дар шакли *ҷул к*орбурд мешавад. Инчунин, аз зери думи аспу хар маҳсулоти чармие гузаронда ба паси зини онҳо

баста мешавад, ки дар гӯйиши Ғорон он бо вожаи *пардъм* ифода меёбад. Дар «Бурҳони қотеъ» гунаи *пордум* омада, чунин шарҳ дода шудааст: «Пордум он чарме бошад паҳн, ки бар паси полони чорво дӯзанд ва бар паси рони чорво андозанд. Ва баъзе гӯянд чарме бошад, ки бар паси зини асп банданд ва бар зери думи асп андозанд» [2. 190, с. 213]. Ин вожа ҳамчун истилоҳи маъмули соҳа имрӯз низ кор фармуда мешавад ва шарҳи он дар ФЗТ чунин аст: «*пордум* банди паҳни чармин, ки аз таҳти думи хар, хачир ва ғ. гузаронида аз ду сӯ ба ду канори полон ё зин баста мешавад» [2.195, с. 86] ва дар ФТЗТ бошад, калимаи *пордум* чунин тафсир шудааст: «тасмаи паҳни чармин ё аз матои мустаҳкам дӯхташуда, ки аз таги думи чорпоёни боркаш гузаронида, аз ду сӯ ба ду канори полон ё зин баста мешавад» [2. 196, с. 114]. Ин калима дар гӯйиши Ғорон ва забони адабӣ хеле маъмул аст.

Дар гӯйиши Ғорон рафтору одати ҳайвоноти боркаш, аз ҷумла, харҳо бо ибораҳои тавсифӣ, ки бо вожаи хар якҷоя меоянд, ифода мешаванд. Ба қатори ин ибораҳо дохил мешавад: *хари қапзан* – харе, ки ҳангоми аз пешаш гузаштан мегазад, дандон мезанад, *хари ҷағат* – харе, ки бо харҳои дигар дар як ҷо рост намеояд, *хари ангасин* – харе, ки аз рӯйи одаташ дар давоми рӯз як вақти муайян садо мебарорад.

Инчунин, хусусияти муҳимми ин намуди ҳайвони боркаш бо ибораҳои алоҳида ифода карда мешавад: *хари dawанд* – харе, ки соҳибашро гӯш накарда медавад, хари тездав, хари *згинцъкзан* – харе, ки вақти давидан яктарафа мепарад, *нътзан* – харе, ки рост наомада, харҳои дигарро дандон мезанад. Мисол: ***Хари dawанд-а*** *дарйоw кардан натонистъм;* ***Хари згинцъкзан-а*** *тоқа боркъни́ наметонъм, къ згинцк мезана; Мъ ай* ***хари згинцъкзан*** *метарсам* (Сб.). *Хари* ***нътзан*** *харойи дъга-ра чаро наземона;* ***Хари нътзан*** *мочахари бечора-ра кънҷъкӣ кардаст* (Гч.).

Тудаи аспу хар бо вожагони *гала, харгала, аспгала* ифода карда мешавад. Мисол: *Амъки Иқбол* ***галаи*** *хар-а ай зъминойи Чурш барowърд; Харгала шаw ай Пъръҷ хамбидаст, йагон кас хабар нашъдаст* (Гч.).

Хулоса, вожаю истилоҳоти марбут ба ҳайвоноти боркаш дар гӯйиши Ғорон хеле зиёд буда, таркиби лексикаи чорводории лаҳҷаҳои бадахшонии забони тоҷикиро ташкил медиҳанд.

Аз таҳлилу баррасии луғавӣ-маъноии вожагони ифодакунандаи номи умумии чорво, вожагони марбут ба чорвои хурд, чорвои калони шохдор ва боркашу саворӣ ба чунин хулоса метавон расид:

Барои ифодаи тамоми намуди чорвои хонагӣ дар гӯйиши Ғорон, монанди дигар шеваву лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ вожагони умумии *айwон, мол, чорпо//чорwо, чаръанда, ҷонwар* ва *лағна* истифода мешаванд.

Ҳамин тавр, аз таҳлилу баррасии вожагони бахши мазкур чунин натиҷагирӣ метавон намуд:

Калимаю истилоҳоти соҳаи чорвои хурди хонагӣ яке аз қабатҳои муҳимми таркиби луғавии лаҳҷа буда, мутобиқи сифат ва аломатҳояшон на танҳо ба лаҳҷаи Ғорон, балки ба дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ва забони адабии меъёр низ мустаъмаланд, ки аз даврaҳои дури таърихи забон сарчашма мегиранд.

Вожагони ифодакунандаи номҳои умумии гов, шохисҳои синнусолии ҷинсӣ, рангу намуд ва хусусиятҳои бадани онҳо дар гӯйиши Ғорон гуногунранг буда, таркиби лексикаи истилоҳоти чорводории забони тоҷикиро ташкил медиҳанд.

Вожагони марбут ба ҳайвоноти боркаш ва саворӣ дар таркиби луғавии лексикаи чорводории гӯйиши мазкур хеле зиёд мушоҳида шуда, ҳамзамон, онҳо манбаи ташаккули воҳидҳои луғавии соҳаи чорводории лаҳҷаҳои бадахшонии забони тоҷикӣ маҳсуб меёбанд.

Баррасӣ ва таҳқиқи вожагони бахшҳои боби мазкур аз он шаҳодат медиҳанд, ки воқеан ҳам, соҳаи чорводорӣ яке аз соҳаҳои рушдкарда ва афзалиятноки минтақаҳои кишвар, аз ҷумла, Бадахшон ба шумор рафта, боиси пайдоиш ва инкишофи лексикаи соҳаи чорводории шеваву лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ гардидааст.

БОБИ II
БАРРАСИИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ ВОЖАГОНИ МАРБУТ БА СОҲАИ ЧОРВОДОРӢ ДАР ГӮЙИШИ ҒОРОН

2.1. Матолиби муқаддамотӣ

Таҳлил ва баррасии этнолингвистӣ, асосан, ба пояи этнолингвистика (забоншиносии қавмӣ) амалӣ мегардад. Зикр бояд кард, ки этнолингвистика яке аз шохаҳои забоншиносӣ буда, робитаи байни забон ва фарҳангро дар як ҷомеа, мисли суннатҳо, боварҳо, анъанаҳо, урфу одат ва монанди инҳоро мавриди таҳлил қарор медиҳад ва ҳамчунин, ба масъалаҳои омилҳои забонӣ, этнофарҳангӣ ва этнопсихологӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд.

Е.В. Перехвалская доир ба ташаккули масъалаҳои этнолингвистӣ ва муносибати байни забону тафаккур ва забону фарҳанг чунин нигоштааст: «Забон ва тафаккури инсоният пурра бо ҳам мутобиқат мекунанд, зеро ҳар ду як мантиқро ифода мекунанд. Аз ин бармеояд, ки ҳамаи забонҳо сохтори дохилии ягона доранд, бинобар ин, савол доир ба муносибати забон ва фарҳанг, доир ба нисбияти лингвистӣ ҳатто пешниҳод намешавад» [1.157, с. 102].

Баррасиву таҳлили назариявии маводи мазкур дарак медиҳад, ки забоншиносии қавмӣ – этнолингвистика яке аз шохаҳои муҳимми забоншиносӣ ба шумор рафта, равандҳои равониву инъикоси забонии мардумро дар замони муосир ва ҳатто, гузаштаи онҳо таҳқиқ мекунад.

Н.И. Толстой дар ин хусус чунин таъкид мекунад: «Забон, ки воҳидҳои ҷаҳонбинӣ, равонӣ ва фарҳангии қадимии ҳифзшударо дар худ нигоҳ медорад, яке аз сарчашмаҳои ғанитарин ва боэътимод барои азнавсозии пешотаърих ба ҳисоб меравад, дар ҳоле ки он аз шакли хаттии шаҳодатдиҳандаи фарҳанги инсоният маҳрум будааст» [1.170, с. 82-83] Дар таҳқиқотҳо мушоҳида мешаванд, ки диққати асосӣ бояд ба воҳидҳои муошират ҳаррӯзаи забон дода шавад, зеро он хусусиятҳои фарҳангӣ ва муносиботи одамонро байни ҳамдигар ва ба табиату воқеият таҷассум карда метавонад ва ҳар як забон низ, маҳз, бо ҳамин хусусиятҳо рушд кардааст. Бинобар ин, таҳқиқи гӯйишвораҳо

(диалектизмҳо) дар ин самти забоншиносӣ аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд. Муҳаққиқ С. Шердилова ба масъалаи омӯзиши шеваю лаҳҷаҳо аз нигоҳи этнолингвистика мароқ зоҳир намуда, доир ба аҳаммияти таҳқиқи онҳо чунин қайд кардааст: «Таҳқиқи лексикаи шеваю лаҳҷаҳои тоҷикӣ на фақат барои рушди забони адабӣ, балки барои инкишофи таърихшиносӣ, этнография ва хусусан, барои муайян намудани масъалаҳои таърихи забони адабии тоҷик низ аҳаммияти калон дорад» [1.102, с. 6].

Бар асоси усулҳо ва равишҳои этнолингвистӣ таҳқиқ намудани масъалаҳои шевашиносӣ дар таърихи забоншиносӣ хеле барвақт оғоз ёфтааст. Чунончи, аз пажуҳишҳои ибтидои асри XX маълум аст, ки дар миёни муҳаққиқони шевашиноси фаронсавӣ баҳсҳои хеле зиёд доир ба ин масъала сурат гирифтааст. Муҳаққиқи фаронсавӣ Ж.К. Дэнгирард бештар ба таҳқиқи фарҳанги шифоҳии мардум диққат дода, усулҳои этнолингвистиро дар таҳқиқоти худ истифода намудааст. Номбурда дар ин хусус чунин нигоштааст: «Муҳимтарин хусусиятҳои этнолингвистиро дар таҳқиқоти шевашиносӣ, пеш аз ҳама, метавон дар таҳлили маъноии матнҳои фолклорӣ, топонимика ва антропонимика истифода кард» [1.181, с.15].

Муҳаққиқи тоҷик С.Қ. Матробиён ба масъалаи баррасии маводҳои этнолингвистӣ ба асоси маводи шевашиносӣ таваҷҷуҳ намуда, чунин қайд менамояд: «Мусаллам аст, ки этнолингвистика худ як соҳаи мустақили забоншиносист, аммо соҳаҳои дигари забоншиносӣ, чун шевашиносӣ ва лексикология, хусусан, бахшҳои лексика, ономастика, фразеология, этимология ва луғатнигорӣ, метавонанд маводи бебаҳоеро барои этнолингвистика пешкаш намоянд. Он чӣ дар шевашиносӣ ва лексикология баррасӣ ва таҳлил мешавад, дар этнолингвистика хусусиятҳои фарҳангӣ ва ҳувияти этникии муайянро метавонанд зоҳир намоянд» [1. 32, с. 89].

Албатта, ҳар як шохаи илм масъалаҳои ҳалталаби омӯзиширо вобаста ба мавзуъ дар бар гирифта, дар аксар мавридҳо бархурди онҳо ба вуҷуд меояд, ки забоншиносии муосир низ аз ин ҳолат истисно нест. Муҳаққиқ С. Шердилова

дар ин хусус чунин менигорад: «Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар забоншиносии муосир бо ҳам бархурд мекунанд, робитаи забоншиносии қавмӣ (этнолингвистика) ва шевашиносӣ маҳсуб меёбад. Дар забоншиносии қавмӣ низ шеваҳо, лаҳҷаҳо, гӯйишҳо, ки аз назари ҳудудӣ ва доираи паҳншавиашон аз якдигар фарқ мекунанд, таҳқиқ мешаванд. Истилоҳоти этнографизмҳо дар забоншиносии қавмӣ (этнолингвистика) ва диалектизмҳо дар шевашиносӣ мавриди таҳқиқ қарор доранд, ки барои муҳаққиқон равшан аст» [1. 102, с. 22].

Шевашиноси шинохтаи тоҷик М. Эшниёзов доир ба таваҷҷуҳ зоҳир намудани мутахассисон ба омӯзишу таҳқиқи шеваю лаҳҷаҳои алоҳида аз солҳои 30-юм асри 20 чунин нигоштаанд: «Хусусиятҳои маҳаллии забон дар қатори намудҳои материалҳои маданияти моддӣ ва маънавии халқ ҳамчун яке аз хусусиятҳои алоҳидаи ин ё он гурӯҳи этникӣ муайян карда мешуданд. Аз ин рӯ, бо ин равия то соли 1929 оид ба омухтани баъзе лаҳҷа ва шеваҳои забони тоҷикӣ материалҳои ҷудогона ва иҷтимолӣ гирд овардаанд» [1.107, с.6].

Доир ба масоили этнолингвистика ва соҳаҳои бо он марбута таҳқиқоти забоншиносони тоҷик А. Эшниёзов, Ғ. Ҷӯраев, А. Мирбобоев, Ш. Исмоилов, Т. Мақсудов, М. Маҳмудов, О. Маҳмадҷонов, С. Раҳматуллозода, М. Броимшоева, С. Матробиён, Р. Шодиев, Ш. Зоолшоева, С. Шердилова, Г. Абдуллоева ва дигаронро метавон муҳим арзёбӣ намуд.

Муҳаққиқ С. Матробиён доир ба хусусияти давраи ташаккули этнолингвистика дар асрҳои XVIII-XXI чунин қайд намудааст: «Дар асрҳои XVIII-XXI забон, ҳамчун оинаи фарҳанг ва таърихи халқ, ягона сарчашмаи ҳастию пойдории миллат мавриди таваҷҷуҳи фарҳангшиносону таърихнигорон, мардумшиносону забоншиносон ва дигар соҳаҳои илм қарор мегирад. Он ҳамчун офарандаи олами рангини маъноҳо шинохта шуда, раванди дарки зеҳнии ҷаҳон ва ташаккули ҷаҳоншинохтии узви ҷомеаи забониро муайян мекунад. Ба ибораи дигар, дар ин асрҳо забон на воҳиди шинохти ашё, балки воҳиди тафаккуре шинохта мешавад, ки дар эҷоди калима ҳамчун далели мавҷудияти нутқ амалӣ мегардад. Муҳаққиқони ин асрҳо ба хулосае омаданд,

ки забон метавонад хусусиятҳои ба ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳоншинохтии ин ё он ҷомеаи фарҳангӣ мансубро шафоф инъикос кунад» [1. 32, с. 11-12].

Дар боби мазкур вожагони соҳаи чорводорӣ марбут ба расму одат, касбу кор, макони парвариши ҳайвонот, бемориҳои ҳайвонот, коркарди маҳсулоти ширии марбут ба он, ки хусусияти этнографӣ доранд, дар иртибот ба забоншиносии этнолингвистӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

2.2. Вожаҳои марбут ба расму ойини чорводорӣ

Бояд зикр намуд, ки ҳануз аз даврaҳои қадим дар байни мардуми Ғорон як қатор расму одатҳои марбут ба парвариши ҳайвонот вуҷуд доштанд, ки имрӯз низ дар байни мардум мавқеи махсус касб намуда, мардум онҳоро дар ҳаёти рӯзмарраи худ ба ҷо меоранд. Лексикаи мазкур ба мафҳуми этнографӣ алоқамандии зич дорад.

Расму ойинҳои марбут ба чорводорӣ ҳангоми ба айлоқ бурдан, аз як чарогоҳ ба чарогоҳи дигари мавсимӣ кӯчидан, ба деҳа овардани чорво, дар деҳа ва дар айлоқ ба ҷо оварда мешавад.

Зимни таҳқиқ аз рӯйи нақлу ривоятҳои шахсони калонсоли ин водӣ бархе аз расму ойини марбут ба ин соҳа маълум гардид, ки аксари онҳоро насли ҷавони имрӯз намедонанд.

Вожаҳои *расм* ва *ойин* дар гӯйиши Ғорон дар шакли забони адабӣ истифода мешаванд. Инчунин, ибораҳои *расми пъдарӣ*, *расми бъбогӣ* – расми падарӣ, *расми Ғорон* – расми мардуми Ғорон**,** *расму ръсум* – расму ойин низ дар байни мардум маъмул мебошанд: *Ай мо амтари* ***расм****, ки то (ҳ)афт руз наша, одами бегона бояд ба айлоқ найойа*; *И* ***расм*** *да байни мардъми мо ай қадим бъдаст* (Кл.). *Амтари бъкънет, ки* ***расми пъдарӣ*** *ай байн нара; Калоно ай* ***расми пъдарӣ*** *бъсйо коро-ра мефаман* (Анд.). *Йошо ай* ***расми бъбогӣ*** *йагон чи намефаман, уно-ра йод додан даркор; Мардъми боло ама кор-а ай руйи* ***расми бъбогӣ*** *мекънан* (Шб.). ***Расми Ғорон*** *ай расми мардъми Wахон фарқ мекъна; Да* ***расми Ғорон*** *итари коро-ра қабул намекънан* (Гч.).

Маълум аст, ки фасли тобистону тирамоҳ ҷойи зисти ҳайвоноти хонагӣ иваз карда мешавад. Бояд қайд намуд, ки давраи ба айлоқ бурдан ва ба деҳа овардани ҳайвонот расму ойин ва анъанаи хос ба ҷо оварда шуда, тавассути калимаҳои алоҳида ифода карда мешаванд.

Яке аз ойинҳое, ки дар байни мардуми Ғорон ва дигар мардуми Бадахшон хеле паҳншуда мебошад, ин додани чорвои хурд ё калон барои истифодаи муваққатӣ ва бо мақсади гирифтани зоти хуб ва зиёд намудани саршумори чорво мебошад. Ин расм дар гӯйиши Ғорон бо вожаи *нимсуд* ифода карда мешавад. Вожаи мазкур аз ҷиҳати сохт мураккаб буда, аз вожаҳои «ним» ва «суд» таркиб ёфта, маънои «нисфи фоида»-ро мефаҳмонад.

Ҳангоми додани чорво барои истифодаи муваққатӣ, соҳибаш аз рӯйи эътиқод баъзе корҳоро иҷро мекунад, то ки ягон нохушие ба ҳайвоноти дигар рӯй надиҳад. Вақти аз оғил баровардани ҳайвон (барои ба истифодаи муваққатӣ додан) соҳибаш каме аз мӯйи бадани он меканаду зери остонаи дари оғилаш таги хок мекунад, ки ин амалро *баракат* ва мӯйҳои кандашударо *баракатӣ* ном мебаранд. Инчунин, ҳангоми фурӯхтан ва куштани чорво ҳамин амал иҷро карда мешавад. Шахсе, ки ҳайвонро барои истифодаи муваққатӣ гирифтааст, ҳангоми баргардондани ҳайвон нони расмӣ – *ҷъмоч* (нони махсуси ғафсе, ки онро аз орд ва ширу равған дар зери хокистари сузон, дар зарфи махсусе, ки *ҷъмочдон* номида мешавад, омода мекунанд) пухта, тибқи *«соатгир»* (тақвими хоси чорводорӣ) дар рӯзи мувофиқ онро ба хонаи соҳибаш меорад. Ин суханон аз рӯйи нақли намояндаи деҳаи Хасхоруғ оварда шудааст [4.9*].

Мутобиқи *«соатгир»* соатҳо ва рӯзҳои ҳафта ҳангоми ба ҷо овардани расму одати чорводорӣ нақши муҳим доранд. Масалан, рӯзҳое, ки барои бори аввал аз оғил, баровардани гусола, барраву бузғолаи навзод, ба айлоқ бурдан, аз айлоқ хамбидан, равғанобкунӣ, тарошидани мӯйинаи чорво, порубарорӣ, ахтакунӣ, нишонгузории чорвои хурд – *дърушкъни́* ва ҷуфтбарорӣ муқаррар шудааст, бо ибораи *рузи хъб* – рӯзи хубу бобарор ва рӯзҳое, ки чунин корҳоро иҷро кардан мумкин нест, *рузи нас/нас* – рӯзи наҳс муқаррар мешавад. Ба

ақидаи мардуми Ғорон, рӯзҳои душанбе, чоршанбе, панҷшанбе «рӯзҳои хубу бобарор» ҳисобида мешаванд. Рӯзҳои шанбе, якшанбе ва сешанбе барои чорво «рӯзи наҳс» мебошанд. Рӯзҳои мазкур дар мавридҳои анҷом додани коре низ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Дар ин хусус, дар байни мардуми Ғорон чунин мегӯянд: *«Шамбе зи хъд кам макън, якшанбе зи мол»* [4, 11*]. *Калоно меган, ки рузи чоршамбе ба wреш бъсйо* ***рузи хъб****; Баройи тарък-а рузи пайшамбе ба нъйат йак бор барорет, ки ба мол* ***рузи хъб*** (Анд.). *Ага бътонет ама кори молъ ол-ътон-а ами рузойи чоршамбеwъ пайшамбе бъкънет, ки рузойи дъга ба мол* ***рузи хъб*** *набъдаст* (Шб.). *Мол-а тезтар wреш бъкънет, ки нас медаройа; Рузой шамбwъ йакшамбе ам ба одам, ам ба мол* ***рузи нас*** *бъдаст* (Кл.) *Сешамбе йагон кор накънет, ки бъсйо* ***рузи нас*** *бъдаст;* ***Нас****, ки даромад йагон кор кардан намеша* (Сист).

Одати дигаре, ки дар байни мардуми Ғорон маъмул аст ва бо вожаҳои махсус ифода карда мешавад, ин мумкин будан ё набудани хурдани гӯшт чун ғизо мебошад. Аз ин ҷиҳат, дар байни мардуми мусулмон ҳайвоноти хонагӣ ба ҳалол ва ҳаром ҷудо мешавад. Гӯшти хар, хук, асп ва ҷасади ҳайвони мурда ҳаром мебошад. Гӯшти ҳайвоноти хонагӣ, аз ҷумла, гӯшти буз, гӯсфанд, гов ва қутос ҳалол мебошад. Асосан, мардон сари ҳайвонро бурида, онро ҳалол мекунанд. Дар гӯйиши Ғорон ҳайвони ҳалол дар шакли *алол* – ҳалол ва ҳайвони ҳаром дар шакли *аром* – ҳаром ифода карда мешавад. Ҳангоми куштани чорво мардон дуои махсус мехонанд. Аввал, дар дами корд дуо хонда, вақти сарбурӣ се бор дами кордро ба даҳонашон наздик намуда, *чъф-чъф-чъф* –чуф-чуф-чуф мекунад ва дар охир, дуову «оллоҳу акбар»-ро хонда, баъд сари ҳайвонро ба замин мегузорад, ки хунаш равад. Агар зан сари ҳайвонро бурад, онро низ ҳаром меҳисобанд ва гӯшти онро истеъмол намекунанд. Ин ақида аз давраи қадим то имрӯз низ аз байн нарафтааст. Нисбат ба ҷасади ҳайвоне, ки аз ягон намуди беморӣ мурдааст ва ҳаром аст, дар гӯйиши Ғорон вожаи *гъндис* (ниг. вахонӣ: *gəndos*) кор фармуда мешавад [4.4*]. Масалан: *Хъб, ки амъкъм Алибахш меши касал-а* ***алол*** *кардаст, агане гушт-ъш-а бой медод. Мъмом доим мегъфт,*

ки моли ***алол*** *баракат-ъш дъга* (Кл.). *Гowи съйа-ра дина накъштет шаw* ***аром*** *шъдаст; Гушти аром фақат бахши саго меша* (Сист). *Меши амсойа да пъшта* ***гъндис*** *шъдасту ино мешуранъш; Мawло гowи сърх-а* ***гъндис*** *бъбинъм, къ амаи гowo-ра хун мегира* (Сб.). Ҷасади ҳайвоне, ки онро гург ё дигар ҳайвони ваҳшӣ куштааст, бо калимаҳои *хънерӣ, гъргкандагӣ* ё *захмии гърг* ифода меёбанд: *Зоғо да болои* ***хънерӣ*** *ҷамъ шъдан, пъшта съйаи медъйа,* ***хънери****-ра ба саго партowет, ки бисйо меҷахан* (Гч.). Ҷасади ҳайвоне, ки гург захмӣ карда бошад ва сарашро буранд, ҳалол ҳисобида мешавад ва он бо ибора-истилоҳи ***алол кардагӣ*** ифода карда мешавад: *Айwони* ***алол кардагӣ*** *ранги гушт-ъш ай гушти айwонойи хъдмърдък фарқ мекъна*. *Гушти мешойи алол* ***кардаги-ра*** *акаи Awаз ба сawдо бърд* (Шб.).

Расми дигаре, ки дар гузашта нисбат ба чорво дар байни мардуми Бадахшон маъмул буд, ин *курхат* мебошад. Ба хотири аз ҳайвоноти ваҳшӣ эмин нигоҳ доштани ҳайвони дар саҳромонда, соҳибаш ба назди шахсе, ки дуои курхатро медонад, рафта, ҳайвони гумшударо курхат мекунад. Расми курхат бо чунин тарз ба ҷо оварда мешавад. Дар корд ё сузан дуои ба курхат алоқамандро хонда, онҳоро дар лаби дегдон (то солҳои наздик дар хонаҳои бадахшонӣ дегдон дар даруни хона буд) мемонанд, то ки ягон кас даст нарасонад. Корду сузане, ки дар онҳо дуо хонда шудааст, *корди курхаткарда, сузани курхаткарда* меноманд. Дуои *курхат* чунин аст:

Бисмилойи рамони раим,
Бастам фами гъргон,
Бастам қъwати гъргон,
Бастам сиwъ дъ дандони гъргон,
Қасам ба номи «Олло!»
Ба номи Довуд, ба номи Сулаймон.
Ё ки :
Ман бастам гуши гъргон,
Ман бастм уши гъргон.

Ман бастам, Худои ман баста бъгардон.

Дуои курхат бояд бехато ва бо баровардани нафаси якнавохт хонда шавад. Агар шахси курхаткунанда вақти хондан матни дуоро фаромуш кунад, чунин мегӯяд, ки *ба курхат найомад,* яъне «ҳайвон зинда нест» [4, 8*].

Инчунин, дар вақти гум шудани чорво чунин расм ба ҷо оварда мешавад: дар як коса шир мемонанд. Агар ранги шир бетағйир монад, маълум мешавад, ки ҳайвон зинда будааст ва агар ранги шир сурхчатоб шавад, гӯё ба чорво ягон зиён расидааст.

Расми дигаре, ки дар байни мардуми Ғорон вуҷуд дорад, ин вақти ба ягон дард гирифтор шудани чорво, хусусан, чорвои калон истифода мешавад. Масалан, агар модагов ба дарди пистон гирифтор шавад ё ягон ҳашарот ё хазанда онро газад, болои пистони гов ва ҷойи газидашуда як порча матои сурх монда, аз болои он бо пушти корд мебуранд ва дуои махсус мехонанд, ки бо он ибораи *дуои себс* ифода карда мешавад. Ин расмро шахсе, ба ҷо меорад, ки аз калонсолон дуо гирифтааст ва инро ба ӯ бахшидаанд.

Чунончи:

Шак аст, намак аст,

Ғук аст, ғандал аст,

Мор аст, гаждъм аст.

Пистон газид, задон газид,

Заръш-а бозгардон,

Ба ақи Луқмони аким.

Чунин дуо хонда, кордро 3 маротиба ба ҷойи варамкарда ё газидашуда, мемоланд. Ин амалро якчанд маротиба иҷро мекунанд, то ки ҳайвон сиҳат шавад [4. 7*].

Расми дигаре, ки дар гузаштаи мардумони ин водӣ роиҷ буд ва ба ҷо оварда мешуд, ин бо мақсади аз чашми бад эмин нигоҳ доштани говони сершир мебошад. Аз рӯйи нақли сокини деҳаи Андароб – Муродмамадова Содатбахт соҳибони ин навъи ҳайвон бо ин мақсад, аз ягон мулло *тумор* гирифта, онро

дар шох ё гардани гов мебастанд. Агар ба гов чашм расида бошад, он ба ягон беморие, ки дар байни мардум бо номи *чъшми бад расидаст* – чашми бад расидааст, гирифтор мешавад. Барои дур кардани «чашми бад» низ дуои махсус вуҷуд дорад: *бъсмилойи рамони раим, ба номи Хъдои рабил оламин, ийока набуду ийока настаин, бастъм чъшми фалонӣ ба дами пири устод* – «бисмиллоҳир – раҳмонир – раҳим, ба номи Худои раббил оламин, иёка наъбуду иёка настаъин, бастам чашми фалонӣ ба дами пири устод». Дуои мазкурро дар риштаи ҳафттора хонда, онро дар гардан ва ё шохи гов мебастанд. Бо мурури замон ин расм аз байн рафтааст ва имрӯз дар байни мардум ба ҷо оварда намешавад [4, 5*].

Одати дигаре, ки дар байни мардуми Ғорон хеле маъмул аст, ин *бийомързъш* кардан – ёд кардани арвоҳи гузаштагон ва руҳи пирони кӯҳистон мебошад. Одати мазкур дар айлоқҷойҳо ҳама вақт ба ҷо оварда мешавад. Аз он ҷумла, вақти аз дуғ ҷудо кардани равған вожаҳои махсус ба ёди гузаштагон ба забон оварда мешавад. Зане, ки ин амалро иҷро мекунад, бо ангушт то ҷудошавии пораҳои хурди маскаи дуғро ба ҳар тараф ҳаракат дода, калимаҳои расмиро ба забон меорад: *бийомърза арwойи калоно-ра, руйи поки пиройи куистона* (Худо раҳмат кунад арвоҳи гузаштагонро, руҳи поки пирони кӯҳистонро).

Шир маҳсулоти асосии ҳайвоноти хонагӣ ба шумор меравад, аз ин рӯ, вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти ширӣ низ, расму одатҳои мардумӣ зиёд вуҷуд доранд. Масалан, дар вақти ширро аз оғил ба хона даровардан даҳони кузаи ширдӯширо бо ягон латта мепушанд, то ки нигоҳи одами бегона ба шир нарасад. Инчунин, вақти шом ширро аз хона баровардан ва ба ягон кас додан мумкин нест, агар ба ягон кас шир диҳанд, дар даруни шир ангишти сиёҳ меандозанд, то ки шир натарсад. Ҳангоми ба ягон кас шир додан ҳамаашро ба зарфи дигар кас намерезанд, аз он каме дар зарфи худ монда дар хона нигоҳ медоранд ва онро *баракати шир* меноманд.

Мавсими ба айлоқ бурдани ҳайвонот як давраи асосӣ ба ҳисоб меравад. Чорворо, асосан, рӯзи чоршабе, ки *рузи хъб* ҳисоб меёбад, ба айлоқ мебаранд. Дар вақти ба айлоқ рафтан низ баъзе расму одат ба ҷо оварда мешавад, ки онҳо бо калимаву ибораҳои махсус ифода карда мешаванд. Масалан, ҳангоми ба айлоқ рафтан вожаҳои *айлоқrawи́* ва *айлоқбари́* кор фармуда мешавад. Маълум аст, ки дар айлоқҷойҳо занону кудакон як муддати муайян меистанд. Аз ин рӯ, абзору ашёҳои махсусе, ки дар он ҷо зарур аст, асосан, мардон онҳоро мебаранд. Мардоне, ки асбобу анҷом ва дигар чизҳои заруриро мебаранд, онҳоро *борбар* меноманд. Занону кӯдакон бошанд, ҳайвонотро ҳай мекунанд, онҳоро *молайкън* меноманд. Ҳайвоноти майдаро алоҳида ва ҳайвоноти калонро алоҳида ба айлоқ мебаранд. Касоне, ки гову гусоларо ҳай мекунанд, *гowайкън* меноманд. Борбарҳо асбобу анҷомро ба айлоқ расонда, ба дигар корҳо ёрӣ мерасонанд. Масалан, ҷойи ҳайвонот (*шола*)-ро девор мекунанд, ҳезум меоранд, пору мебароранд ва ғайра. Заноне, ки то тирамоҳ дар айлоқ меистанд, онҳоро *айлоқдор* меноманд. Ҷойе, ки дар он ҷо занони айлоқдор меистанд, *крич* меноманд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки вожаи *крич* дар забони тоҷикии классикӣ дар шакли *курич/курича* маъмул буда, дар гӯйиши Ғорон имрӯз низ қариб бетафовут дар ҳамин шакл ба кор бурда мешавад, ки ин аз қадимӣ будани вожаи гӯйиши мазкур шаҳодат медиҳад. Вожаи мазкур дар забони вахонӣ дар шакли таҳаввулёфтаи *kətič*< эронии қадим **kata-či* ва вах.-тоҷ., ишк.-тоҷ. дар шакли *kərič* истифода мешавад [1.144, с.140]. Зани айлоқдор ба айлоқ баромада, аввал ҳама ҷоро тоза мекунад ва барои касоне, ки ба айлоқ омадаанд, баъди ба анҷом расидани корҳояҳошон, хурокҳои маросимӣ, асосан, *бат* ва *ширкочи́* омода мекунад. Мардон баъди ба анҷом расондани корҳояшон ба деҳа бармегарданд ва то ҳафт рӯз ба айлоқ рафтани онҳо мумкин нест. Рӯзи ҳафтум дар айлоқҷойҳо ҳамчун маросим ба ҷо оварда мешавад. Дар асоси нақли яке аз занони айлоқдори деҳаи Гармчашма – Тӯймамадова Ақлимо ин маросим ба тарзи хос ба ҷо оварда мешавад. Дар ин рӯз кӯдакон дар нуги чуби дароз *зашък*

– як намуд рустании кӯҳии хордори гунбадмонандро маҳкам баста, онро дармегиронанд ва болои сар баланд бардошта, дар гирду атрофи ҷойи зисти одамон ва чорво медаванд, то ки дуд ҳама ҷоро фаро гирад. Ба ақидаи онҳо ин амал боиси эмин нигоҳ доштани чорво аз ҳайвоноти ваҳшӣ дар айлоқҷойҳо мегардад. Ҳангоми иҷрои ин амал заноии айлоқдор ба тарафи занони айлоққои ҳамсоя, ки дар рӯ ба рӯйи онҳо зиндагӣ мекунанд, ширу дуғи худро ситоиш карда, мегӯянд, ки «*Шири мо қарқара, ай шумо дуғъ панир*» (говҳои мо сершир ва ширашон баҳрадор, вале шири говҳои шумо ба монанди дуғ тунуку беравған мебошад) [4, 10*]. Аз рӯйи нақли гӯяндагон маълум гардид, ки маросими мазкур дар байни сокинони деҳаҳои Андароб, Гармгашма, Сниб, Делох, Кӯҳилаъл ва Сист бо калимаи *зашкгардон* ифода мешавад, вале сокинони деҳаҳои Бағуш, Қозидеҳ ва Баршор нисбат ба ин амал вожаи «*заҕгардон*»-ро истифода мебаранд [4, 3*].

Ҳангоми аз айлоқ ба деҳа омадан, вожаҳои *айлоқхамбӣ* ва *айлоқхамбонӣ* истифода мешавад. Рӯзи *айлоқхамбонӣ* низ ба монанди *айлоқpawӣ* ҳамчун расм ба ҷо оварда мешавад. Бо вожаҳои болозикр мисолҳои зерро овардан метавонем: *Акайи Сафар рузи йакшамбе мардъм-а* ***айлоқpawӣ*** *хабар кард; Ай ар хона дъ нафарӣ бойад* ***айлоқбарӣ*** *бъран* (Кл.). *Мардъкойи* ***борбар*** *ануз найомадан; Кудакойи* ***молайкън*** *ай калоно waxттар омадан* (Шб.). *Бачойи* ***гowайкън*** *гowo-ра ай мол пештар бърдан; Занъкойи* ***айлоқдор*** *ба айлоқpawo awқотойи бъбогӣ кардан* (Қз.).

Вақти ба айлоқ рафтан баъзе корҳо мамнуъ мебошад, Дар байни вожагони марбут ба расму ойини чорводорӣ, вожагони ифодакунандаи амалҳое, ки дар айлоққойҳо мумкин намебошанд, муҳим ба назар мерасанд. Бояд зикр намуд, ки яке аз унсурҳои этнографӣ дар соҳаи чорводории мардуми Бадахшон, аз ҷумла, мардуми водии Ғорон ин табу мебошад. Дар вақти ба айлоқ рафтан як қатор корҳое ҳастанд, ки манъ карда шудаанд ва онҳо бо калимаҳои махсус ифода карда мешаванд:

– баъди омадани айлоқдорҳо то ҳафт рӯз омадани одамони бегона ба айлоқ манъ аст, ки ин маврид, бо таркиби *пай гъръфтан* ифода карда мешавад.

– ҳангоми ҷушондани шир, дуғкашӣ, равғанобкунӣ даромадани одамони бегона ба *крич* манъ аст (гӯё агар вақти ширҷушонӣ, дуғкашӣ ва дигар корҳо ягон кас ба *крич* дарояд, шир сар мезанад ё маскаи дуғ ҷудо намешавад);

– бозиҳои бачагона ва кашидани нақш ва расмҳои гуногун дар замин мумкин нест, чунки онҳо боиси пайдо шудани ҳайвоноти ваҳшӣ мегарданд;

– дар айлоқ садои баланд, доду фарёд, ҳамчунин, ҳуштак кашидан манъ аст, чунки хайру баракати айлоқ мепарад ва ғайра [].

Табу дар лексикаи чорводорӣ хусусияти таърихӣ дорад, ки дар ин бора бисёр асосҳои забоншиносӣ аз даврaҳои хеле қадими инкишофи забонҳои ҳиндуаврупоӣ шаҳодат медиҳанд. Муҳаққиқ А. Мирбобоев раванди инкишофи табу ва эвфемизмро дар лексикаи чорводорӣ аз нуқтаи назари забоншиносӣ ба ду давра ҷудо намудааст: қадим ва баъдӣ [1.144, с. 143]. Ба ҷойи калимаҳои табушуда муодилҳои муҷози онҳо – эвфемизмҳоро истифода мекунанд. Муҳаққиқ С. Фарҳодова ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳ зоҳир намуда, оид ба истифода вожаи мазкур чунин қайд мекунад: «... яке аз унсурҳои этнографӣ, ки дар лексикаи чорводории мардуми Бадахшон, аз ҷумла, мардуми водии Ғорон корбурд мешавад, ин табу мебошад» [1.85, с. 135].

Табу ва эвфемизмҳо дар гӯйиши Ғорон бо роҳҳои гуногун сохта шуда, дар гуфтугӯ истифода мешаванд:

1. Ба ҷойи номи ҳайвоноти ваҳшӣ номи ягон узви бадани онҳо номбар мешавад, ки ҳамчун исм ифода меёбад: *чанг, чангол* – паланг, *сабилък* – гург. Мисол: *Саго-ра қатитон ба нубат барет, къ* ***сабилък*** *пайдо шъдаст; Тирамо къ шъд,* ***сабилък*** *дар мезана* (Сб.). *Нубатдор хабар нашъдаст, къ* ***чангол*** *мешора тутък задаст* (Бш.).

2. Эвфемизмҳо бо воситаи калимаҳое, ки аломати тавсифдиҳандаи ҳайвоноти ваҳширо ифода мекунанд: *ала* – паланг, *чорпо* – гург, *сърхък* – сурхак**,** миримушон, *бурък* – бурак, замангур. Мисол: *Мол-а дур набарет, къ*

ала ё чорпо *да байни мол назанан*; *Да аѓело аруз шохбу бъкнет, къ* ***сурхък*** *мол-а нагаза* (Гч). *Бачо да амбийо* ***сърхък****-а диданъ ай тарса гърехтан* (Дх.)

3. Эвфемизмҳо бо воситаи калимаҳои марбут ба мафҳумҳои афсонавӣ бо илова кардани пасванди -ук//-ък (*бъхук*) ифода мешаванд. Ин гурӯҳ калимаҳо ҳангоми хобондан ё ором кардани кӯдакон ба кор бурда мешаванд: *Кудако хоw бъкънет, къ оли* ***бъхук*** *мъйойа; Кудак-а то ай* ***бъхук*** *натарсонӣ, хоw намекъна* (Кл.).

4. Номи ҳайвоноте, ки зарар намерасонанд, ба ҷойи ҳайвоноти ваҳшии зараррасон истифода мешавад, ки зиёдшавии намуди онҳо ба ҳайвоноти ваҳшӣ мувофиқат кунад: *пъшък* – гурба, паланг, *пъшъки куӣ* – гурбаи кӯҳӣ – (бабр, паланг). Масалан: *Ай номи* ***пъшък куӣ*** *метарсъм;* ***Пъшъки куӣ*** *имшаw ба аѓели акаи Саид даромадасту амаи мол-ъш-а тутък задаст* (Дх.) .

5. Ифодаи эвфемизмҳо бо воситаи калимаҳое, ки хусусияти манфиро дар бар мегиранд: *сабилӣ, сабилък* – гург. Масалан: *Имсол* ***сабилък*** *мо-ра да айлоқ осоиш намонд, тъхми айwоно-ра канд*; *Бачо да пъшта* ***сабилък-а*** *диданъ барawбъча-ра бawахтӣ оwърдан* (Кл.).

6. Эвфемизмҳои *хонадорък* – хонадорак, *кайбонук* – кадбонуак – муш маъмул буда, дар айлоқҷойҳо васеъ истифода мешаванд. Мисол: ***Кайбонук*** *шаwи дъроз хоwмон наменона; Сари шир-а бъпечонет, ки* ***кайбонук*** *шаw крич-а хабар мегира* (Дт.). *Имшаw* ***хонадорък*** *амаи ноно-ра хърдаст; Ай дасти* ***хонадорък*** *ама ба дод омадан* (Дх.).

Бояд қайд намуд, ки вожаҳои табушуда ва мисолҳо аз рӯйи нақли намояндагони деҳаҳои Кӯҳилаъл [4. 6*] ва Делох [4. 8*] оварда шудаанд.

Вожагоне, ки истифодаи онҳо дар гуфтугӯ мумкин нест, мафҳуми онҳо бо эвфемизмҳо ифода карда мешаванд. Эвфемизмҳо бо калимаҳои мураккаб ва ибораҳо бо роҳҳои гуногуни маъноӣ ва грамматикӣ ифода меёбанд, ки дар ин хусус, дар боло зикр гардид.

Ҳамин тавр, аз таҳқиқ ва баррасии бахши мазкур маълум гардид, ки аз қадимулайём дар байни мардуми Ғорон вобаста ба нигоҳубини чорвои хонагӣ

расму одати гуногун вуҷуд доштааст, ки аксарияти онҳо имрӯз низ дар байни мардум маъмул мебошанд.

2.3. Калимаҳои ифодакунандаи макони парвариши чорво

Таъмин намудани ҳайвоноти хонагӣ бо бошишгоҳҳо яке аз масъалаҳои аввалиндараҷаи марбут ба парвариш ва нигоҳубини онҳо маҳсуб меёбад. Барои аз ҳавои номусоид ва аз ҳайвоноти ваҳшӣ эмин нигоҳ доштани ҳайвонот макони мувофиқи нигоҳубини ҳайвонот зарур мебошад. Вобаста ба сохтмон ва корбурди намудҳои мухталифи ҷойи зисти ҳайвонот, вожагони гуногуни ифодакунандаи макони парвариши ҳайвонот ба вуҷуд омадаанд. Мафҳуми умумии ҷойи нигоҳубини ҳайвонот чун дар дигар мавзеъ ва минтақаҳо, ки бо лаҳҷаву шеваҳояшон истеъмол мекунанд, дар гӯйиши Ғорон дар шакли овоӣ бо вожаи *аҕел* – оғил ифода мешавад: *Ҷъли хара да рузани* ***аҕел*** *бъзанет, ки имшаw awo бъсйо хънък меша; Дари* ***аҕел-а*** *сахт кънет, ки мол набаройа* (Дт.). Вожаи мазкур дар бештари лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба ҳамин маъно истифода шуда, маънои кулро ифода мекунад. Аммо тибқи нишондоди муҳаққиқон дар бархе аз лаҳҷаҳо тафовути маъноии вожаи мазкур ба назар мерасад. Масалан, аз таҳқиқоти муҳаққиқ В. Қосимов пай бурдан мумкин аст, ки дар гуфтори тоҷикзабонони Фориш нисбат ба макони тобистонаи мардуми чорводор гунаи *оғул* ба кор рафта, гунаи *оғил* маъноҳои молхонаву чарогоҳро ифода мекунад [1. 27, с. 307].

Бояд зикр намуд, ки вобаста ба намудҳои ҳайвонот дар гӯйиши Ғорон хелҳои гуногуни оғил сохта мешавад, ки онҳо ба ибораҳои умумитоҷикии *аҕели гowo, аҕели харо, аҕели мешо, аҕели бъзо, аҕели гъсола, аҕели бъчо, аҕели баро* ва ғайра ифода карда мешаванд. Инчунин, дар дохили оғили калон барои ҷудо кардани барраву бузғола аз чубу тахта ҷойи алоҳида месозанд, ки он бо вожаи *теск* ифода карда мешавад. Мисол: *Баро-ра да* ***теск*** *ҷъдо кънет, къ намакан; Дари* ***тесък****-а сангдewол бъкнет, къ шаw ила нашан* (Сист). *Ами афта поруи* ***тъсък****-а барowърдан даркор, къ ҷои барawбъча танг шъдаст* (Кл.). Дар дохили

оғил барои ғизохурии чорво ҷойҳои алоҳида месозанд, ки онро ***охър*** **(**ҷойе, ки ҳайвоноти калон ва хурд дар он ҷо ҷаву алаф мехуранд) меноманд. Тарзи сохтани охурҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Одатан, чорвои калон ҳангоми ғизохурӣ бо ҳам муросо намекунанд, аз ин рӯ, ба ҳар як чорвои калон ба таври ҷудогона охур месозанд, аммо охури чорвои хурдро дарозу якқад месозанд: *Кара да* ***охър*** *камтар бандозет, ки гowo тит мекънан*; *Гowo-ра да* ***охър*** *алоида ка(ҳ) бандозет, ки амдига-ра шох мезанан* (Сист). *Охъри гowo-ра тоза бъкънет, ки даруни охъро пъри нхор шъдаст;* ***Охъри*** *моли майда-ра руфт-ъм, ка-ра рост кънет* (Кл).

Боиси тазаккур аст, ки истифода вожаи *охур* дар шеваву лаҷаҳои забони тоҷикӣ гуногун мебошад. Аз ҷумла, муҳаққиқ М. Рӯзиев оид ба тафовут миёни оғили чорвои хурду калон ва мафҳуми ин вожа ибрози андеша намуда, чунин қайд кардааст: «Ҷуъиёти фарққунанда он аст, ки пас аз сохтани оғил дар дохили он ҷойҳои махсус барои хурокхурии ҳайвон ҷудо карда мешавад, ки онро *охур* мегӯянд» [1. 70, с. 78].

Ҷойи нигоҳдории шабонаи аспҳоро *ахтхона* ва ҷойи нигоҳдории рӯзонаи онҳоро *рузохър* меноманд. Нисбат ба ҷойи нигоҳдории харҳо вожаи *хархонък* – хархона ба кор бурда мешавад. Тарзи сохтани *ахтхона* аз *хархонък* фарқ мекунад, хусусан, дари *ахтхона* хеле баланд сохта мешавад. Чунки асп ҳангоми ба он ҷо даромадан пойҳои худро хам намекунад ва пушташ ба болои дар расида захмӣ мешавад. Дар дохили ***ахтхона*** охур сохта, ба асп ҷаву алаф медиҳанд ва онро дар як гӯша мебанданд [4.2*; 4. 8*]. Мисол: *Амъкъм Иброим ай дасти мардъм асп-ъш-а фақат да* ***ахтхона*** *мебаст;* ***Ахтхона****-ра аруз тоза кънет, ки асп бъсйо айwони нозък* (Гч.) *Пешо ба аспо* ***ахтхона*** *месохтан, ки асп-а ай гowy хар доим ҷъдо бъкънан; Дари* ***ахтхона*** *ай дар* ***хархонък*** *бълантар бъдаст; Мочахар-а да* ***хархонък*** *бандозет, ки нархаро руз-ъш намедйан* (Сб.). *Дewоли* ***хархонък*** *гаштаст, ай дасти ами ба харо ҷо нест; Хотък-а шаw да* ***хархонък*** *надозет, ки нархаро лағат-ъш накънан* (Дх.). *Харо-*

ра ай ***хархонък*** *барорету дар-ъш-а сахт кънет, ки харой мардъм надаройан. Бачо ай харо метарсан, ки* ***хархонък-а*** *тоза бъкънан* (Шб.).

Ҳамин вожа дар лаҳҷаҳои дигари кишвар низ истеъмол гардида, хусусан, дар водии Зарафшон (минтақаи Панҷакент) бо тафовути овоӣ дар шакли *охтахона* роиҷ мебошад, ки он макони нигоҳ доштани аспро ифода мекунад. Вожаи мазкур аз ҷиҳати сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои *охта* – ҳамвор ва тоза кардани нохунҳои дасту пойи аспҳо ва *хона* таркиб ёфтааст. Инчунин, нуги чубҳоро ҳангоми пушондани болои боми хонаҳо тез метарошанд, он шабеҳи кафи пойи асп ё хар буда, онро низ **охта** меноманд [4. 12*]. Равшан аст, ки бо вожаи *хона* бисёр исмҳои ифодакунандаи ҷой – манзили зист, мавзеъ, макон, маҳал, бошгоҳ ва ё ҷойгоҳи ҳар гуна абзор сохта мешавад. Аз ҷумла, вожаҳои мураккаби *мушхона, тарабхона, кафтархона, ҳазорхона, саққохона, чойхона, ошхона, ҷавхона* ва ғайраҳо аз ин шаҳодат медиҳанд.

Макони нигаҳдории мавсими тобистонаи ҳайвоноти хурду калон дар мавзеъҳои алоҳида бо калимаи *айлоқ* ифода мешавад: *Мол-а ага ба айлоқ набарем да тоwъстон ай гармии тагоw мемъран; Охиройи мойи май гову мол-а ба айлоқ мебарем* (Анд.). Ин калима бо тағйироти овоӣ дар забонҳои шарқии эронӣ ва шеваву лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ, низ мавқеъ пайдо кардааст, ки гунаи он дар забони вахонӣ *ayloq* [1. 144, с. 36], дар лаҳҷаи ромитӣ гунаи *айлоқ* [1. 8, с. 157] ва дар гуфтори даризабонони Афғонистон гунаи *айлоқ, йайлоқ* [1. 58, с. 297] маъмул мебошад. Муҳаққиқ М. Рӯзиев оид ба истифодаи гунаи ин вожагон дар лаҳҷаи сокинои ноҳияи Варзоб чунин баён намудааст: «Барои ифодаи мафҳуми умумии вожагони ҷойи нигоҳдории говҳои дӯшоӣ (дар лаҳҷаи Варзоб *говойи ҷушо* ё *говойи ҷушак*) дар саҳро калимаҳои *авул, айлоқ* истифода мешаванд» [1. 70, с. 79].

Сокинони деҳаҳои минтақаи Панҷакент ҷойи тобистонаи молчарониро бо вожаи «оҳул» ифода мекунанд, ки тибқи суханони гӯяндаи ин минтақа «*оҳул* – ҷойи серобу алаф ва барои парвариши молҳо (говон ва бузу гӯсфандон) мусоид

буда, чорводорон то моҳҳои октябр онҷо мемонанд ва соҳибони мол дар каппа зиста, молҳо шабона дар чайлаҳо нигаҳдорӣ мешаванд» [4, 1*].

Аз баррасии гунаҳои вожаи мазкур бармеояд, ки он на танҳо дар лаҳҷаҳои тоҷикии минтақаҳои кишвар, балки дар гӯйишҳои даризабонони Афғонистон низ бо хусусиятҳои савтии худ роиҷ аст, ки ин вижагӣ аз ҳамбастагии забонии ҳарду кишвари ҳамҷавор дарак медиҳад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар водии Ғорон масканҳои чупонии тобистона, аз ҷумла, айлоқҷойҳо ва чарогоҳҳои хеле зиёд вуҷуд доранд, ки аз нигоҳи забоншиносӣ онҳо мавриди таҳқиқи ономастикӣ қарор мегиранд. Аз ин рӯ, мо аз таҳлили номвожаҳои қароргоҳҳои тобистонаи чупонӣ худдорӣ намудем. Дар маводи мавриди назар танҳо номи баъзе айлоқҷойҳо ва мавзеъҳои маъмули чорвочаронии ин водиро ба таври умумӣ овардем.

Аз рӯйи тақсимоти маъмурӣ ҳар як деҳа мавзеъҳои худро дорад ва онҳо ҳамчун мавзеи чорвочаронӣ дар водии Ғорон маъмул мебошанд: *Бруҷо, Бъҷър, Дашто, Пареко, Къро, Курчъшмеко, Ошурбеко, Зардконо, Сънҷъто, Лалмо, Ҷawчъйо, Ҷъғело, Шътақъко, Чурш, Рушт, Ғъюк, Пъръҷ, Къзумчъшма, Шомади́, Нъмочи́, Даштък, Торонзор, Оғъндзор, Башолзор, Ирғазор, Пудиназор, Ҷърайдон, Горасанг, Дъшох, Ҷангалък, Шехбек, Бъзмак, Пушзорък, Дорwаник, Ҷангали Делох, Ҷангали Ошурбеко, Ҷари Дъроз, Ҷари Зардшах, Паси Бъқ, Пъшти Къро, Хонаи Шоим, Сари Търғ, Дарайи Вазелък, Қули Сфехуф, Дарайи Мазор, Дарайи Тупхона, Бари Диделък, How, Howи Хине, Howи Шехали́, Чъшмаи Дъроз, Чъшмаи Аспо, Чъшмаи Бруҷо, Чъшмаи Делох, Куни Урмоҷо, Зак* (ботлоқ), *Заки Та, Заки Қуло, Хирмани Делох, Хирмани Қуло, Мағзор* (марғзор, чаман), *Сари Ғоро, Ҷамчъйо, Ҷубори Лалмо, Даштък, Сари Къталък* ва ғайра.

Айлоқҷойҳо низ вобаста ба хусусиятҳои табиӣ ва мақеи ҷойгиршавӣ дорои номҳои хос мебошанд. Масалан: *Дъздъко, Капеко, Росто, Дарбанд, Андарсътез, Явнун, Шошел,* Хеwҷ, *Хawанҷи́, Баракатък, Шъдирмък, Нуҷелък, Бандък, Саршахък, Делохък, Синък, Айлоқък, Пителък, Вазелък, Диделък,*

Урмоҷ, Бҷрезър, Пастхуф, Съфехуф, Чъкшах, Хине, Даргоwък, Хуфич, Спричбод, Дараи Харағ, Дани Оwи Хе*wҷ, Айлоқи Некзан, Айлоқи Назарък, Айлоқи Бибиоҷар, Айлоқи Бахтибек, Сари How, Астез* ва ғайра.

Сарчашмаҳо шаҳодат медиҳанд, ки ҷойномҳои ноҳияи Ишкошим, аз ҷумла, водии Ғорон қадимтарин сарчашмаи забонӣ маҳсуб меёбанд. Дар ин хусус дар китоби Ишкошим чунин оварда шудааст: «Қадимтарин осори забоние, ки то замони мо расидааст, номҳои ҷуғрофии деҳот ва маҳалҳои гуногуни (топонимияи) ноҳия мебошад, ки ба даврони қадими инкишофи забонҳои эронӣ мансуб буда, аз назари забонҳои имрӯза шарҳу тавзеҳ додани онҳо аз имкон берун аст. Масалан, номи як қатор номҳои рустоҳои ин ноҳия ба ҳадде қадимӣ мебошанд, ки нишонаҳои онҳоро дар қадимтарин осори китоби мардуми эронитабор – Авесто метавон пайдо кард. Аз сӯйи дигар, агар ба номи минтақаҳои Ишкошим низ аз лиҳози забоншиносӣ назар андозем, маълум мешавад, ки ин топонимҳо низ ҳануз дар даврони эронии қадим ташаккул ёфтаанд» [1. 22, с. 15-16].

Бояд зикр намуд, ки номи айлоқҷойҳо ва мавзеъҳои водии Ғорон бо дарназардошти хусусиятҳои ҷуғрофӣ дар заминаи вожаҳои забони тоҷикӣ ва забонҳои эронии шарқӣ сохта шуда, қабати алоҳидаи вожагони гӯйиши Ғоронро ташкил медиҳанд, ки ин масъала таҳқиқи алоҳидаро тақозо менамояд.

Дар гӯйиши Ғорон бо мақсади ифода намудани вожаҳои мансуб ба бошишгоҳҳои гӯсфанду буз, барраву бузғола, хусусан, айёми тобистон чи дар деҳа ва чи дар айлоқҷойҳо калимаи *шола* ба кор меравад. Барои ифодаи ҷойи алоҳидаи нигоҳубини ҳайвоноти хурд, бавижа, барраву бузғолаҳо дар оғилхонаҳо вожаи *теск* ба кор бурда мешавад: *Мол-а да* ***шола*** *дохтем; Бъчойи бъкъла да* ***тесък*** *нандозет; Баройи* ***тарък****-а да теск ҷъдо кънет, къ меш-о лағатшон накънан* (Сб.).

Чунин бошишгоҳҳои ҳайвонот дар гӯшаҳои дигари кишвар низ вуҷуд доранд, ки онҳо на бо вожаи *шола,* балки бо вожаҳои дигар ифода карда мешаванд. Аз ҷумла, дар таҳқиқи М. Рӯзиев гунаи ифодакунандаи макони

нигоҳдории чорвои хурд чунин оварда шудааст: «Барои ифодаи ҷойи нигоҳдории буз, гӯсфанд, бузғола дар фасли тобистон, ҳам дар хона ва ҳам дар саҳро (авулҷойҳо), вожаи умумиторикии ҳел истифода мешавад» [1. 70]. Дар фасли тобистон ҳайвоноти калон, аз ҷумла, барзаговҳо ва говҳоеро, ки шир надоранд, ба пушта мебаранд ва ҷойе, ки онҳо ҳам дар айлоқҷо ва ҳам дар пушта шабона меистанд, бо вожаи *палар* ифода карда мешавад. Мисол: *Мърғо-ра да* ***ечък*** *бндозет, ки шаw руба набарашон; Ай* ***ечък*** *тъхмо-ра бъгирет, ки муш мебара; Мъ то рафтъм, ки да* ***ечък*** *ягон тъхм намондаст* (Кл.). *Дари* ***ечъки*** *мърғо шаw ила бъдаст, рубаи сабил амаи мърғо-ра хърдаст:* ***Палари*** го*wo ай кричо хела дур бъдаст. Гowo да* ***палар*** *хоw кардан* (Дх.). Ҷойи истодани бузу гӯсфанд, ки шабона дар пушта меистанд, бо вожаи ***қътан*** ифода карда мешавад: *Мешо да* ***қътан*** *шаw истодан. Мо то ба* ***қътан*** *расидем, ки шаw шъд* (Бағ.).

Дар асоси таҳқиқи муҳаққиқон маълум гардид, ки истифода калимаи *қътан* дар шеваву лаҳҷаҳои тоҷикӣ гуногун аст, аз ҷумла, дар гӯйиши Тагнов вожаи *қӯш* ҳамчун муродиф ин вожа кор фармуда мешавад [1. 13, с. 88]. Аммо муҳаққиқ М. Рӯзиев истеъмоли ин вожаро дар гуфтори сокинони ноҳияи Варзоб чунин шарҳ додааст: «Калимаи *қӯш* на ҳамчун муродифи калимаи қӯтан, балки нисбат ба ҷойи исти чупонон ва рамабонон дар саҳро истифода бурда мешавад» [1. 30, с. 80]. Дар минтақаи Панҷакент ин вожа дар гуфтори чупонҳо истифода шуда, аслан, моли хурди зиёдеро, ки дар қӯтан (шабона) нигоҳ дошта мешаванд, ифода мекунад [4. 1*].

Дар фасли зимистон чорвои калонро дар ҷойҳои махсуси зимистонгузаронӣ, ки аз деҳот он қадар дур набошад, нигоҳубин мекунанд ва он мавзеъҳо бо вожаи *чула* ифода карда мешаванд. Вожаи мазкур дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» дар шакли ***чӯл*** ба маънои «дашт, биёбон, саҳрои беоб» [1. 196, с. 569] оварда шудааст. Мисол: *Имсол зъмистон ага хънък боша, гowy мола ба* ***чула*** *бърдан наметонем; Моли қъсир-а ба* ***чула*** *бъбарем, ки ка(ҳ) кам мондаст* (Кл.). *Моли майда-ра ай* ***чула*** *бъхамбонет, ки awo хънък*

шъдаст; Чупоно хъд-ъшон ам да ***чула*** *местан, ки молу гоw-а бе одам мондан намеша* (Хх.).

Аз таҳлили маводи бахши мазкур маълум гардид, ки дар гӯйиши Ғорон ҷойҳои нигоҳубин ва бошишгоҳҳои ҳайвоноти хонагӣ бо вожагони *ағел, шола, ахтхона, хархонък, теск, айлоқ, палар, қътан, чула* ва ғайра ифода шуда, бо бархе фарқиятҳо ва умумиятҳо аз нигоҳи хусусиятҳои овоӣ ва маъноӣ дар муқоиса бо дигар лаҳҷаҳо ва гурӯҳи забонҳои эронӣ дар ин қисмат мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

2.4. Калимаҳои ифодакунандаи касбу кори марбут ба чорводорӣ

Дар рӯзгор шуғли зиёде вуҷуд дорад, ки мардум тавассути онҳо эҳтиёҷоти моддиву маънавии рӯзмарраи худро таъмин мекунад. Дар алоқамандӣ ба машғулият ва касбу кор калимаҳои соҳавӣ ба вуҷуд омадаанд. Дар радифи соҳаҳои дигари ҳаётан муҳимми ҷомеа, соҳаи чорводорӣ яке аз соҳаҳои хеле муҳим дар рӯзгори мардум маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, сокинони водии Ғорон ба монанди дигар мардуми минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон ба касбу кори соҳаи мазкур таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, ин шуғлро дар шароити кӯҳистон дар даврaҳои пеш ва имрӯз низ пешаи аввалини худ мешуморанд. Аз ин лиҳоз, лексикаи соҳаи чорводорӣ дар алоқамандӣ ба рушди соҳаи мазкур пеш рафта, соҳибони забон ва шеваю лаҳҷаҳо онҳоро мавриди истифода қарор медиҳанд.

Вожагони ифодакунандаи касбу кори марбут ба чорводориро метавон ба таври зер гурӯҳбандӣ намуд:

2.4.1. Вожагоне, ки касбу кори умумии чорводориро ифода мекунанд

Касбу кори марбут ба чорводорӣ дар гуфтори сокинони водии Ғорон бо вожаи *чупон* ифода меёбад. Шакли классикии ин вожа *шубон/шабон* буда, дар фарҳанги «Бурҳони Қотеъ» чунин шарҳ дода шудааст: «шубон – чупонро гӯянд, ки чаронанда ва муҳофизаткунандаи гӯсфанд бошад» [2. 191, с. 204]. Дар фарҳангҳои решашиносӣ муҳаққиқон аз решаи *fšu – pāna* ‘боникунандаи чорвои хурд’ пайдо шудани ин вожаро таъкид доштаанд [2. 198, с. 1058].

Албатта, вожаи ҳамчун ифодакунандаи касб ба шахс тааллуқ дорад. Бо роҳи калимасозӣ тавассути пасванди сифатсози *-ӣ* вожаи *чупони́* сохта шуда, мафҳуми иҷрои амалро ифода мекунад: *Акаи Зафар ай* ***чупони́*** *бawахти́ омад* (Кл.) *Пешо бъбоомон чупони-ра дуст медоштан, оли мардъм ай* ***чупони́*** *дилкаф* (Вз.). *Wахти* ***чупони́*** *саг-а қатит бъбар, ки тоқа райи мол-а гъръфтан наметони́* (Сист).

Барои ифодаи мафҳумҳои умуми касбу кори чупонӣ дар алоқамандӣ ба фаслҳои нигоҳбонӣ ва аз як ҷой ба ҷойи дигар кӯчондани чорво бо вожагони алоҳида ба кор бурда мешавад. Аслан, дар мавсими гарми сол – баҳору тобистон ва то даҳаи аввали моҳи октябр мавзеъҳои нисбатан дуртар аз заминҳои кишт барои ҳайвонот интихоб намуда, чорворо барои дар ҷойҳои мувофиқ нигоҳубин кардан ба он макон мекӯчонанд. Ин водӣ ба монанди дигар минтақаҳои кишвар дорои айлоққо (чарогоҳ)-ҳои мавсимӣ мебошад, ки вобаста ба иқлими кӯҳистон, охири баҳору оғози тобистон ҳайвонҳоро аз деҳа ба он ҷо мебаранд. Макони мавсимии нигоҳубини чорво бо вожаи *айлоқ* ифода карда мешавад.

Нисбат ба онҳое, ки дар ин мавсим дар айлоққо зиндагӣ мекунанд, калимаҳои *айлоқчи́, айлоқдор* ва нисбат ба онҳое, ки дар деҳа меистанд вожаи *тагоwчи́* истифода мешавад: *Занъкойи айлоқчи́ ра мебинан, ки нубатраwо ай тагоw мъоййан; Аҷи* ***айлоқдор-а*** *тирамо медем* (Сб.). ***Тагоwчъйо*** *тоwъстон* ***айлоқчъйо-ра*** *хабар мегиран, ки азоб накашан* (Дт.).

Дар охирҳои моҳи май ва аввали тобистон ҳайвонотро ба айлоққойҳое, ки аз деҳа он қадар дур нестанд, мебаранд, ин гуна ҷойҳоро *айлоқи бори́* – айлоқи баҳорӣ меноманд. Вақте ки ҳаво гармтар мешавад, ҳайвонотро ба айлоққои болотар мебаранд ва он ҷоро *айлоқи тоwъстона* – айлоқи тобистона меноманд. Дар фасли тирамоҳ ҳайвонотро ба айлоққои қариби деҳот меоранд, ки *айлоқи тирамойи́* – айлоқи тирамоҳӣ номида мешавад. Ҳангоми дар айлоқ будани ҳайвонот мафҳуми бо вожаи нубатдор, *нубатраw* ифода карда мешавад. Чунки вобаста ба анъанаи айлокдорӣ дар водии Ғорон, асосан, занон дар айлоқ

ҳамроҳи як ё ду кӯдак меистанд. Ҳар рӯз бо навбат аз деҳа соҳибони ҳайвонот омада асосан моли майдаро бонӣ мекунанд, ки онҳоро *нубатдор* ё *нубатraw* меноманд. Вожаи *нубатдор* аз ҷиҳати сохт мураккаб буда, аз вожаҳои *нубат* (навбат) ва пасвандгунаи пайдошуда аз асоси замони ҳозираи феъли *-дор* сохта шуда, мафҳуми шахсеро, ки молро бонӣ мекунад, ифода мекунад.

Бояд зикр намуд, ки баъзе калимаҳое ба кор мераванд, ки онҳо гарчанде ба касби ӣ тааллуқ надошта бошанд ҳам, ба давраи *айлоқбарӣ, айлоқrawӣ* ва *айлоқгардонӣ* мансуб ҳастанд.

Истилоҳи *айлоқбарӣ* рӯзи ба айлоқ бурдани ҳайвонот ва асбобу анҷоми зарурии онҳоро ифода мекунанд. Истилоҳи *айлоқгардонӣ* давраи аз айлоқи баҳорӣ ба айлоқи тобистона ва тирамоҳӣ бурдани ҳайвонот ва онҳоеро, ки дар айлоқ мебошанд, ифода мекунад. Мисол: *Рузи чоршамбе ама торикон* ***айлоқбарӣ*** *мерем. Амсойо дина* ***айлоқгардонӣ*** *рафтанъ шаw найомадан* (Анд.). Нисбат ба касоне, ки асбобу анҷом ва дигар чизҳои заруриро ба айлоқ мебаранд, вожаи ***борбар*** ва ҳангоми аз айлоқ овардан калимаи ***борхамбон*** кор фармуда мешавад. Мисол: ***Борбаро*** *боро-ра бawахти ба айлоқ бърдан*; ***Борхамбон-о*** *каҷowo-ра найowърдан, ки бора бъзанем* (Анд.).

Бо дарназардошти он ки дар айлоққойҳои мардумони мо нигоҳубини чорвои ширдеҳ (ба истиснои ӣ ва рамаронӣ) одатан, ба зиммаи занон вобаста мебошад, аз ин хотир, аксар корҳои марбут ба айлоқ, аз қабили душидани молу говони ширдеҳ – *молдушӣ* ва *гowдушӣ,* ширпазиву ҷурғотхобонӣ – *ширпазӣ, ҷърғоткънӣ, дуғкашӣ, қърутҷушонӣ* ва ғайра касбу кори занона ба ҳисоб мераванд: *Дъхтаройи йош ай гowдушӣ мегърезан;* ***Ҷърғоткънӣ*** *да айлоқ кори арузаи занъко бъдаст* (Кл.). *Да wахти* ***ширпазӣ*** *алоwа кам бъндозет, къ тайи шир насуза* (Дт.). *Wахти* ***дуғкашӣ*** *дуғтасмара да дуғсътънък сахт бъбандет, ки дуғ напара* (Хх.). ***Қърутҷушонӣ*** *тъхми езъм-а мекана, ай дасти ами awал дуға да халта мекънъму бад меҷушонъм* (Анд.).

Касоне, ки ин корҳоро анҷом медиҳанд, онҳоро *молдуш* – касе, ки фақат чорвои хурдро медушад**,** *гowдуш* – касе, ки фақат чорвои калони ширдорро

медӯшад**,** *ширпаз* – касе, ки ширро якҷоя карда мепазад ва дар зарфҳои алоҳида мебардорад**,** *ҷърғоткън* – касе, ки аз шири пухтагӣ ҷурғот мехобонад**,** *дуғкаш* – касоне, ки якҷо шуда, бо навбат дуғ мекашанд**,** *қърутҷушон* – касе, ки дуғро ҷушонда, қурут мепазад меноманд.

2.4.2. Калимаҳои ифодакунандаи касбу кори чорводорӣ вобаста ба намуди муайяни ҳайвонот

Ин гурӯҳи калимаву истилоҳот касбу кори чорводориро вобаста ба бонӣ намудани намуди муайяни ҳайвоноти хонагӣ дар бар гирифта, бо роҳи калимасозии мураккаб ифода карда мешаванд. Истилоҳҳои мазкур аз ду ҷузъ иборат буда, ҷузъи аввали номи намуд ҳайвони муайян ва ҷузъи дуюм калимаи *чупон* мебошад. Аз ҷумла, барои ифодаи мафҳуми «чупони ҳайвонҳои қисир» вожаи *қъсъркичупон*, барои «чупони говҳо» – гowчупон, барои ифодаи мафҳуми «чупони ҳайвоноти хурд» – *молчупон,* барои ифодаи ибораи «чупони харҳо» – *харчупон,* ба ҷойи ибораи «чупони хашговҳо» – *хашгowчупон* ва вожаи *барawбъчачупон* нисбат ба ифодаи «чупони барраву бузғола» истифода бурда мешаванд: *Рawшан да Делох* ***гowчупон*** *шъдаст*. ***Гowчупон*** *амаи гowo-ра пеш дохту бурд; Ага* ***молчупон*** *дер бъйойа магам мол-а то омадан-ъш кудако бароран;* ***Молчупон*** *моли майда-ра ба чаро бърд* (Сб.). ***Қъсиркичупон*** *моли қъсир-а ар wега дер мъйора;* ***Қъсиркичупон*** *дер омад, ки қъсиркийо-ра ҷъдо мекардем* (Дт.). ***Барawбъчачупон*** *баройи тарък-а алойда мекън-а, ки қатии калоно сер намекънан;* ***Барawбъчачупон*** *ай тарси сабълък барawбъча-ра дур бърда наметона* (Анд.).

Дар таркиби воҳидҳои луғавии гӯйиши Ғорон гурӯҳи дигари вожагони умумиточикии ифодакунандаи касбу кори чупонӣ вуҷуд дорад, ки онҳо тавассути пасванди – *бон* сохта шудаанд: *Молбон* – чупони ҳайвони шохдори хурд, *гowбон* – чупони говҳо, *бъзбон* – чупони бузҳо, *гъсолабон* – чупони гусолаҳо, *барабон* – чупони барраҳо, *галабон* – чупони аспу хар ва ғайра. Мисол: *Молтон-а хътон бинет, мъ ба шъмо* ***молбон*** *нест-ъм; Гowo-ра бърдъм*

ба ***гowбон*** *съпоридъм* (Вг.). ***Бъзбон*** *бъзо-ъш қати омъхт шъдаст, ки wегаййо дер мъйойа;****Гъсолабон*** *туша-ъш-а нагъръфтаст, рузи дъроз гъшна меша* (Кл.).

Инчунин, вожагони ифодакунандаи касбу кор вобаста ба намуди чорво: *молбонӣ, аспбонӣ, галабонӣ, гowбонӣ, подабонӣ, аспдawонӣ*), ашёву амали муайян: *чowандозӣ, хирманкубӣ, қълбакънӣ, дуғкашӣ, кадърawӣ, айлоқдор хирманкубӣ, қълбакънӣ, дуғкашӣ, кадърawӣ, айлоқдорӣ*) (нигоҳубини ҳайвонот дар чарогоҳҳои тобистона, яъне дар айлоқ) бо ёрии пасванди *-ӣ* сохта мешаванд.

Мавқеи истифодаи вожаҳои мазкурро дар мисолҳои зер метавон нишон дод: *Ар кас ам хъшру* ***молбонӣ*** *наметона; Мърдъкой пеш фақат* ***аспбонӣ*** *мекардан* (Қз.). *Хела wахт шъд, ки Ақназар да Делохък* ***гowбонӣ*** *мекъна; Ага* ***галабонӣ*** *бъфорад-ът ба пеши амъки Иброим бъра* (Сб.). *Мардъми мо ай dawройи пеш ам* ***подабонӣ*** *мекардан; Пешо шогун, ки мешъд, мардъко фақат* ***аспдawонӣ*** *мекардан* (Кл.). *Ай дъсти йошойи оли* ***чowандозӣ*** *ай къшо мъйойа, ки тъ мегу; Мардъми пеш да туйо бъсйо wахто* ***бъзкашӣ*** *мекардан, оли амайи и ай байн рафтаст* (Дх.). *Амъкъм Мафтул барза****го****wo-ра ба Рушт* ***хирманкубӣ*** *бърд; Зъмино-ра wахтар пору бъзанет, ки дъ рузи дъга* ***қълбакънӣ*** *сар меша* (Гч.). *Занъко ама-ъш ба кричи апаи Зариф* ***дуғкашӣ*** *рафтан; Тowъстон, ки шъд ай* ***кадърawӣ*** *ба ҷон мерасӣ; Занъкойи пеш ба* ***алоқдорӣ*** *awас доштан, неки олъйо қабул намекънан* (Кл.).

Ҳамчунин, истилоҳоте вуҷуд дорад, ки аз ҷиҳати сохт мураккаб буда, аз исм бо воситаи феъли асоси замони ҳозираи *-дор* сохта шудаанд. Истилоҳҳои мазкур аз ҷиҳати маънои луғавӣ сермаъно мебошанд, чунки ба ғайр аз ифодаи касбу кор, мафҳуми иҷрои амалро низ ифода мекунанд.

Ҷадвали 1. – Истилоҳоти марбут ба касбу кор бо асоси замони ҳозираи феъли –дор

Номи касбу кор	Маъно	Номи шуғл, вобаста ба бонӣ кардани навъи чорво
Молдор	Касе, ки чорво дорад	чупони чорвои хурд
Говдор	Касе, ки чорвои калон дорад	чупони чорвои калон
Шътърдор	Касе, ки уштур дорад	шахсе, ки уштурҳоро бонӣ мекунад
Аспдор	Касе, ки асп дорад	шахсе, ки аспҳоро бонӣ мекунад

Бояд қайд намуд, ки дар байни ин гурӯҳи маъноии калимаҳо вожаи *нубатдор, нубатраw* мавқеи махсус дорад. Зеро дар таркиби вожаи мазкур унсури асосӣ номи чорво набуда, балки хусусияти этнографӣ дорад. Вожаи *нубат* **(**шакли таҳаввулёфтаи *навбат***)** дар гӯйиши Ғорон маънои «бо навбат ӣ кардани чорво»-ро ифода мекунад. Масалан: ***Нубатдор*** *мол-а waxт барowърд, ки мол-а гармӣ мекъна*; *Мол-а ба* ***нубатдор*** *бъсъпорету зуд бъгардет*; *Кудако ай тагow қатии* ***нубатраw*** *омадан* (Кл.). ***Нубатраw*** *хабар нашъдаст, ки мол ама да зъмино задаст;* ***Нубатраw*** *хъдъш ай ақибу саг-ъш пешпеши мол мера, ки йагон даранда ба мол нараса* (Сист).

Инчунин, гурӯҳҳои дигари номҳои касбу кори чорводорӣ вуҷуд доранд, ки ба нигоҳубини ҳайвонот вобастагӣ доранд. Албатта, таърихи пайдоиши ин гуна вожаҳо гуногун аст. Як қисми ин вожаҳо дар баробари соҳаи чорводорӣ пайдо шудаанд, қисми дигараш ба давраи шуравӣ рост меоянд.

Ба гурӯҳи касбу кори суннатии соҳаи чорводорӣ истилоҳҳои зерин дохил мешаванд: *йахтагар, йахтакън* –шахсе, ки чорворо ахта мекунад, *молдуш* – зане, ки ҳайвоноти майдаро медӯшад, *wрешгар* – касе, ки пашму мӯйи чорворо метарошад, *қръғмол* – шахсе, ки заминҳоро аз ҳайвоноти хонагӣ муҳофизат мекунад. Мисол: *Йагон* ***йахтагар*** *ага да қъшлоқ пайдо бъша, бъқаи калон-а йахта мекънем*; Рӯзи *ҷумъа* ***йахтакън*** *мъйойа баро-ра йахта мекъна* (Шб.). ***Молдуш*** *то нъсми шaw мол медуша*; *Дъхтаро ба ҷойи бозикъни́ ба* ***молдуш*** *йордам бъкънет, ки мол-а тезтар бъдуша* (Вз.). *Занъкойи* ***wрешгар*** *ба айлоқ*

wрешкъни́ рафтан; *Рӯзи чоршамбе* ***wрешгаро*** *ай Сниб wрешкъни́ мъйойан* (Гч.). *Да Сист апаи Санам* ***wрешгари*** *номи́ бъдаст* (Сист). *Ба Делох ага йагон кас* ***қръгмол*** *нара, гандъм-а ай дъст медем; Бъйомързад бъбойи Мирзомамад доим да зъминойи Лалмо* ***қръгмол*** *бъд* (Кл.).

Бояд зикр намуд, ки дар замони шуравӣ бисёр калимаҳои иқтибосӣ аз дигар забонҳо, хусусан, аз забони русӣ ба таркиби луғавии соҳаи чорводорӣ ворид шуданд, ки як қисмашон мафҳуми касбу корро ифода мекунанд. Аз он ҷумла, вожаҳои *зотехник* – зоотехник, *заwферма* – заведующий ферм, *старши чупон* – старший чабан (тоҷ. сар). Мисол: *Амъки Аwаз да қъшлоқойи Вогзу Шамбеде* ***зотехник*** *бъд*; ***Зотехник*** *айwоно-ра бawахти́ дору дод* (Вз.). *Акаи Салим да фермаи гowo* ***заwферма*** *шъдаст*; *Да дawрайи сawхозо фермо* ***заwферма д****ошта*н (Кл.).

Ҳангоми истифода дар ҷумла барои ифодаи касбу кор бархе аз калимаҳои таркиби онҳо кор фармуда намешаванд. Масалан, ба ҷойи истилоҳи *завферма* ибораи *мъдири ферма* ё вожаи *мъдир* истеъмол мешавад. ***Мъдири ферма*** *ама ҷо-ра хабар гъръфт*; ***Мъдири ферма*** *ага ай awоли коргаро хабар боша, йордамшон мекъна* (Анд.). *Калоно калимаи* ***мъдир-а*** *зъйотар такрор мекънан*; *Бъбойи Сафар wахтойи охир да Дашт хъд-ъш* ***мъдир*** *бъд* (Дт.). Бояд зикр намуд, ки вожаҳои мазкур ҳамвора бо аз байн рафтани низоми хоҷагидории шуравӣ аз байн рафта, имрӯз дар таркиби лексикаи чорводории гӯйиши Ғорон мавриди истифода қарор надоранд.

Яке аз касбҳое, ки дар соҳаи чорводорӣ бениҳоят зарур мебошад, ин байторӣ мебошад, ки дар гӯйиши Ғорон бо ибораи *дъхтъри айwон* ифода мешавад. Инчунин, дар байни мардум вожаи иқтибосии *вътерънар* (ветеринар) – духтури ҳайвон маъмул мебошад, ки он фақат дар нутқи аҳли зиё истеъмол мешавад. Мисол: *Олъйо да қъшлоқо* ***дъхтъри айwон*** *ам йофт намеша*; ***Дъхтъри айwон*** *пешо хъд-ъш қъшлоқ ба қъшлоқ мерафт* (Кл.). Ага ***вътерънар*** *и касалийо-ра надона, мъ ай къшо медонъм*; *Да қъшлоқ йагон* ***вътерънар*** *пайдо намеша* (Гч.).

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар фасли баҳору тобистон на танҳо калонсолон, балки кӯдакон низ бо мақсади ёрӣ расондан ба корҳои хоҷагидорӣ ҷалб карда мешаванд, ки онҳо, аксаран, ҳайвоноти хурд (гусола, бузғола, барра)-ро бонӣ мекунанд. Вобаста ба ин вожаҳои *гъсолабон, бъчабон, барабон* ва *барбъчабон* истифода мешаванд. Барои возеҳ намудни мавқеи истифодаи вожаҳои мазкур дар гӯйиши ғоронӣ мисолҳои зер асос шуда метавонанд: ***Гъсолабон*** *гъсоло-ра ба Заки Ошурбеко бърд*; ***Гъсолабон*** *ага дер бъкъна, гъсоло-ра хътон барорет* (Кл.). ***Бъчабон*** *бъчайи тарък-а да тесък мондаст;* ***Бъчабон*** *бъчо-ра ба пъшти боғ бърд* (Сб.). *Карим ага* ***барабон*** *бъша, кудакойи дига йордам-ъш мекънан*; ***Барабон*** *дъл-ъш намеша, ки баройи тарък-а санг бъзана*; ***Барбъчабон*** *барawбъча-ра аруз ба Рушт мебара, ай дасти ами сер намекънан* (Анд.). ***Барбъчабон*** *wегаййо ба хонаи хъд-ъш мера, ай дасти ами барawбъча-ра wахт мъйора*; *Мактаб, ки тайор бъша амайи кудако* ***барбъчабон*** *мешан* (Сист).

Дар умум, аксарияти вожагони бахши мазкур умумиҳоҷикӣ буда, вобаста ба навъи ҳайвонот пайдо шуда, яке аз бахшҳои муҳимтарини лексикаи чорводориро ташкил медиҳанд.

2. 5. Вожаҳои марбут ба маҳсулоти соҳаи чорводорӣ

Аз даврaҳои қадим то имрӯз мардум ҳайвоноти хонагиро ба мақсади боркашониву ҷуфткунӣ ва истифодаи маҳсулоти соҳаи чорводорӣ дар рӯзгор парвариш карда, ҳамзамон, аз пашму пӯсти он низ асбобу анҷом ва либосворӣ тайёр мекарданд. Дар даврони муосир дар натиҷаи пешрафти бемайлони фановарӣ истеҳсоли маҳсулоти соҳаи мазкур, аз қабили пашму пӯст васеътар шудааст. Муҳаққиқ Х. Абдуназаров доир ба масъалаи мазкур дар рисолаи илмии чунин қайд кардааст: «Дар натиҷаи коркарди маҳсулоти ҳайвонот (пӯст, пашм, гӯшт, шир ва ғайра) маҳсулоти гуногуни ниёзи аввал ба даст оварда мешавад» [1. 110, с. 3]. Вожагоне, ки маҳсулоти марбут ба ин соҳаро ифода мекунанд, дар гӯйиши Ғорон мавқеи хоса доранд.

Бояд зикр намуд, ки сарчашмаи асосии таъмини зиндагии мардуми водии Ғорон низ мисли деҳоти дигар кӯҳистони кишвар ин маҳсулоти соҳаи кишоварзию чорводорӣ маҳсуб ёфта, дар бештари мавридҳо аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти чорводорию кишоварзӣ зиндагии худро пеш мебаранд. Дар аксар минтақаҳои кишвар имрӯз корхонаҳое фаъолият доранд, ки намудҳои мухталифи маҳсулоти чорводориро коркард мекунанд. Аз маҳсулоти соҳаи мазкур намудҳои гуногуни хурокворӣ ва маҳсулот аз шир омода карда мешавад.

Дар иртибот ба коркарди маҳсулоти соҳаи чорводорӣ дар гӯйиши Ғорон вожагони зиёде вуҷуд доранд, ки дар натиҷаи таҳлил метавон онҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кард:

2.5.1. Калимаҳои ифодакунандаи маҳсулоти ширӣ

Вожаҳои ифодакунандаи маҳсулот ва хурокҳои ширӣ дар рӯзгори ҳаррӯзаи мардум мавқеи калонро касб намуда, таҳқиқи илмии ин гурӯҳи вожагон кори басо муҳим ба шумор меравад. Дар таркиби луғавии шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ин гуна калимаҳо зиёд ба назар мерасанд ва муҳаққиқон дар корҳои худ, ки ба гурӯҳҳои мавзуӣ марбутанд, рӯйи ин масоил таваҷҷуҳ кардаанд. Масалан, муҳаққиқон А. Мирбобоев [1.144], С. Мирзоев [1. 43], Н. Гадоев [1. 13], Г. Абдуллоева [1. 3], С. Раҳматуллозода [1. 64; 1. 63], С. Шердилова [1. 102, с. 93-97], М. Рӯзиев [1. 70, с.67-69], дар фасли алоҳида калимаҳои ифодакунандаи маҳсулоти ширирo мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Дар таҳқиқоти Кисляков [1.137, с. 38-42], Е.М. Пешерева [1. 156, с. 59], А.К. Писарчик [1. 169, с. 225-257], Ғ. Ҷӯраев [1.1.94, с. 194-216], Шердилова [1.102, с. 71-72; 93-97] низ қайдҳо доир ба таҳлилу баррасии вожагони шир, маҳсулот ва таомҳои аз онҳо омодашаванда мушоҳида мешаванд.

Шир – маҳсулоти аввалиндараҷаи чорвои дастомӯз буда, маҳсулоти ниёздоштаи мардум дар зиндагӣ ба ҳисоб меравад. Барои ҳамин ҳам, теъдоди зиёди вожагони марбут ба соҳаи чорводорӣ дар гӯйиши мардуми ин водӣ бо калимаи *шир* сохта шудаанд.

Вожагони ифодакунандаи маҳсулоти аз шир тайёршуда ва нигаҳдорию коркарди он аз ҷиҳати маънои луғавӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешавад:

а) калимаҳои марбут ба шир ва маҳсулоти аз он омодашаванда;

б) калимаҳои марбут ба номгӯйи зарфҳои нигоҳдории маҳсулоти аз шир омодашаванда;

в) калимаҳои ифодакунандаи роҳҳои истеҳсоли намудани шир;

г) вожагони фарогири расму ойини алоқаманд ба маҳсулоти аз шир тайёршаванда.

2.5.1.1. Вожагони марбут ба шир ва маҳсулоти аз он омодашаванда

Дар гӯйиши мавриди таҳқиқ барои ифодаи номгӯйи *шир* ва маҳсулоти аз он омодашаванда ба таври умумӣ истилоҳи *шир* ва таркиби *ширу дуғ* ба кор бурда мешавад. Инчунин, дар гуфтори калонсолони сокинони ин водӣ калимаи *ганҷ* ҳамчун ифодакунандаи *шир* ва маҳсулоти аз он тайёршаванда кор фармуда мешавад. Бояд зикр намуд, ки дар байни мардуми чорводори водии мазкур ибора-истилоҳи *ганҷ хамбондаст* мустаъмал аст, ки он ҳангоми дам шудани пистони гови ширдеҳ кор фармуда мешавад. *Мисол: Апаи Фаросат имсол алба айлоқ мера, ки* ***ширу дуғ-ъш*** арзон (Дт.). ***Ганҷ****-а нарезон, ки ношъкри́ меша*; ***Ганҷ****-а шаw ай хона набарорет, ки баракат-ъш мепара* (Кл.).

Мувофиқи маълумоти А. Мирбобоев барои ифодаи мафҳуми *шир* ва маҳсулоти аз он тайёршуда дар забони вахонӣ низ вожаи *ганҷ* ба кор бурда мешавад [1. 144, с. 151].

Қайд намудан бамаврид аст, ки калимаи «ганҷ» дар фарҳангномаҳо барои ифодаи мафҳуми вожаи *шир* ва маҳсулоти аз он омодашаванда зикр наёфтааст. Ин калима, аз ҷумла, дар ФТЗТ ба таври зер тафсир ёфтааст: «*ганҷ* – 1. тиллову нуқра ва ҷавоҳироти дар зери хок пинҳонкарда. 2. хазина, махзан, ганҷина» [2. 196, с. 311].

Маҳсулоти шириву аз шир омодашаванда манбаи пайдоиши вожагони зиёд гардида, истилоҳоти зерро дар бар мегирад: *шир, руйи шир, қаймоқ* (саршир) – пардаи ғафси равғанини рӯйи шир**,** *ҷурғот* – маҳсулоти бо роҳи ширро

туршонидаву хобондан ҳосилшаванда, *дуғ* – ҷурғоте, ки тунук карда шудааст**,** *чака* – маҳсулоте, ки дар натиҷаи чакидани оби аз ҷурғоту дуғ ҳосил шудааст)**,** *қърут* (қурут) – маҳсулоте, ки аз чакка ва дуғи ҷӯшондашуда ҳосил мешавад, яъне қурути чаккагӣ ва қурути пухтагӣ, ки дар офтоб хушконида мешавад**,** *кътах* – дуғи ширине, ки обаш чакида ҷудо мешавад, *маска* – маҳсулоти аз дуғ ҷудо кардашуда, *руған* – равғане, дар натиҷаи об кардани маска ҳосил мешавад, *панир* – маҳсулоте, ки аз шири туруш омода карда мешавад. Мисол: ***Шир****-а пазет, ки ай гармӣ́ търъш меша*; *Шири пъхтагъра* ***ҷърғот*** *бъкън, ки хънък наша;* ***Дуғ****-а бъкашет, ки awo гарм меша* (Кл.). ***Қърутo****-ра да қапо ай айлоқ хамбондан*; *Апаи Назора шири търъш-а* ***панир*** *кард* (Анд.). ***Маска****-ра ow бъкънем wайрон наша; Йак чан ҷогайи дига бъйорет, ки имсол* ***руған*** *пър шъдаст* (Сб.).

Дар гӯйиши водии Ғорон як қатор номҳо дар шакли ибора ифода меёбанд, ки онҳо навъҳои мухталифи маҳсулоти аз шир омодашавандаро дар бар мегиранд. Масалан: *дуғи хомъкӣ́* – дуғе, ки аз шири нимтуршшуда омода мешавад), *чакаи дуғӣ́* – чаккае, ки аз дуғ ҳосил мешавад, *маскаи қаймоқӣ́* – маскаи аз қаймоқ (саршир) омодашаванда, *руғани маска* – равғане, ки тариқи дуғкашӣ ҳосил мешавад, *руғани зард* – равғане, ки тариқи обкунии маска ҳосил мешавад, *қърути чакагӣ́* – қурути аз чакка ҳосилшуда.

2.5.1.2. Калимаҳое, ки номгӯйи зарфҳои нигоҳдории маҳсулоти шириро ифода мекунанд

Дар гӯйиши Ғорон номи умумии зарфҳое, ки барои нигоҳдории маҳсулоти ширӣ кор фармуда мешаванд, бо истилоҳи *ширҷога и*фода карда мешавад. Мисол: *Имсол ба айлоқ* ***ширҷога*** *кам* o*wърдем*; ***Ширҷога****-ра тоза бъшу, къ шир-о хомъкӣ́ нашан* (Гч.). Вожаи ***ҷога*** дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ бо роҳҳои гуногун истифода гардидааст: «ҷога – 1. ҷогаҳ (Тқ., Ст., Бдх.) – ҷогаҳ, зарф. ҷога 2, ҷогаҳ (Вқ., Қ., Бдх.) – ҷогаҳ, рахт (бистар)-и хоб» [2.188, с. 884]. Боиси тазаккур, ки дар замонҳои пеш бо мақсади хуб нигоҳ доштани шир ва маҳсулоти ширӣ зиёдтар зарфҳои гилин, сафолин ва чубин истифода мешуд.

Намудҳои гуногуни куза вуҷуд дошт, ки онҳо вобаста ба истифодабариашон ном доштанд. Масалан: *кузаи ширдуши́, хърма, кузаи якдъста, кузаи дъдъста, качкул/кашкул, съноч* (халтаи чармин барои нигоҳдории равған).

Кузаи ширдуши́ барои душидани ҳайвонҳои ширдеҳ истифода бурда мешавад: ***Кузаи ширдуши-ра*** *бийор, ки гоwо-ра бъдъшем;* ***Кузаи ширдуши-ра*** *да пеши алоw бъмон, ки дарун-ъш қоқ бъша* (Кл.).

Хърма – зарфи калони сафолини дудастадор, ки барои нигоҳ доштани ширу ҷурғот кор фармуда мешавад: *Ҷърғот-а да* ***хърма*** *бъкън; Пешо мъмомино ба ширхоликъни́ хърмойи калон доштан, оли ама-ъш гум шъдан* (Кл.).

Кузаи якдъста – барои муҳофизати равғану ҷурғот истифода бурда мешавад: *Руғани* ***кузаи йакдъста*** *йах кардаст; Кузаи* ***йакдъста****-ра да ганҷина бонем, къ руғанъш оw наша* (Сб.).

Каҷкул//кашкул – зарфи чубин ё филизие, ки барои нигоҳ доштани равған ба кор меравад: ***Кашкул****-а пъри руған бъкъну ба зъмистон бъмон;* ***Кашқули*** *калона да лаwи бом мондъм, ки афтоw бъзанадъш* (Бш.).

Солҳои охир ба ҷойи ин зарфҳо ибора-истилоҳҳои нав *болодъстеки гоwдуши́* ё *чалаки гоwдуши́* – сатили говҷӯшӣ, *табақи ширхоликъни́* мавриди истифода қарор доранд.

Номгӯйи ашёҳои дар мавриди истеҳсоли маҳсулоти ширӣ истифодашаванда вожагони ҷудогонаро дар бар гирифта, дар муқоиса ба вожагони гурӯҳи аввал тафовут доранд. Анъанаи ҷудокунии равған аз шир дар ҳаёти мардуми тоҷик аз даврaҳои қадим то имрӯз боқӣ мондааст.

Ашёву абзори асосии равғанбарорӣ бо вожагони зер ифода карда мешаванд: *Хъмбък* – хуми дуғкашӣ, *парък* – чуби махсуси сепояе, ки тариқи чарх занондани он аз ҷурғот дуғ ва маска ҳосил мекунанд, *чахтъкбанд* – тасмаи алоҳидаи ба чахтък басташаванда, ки бо он чарх дар ҳолати амудӣ меистад, *чахтък* – ҳалқаҳои чубине, ки ба чарх васл гардидаанд, *дуғтасма* – тасмаи дорои дастаи чубини дутарафа, ки бо *парък* пайваст гардида, аз ду

ҷониб кашида мешаванд, *дуғсътън/дуғсътънък* – чуби росте, ки чандон ғафс набуда, ба он чахтъкбандҳоро мебанданд.

Маҳсулоти аз шир омодашаванда – *дуғ, маска, чака, қурут* тавассути ин абзорҳо бештар дар айлоқҳо истеҳсол карда мешаванд.

Дар гузашта мардумони ин водӣ дар айлоқҷоҳо барои хушконидани қурут аз санги ҳамвор, яъне тахтасанг истифода мебурданд. Ҳоло бошад, ба ҷойи тахтасанг аз *каҷowa* – як навъи сабади дарозрӯяи махрутшакл, ки аз химча бофта мешавад, *качъфч* – ин навъ абзор низ ба монанди *каҷowa* омода карда мешавад, вале андозааш аз он калонтар аст) барои хушконидани қурут истифода бурда мешавад [4. 2*].

Ҳамзамон, барои ифодаи асбобҳои тайёр намудан ва нигоҳдории маҳсулоти ширӣ истилоҳоти зер ба кор бурда мешаванд. Ба монанди *чахсък//ширчахсзанък***,** *ширполо* – абзоре, ки бо воситаи он шир софкорӣ карда мешавад, *чакахалта* – халтаи карбосие, барои чакондани оби дуғ аз он истифода мебаранд, *тажбън* – ҷойи алоҳида, ки бо мақсади тоза ва салқин нигоҳ доштани маскаи аз дуғ ҳосилшуда, асосан, дар як тарафи нисбатан салқини крич дар айлоқҷойҳо месозанд ва дарашро бо санги калони ҳамвор – тахтасанг маҳкам мекунанд, *каҷowaи қърут* – абзоре, ки барои қурутхушконӣ истифода мешавад.

Боиси зикр аст, ки дар давраи шуравӣ абзори нави рӯзгор пайдо шуда, ҳамзамон, ба гӯйиши мазкур аз забони русӣ вожагони нав, ба монанди *кас(т)рул, бочка, флаг* (фляг), *бътонък* ворид гардиданд ва доираи истеъмоли калимаҳои қадимро маҳдуд намуданд. Имрӯз дар хоҷагиҳо ба ҷойи истифодаи асбоби равғанбарории қадима истилоҳи *сепърат* – сепаратор васеъ истифода мешавад, ки бо воситаи он аз шир *маска* ва *қаймоқ* ҷудо карда мешавад. Ҳангоми бо воситаи сепаратор аз шир ҷудо кардани маска ва қаймоқи *шири сепърат* – шири тунуке, ки бо воситаи сепаратор равғани он ҷудо карда шудааст ва *қаймоқи сепърат* – қаймоқи равғандор, ки бо воситаи сепаратор аз шир ҷудо карда шудааст ҳосил мешавад.

2.5.1.3. Вожагони ифодакунандаи усулҳои истеҳсоли маҳсулоти ширӣ

Ба ин гурӯҳи вожагон калимаҳои ифодакунандаи ҳолати шир, маҳсулоти аз шир омодашаванда, абзор ва вожагони марбут ба коркард ё истеҳсоли шир дохил мешаванд. Вожагони мазкурро метавон аз ҷиҳати маъно ба гурӯҳҳои зер ҷудо намуд:

1) Вожагони марбут ба ҳолати шир ва маҳсулоти аз он омодашаванда;
2) Вожагони марбут ба василаҳо ва ифодаҳои истеҳсоли маҳсулоти ширӣ.

Ба қатори гурӯҳи якум вожаҳое, аз қабили: *търъш шъдан* – турушшавии маҳсулоти аз шир омодашуда, *қадит шъдан* – вайрон шудани маҳсулоти аз он тайёршуда, *гардондан* – тоб додани шир, *хафък кардан* – ҳосилшавии кафк дар болои дуғ, *гъл задан* – рӯ зада, ба болои дуғ баромадани маска дохил мешаванд.

Гурӯҳи дуюмро калимаҳое ташкил медиҳанд, ки абзор ва мафҳумҳои раванди истеҳсоли ширро ифода менамоянд. Гурӯҳи асосии ин вожагон аз феълҳои таркибӣ асос ёфта, ҷузъи номии онҳоро исм ташкил медиҳад: *ширҷушонӣ́* – ҷӯшондану пухтани шир, *моникъни́* – шир туршонӣ, *ҷърғоткъни́* – ҷурғотхобонӣ, *дуғ дохтан* – омехтакунии ҷурғотҳо дар хум, *дуғкаши́* – омодасозии дуғ, *қърутҷушони́* – пухтани қурут, *қърутwардори́* – аз дег бардоштани қурут, *поштъни́* – лундакунии қурут барои хушконидан, *чакамони́* – дар халта андохтани дуғ, *маскагири́* –ҷудокунии маска аз дуғ, *маскачапи́* – ғункунии маска дар ҷога, *руғаноwкъни́* – обкунии маскаи ҷамъкарда.

2.5.1.4. Вожагони марбут ба расму ойини ба маҳсулоти ширӣ алоқаманд

Миёни мардуми водии Ғорон расму ойинҳои марбут ба маҳсулоти аз шир омодашаванда, аз нав коркард ва ҳосили он ба мушоҳида мерасад.

Дуғ маҳсулоти шириест, ки ҳангоми омода кардани он дар айлоқҷоҳо ҳамчун расми хосае ба ҷо оварда мешавад. Занон пасу пеш рӯзи муайянгардида

назди зани айлоқдоре меоянд, ки дуғ дорад. Ин расм дар водии Ғорон *дуғкашӣ* номида мешавад. Зане, ки навбати дуғ дорад, ӯро ***дуғдор*** ном мебаранд ва ҳамаи заноне, ки ба кричи ӯ омадаанд, онҳоро ***дуғкаш*** мегӯянд.

Дуғ, дар ин маврид, бо чунин роҳу усул омода карда мешавад. Ҳангоми дуғкашӣ дар ин водӣ чунин расме роиҷ аст, ки шахси аз деҳа ба айлоқомада ба кричи *дуғдор* бояд надарояд. Ба қавли занони *дуғкаш* гӯё ки аз пову қадами бегонагон дуғ дер омода шуда, инчунин, маска аз дохили дуғ хуб ҷудо намегардад.

Барои зудтар маскаро аз дуғ ҷудо кардан, соҳиби дуғ ё яке аз занони дуғкаш, ки омодашавии дуғро аз дигарон хубтар мефаҳмад, дуғро бо ҳаракати ангуштонаш ба ҳар тараф ҳаракат медиҳад, то ки маскаҳои боқимондаро пурра аз дуғ ҷудо кунад. Ин амалро дар гӯйиши Ғорон бо истилоҳи *шър-шъркъни́* ифода мекунанд. Вожаи мазкур дар шакли такрор омада, аз ҷиҳати маъно садоеро, ки ҳангоми иҷрои ин амал ба вуҷуд меояд, ифода мекунад.

Истифодаи вожагони мазкур ҳамчун намуна дар ҷумлаҳои зер мувофиқи мақсад мебошад: *Занъко ба кричи мъмойи Гълхотун* ***дуғкаши́*** *рафтан; Дуғкашо да кричи зани* ***дуғдор*** *нонмаска мехъран* (Анд.). *Се-чор* ***дуғкаш*** *ага нағз дуғ бъкаша, дуғ тез мераса****;*** *Wахти* ***шър-шъркъни́*** *маска ай дуғ хъшру ҷъдо меша* (Дт.).

Ҳамчунин, вожагоне вуҷуд доранд, ки омода кардани *дуғи якум,* коркарду истеъмоли «шири аввал»-ро ифода мекунанд. Аз ҷумла, ширеро, ки аввалин бор аз гови навзойида дӯшида мешавад, бо вожаи *фъла* ифода карда мешавад. Одатан, истеъмоли *дуғ* ва *шири аввал,* яъне «фила» фақат ба аҳли хонавода раво буда, додани маҳсулоти мазкур низ ба бегонагон мумкин нест: ***Фъла-ра*** се *руз бъмонетъ бъпазет, ки дъроз намона*; *Кудако ноз мекънан, ки* ***фъла*** *намехърем* (Анд.). *Ага да каструк* ***фъла*** *боша, да хънъки́ бонет-ъш, ки wайрон меша; Фъла ай ҷушидан ранг-ъш сърх шъдаст* (Шб.). Вожаи мазкур дар шеваҳои дигар бо тафовути овоӣ дар шакли *фила, фала* истифода мешавад. Ба ақидаи калонсолон

маҳсулоти ширие, ки якум бор истеҳсол карда мешавад, онҳоро ҳам ба одамони бегона додан мумкин нест, то хайру баракаташон напарад.

Равғанобкунӣ низ дар айлоқ расму анъанаи худро дорад, ки дар гуфтори мардум бо вожаи *руғаноwкъни́* ифода меёбад. Аслан, барои равғанобкунӣ рӯзҳои панҷшанбе ё ҷумъаи охири моҳи августро интихоб мекунанд. Ва онҳо бо таваҷҷуҳ ба он ки моҳ пурра шудааст, аз рӯйи анъанаи занони айлоқдор ба обкунии маскаи ҷамъкардаашон шуруъ мекунанд. Зеро дар сурати битамом гирд нашудани моҳ, гӯё ҷогаҳҳои равғани онҳо низ пур намешудааст. Дар рӯзи равғанобкунӣ, ғайри занони равғанобкун, боқимонда ҳама аз назди кричҳо (ҷойи зисти айлоқдорҳо дар айлоққойҳо) ба хотири риояи оромӣ ва халал нарасондан дур мераванд. Дар ин маврид низ ягон шахси бегона бояд ба айлоқ наояд. Ба гуфти занони айлоқдор дуғи маска дер ҷудо мешавад ё мерезад (дар гӯйиш *сар мезанад*). Ин маврид бо таркиби *пай шъдан* – пову қадами шахси бегона ифода меёбад: *Руған ба назар-ъм* ***пай шъд,*** *ки дуғ-ъш дер ҷъдо шъд*; *Ай дасти ами меган, ки wахти руғаноwкъни́ йагон кас ба крич надаройа, ки* ***пай меша*** (Шб.). *Ага wахти руғаноwкъни́* ***пай бъша****, търъшъки руған ба зуди́ ҷъдо намеша* (Вз.).

Зани айлоқдоре, ки дар ин кор дорои таҷрибаи зиёд аст, маскаи ҷамъшударо кам-кам ба дег меандозад. Барои он ки маска тез об нашаваду нарезад, аловро низ хеле паст меандозанд. Равғани дуғолуде, ки дар рӯйи маскаи обшуда пайдо мешавад, дар гӯйиши Ғорон *хафък* меноманд. Равғани обшудагиро оҳиста-оҳиста аз дег мебардоранду барои тоза шудан онро меполоянд ва аз нав ба дег мерезанд. Равғани дуғолуд – *хафък*-ро аз нав ба дег андохта, равғани онро ҷудо мекунанд. Тагшине, ки аз равғани обкардашуда ҷудо мешавад, онро *търъшък* – туршак, яъне мазааш хеле турш аст меноманд.

Дар умум, вожагони марбут ба коркарди маҳсулоти соҳаи чорводорӣ қисмати муҳимми лексикаи чорвордории гӯйиши Ғоронро ташкил дода, манбаи ғанӣ гардиданӣ таркиби луғавии лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ маҳсуб меёбанд.

2.5.2. Калимаҳои марбут ба маҳсулоти мӯйина (пашм) ва чарм

Чӣ тавре ки дар боло зикр кардем, ҳануз аз даврaҳои қадим то инҷониб мардуми водии Ғорон чун дигар минтақаҳои кишвар на танҳо гӯшту шир, балки мӯйинаи ҳайвонотро низ барои зарурати рӯзгор ба таври васеъ истифода мебаранд. Аз ин рӯ, дар таркиби луғавии гӯйиши Ғорон вожа ва таркибҳои зиёди умумиҷикии марбут ба маҳсулоти мӯина (пашм)-ро вохурдан мумкин аст. Аз ҷумла, *пашм, гълам* (гилем), *ръсмон* (ресмон) – тори борике, ки бештар аз пашми гӯсфанд ришта шуда, онро барои бофтани ҷӯроб, дастпӯш, болопӯш (жемпер), гарданбанду каллапӯш истифода мебаранд, *чамусбанд* – тори борики аз бузмӯй ресидашуда, ки онро барои бастани чамус дар пой истифода мебаранд, *мийонбанд, шоли пашмина* – занон барои аз хунукӣ эмин нигоҳ доштан аз ресмони якранги нарм шоли калон бофта, ба таври васеъ дар сару китфашон мепартоянд, *пайтowa* – порчае, ки аз мӯйинаи нарми бузу гӯсфанд бофташуда, барои гарм нигоҳ доштан дар по мепечонанд. Мисол: ***Пашми*** *меши съйа-ра алоида бъкнет, ки ба гъли нъмад даркор меша*; *Пеш-о ба орус-о фақат* ***нъмад*** *мекардан* (Сб.). ***Гилам****-а тоқа тах задан наметонъм, магам ёрдамъм бъкънет* (Кл.). ***Ръсмоно-ра*** *ранг бъкнем, къ ҷурабо-ра тезтар бъбофем* (Дт.). ***Чамусбанд-а*** *сахтар банд, ки рагаштан бътони́* (Бр.). ***Мийонбанд-а*** *да мийонът бъбанд, ки мийонът ай хънъки́ шох наша* (Кл.). ***Шоли пашмина-ра*** *дар йагон ҷои соз бъмон, ки бо куйа назанадъш* (Сб.). *Да хънъки́* ***пайтowa*** *бъзан, ки сард нахъри́* (Гч.).

Дар баробари аз мӯйина омода кардани маҳсулоти зарурӣ, аз пӯсти чорво низ лавозимоти дигар тайёр менамоянд, ки онҳо бо вожаҳои *чарм* – пӯсти коркардшудаи ҳайвонот барои омода намудани чизҳои чармин, аз ҷумла, дуғтасма, чамус, тасмаи зини асп ва ғ., *съноч* – халтаи чармин, ки аз пӯсти бузу гӯсфанд тайёр шуда, барои нигоҳ доштан ва аз як ҷо ба ҷойи дигар бурдани маҳсулоти ширӣ: чакка, ҷурғот, дуғ, қурути тар, қурутоб ва ғ. истифода мешавад, *чамус* – як намуди пойафзоре, ки аз пӯсти коркардшудаи ҳайвонот омода мешавад, *пустак* – пӯсти нарми сермӯйи бузу гӯсфанд, ки дар фарш ва

дӯкони хонаҳои бадахшонӣ барои нишастан истифода мешавад, *пустин* – аз пӯсти молидашудаи гӯсфанд ҳамчун болопӯш дӯхта мешавад ва ғайра ифода карда мешаванд: *Да дawройи пеш бисйо чъйо-ра ай чарм тайор мекардан*; *Ҷурғот-а да* ***съноч*** *бъкънет, ки пъга бawахтӣ ба тагow бъбаран* (Анд.). ***Чамус*** *ага нам бъкашад, поот хънък мехъран*; ***Пустако-ра*** *да дукон-о рост бъкънет* (Дт.). *Бъбойи Ҷъмахон зъмистоно фақат* ***пустин*** *мепушид* (Кл.).

2.5.3. Калимаҳои ифодакунандаи маҳсулоти аз пасафкандаи чорво тайёршуда

Парвариш ва нигоҳубини чорвои хонагӣ дар рӯзгор фоидаи хеле зиёд дошта бошад ҳам, бо вуҷуди ин, заҳмату харҷи зиёдро талаб намекунад. Дар Кӯҳистони Бадахшон, низ чун дар дигар манотиқи кишвар дар баробари гӯшт, шир, пӯст ва мӯйина (пашму бузмӯй), ҳамчунин, аз пасафкандаи ҳайвонот низ маҳсулоти гуногун барои сузишворӣ омода карда мешавад.

Маҳсулоти марбут ба сузишворӣ аз пасафкандаи ҳайвоноти хонагӣ дар гӯйиши Ғорон бо вожаҳои *поруб/пору* – маҳсулоти хушкшудаи тайёр аз пасрави ҳайвоноти калон ва хурд, *қаймоқък* – қабати болоии пору, ки аз хушкӣ кафидааст, *санглар* – қабати болоии пору, ки пас аз баровардани он хеле сахт мешавад, *чапак* – сузишворие, ки аз пасафкандаи гов ва порумайда тайёр мешавад, *саргин* – пасафкандаи аспу хар, *ларфък* – пасафкандаи хушкшудаи гов, *пъшк* – пасрави чорвои хурд, *хъшкӣ* – поруи нарми хушкшуда, *палма* – омехтаи резаи коҳ ва майдаи хушкшудаи пору, *афкина* – хокистаре, ки ба зери ҳайвонот дар оғил рехта мешавад ва бо пору омехта, ба замини кишт мерезанд ифода карда мешаванд, ки гунаи истифодаи онҳо ба таври муқоиса бо лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ дар зер оварда мешавад.

Поруб//пору – пасрави гов ва гӯсфанду буз, ки фасли тобистон аз оғил онро бо бел бурида мебароранд ва хушк карда, дар фасли сармо ҳамчун сузишворӣ истифода мебаранд**:** *Имсол awo бъсйо гарм бъдаст, ки пору да ағело қариб қоқ шъдаст; Зъмистон пору ага набоша, ай хънъкӣ мемърем* (Хр.). *Рузи чоршанбе*

ба салқинӣ ***пору****-ра барорем, ки awo гарм шъдаст;* ***Поруо*** *тайор шъдан, неки awo ануз хънък бъдаст* (Шб.).

Бояд зикр намуд, ки фасли тирамоҳу зимистон ҳам ҳайвоноти хурд ва ҳам калонро дар оғил нигоҳ медоранд. Оғили ҳайвоноти калон (гов, хару асп)-ро ҳар рӯз аз пасрави онҳо тоза мекунанд ва барои хушк намудани тарии замини он *хушкӣ* – поруи нармшудаи хушк ё коҳи сафед омехта карда меандозанд. Вале оғили ҳайвоноти хурдро ҳар рӯз аз ахлот тоза намекунанд, агар фарши он хушк бошад, бо мақсади ба ҳам часпидани қабатҳои пасафкандаи онҳо ё ҳайвоноти калонро муддат дар он ҷо нигоҳ медоранд ё баъзан, онро ҳамвор карда, об мепошанд. Баъд аз омода гардидани пору, онро дар шакли чоркунҷа қисм-қисм ҷудо карда, мебуранд. Ин амалро, асосан, дар фасли тобистон иҷро мекунанд. Чунин тарзи омода намудани *пору* дар аксарияти минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон, ки ба чорводори машғуланд, мушоҳида мешавад. Тибқи маълумоти М. Рӯзиев дар баъзе аз шеваву лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ вожаҳои мухталиф аз ҷиҳати маъно ҳамчун муродифи вожаи мазкур кор фармуда мешаванд. Масалан, калимаи *чалма* дар шеваҳои шимол ва болооби Зарафшон ва дар лаҳҷаи Варзоб бошад, вожаи *лал//лар* истифода мешавад [1. 70, с. 71]. Ин вожаҳо аз рӯйи ифодаи маъно ҳамчун муродифи вожаи *порӯ* маҳсуб меёбанд.

Агар оғили ҳайвонот, аз ҳисоби пасафкандаи онҳо, хусусан, дар фасли баҳору зимистон намии зиёд дошта бошад, ин ҳолат бо вожаи *чал* ва таркиби *чал шъдаст* ифода карда мешавад: *Паймон, ай мактаб, ки омад, чали аѓели мол-а барора; Аѓели гowойи зоч-а хабар бъгирет, ки чал набошан* (Гч.). *Да и хънъкӣ кӣ* ***чал*** *мебарора, ки шъмо мегет; Аѓели гowo бъсйо* ***чал шъдаст****, палма дохтан даркор* (Сб.). *Ага не дина мъ* ***чали*** *ами аѓел-а тоза карда бъдъм; Охи аѓел* ***чал шъдаст****, ки мол ка-ра нахърдаст* (Дх.).

Қабати болоии пору, ки хушк ва аз қабатҳои дигари он кафида ҷудо мешавад бо вожаи *қаймоқък* ифода карда мешавад: ***Қаймоқък*** *да аѓел қоқ шъдаст;* ***Қаймоқък-а*** *да сари дewоло бъндозет, ки ҷо неста* (Кл.). *Барowърдани* ***қаймоқък*** *осонтар бъдаст, ай дасти ами бачо тез барowърдан-*

ъш; ***Қаймоқък*** *як-дъ руз да афтоw бестад тезӣ қоқ мешад* (Дт.). *Аѓели моли майда тамоман* ***қаймоқък*** *надошт, неки аѓели гоwо қаймоқък-ъш пър бъд* (Сб.). Одатан, оғили ҳайвоноти калон қабати болоии он хеле ғафс мешавад, чунки таркиб ва пасафкандаи онҳо нисбатан дурушт буда, тарзи буридан ва баровардани он низ аз дигар қабатҳои пору фарқ мекунад.

Қабати мазкурро нисбатан калон мебуранд, чунки дар баъзе мавридҳо агар ҳаво гарм бошад, он дар оғил қариб хушк мешавад. Пас аз баровардан ва пурра хушк шудан, қабати мазкур бо вожаи *санглар* ифода карда мешавад. ***Сангларо-ра*** *ба зъмистон бъмонет, ки да хънъкӣ хона-ра зъйотар гарм мекънан; Аѓели гоwо зъйотари пору-ъш* ***санглар*** *бъдаст* (Гч). *Awал поруи майда-ра бъсузет, ки wъно да хънъки ранги* ***санглар*** *гарми надоран* (Дх.).

Дар иртибот ба таркиби вожаи *санглар* бояд зикр намуд, ки ҳамон «лар»-и дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ истифодашаванда, мушоҳида мешавад.

Сузишвории дигаре, ки аз пасафкандаи гов омода мешавад бо вожаи *чапак* ифода карда мешавад: ***Чапако-ра*** *ай сари дewоло ғън бъкнет, ки awо мебора. Алоwи* ***чапак*** *уқа таwҷа надора* (Кл). Тарзи тайёр намудани *чаппак* чунин аст: пасафкандаи говро бо даст лунда намуда, дар замин чап-чап зада, сипас, дар рӯйи бом ё танаи девор мечаспонанд. Он на фақат аз пасафкандаи гов, балки аз майдаи пору низ тайёр карда мешавад. Пас аз порубарорӣ майдаи поруи оғилро ҷамъ карда, ба он каме боқимондаи хазону коҳи сафед илова менамоянд. Сипас, мобайни онро ба монанди гилдон гирд карда, ба он оби зиёд мерезанд ва то омехта ва ҳал шуданаш бо бел дохилашро мекобанд ва мешӯранд. Давоми ду-се рӯз боз ба болои он об мерезанд, то ки омехтаи он хуб омода шавад ва ҳангоми лунда кардан ба ҳам часпад. Пас аз хуб тайёр шудан дар рӯйи бом коҳи сафед мечошанд, барои он ки хоки болои бом ба он начаспад ва ҳамин тавр, «чаппак»-ро ба рӯйи бом часпондан мегиранд. Метавон хулоса кард, ки мафҳуми вожаи *чаппак* низ аз тарзи ниҳоии омода кардани он, ки садои такрори чап-чап шунида мешавад, ба вуҷуд омадааст. Истифодаи вожаи мазкур дар бархе аз лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ бо тағйироти фонетикӣ ба назар мерасад, аз ҷумла,

гунаи *тапак* ва лал дар шеваи ҷанубӣ (шимол ва ҷануби Кулоб) ба кор рафта [1.100, с. 171], дар гуфтори мардуми Тагнов гунаи *тупок* [1.13, с. 87] ва дар лаҳҷаи Варзоб бошад, гунаи *тапак* роиҷ аст [1. 70].

Сузишвории дигаре, ки аз пасрави хушкшудаи гов иборат мебошад, бо вожаи *ларфък* ифода карда мешавад. Онро, асосан, фасли тирамоҳ ва дар айлоқҷойҳо фасли тобистон аз саҳро ҷамъ меоваранд: *Да айлоқ* ***ларфъка*** *да боми тесъко тула мекънан;* ***Ларфък*** *да хънъкӣ алоwъш съст бъдаст*; *Wахти оwърдан* ***ларфък*** *да каҷоwа нарма намеша* (Сист).

Дар гӯйиши Ғорон нисбат ба пасафкандаи хару асп вожаи *саргин* истифда мешавад: ***Саргин-а*** *ҷамъ кънетъ ба зъмин-о баретӣ*; ***Саргин-а*** *да алоw нандозет, ки дуд мекъна* (Кл.). Дар деҳоти ҳаммарз бо гӯйиши Нуд саргини аспу харро *шрън* мегӯянд. Истеъмоли вожаи *саргин* дар шеваву лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ гуногун мебошад. Дар бархе аз лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ вожаи *саргин* ҳамчун муродифи вожаи *таппак* роиҷ аст. Аслан, вожаи *саргин* нисбат ба пасафкандаи хушки ҳайвонот, ки мардум онро аз саҳрову даштҳо ғун мекунанд, истифода мешавад.

Барои ифодаи ҷойи нигоҳдории маҳсулоти сузишвории марбут ба маҳсулоти чорво вожаҳои *порудон, ларфъкдон* ба кор бурда мешавад: *Пору-ра да* ***порудон*** *тал бъзанет, къ ба (ҳ)езъморам ҷо бъша*; *Да* ***порудон*** *чизои нодаркор бъсйо бъдаст, йакзарша партофтан даркор* (Сист). Вожаҳои мазкур тавассути пасванди – *дон* сохта шуда, мафҳуми ҷой ва макони нигоҳдории маҳсулоти сузишвориро ифода мекунанд. Зикр кардан бамаврид аст, ки вожаҳои ифодакунандаи ҷой нигоҳдории маҳсулоти сузишворӣ дар шеваву лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ, аз ҷумла, дар лаҳҷаи Варзоб бо вожаи *хона* – *саргинхона, тапакхона, лалхона* сохта мешаванд [1.70, с.71]. Дар гӯйиши Ғорон барои ифодаи пасрави бузу гӯсфанд вожаи *пъшк* истеъмол мешавад. Пасафкандаи хушкшуда ва пусидаи онро *хъшкӣ ва палма* меноманд. Дар фасли зимистон пасрави тарро аз таги пойи бузу гӯсфанд тоза карда, хушк мекунанд ва дубора ба таги пойи ҳайвонот меандозанд. Пасрави ҳайвоноти хурд дар

натиҷаи зери сум кардан ба *пору//поруб* мубадал мешавад, ки дар боло, дар ин хусус, қайд карда шуд. Бояд зикр намуд, ки гунаҳои мухталиф вожаи *пъшк* дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ ва забони яғнобӣ ба кор бурда мешавад. Масалан, *пъшк//пишк* мансуб ба шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ [1.100, с.171], *пурк* – забони яғнобӣ [1.43, с. 30] ва дар лаҳҷаи Варзоб бошад, гунаи *писк* [1. 70, с. 71] маъмул мебошад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки вожаи *пуск* дар водии Зарафшон низ бо ҳамин маънӣ фаровон истифода мешавад. Мисол: *пуски буз, пуски хар* ва ғайра.

Аз шаклҳои овардашуда, дар асоси таҳқиқоти муҳаққиқони соҳа ва мушоҳидаҳо маълум гардид, ки вожаи мазкур бо тафовути овозӣ дар забони яғнобӣ ва лаҳҷаҳои тоҷикӣ истифода шудааст, ки ин ҳодисаи савтӣ баёнгари хусусият шеваву лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ мебошад.

Ҷой нигоҳдории *пъшк* бо вожагони *хъшкидон, палмадон* ифода карда мешавад: *Ай хъшкидон ба тайи пои мол хъшкӣ бъдозет; Ба назаръм* ***палмадон*** *чакидаст, къ палма тар шъдаст* (Дт.). Вожаи ***афкина*** нисбат ба омехтаи хокистар ва поруе, ки ба зери ҳайвоноти калон дар оғил андохта, ба замини кишт мерезанд**,** кор фармуда мешавад; ***Афкина*** *ба зъмини кишт фойда дора, ай дасти ами акаи Моил ба зъминош фақат* ***афкина*** *мезана* (Кл.). ***Афкина*** *зъмистон ба тайи пойи гowo даркор меша* (Қз.).

Бояд зикр намуд, пасафкандаи чорвои хонагиро ба ғайр аз омода ва истифода кардани маҳсулоти сузишворӣ, инчунин, онро бо мақсади боқувват ва зиёд гардидани ҳосилнокии заминҳои корам чун ғизои табиӣ ба кор мебаранд: *Зъмин ага серпору боша, хокъш бақwат меша*; *Зъмино-ра имсол пору бъзанет, къ осилшон кам шъдаст* (Вз.). Зикр кардан ба маврид аст, ки пасафкандаи ҳайвоноти калон бештар ҳамчун поруи минералӣ барои заминҳои кишт истифода мешавад.

Аз таҳлили вожагони бахши мазкур бармеояд, ки қисми зиёди вожаҳои ифодакунандаи номи маҳсулоти соҳаи чорводорӣ, бо бархе тағйироти овоиашон, умумиҳоҷикӣ мебошанд. Аз тарафи дигар, талаботи рӯзгор ва

шароити нисбатан душвори зисту зиндагии мардуми деҳот сабаб шудааст, то хурдтарин маҳсулоти соҳаи мазкур коркард шуда, боиси ба вуҷуд омадани вожагони марбут ба он гарданд.

2.6. Вожагони марбут ба хурокҳои ширӣ

Дар бахши мазкур вожагони ифодакунандаи номгӯй, тарзи омода намудан ва анвои хурокҳои ширӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

Ба номгӯйи **хурокҳои ширӣ** анвои – *шир* – маҳсулоти аввалин, ки ҳамчун хурок истеъмол мешавад, *ширатола* – анвои хуроке, ки аз омехтаи шир ва орду равған омода мешавад, *ши(р)руған* – ширравған, *ширбъринҷ* – хуроки ширӣ, ки аз шир ва биринҷ омода мешавад, *ширкочи́* – атолае, ки бо шир омода карда мешавад, *ширбат* – бати бо шир, *ширкаду* – пухтани каду бо шир, *ширчой* ва ғайра дохил мешаванд.

Ши(р)руған (ширравған) як навъи хуроки миллист, ки дар Бадахшон, аз он ҷумла, дар Ғорон хеле маъмул мебошад. Аввал ширро дар зарфи хуропазӣ ҷӯшонда, баъд ба он *равғани зард* (дар гӯйиши ғоронӣ руғани айлоқӣ меноманд) меандозанд ва мувофиқи иштиҳо ба он нон реза намуда, бо ҳаваси тамом истеъмол мекунанд. Дар байни мардуми ин водӣ чунин анъана роиҷ аст, ки рӯзи ҷашни арусиву домодӣ, ҳангоми ба хонаи падару модари арус омадани домод ва баръакс, омадани арус ба хонаи домод, хешу табори наздик – амма ё хола (ки хушбахту оиладор бошанд) онро пешакӣ омода карда, ҳангоми ба хона наздик шудан онҳоро бо ширруған ва ширинихо пешвоз мегиранд. Ва навхонадорон бо нияти нек аз он менӯшанд. Бояд зикр намуд, ки ба пешвози навхонадорон баровардани ширу ширинӣ ҳамчун рамз ифодакунандаи бахту иқболи хуш, сафедиву покӣ буда, маънои онро дорад, ки зиндагии ин ду ҷавон ҳамеша ба монанди шир сафеду покиза ва хушрӯзгор бошанд. Аз рӯйи мушоҳидаҳо ин навъи таом дар гуфтори сокинони ноҳияи Ванҷ бо вожаи *ширҷуши́* ифода карда мешавад.

Ширбат (бати бо шир) – навъи хуроки миллӣ мебошад, ки дар водии Ғорон онро, асосан, барои заноне, ки нав кӯдак таваллуд мекунанд, инчунин,

барои меҳмон омода карда мешавад. Тарзи омода кардани он чунин аст. Аввал равғанро дар дег андохта, каме метаспонанд, сипас, ба даруни он каме орд андохта, аз болои он кам-кам шир рехта, онро бо қошуқи чубин омехта мекунанд. Пас аз тайёр шудан онро ба зудӣ аз дег мебардоранд, то ки сахт нашавад.

Ширкаду – як навъи хурокест, ки аз гузаштаи дур то имрӯз миёни мардумони Шарқ, бавижа, мардуми Ғорон серистеъмол аст. Усули омода намудани ширкаду қариб дар аксари минтақаҳои Тоҷикистон ба ҳам монанд мебошад. Пӯсти кадуи пухтарасидаро ҷудо намуда, онро майда-майда чоркунҷашакл мебуранду дар об меҷӯшонанд. Баъди дар об пухтан, буридаҳои онро нарм карда, онро дар шир мепазанд. Ҳангоми омода кардани ширкаду баъзе кадбонуҳо ба он каме орд низ омехта мекунанд.

Ширатола – як навъи таоми миллии мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад. Онро, асосан, дар фасли зимистон истеъмол мекунанд, чунки ба ақидаи мардум, дар рӯзҳои хунук ба организми одамон фоида дошта, онҳоро аз ҳар гуна бемориҳо ҳифз мекунад. Тарзи омода кардани ин навъи таом чунин аст: Дар деги тафсон каме равғани зағир ё дигар намуди равған андохта, ба он ба миқдори муайян орд рехта, онро омехта мекунанд. Орди рехташударо тоб дода, баъд ба даруни он шир рехта, онро то ҷушидан омехта мекунанд. Пас аз хуб ҷушидан онро аз болои тафдон гирифта, истеъмол мекунанд.

Ширчой – як навъи хуроки дӯстдоштаи мардуми тоҷик буда, он аз гузашта то имрӯз дар байни халқҳои Шарқ, бахусус, мардуми Бадахшон мебошад. Кадбонуҳои водии Ғорон онро бо чунин тарз тайёр мекунанд: аввал обро дар чойник меҷӯшонанд ва ба он каме чойи хушки сиёҳ, баъзан, дар он чойкаҳак ва чормағз низ илова мекунанд. Пас аз ҷушидан ба он ба миқдори зарурӣ шир ва каме намак андохта, то ғафс шудан якҷоя ҷӯшонда, пас аз омода шудан онро дар косаҳои алоҳида (дар гӯйиши ғоронӣ чинӣ мегӯянд) мерезанд. Барои серғизо шудан, ба он равғани зард ё маскаву қаймоқ андохта, дар он нон реза карда мехуранд.

Дар умум, тарзи омода кардани анвои хурокҳои ширӣ ва вожаҳои ифодакунандаи онҳо дар тамоми минтақаҳои кишвар ба ҳам монанд буда, танҳо бо бархе аз хусусиятҳо ва вожаҳои ифодакунандаи онҳо аз ҳам тафовут доранд.

2.7. Калимаҳои марбут ба бемориҳои чорво

Барои ифодаи мафҳуми умумии бемориҳои марбут ба ҳайвоноти хонагӣ дар гӯйиши Ғорон калимаи умумиточикии *касал, дард, илат* (иллат), *нуқс//нъхс* ба кор бурда мешавад: *Мешои зоч* ***касал*** *шъдан* (Шб.). *Гowи сърх* ***нъхс*** *пайдо кардаст, магам имсол ба айлоқ набаремъш* (Кл.). *Йак намуд* ***дард*** *омадст, ки мол ай ҷо-ъш хестан наметона* (Дт.).

Дар байни ҳайвонот намуди гуногуни бемориҳо вуҷуд дорад, ки онҳо дар гӯйиши Ғорон бо вожаҳои *суда//съмдард, шъшдард//шъшпъхтък, бъґма, озъх* (озах), *гар//гарин, бъґумдард, дандард, ръхин//ръхинък, нохуна, захмӣ, қарасон, гирондагӣ, курӣ, захм, зардоw, оwъла, бръсълйоз* (бруселёз) ифода меёбанд. Шарҳу тавзеҳи вожаҳои мазкур дар зер оварда мешаванд.

Бемории марбут ба ҳайвонот, хусусан, ҳайвоноти калон (гов, асп ва хар), ки суми онҳо аз сабаби бисёр роҳгардӣ дар роҳи сахти сангӣ сойида шудаву роҳгардии ин намуди ҳайвон мушкил мешавад, бо вожаи *суда* ифода карда мешавад. Барои раҳоӣ ёфтан аз ин беморӣ соҳибонашон онҳоро чанд рӯз ба чарогоҳи дур намебаранд ва дар гирду атрофи наздик мечаронанд. Мисол: *Гowи пир ай рафтан поош* ***суда*** *шъдан, йак-дъ руз да шола бонетъш, ки соз бъша*; *Амъки Шанawоз хар-ъш-а ба порукашӣ надод, ки ай рафтани бъсйо суда шъдаст* (Шб.). Инчунин, ин навъи бемориро мардуми ин водӣ ***съмдард*** меноманд: *Гowи сърх ай* ***съмдарда*** *ай аґел баромадан наметона*; *Амсойо меган, ки гowой делохъйо ама-ъш* ***съмдард*** *шъдан* (Сб.). Ба *гowой* ***съмдард*** *owи гарм бъдет, ки йакбора ирґ нашан*; *Гowи съйа-ра да боґ дохт-ъм, ки ай* ***съмдард*** *хароб шъдаст* (Вз.).

Баъзан ҳайвонот аз нарасидани ҳаво ва хеле гарму намнок будани оғилҳояшон ё агар дар фасли тобистон онҳоро ба ҷойҳои салқин набаранд ва ё шабона дар шола (ҷойи зисти ҳайвонот, ки фақат атрофаш маҳкам аст)

намонанд, онҳо аз гармӣ ба бемории шуш гирифтор мешаванд, ки онро *шъшдард* ё *шъшпътък* меноманд: *Моли майда ба назар-ъм* ***шъшдард*** *шъдан*; *Имсол мол-а ба айлоқ набърдан амаъш ай гармӣ* ***шъшпъхтък*** *шъдан* (Хғ.).

Бемории дигаре, ки дар байни ҳайвонот дар водии Ғорон хеле паҳншуда мебошад, ин *бъғма* мебошад. Аломати бемории мазкур чунин аст, ки ҳайвон варам карда, ба зӯр нафас мекашад, аз кафша кардан (аз нушхор) – ҳайвон чизи хурдаашро дубора аз меъдааш бароварда, хойида фурӯ мебарад) мемонад ва пешоб карда наметавонад. Ба ин беморӣ ҳам ҳайвони хурд ва ҳам калон гирифтор мешавад. *Гowи амсойа-ра* ***бъғма*** *оwърдаст, қариб бъкафа*; *Меши сърха шаw* ***бъғма*** *оwърдаст-ъш* (Гч.). Барои табобати бемории мазкур дар байни мардум дуои махсус бо номи ***дуои себс*** вуҷуд дорад, Албатта, ҳама он дуоро намедонанд, танҳо шахсе, ки ба ӯ гузаштагонаш ин дуоро бахшидаааст, медонад. Дар деҳа касоне, ки ин дуоро медонанд, шинохта мебошанд, чунки аз рӯйи зарурат, ҳама ба назди онҳо мераванд, Ҳангоме ки ягон ҳайвон ба ин беморӣ мубтало мешавад, соҳибаш ба назди шахсе, ки ин дуоро медонад рафта, аз ӯ дуо мегирад. Тарзи додани дуо чунин аст, ки дуогар каме хамирро аввал гарм карда, сипас, дар он дуо хонда, аз рӯйи одат ва русуми мардумӣ онро дар ягон чиз мепечонад, ки хунук нашуда, зуд ба даҳани ҳайвони бемор андозанд, то варами ишкамаш гардад. Агар ҳайвони бемор кафша кунад ва роҳи бавлаш кушода шавад, маълум мешавад, ки сиҳат шудааст. Оид ба мавриди истифодаи ин дуо дар боло низ, зикр намудем.

Бисёр мавридҳо дар дасту пойи баъзе ҳайвонот доначаи сахти гӯштини хеле хурд намоён мегардад, ки он бо вожаи *озъх* (озах**)** ифода карда мешавад. Ин гуна доначаҳо дар бадани одамон, асосан, дар дастҳояшон мушоҳида мешавад, ки онро низ *озъх* меноманд. Агар дар дасти касе ин гуна доначаҳо пайдо шаванд, аз рӯйи эътиқоди мардумӣ онҳоро рӯзи ҷумъа ё панҷшанбе хун намуда, ҳафт дона сангмайдаро дар ҷойи хуншуда мемолад ва дар пеши саг ё гурба мемонад, ки онҳоро лесанд. Сипас, сангмайдаҳоро дар латтапора гиреҳ

карда, ба ягон чорроҳа мепартояд ва аз он ҷо дигар намегузарад. Агар дар дасти одамон озах пайдо шавад, аксар вақт бо ҳамин тарз онҳоро табобат мекунанд.

Вожаи *гар* дар гӯйиши Ғорон барои ифодаи захме, ки дар фӯк ва бадани ҳайвон (бештар дар ҳайвони хурд) пайдо мешавад, ба кор меравад. Бемории мазкур ду навъ – ҳам хуну зардобдор ва ҳам хушк мешавад, ки ба бемории *реш* ва *шъкъфа* **(**шукуфа**)** шабоҳат дорад. Инчунин, барои ифодаи ин беморӣ вожаи *гаръгиш* истифода шуда, ҳайвоне, ки гирифтори бемории мазкур аст, онро ***гарин*** ё ***решин*** меноманд: *Меши* ***гарин****-а дору кънет, къ awлъш бъсйо бад шъдаст; Бъчаи бъзи* ***решин*** *да тесък мърдаст* (Сб.). Бемории дигаре, ки ҳайвонот хеле зиёд ба он гирифтор мешавад, бо вожаи ***бъгумдард*** (буғумдард) ифода карда мешавад. *Бъгумдард* – бемориест, ки дар пайванди устухонҳои чорво, яъне буғумҳо пайдо шудаву онҳо варам мекунанд ва дар дохилашон зардоб пайдо гашта, ҳайвонро аз по меафтонад: ***Бъгумдард*** *касалии безеб, къ сътхонойи айwоно чърк мекъна; Мол-о ай* ***бъгумдард*** *дъпо намешан* (Хғ.).

Намуди бемории дигари ҳайвонот ин дарунрав мебошад, ки бо вожагони *ръхин//ръхинък* ва таркиби *ръх шъдаст* ифода карда мешавад: *Бъчаи тарък* ***ръх шъдаст,*** *дору бъдеш, къ намъра; Бараи* ***ръхинък*** *базур ра мегарда* (Сб.).

Калимаи *нохуна* нисбат ба беморие кор фармуда мешавад, ки он аввал дар гӯшаи чашми бузу гӯсфанд ва хару асп пайдо шуда, оҳиста-оҳиста, сартосари онро пӯшида, чашмро хира мекунад: *Да чъшми меши сърх* ***нохуна*** *пайдо шъдаст ба нубат назанет-ъш*; *Да чъшми чапи бъзи зард ам* ***нохуна*** *шъдаст;* ***Нохуна*** *бъсйо wахт мол-а кур мекъна* (Қз.).

Вожаи мазкур дар фарҳангномаҳои муътабар, аз ҷумла, дар ФТЗТ чунин шарҳ дода шудааст: «нохуна (ناخونه) *кит., тиб*. – пардаи гӯштмонанди сафедранг, ки дар гӯшаи чашм аз тарафи бинӣ пайдо мешавад ва агар табобат накунанд, боиси хира шудани мардумаки чашм мегардад» [2. 196, с. 941].

Зикр кардан бамаврид аст, ки шарҳи фарҳангҳо ва дигар маводи ба таҳқиқи шеваву лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ марбут, ба маънои дар гӯйиши Ғорон истеъмолшуда, мувофиқат мекунанд. Истифода ва мафҳуми ифодаи вожаи

мазкур дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ гуногун мебошад. Аз ҷумла, дар лаҳҷаи Варзоб ҳамин маъноро ифода кунад ҳам, вале пайдоиши он танҳо дар чашми ҳайвоноти боркаш таъкид шудааст [1. 70, с. 54]. Дар лаҳҷаҳои водии Зарафшон ин бемории ҳайвонотро дар шакли «нохунак» истифода мебаранд [4. 1*].

Захмӣ – як намуди беморие мебошад, дар пушти хар аз таъсири бори вазнин ё зиёд молиш хурдани полон ё зин пайдо шуда, муддати зиёд боқӣ мемонад. Агар соҳибаш онро табобат накунад, хар аз ин хеле азият мекашад ва боркашиаш мушкил мешавад: *Хара-а бор накън, къ пъшътъш* ***захмӣ*** *шъдаст* (Вз.).

Бемории дигар, ки дар байни ҳайвонот паҳншуда аст, *қарасон* мебошад. Бемории мазкур хеле хатарнок буда, нишонаи он сиёҳшавии гӯшти ҳайвон мебошад, ки истеъмоли он қатъиян манъ аст: *Касалии* ***қарасо****н омадаст, гowo-ра нағз бъбинет, къ тухмшон накана* (Сист).

Бемории дигар, ки аз зиёд хурдани баъзе алафҳои сустҳазм, аз ҷумла, ришқа, говҳо ба он гирифтор мешаванд, варам (дам) мекунанд ва ин ҳолат бо вожаҳои *гирондан (гирондагӣ) ё warам кардан (warам кардагӣ)* ифода карда мешавад. Барои табобати ин навъи беморӣ равғанро каме гарм карда дар даҳани ҳайвони гирондагӣ мекунанд, то ки варами он гардад: *Камтар руған да дани бъкли* ***гирондагӣ*** *бъкънем, ки бо накафа* (Қз.).

Курӣ (шакли *куҳрӣ* – лаҳҷаҳои дигари ҷанубӣ) – навъи бемориест, ки аз таъсири он дар танаи чорво холҳои майдаву калони сафедчатоб намоён шуда, мӯйи танаи он мерезад. Мисол: *Бъзи кури-ра да пъшта монет, ки моли дига-ра ҷазир накъна; Меши* ***курӣ*** *амаи тана-ъш съфе(д) шъдаст* (Шб.).

Ҳамзамон, нисбат ба бемории мазкур вожаи *хоришак* низ ба кор бурда мешавад. Бояд зикр намуд, ки вобаста ба фаслҳои сол, хусусан, дар фасли баҳор мӯйи куҳнаи ҳайвон мерезад ва дар ҷояш мӯйи нав мебарояд, ки ин аз ҷиҳати табиӣ хоси организми ҳайвон мебошад. Ин ҳолат дар гӯйиши Ғорон бо вожаи *лағ* ё таркиби *лағ рафтан* (мавсими мӯйрезии ҳайвонот) ифода шуда, нисбат ба парандагон ин мавсим бо калимаи ***тулак*** ифода карда мешавад: *Бъзо ама-ъш*

лағ рафтан *магам wрешъшон бъкънем. Мол, ки* ***лағ рафтан*** *пашм-ъш безеб меша* (Вз.).

Як навъ бемории дигари ҳайвонот, ки дар устухони онҳо пайдо мегардад бо вожаи иқтибосии русии *бръсълйоз* (бруселёз) ифода карда мешавад: *Гowo-ра надушет, ки* ***бръсълйоз*** *шъдан; Метарсъм, ки гъсолойи гowойи* ***бръсълйоз*** *ай гъшнагӣ мемъран* (Кл.).

Калимаву истилоҳоти марбут ба бемории ҳайвоноти хонагӣ ба инкишофу тағйироти соҳа ва дастовардҳои инсон ҷиҳати давову муолиҷаи бемориҳои мухталифи мансуб ба ҳайвон пайдо шуда, бахши муҳимми лексикаи соҳаи чорводориро ташкил медиҳанд.

2. 8. Воҳидҳои нидоии марбут ба чорво (вокативҳо)

Калима ва ифодаҳои нидоӣ ягона воситаи баёни афкори мавзуии одамон нисбат ба ҳайвонот мебошад. Ифодаҳои нидоӣ дар забон, аз ҷумла, дар лексикаи чорводории гӯйиши Ғорон хеле зиёд буда, онҳо барои ифодаи вокуниши эҳсоси ихтиёрӣ ба воқеияти атроф махсусгардонида шудаанд, ки дар ин ҷо ба ифодаи чунин иродаҳо хизмат мекунанд: ҳавасманд мекунанд, ба иҷрои амалҳои муайян водор месозад ва аз ин лиҳоз, аз рӯйи хусусиятҳои грамматикии худ ба гурӯҳи нидоҳои ангезанда наздик мешаванд.

Нисбат ба навъҳои алоҳидаи ҳайвоноти хонагӣ вожаҳои таркиби овозиашон гуногун истифода мешаванд ва ба онҳо дигар воҳидҳои луғавӣ ҳамроҳ шуда метавонанд. Калимаҳо ва ибораҳои ҳаштгона аз ҷиҳати истифодаашон ба намудҳои гуногуни ҳайвоноти хонагӣ хос мебошанд. Ифодаҳои нидоии нисбат ба чорвои хурд корбастшуда ҳам аз ҷиҳати маъно ва ҳам аз ҷиҳати сохти дохилӣ, аз воҳидҳои нисбат ба чорвои калон истифодашаванда тафовут доранд.

Воҳидҳои нидоӣ, ки нисбат ба бузу гӯсфанд истифода мешаванд, аз рӯйи хусусиятҳои маъноӣ ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:

а) Воҳидҳои нидоии овозӣ ҳангоми ба самти муайян аз худ дур кардани бузу гӯсфандон корбурд мешаванд;

б) воҳидҳои вокативӣ, ки барои даъват ба амалҳои муайян истифода мешаванд;

в) воҳидҳои воқеӣ, ки ҳайвонотро аз рӯйи номаш ба сӯйи худ даъват мекунанд.

Гурӯҳи якум калимаҳое, ки аз ҷиҳати шумораашон зиёд ва аз ҷиҳати сохташон гуногун буда, намудҳои зеринро дар бар мегиранд:

Нидоҳои овозии умумӣ барои ҳамаи бузҳо ҳангоми аз назди худ рондан бо вожаи *циг!* ва барои рондани ҳама намуди гӯсфандон *tpryu!* ба кор бурда мешавад. Дар ин ҳолат ягон фарқияти синнусолӣ вуҷуд надорад. Барои ифодаи бисёрӣ ба ин нидоҳо нишондиҳандаи ҷамъ дар шакли *da bra!* истифода мешавад. Мисол: *Бъзо-ра **циг** бъгу тезтар меран*; *Меш-а то **tpryu** нагуй ай ҷоъш намеҷъмба* (Кл.). Дар забони вахонӣ барои рондани бузҳо нидои ***da!*** ва барои рондани гӯсфандон аз назди худ нидои ***tpruy!*** Ба кор бурда мешавад [1. 144, с. 170].

Воҳидҳои нидоии воқеӣ дар гӯйиши Ғорон аз ҷиҳати хусусияти синникативӣ ба кайфияти амрӣ наздик буда, баъзе хусусиятҳои феълиро дар бар мегиранд. Онҳо пас аз ҷамъи фармонро гирифтан, метавонанд ба ҳиссаҳои нутқ бештар бо зарф ва феъл алоқаманд шаванд. Ибораҳои нидоӣ аз ҷиҳати маъно ва сохтор ё наҳвӣ ба ҷумлаҳои якҷузъӣ наздиканд. Онҳо бо маънои мушаххас дошта, ҳангоми ишора ба ҳайвони мушаххас истифода мешаванд ва ба ин восита хусусиятҳои синнусолии онро таъкид мекунанд. Дар ин сурат ба тариқи *цъге, бъз!, цъге, нарбъча! цъге, бъча!* ҳамчун нидоҳои амрии водоркунанда садо медиҳанд.

Бояд зикр намуд, ки дар ибораҳое, ки ҳайвони мушаххас таъкид шудааст дар таркиби онҳо нидои ***-э*** истифода шуда, задаи мантиқӣ дар номи навъи ҳайвон рост меояд. Ин таркибҳо аз ҷиҳати сохт ду намуд доранд:

а) *э* бъз, *циг*! б) *циг*, э бъз!

э меш, *пве*! *тве, э* меш!

э нарбъз, *циг*! *циг, э* нарбъз!

э бара, *тве!* *тве, э* бара!

Таъбирҳои нидоӣ, ки дар онҳо аломатҳои берунӣ ва бунёдӣ сиришти ҳайвонот таъкид мешавад аз ҷиҳати сохтор бо нидоҳои дар боло зикргардида якхела буда, вале дар таркиби ибораҳо номи исмҳо ба сифат иваз карда мешаванд. Аз ҳама вожаҳои паҳншудатарини ифодакунандаи сифат инҳо: *съйасар*, *кал*, *қър*, *съторапешони, съфедъм, сърхгардан.*

Дар баъзе воҳидҳо самти ҳаракати ҳайвон ҳангоми рондан аниқ нишон дода мешавад. Чунин ифодаҳо шакли кутоҳ доранд. Ин мафҳум, одатан, бо вожаҳои умумиҳоҷикии *калапо – поён рафтан*, *боло* – боло рафтан, *бъгард* – баргаштан ифода мешаванд. Инчунин, бо ибораи таркибии *да, пойон, да, боло; да, бъйа* **(**яъне баргард**)** ифода карда мешаванд. Баъзан, вожаҳои мазкур дар шакли такрор низ меоянд: *боло-боло, калапо-калапо, пойон-пойон* ва ғайра.

Ба гурӯҳи дуюм чунин нидоҳое, дохил мешаванд, ки барои водор намудани ҳайвонот ба иҷрои амалҳои муайян хизмат мекунанд. Нидои содаи *так/таг* ҳангоми ҷудо намудани бузғолаву барра ва гусола аз модарашон ба кор мераванд. Дар баъзе мавридҳо номи ҳайвоноти ширмак гирифта мешавад: *таг, э бара!, таг, э бъча!, так, э гъсола!* ва ғайра.

Ба ин гурӯҳ нидоҳои дар шакли такрор аз ҷумла: *варшо-варшо-варшо* нидоҳои ифодакунандаи ҷудо кардани ҳайвоноти хурд ба оғили худ пас аз чарогоҳ омадан, *так-так-так, ағел-ағел-агел* – нидоҳои барои даровардани ҳайвоноти хурд ба оғил ифодашаванда дохил мешаванд. Дар таркиби ин нидоҳо шумораи калимаҳои такрорӣ маҳдуд карда нашудааст ва онҳо то ба анҷом расидани амал такрор карда мешаванд. Дар баъзе мавридҳо, онҳо аз шакли такрорӣ бо воситаи унсури ***-э*** сохта мешавад: *таг*-э-*таг*-э-*таг*-э!

Ин вожаҳо нисбат ба тамоми намуди чорвои хурд, новобаста аз намуду ҷинс ва синну сол, кор фармуда мешаванд.

Гурӯҳи сеюм ифодаҳои нидоиеро дар бар мегирад, ки барои даъвати ҳайвоноти хурд истифода мешаванд ва миқдори онҳо дар гӯйиши Ғорон нисбатан кам аст. Барои даъвати бузу бузғола нидоҳои такрори *ци-ци-ци,* барои гӯсфандон *pwuya-pwuya* нисбат ба барра *кир-р-р-а-қир-р-р-а* истифода мешавад.

Бояд зикр намуд, ки ифодаҳои нидоие, ки нисбат ба ҳайвоноти шохдори калон ва ҳайвоноти сабуки боркаш истифода мешаванд, аз калима ва ибораҳои нидоии нисбат ба ҳайвоноти хурд истифодашаванда аз ҷиҳати шакл ва маъно тафовут доранд.

Барои ба сӯйи худ хондани гусолаи навзоди то яксола нидоҳои *бижа-бижа,* барои гусолаи то сесола *шог-шог-шог* барои гов *ош-ош-ош* ва барои барзагов нидои *лог-лог-лог* истифода мешавад.

Барои рондани гов нидоӣ *бош!* ва барои рондани гусола бошад, нидои *шиг! ба* кор бурда мешавад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки нидоҳои *шог* ва *шиг* дар забонҳои шарқии эронӣ – шуғнонӣ ва рӯшонӣ мафҳуми гусоларо ифода мекунанд. Аз ин бармеояд, ки воҳидҳои нидоӣ дар асоси вожаҳои ифодакунандаи мафҳуми муайяни ҳайвонот ба вуҷуд омадаанд.

Инчунин, ҳангоми даъвати говҳо номи аниқи онҳо аз рӯйи рангу намудашон такрор карда мешавад: *алапочек* ***ош-ош-ош!,*** *сфедъмък* ***ош-ош-ош!,*** *рахшък* ***лог-лог-лог!*** ва ғайра.

Аз рӯйи гурӯҳи маъноӣ калимаҳои нидоӣ ҷиҳати водор намудани ҳайвонот ҳангоми иҷрои кор барои иҷрои амалҳо ба самти муайян истифода мешаванд. Аз ҷумла, нисбат ба барзаговҳои корӣ ҳангоми ҷуфтронӣ нидоҳои *бош!* (ҳангоми ҳаракат кардани барзагов), *бар-бар!* (ҳангоми аз паҳлуи ҷӯяк дуруст рафтани барзагов), *хап-хап*! (барои оҳиста ҳаракат кардани барзагов), *печ-печ!* (ҳангоми ба ҷӯяки дигар гаштани барзагов) ба кор бурда мешаванд.

Инчунин, якчанд ифодаҳои дигар вуҷуд дорад, ки нисбат ба дигар намуди ҳайвонот ба кор бурда мешавад, аз ҷумла, барои даъвати хар ба сӯйи худ нидои

кут-кут-кут ва нисбат ба кураи хар *хот-хот* ҳангоми рондани хар нидои *их!* ва фармон барои истодани он нидои *иш-ш-ш-иш-ш-ш!* истифода мешавад.

Ҳангоми душидани гов ва ҳайвоноти хурд низ нидоҳои махсус истеъмол мешаванд. Масалан: нидоҳои такрории *cow-cow-cow!* (барои ором истодан ҳангоми душидани гов), *подуғ* (барои лагад назадан ва дуруст мондани пойҳо ҳангоми душидан), *бил-бил-бил* (ҳангоми душидани буз), *prywe-prywe-prywe* (ҳангоми душидани гӯсфанд) роиҷ мебошанд. Барои он ки говҳои ширдорро пурра бидӯшанд, ҳангоми душидан аввал гусолаи онҳоро каме маконда, сипас, пистони говро бо дастонашон сойиш медиҳанд, то ки соҳибаш онро бемалол бидӯшад ва ин амал бо вожаи *ръвир* ифода карда мешавад. Амали мазкур ҳангоми душидани ҳайвоноти хурд низ иҷро карда мешавад, вале вақти иҷрои онҳо аз ҳамдигар тафовут дорад. Агар ин амал нисбат ба говҳо пеш аз душидан иҷро карда шавад, вале ҳангоми душидани ҳайвоноти хурд аввал онро дӯшида, сипас барраву бузғоларо каме маконда, онҳоро ҷудо мекунанд ва бузу гӯсфандонро дубора медӯшанд: *Бъзо-ра* ***ръвир*** *бъкнет, къ ширшон-а намехамбонан*; *Мешойи* ***ръвири-ра*** *дъбора бъдуш* (Кл.).

Аз рӯйи сохт ва таркиб ифодаҳои нидоӣ ба калимаҳои нидоӣ ва ибора (ифода)-ҳои нидоӣ ҷудо мешаванд.

Калимаҳои нидоӣ аз ҷиҳати грамматикӣ вожаҳои сода буда, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

а) калимаҳои содаи нидоӣ: *ҷиг!, бош!, их!, иш!, шиг!, сow!, так!, бар!*

б) нидоҳои такрор: *ҷи-ҷи-ҷи, кир-р-р-а-кир-р-р-а-кир-р-р-а, шог-шог-шог, ош-ош-ош, cow-cow-cow, лог-лог, бар-бар-бар* ва ғайра.

в) нидоҳои ҷуфтистеъмол: *да-бра!, ош-бъйа!, бар-бъйа!, да-боло!* ва ғайра.

Воҳидҳои нидоӣ аз рӯйи сохт ва маъно калима ё ҷумлаҳои сода буда, аз рӯй мақсад ифодаҳои водоркунанда маҳсуб меёбанд.

Аз таҳлили калима ва ифодаҳои нидоӣ бармеояд, ки вожагони бахши мазкур дар баробари дигар бахшҳои баррасишуда, яке аз қисмҳои муҳимтарини

лексикаи соҳаи чорводориро дар забони адабӣ ва лаҳҷаҳои он, ҳамзамон, дар гӯйиши Ғорон ташкил медиҳанд.

Дар умум, дар ин боб вожаҳои ифодакунандаи расму ойини марбут ба соҳаи чорводорӣ, макони нигоҳубину парвариш, номи айлоқҷойҳо ва мавзеъҳои чорвочаронӣ, маҳсулоти соҳа, касбу кори марбут ба чорводорӣ, бемориҳо ва ифодаҳои нидоӣ марбут ба ҳайвонот (вокативҳо) аз нигоҳи этнолингвистика мавриди таҳқиқ қарор дода шуд, ки тавассути онҳо гӯйиши Ғорон мавқеъ ва хусусиятҳои ҷудогонаи худро дорост.

Ҳамзамон, вобаста ба бахшҳои баррасишудаи ин боб маълум гардид, ки аз қадимулайём дар байни мардуми Ғорон вобаста ба нигоҳубини чорвои хонагӣ расму одати гуногун вуҷуд дошта, аксарияти онҳо имрӯз низ дар байни мардум маъмул мебошанд.

Вожагони ифодакунандаи табу ва эвфемизмҳо дар лексикаи чорводории гӯйиши Ғорон мавқеи махсус дошта, пайдоиш ва истифодаи чунин калимаву истилоҳот на фақат таркиби луғавии лексикаи чорводории гӯйиши Ғорон, балки таркиби умумии лексикаи лаҳҷаҳои бадахшонии забони тоҷикиро бой мегардонад.

Таҳқиқот нишон дод, ки дар вожагони марбут ба макони парвариши чорво дар гӯйиши Ғорон аз ҷиҳати хусусиятҳои овоӣ ва маъноӣ баъзе тафовут ва умумият нисбат ба лаҳҷаҳо ва гурӯҳи забонҳои эронӣ ба назар мерасад, ки онҳо дар бахши мазкур мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуданд.

Бояд зикр намуд, ки номи айлоқҷойҳо ва мавзеъҳои водии Ғорон қабати алоҳидаи вожагони гӯйиши Ғоронро ташкил дода, ҳамзамон, номи айлоқҷойҳо ва мавзеъҳои минтақаи мазкур бо дарназардошти хусусиятҳои ҷуғрофӣ аз дигар минтақаҳои кишвар фарқ доранд. Масалан: *Вазелък, Диделък, Пасхуф, Съфехуф, Хуфич*.

Бештари вожагони марбут ба касбу кори чорводорӣ дар ин водӣ умумитоҷикӣ буда, яке аз бахшҳои муҳимтарини лексикаи чорводориро ташкил медиҳанд.

Калима ва истилоҳоти ифодакунандаи маҳсулоти ин соҳа бахши муҳимми лексикаи чорводории гӯйиши мавриди таҳқиқ маҳсуб ёфта, сарчашмаи ғанӣ гардидани таркиби луғавии лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ мебошанд.

Вожагони марбут ба бемориҳои чорво дар инкишофу тағйироти соҳа ва рӯзгордориву чорвопарварии мардум нақши бориз дошта, ҳам диалектизмҳои хоси гӯйиши Ғорон, ҳам хоси шеваи ҷанубӣ ва ҳам калимаҳои умумитоҷикиро дар бар мегирад. Ин вожаву истилоҳот, аввалан, аз вожагон ва калимасозиҳои тоҷикӣ, ҳамчунин, аз ҳисоби унсурҳои иқтибосӣ ташаккул ёфтаанд, ки бештар дар забони адабӣ маъмул мебошанд.

Дар иртибот ба воҳидҳои нидоӣ марбут ба чорво (вокативҳо) бояд зикр намуд, ки ифодаҳои бахши мазкур аз ҷиҳати сохтору маъно ва тарзи ифодаи баён аз вожагони дигар бахшҳои соҳаи чорводорӣ ба куллӣ тафовут доранд. Чунки калима ва воҳидҳои нидоӣ муносибати одамон ба амали ҳайвонотро ифода карда, вокуниши мутақобилаи ҳайвонотро ба вуҷуд оварда, пеш аз ҳама, дорои хусусияти водоркунандагӣ барои иҷрои амалҳои муайян мебошанд.

Дар умум, вожагони мавриди таҳқиқ қароргирифтаи ин боб вобаста ба бахшҳои чорводорӣ гуногун буда, аз таҳлили онҳо дар заминаи расму одат ва анъанаи гузаштаи мардум бармеояд, ки чорводорӣ шуғли қадими мардуми водии Ғорон будааст.

Омӯзишу таҳлили ҳамаҷонибаи вожаҳо дар ин боб ҷиҳати муайян намудани ҳаёти моддию маишӣ, забон, расму ойини ҳар як халқу миллат аҳаммияти махсус дошта, он дар ғанисозии таркиби луғавии забони адабӣ ва лаҳҷаҳои он аз ҳисоби вожаҳои худӣ низ нақши муҳиммеро адо мекунад.

БОБИ III
МАНБАЪҲОИ ТАШАККУЛ ВА ТАҲАВВУЛИ ЛЕКСИКАИ ЧОРВОДОРӢ ДАР ГӮЙИШИ ҒОРОН

3.1. Матолиби муқаддамотӣ

Дар боби мазкур яке аз масоили муҳимми забоншиносӣ – муайяну мушаххас намудани инкишофи ҷанбаҳои луғавию маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ин соҳа мавриди баррасиву таҳқиқ қарор дода мешавад.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои илмӣ маълум гардидааст, ки шеваю лаҳҷаҳо сарчашмаи ғанӣ гардидани таркиби луғавии забони адабии тоҷикӣ маҳсуб ёфта, ҳамзамон, онҳо дар алоқамандӣ ташаккул меёбанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шеваву лаҳҷаҳои забони тоҷикиро «ганҷинаи пурфайз»-и забони модарӣ номида, ҷиҳати самаранок бурдани таҳқиқоти илмӣ дар ин самт чунин таъкид менамоянд: «Лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ ганҷинаи пурфайзи забони модарӣ ба ҳисоб мераванд. Дар таркиби шеваҳо ҳазорон калимаҳои асилу ноби тоҷикӣ мавҷуданд, ки бо сабабҳои гуногун аз доираи истеъмол берун мондаанд. Зимни таҳқиқоту ҷустуҷӯҳои илмӣ чунин калимаҳоро аз дохили шеваҳо дарёфт карда, онҳоро ба доираи муомилоти забони адабии тоҷик ворид намудан лозим аст. Бештари мафҳумҳои наве, ки ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ роҳ меёбанд, натиҷаи пешрафту дигаргуниҳои ҷаҳони имрӯза мебошанд» [3. 214].

Баррасии хусусиятҳои луғавӣ-маъноии калимаҳо дар асоси маводи осори адибон диққати донишмандони зиёдеро ҷалб карда, боиси ба вуҷуд омадани як идда корҳои таҳқиқотӣ гардидааст. Дар ин радиф, метавон таҳқиқоти донишмандон, чун Р. Ғаффоров доир ба «Забон ва услуби романи «Одамони ҷовид»-и Р. Ҷалил» [1. 14], Б. Камолиддинов доир ба «Забон ва услуби ҳикояҳои Ҳаким Карим» [1. 24], Х. Ҳусейнов дар хусуси «Забон ва услуби повести «Одина»-и С. Айнӣ [1. 92], Ҳ. Юсупов перомуни «Хусусиятҳои лексикии забони осори С. Айнӣ» [1. 108], Ҷ. Саидова «Диалектизмҳо ва

хусусиятҳои услубии онҳо дар асарҳои А. Самад» [1. 74], М. Юсупова роҷеъ ба «Фразеологияи романи С. Айнӣ «Дохунда» [1. 108] ва дигаронро номбар намуд, ки ба масоили мухталифи таҳқиқи калимавӣ даст зада, таркиби луғавии асарҳои гуногунро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Дар баробари осори насрӣ як идда аз муҳаққиқон ба баррасии осори назмӣ пардохтаанд, ки дар байни онҳо метавон номи донишмандоне чун С. Сабзаев «Забон ва услуби шоирони маорифпарвар» [1. 74], С.Қ. Мухторӣ «Хусусиятҳои луғавию услубии ашъори Рӯдакӣ» [1. 49], А. Абдуқодиров «Забон ва услуби назми Мирзо Турсунзода» [1. 1] ва дигаронро ном бурд, ки ба мосоили мухталифи забони осори адибон мароқ зоҳир карда, доир ба хусусиёти вожагонӣ мулоҳиза ва андешаҳои муҳимми илмӣ пешниҳод намудаанд.

Аз ҷумла, муҳаққиқ С. Шердилова, ки гӯйиши Ғоронро таҳқиқ намудааст, оид ба хусусиятҳои лексикии гӯйиши мазкур чунин қайд намудааст: «Дар воқеъ, вақте ки ба лексикаи гӯйиши тоҷикони Ғорон чуқур назар меандозем, ҳодисаҳои махсуси забониро мебинем. Дар системаи лексикии гӯйиши тоҷикони водии Ғорон имрӯз калимаҳои зиёди архаистӣ боқӣ мондаанд ва аз ин ҷиҳат қаробати он ба забони адабиёти классикӣ назар ба лаҳҷаҳои шеваи шимолӣ ва ғарбӣ бештар ба назар мерасад» [1. 102, с. 129].

Таркиби луғавии лаҳҷаи Ғорон аз чанд манбаъ сарчашма мегирад ва такмил меёбад. Пеш аз ҳама, калимаҳои аслии тоҷикӣ, дар ин лаҳҷа мавқеи асосӣ дорад. Дуюм вомвожаҳо дар ҳамаи давру замон бо роҳҳои гуногун ҷиҳати такмил ёфтани луғати лаҳҷа кумак кардаанд. Сеюм роҳи калимасозӣ аст, ки ҳар яке дар мавқеи худ ҳоизи аҳаммият буда, ин гӯйиш дорои хусусиятҳои умумӣ ва тафовутҳои назаррас низ мебошад. Муҳаққиқи номбурда зимни таҳқиқи лексикаи гӯйиши мавриди назар чунин натиҷагирӣ намудааст: «... луғати гӯйиши тоҷикони Ғорон, аз як тараф, бо хусусиятҳои хоси худ ба лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ умумиятҳо дорад. Аз тарафи дигар, фарқиятҳои назаррас низ дида мешавад, ки чунин тафовутҳо аз гӯйиши алоҳида будани он шаҳодат медиҳанд. Умумияти онҳо дар истеъмоли калимаҳои умумитоҷикист,

ки ҳам дар забони адабӣ ва ҳам дар гӯйиши тоҷикони Ғорон шаклу маънии якхела доранд» [1. 102, с. 44].

Ин масоил дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ва забони яғнобиву гурӯҳи забонҳои бадахшонӣ аз тарафи муҳаққиқон таҳқиқ гардидааст. Аз ҷумла, муҳаққиқ А. Мирбобоев ба масъалаҳои омӯзиши забони вахонӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда, доир ба сохтори морфологии вожагони чорводории ин забон рисола таълиф намуда, дар таҳқиқи роҳҳои калимасозӣ вожаҳоро ба калимаҳои сода, сохта, мураккаб ва ибора-истилоҳҳо табақабандӣ намудааст [1.144, с.162-169]. Муҳаққиқи лексикаи чорводории забони яғнобӣ Г. Ниматов низ дар таҳқиқи худ сохтори морфологии вожаҳо, қабатҳои маъноии калимаҳо (муродиф, ҳамгун ва мутазод), вожагони худию иқтибосии забони яғнобиро ба риштаи таҳқиқ кашидааст [1.55, с. 84-113]. Муҳаққиқони топонимшинос Ҷ, Алимӣ, Н. Офаридаев, О. Маҳмадҷонов, Р. Зулфониён дар таҳқиқотии худ ба баррасии сохтории топоними минтақаҳои мухталифи кишвар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар асоси қолабҳои мавҷуда роҳҳои сохташавии топонимҳоро муайян намудаанд. Дар самти таҳқиқи хусусиятҳои вожагонию сохтории калимаҳо дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷанубӣ-шарқӣ муҳаққиқ С. Раҳматуллозода корҳои арзишманди илмӣ кардааст, ки барои таҳқиқоти ҳаммонанд муфид арзёбӣ мегардад [1. 159]. Асари дигари ин муаллиф бо номи «Калимасозии исм» дар пешбурди соҳаи калимасозӣ дар ду шеваи забони тоҷикӣ: ҷанубӣ ва ҷанубӣ-шарқӣ аз корҳои муҳимми илмиест, ки дар он роҳҳои калимасозии шеваҳо пурра муайян шудаанд [1.64]. Муҳаққиқ Ҳ. Талбакова дар асоси асари «Маъвои дил»-и Раҳим Ҷалил ба таҳқиқи қабатҳои вожагонӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда, хосиятҳои иқтибосшавӣ, муродифшавии калимаҳо, ҳамовоз ва мутазодшавии вожаҳоро мавриди баррасӣ қарор додааст [1. 81, с. 10-82]. Дар ин самт таҳқиқоти М. Саломиён низ диққатҷалбкунанда аст. Ӯ дар асоси маводи ашъори назмии асрҳои XII-XIV кори пураризиши илмӣ таълиф намуда, қабатҳои маъноии ҳамовоз, муродиф, мутазод ва калимаҳои сермаънои асрҳои мазкурро ба риштаи таҳқиқ кашидааст [1. 76].

Аз таҳқиқоти ба анҷомрасида маълум мегардад, ки хусусиятҳои мансубияти забонӣ ва сохтори калимаҳо диққати олимони зиёдеро ҷалб карда бошад ҳам, доир ба лексикаи чорводорӣ дар гӯйиши Ғорон коре нашудааст, ки ин кор бо нияти пур кардани халои мавҷуда анҷом дода мешавад.

3. 2. Таркиби лексикаи чорводорӣ аз рӯйи баромади калимаҳо

Забон ҳамчун яке аз падидаҳои иҷтимоӣ ҳамеша дар рушду инкишоф буда, дар ин ҷараён омилҳои дохилӣ ва берунӣ низ ба он таъсири худро мерасонанд. Корбурди вожагони аслии тоҷикӣ ва иқтибосгирифта дар таркиби калимаву истилоҳоти марбут ба соҳаи мазкур дар гӯйиши мавриди назар як хел набуда, калимаҳои тоҷикӣ қабати асосии онро ташкил медиҳанд.

Лексикаи аслии тоҷикӣ дар бахши луғот ва истилоҳоти мансуб ба соҳаи чорводорӣ аз қадимтарин калимоти ин гӯйиш таркиб ёфтааст, ки дар заминаи тарзи ҳаёти нимакӯчии мардуми чорводори водии маскунии онҳо ва расму ойинҳои вобаста ба чунин тарзи зист таърихан шакл гирифтааст.

Дар баробари ин, як бахши муайяни лексикаи соҳаи мазкурро дар гӯйиши мавриди таҳқиқ вожагоне ташкил медиҳанд, ки дар дарозои инкишофу рушди лаҳҷа вобаста ба шароитҳои таърихиву иқтисодӣ, иҷтимоиву сиёсӣ ба таркиби луғавии он ворид гардидаанд. Ҳамзамон, ду заминаи воридшавии калимаҳои иқтибосиро дар таркиби лексикаи соҳавии ин гӯйиш метавон қайд намуд, ки яке аз онҳо раванди умумии инкишофи таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва навъҳои он, дигаре хусусиятҳои марбут ба инкишофи луғавии гӯйиши ғоронӣ шароити кӯҳистон ва муҳити серзабонӣ ба шумор меравад.

Роҳи дигари ғанӣ гаштани таркиби луғавии забон ва лаҳҷаҳои он – корбурд аз имконоти неруи дериватологӣ (калимасозӣ)-и забон ё лаҳҷаи мушаххас ба шумор меравад, ки аввалан, дар ҳамон таркиби луғавии забонҳо дар ифодаи мафҳумҳои зарурӣ зиндагии соҳибзабононро пур мекунанд, сониян, барои афзоиши миқдори калимаҳои роиҷи забон ё лаҳҷаи мушаххас мусоидат менамояд.

Аз ин рӯ, лозим шумурдем, ки дар боби мазкур ҳамин ду ҷанбаи инкишофи сохтори луғавию дастурии забонро дар мисоли лексикаи соҳавии гӯйиши Ғорон мавриди таҳлилу таҳқиқи густардаи забоншинохтӣ қарор диҳем.

3.2.1. Мавқеи калимаҳои аслии тоҷикӣ дар низоми луғавии соҳаи чорводории лаҳҷа

Дар ташаккули таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва шеваҳо донишмандон ду омил, – дохилӣ ва беруниро ба асос мегиранд. Ба омили дохилӣ тағйири маънои калима ва дар ин замина, ба вуҷуд омадани калимаҳои ҳамгун сабаб мешавад. Ба замми ин, ба забони адабӣ ворид шудани калимаҳои лаҳҷавии сайқалёфта ва ё баръакс ба лаҳҷаҳо ворид шудани калимаҳои илмию адабӣ боиси такмили забон ё лаҳҷа мегардад. Муҳаққиқ Ш. Исмоилов ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, оид ба алоқамандии луғати забони адабии тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои маҳаллии он андешаи худро чунин баён намудааст: «Маълум аст, ки асоси луғати забони адабӣ ва лаҳҷаҳои маҳаллии забони тоҷикиро, ки онҳо ду шохаи бо ҳам алоқаманди як забон буда, бо якдигар иртиботи ниҳоят зич доранд, маҳз, калимаю мафҳумҳои хоси забони тоҷикӣ (решагӣ) ташкил медиҳанд. Ин муносибати зич ва умумияти забони адабӣ бо лаҳҷаҳои маҳаллӣ дар соҳаи лексика, алалхусус, дар истеъмоли тарафайни вожаҳои аз ҷиҳати баромад хос ба забони тоҷикӣ боз ҳам равшантар зоҳир мегардад» [1. 21, с. 29].

Омили берунӣ аз вомгирии калимаҳо иборат аст, ки дар натиҷаи ҳодисаю воқеаҳои гуногун ва ҳамзистию ҳамсоягӣ бо дигар халқҳо ба вуҷуд меояд. Мавқеи иқтибосот дар ғановати забон муҳим аст, зеро табодули вожагон дар ҳамаи забонҳои дунё амри воқеӣ гардидааст ва ягон забоне аз ин раванди таърихӣ бе таъсир будан наметавонад. Бо вуҷуди ин, заминаи мустаҳками ҳар гуна забонро калимаҳои худӣ ташкил мекунад. Вожагони решагии худӣ асос ва пояи забон маҳсуб ёфта, дар пайдоиш ва ташаккули калимаҳои нав нақши бориз доранд. Дар хусуси ин мавзуъ аксари донишмандон андешаи худро баён кардаанд. Муаллифони китоби «Забони адабии ҳозираи тоҷик» оид ба ин масъала дорои чунин андешаанд: «Ба гурӯҳи калимаҳои аслии забони тоҷикӣ

ҳамаи калимаҳои аслии ҳамин забон, инчунин, калимаҳое, ки ба воситаи аффиксҳои забони тоҷикӣ аз калимаҳои иқтибосӣ сохта шудаанд (трактор+чӣ, экскаватор+чӣ, план+ӣ, коллектив+ӣ, фоидан+ок, байрақ+дор), дохил мешаванд. Воҳидҳои аслии луғавии забони тоҷикӣ калимаҳое мебошанд, ки аз ҷиҳати баромади таърихии худ, асосан, ба забонҳои ғарбии эронӣ баробар тааллуқ доранд» [1. 18, с. 23].

Барои муайян ва фарқ намудани калимаҳои худиву бегона меъёри ягона ба назар намерасад, лекин чанд аломат нишон дода шудааст, ки барои ҷудо кардани вожаҳои аслии тоҷикӣ нақши асосӣ мебозад:

– нишонаҳои савтӣ**,** яъне вожагоне, ки дар худ овозҳои «ъ», «ҳ» (ҳалқӣ), «қ» ва ё ташдид доштаву калимаҳои аслии тоҷикӣ нестанд (ба ҷуз баъзе истисноҳое, ки овозҳои ба аслӣ бадал шудаанд: қаҳрамон, қошуқ, қаролу ва ғ.);

– хусусияти сермаъноӣ**,** ки дар ин бахш, сермаъноӣ, асосан, ба вожаҳои аслӣ рабт дошта, вожаҳои иқтибосӣ ин хусусиятро надоранду танҳо як мафҳумро ифода мекунанд;

– аксарияти вожаҳои аслӣ дорои маънои мушаххас мебошанд [1.18, с. 25].

Дар ташаккули таркиби луғавии лаҳҷаҳо вожаҳои аслан тоҷикӣ муҳим буда, мавзуъҳои фаровони ҳаётии мардумиро фаро мегиранд. Онҳо аз ҷиҳати сохтор содаю фаҳмо ва барои ҷомеа дастрас мебошанд. Вобаста ба ин масъалаи бисёр муҳимми илмӣ муҳаққиқ Ҳ. Маҷидов таҳқиқот анҷом дода, зимнан, чунин андешаи муносибро иброз кардааст: «Калимаҳои аслӣ гоҳо бо лексикаи фонди асосии луғавӣ омехта карда шуда, бо онҳо як дониста мешаванд, ин дуруст нест. Дар ҳақиқат, қисми зиёди лексикаи фонди асосии луғавӣ ва аслии тоҷикӣ бо ҳам мувофиқат мекунанд. Дар забон мавқеи устувор доранд, ба мафҳумҳои ҳаётан муҳим далолат мекунанд, ифодагари ашёи мушаххас буда, муътадилоҳанг мебошанд» [1. 36, с. 89].

Вожаҳои марбут ба чорводории гӯйиши Ғорон бахше аз таркиби луғавии пурганҷи гӯйиши мазкур буда, забони мардумӣ, тасаввурот, мафкура ва маърифати сокинонро нишон дода, аз огоҳию маъношиносии онон дарак

медиҳад. Устод Садриддини Айнӣ доир ба бузургӣ ва аҳаммияти омухтани забони халқ чунин нигоштааст: «хазинаи забони халқ ҳануз дарбаста ва дастнорасида истодааст. Аввалин вазифаи ташкилотҳое, ки дар ин соҳа кор мекунанд, ин хазинаро кушодан ва луғатҳои зиндаро аз байни халқ ғун карда, бо як таҳқиқи илмӣ онҳоро чоп намудан ва ба ин восита забонро, чунон ки тараққиёти имрӯза талаб мекунад, васеъ намудан аст» [1. 5, с. 20]. Ин сухани ҳикматомези устод олимону муҳаққиқонро ба он водор менамояд, ки ба масъалаи таҳқиқи лаҳҷаҳо бетафовут набошанд. Ҷамъоварию таҳқиқи луғати лаҳҷаҳо вазифаи масъули соҳа буда, барои аз байн нарафтани он ганҷинаҳои забонӣ мусоидат мекунанд. Адешаҳои пуразиши устод С. Айнӣ барои ҳамаи давру забон дастури беҳтарин буда, моҳияти илмиро касб намудаанд.

Агар ба таркиби вожагони гӯйиши Ғорон назар кунем, бе душворӣ метавон эҳсос кард, ки қисмати асосии фонди луғавӣ ва таркиби луғавии ин гӯйишро калимаҳои худӣ ё аслии тоҷикӣ ташкил медиҳанд. Муҳаққиқ С. Шердилова дар такя ба андешаи мутахассисон дар ин хусус чунин менигорад: «Қариб ҳамаи муҳаққиқони шеваҳои тоҷикӣ қайд кардаанд, ки асоси боигарии луғавии лаҳҷаҳоро вожаҳои умумитоҷикӣ ташкил медиҳанд. Ин ҳодисаро дар таркиби луғавии гӯйиши тоҷикони Ғорон низ мушоҳида кардан мумкин аст» [1. 102, с. 128]. Вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ аз ин ҳолат истисно нестанд.

Муҳаққиқ С. Муъминова дар таҳқиқоти худ оид ба калимаҳои умумитоҷикӣ ақидаи ҷолиб баён намудааст: «Таркиби луғавии лаҳҷаҳо аз қабатҳои гуногуни калимаҳо иборат аст. Дар он калимаҳои умумитоҷикӣ, вожаҳои хоси лаҳҷа ва калимаҳои иқтибосӣ мақоми бориз доранд. Калимаҳои умумитоҷикӣ, ки онҳо таърихан сирф моли забони тоҷикӣ ба ҳисоб мераванд, дар ташаккулу таҳаввули луғати лаҳҷаҳо, сохтани вожаҳои нав ва ба маънои нодир корбаст шудани калимаҳо мавқеи ниҳоят барҷаста доранд. Калимаҳои умумитоҷикӣ бештар дорои манобеи таърихӣ буда, аз ибтидои рушди забони тоҷикӣ то кунун дар истеъмоли мардуми тоҷик ба кор мераванд» [1.44, с. 16].

Муҳаққиқ Д. Фозилов оид ба калимаҳои хоси шеваи мазкур чунин таъкид менамоянд: «... дар гӯйишҳои ин мавзеъ калимаҳои зиёде мавҷуданд, ки дар дигар шеваҳои ҷанубӣ дида намешаванд. Қисми ин калимаҳо дар забони дарии порсӣ бо он маънояшон дар гӯйишҳои шеваи мазкур ҳоло ҳам мавриди истифода қарор доранд» [1. 87, с. 25].

Таҳқиқот нишон дод, назар ба вожаҳои иқтибосӣ аксарияти калимаҳои марбут ба чорводории гӯйиши Ғоронро калимаҳои худӣ, яъне тоҷикӣ ташкил медиҳанд. Калимаҳои аслии тоҷикӣ дар соҳаи чорводории гӯйиши Ғорон вожагони ифодакунандаи номи умумӣ, намуди зоҳирӣ, таъинот, зот, навъи бемориҳо, касбу кор ва дигар масъалаҳои марбут ба ҳайвоноти хонагӣ аз ҷиҳати луғавию маъноӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, ки онҳоро вобаста ба мансубият ва короии онҳо дар ҳаёт метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кард:

– **номи ҳайвонот**: *асп, хар, гоw, буз, гъсфанд, саг, пъшак, модагоw, нарбъз, чапъш, бара, , бъқа, барзагов, мода, модагоw, наргоw;*

– **номи узвҳои бадани ҳайвонот**: *кала, дъст, по, шъкам, гуш, шох, бинӣ, чъшм, зону, пуст, лох, сина, пистон, ҷигар, дъл, руда, шъкамба, риш, дъмба, дъм, му, шъш, гълу, съм, хун, кабутлавък, қъруток* (ной)*, нохун, зъбон, даан, дандон, лаw, рон, тана, парък, съткхон, хол, бъғум;*

– **номи афзору анҷом**: *зин, лаҷом, ҷил, нъхта, пардъм, танг, гълмех, занҷир, тъбра;*

– **аз рӯйи ранг**: *съфе(д), сийа, зард, сърх, кабут, бур, зард;*

– **номи бемориҳои ҳайвонот**: *озъх, нохуна, шал, бъғумдард:*

– **номи маҳсулот аз ҳайвонот**: *шир, гушт, пуст, пустин, пустак; пашм, чарм, гълам, нъмад, банд, ръсмон, саршир, чака, пору, саргин, чапак, пъшк*;

– **номи умумӣ ва шакли ҷамъи ҳайвонот**: *чаранда, ҷонwар, гала, рама, пода*;

– **мансуб ба касбу кори чорводорӣ**: *чупон,* гоwчупон*, барабон, бъчабон, гъсолабон, ахтакън, wърешгар.*

Дар зер бо бархе аз вожаҳои болозикр мисолҳо оварда, истифодаи онҳоро дар ин гӯйиш метавон нишон дод: *Да пъшти хар ага* ***зин*** *бъзани́ съworшави́ осон-ът меша*; *Ай йод-ът набаройа, ки да дани хар-ът waхти кор доим* ***лаҷом*** *бъзани́* (Кл.). *Waхти порукаши́ каҷowo-ра бе* ***ҷъл*** *да пъшти хар назан, ки пъшт-ъш захми́ меша;* Амъки *Мирбоз* ***нъхта*** *мешура, ба гъмон-ъм нъхт-ъш да езъмдони мо бъд* (Гч.). *И* ***чарм-а*** *да йагон ҷо ҷога бъкън, waхт бъша ба хар пардъм мекънъм-ъш; Да фъки асп awал* ***тъбра*** *бъзанъ бад ҷaw-ъш бъндоз* (Дх.). *Gowи съйа waхти духтан одам-а* ***шох*** *мезана, ай дасти ами ич ки gowдуши́ қабул намекъна*; *Gow-а, ки* ***пуст*** *кардан, пуст-ъш-а дараw нъмък бъзанет* (Сб.). *Gowи сърх дъ* ***лох*** *дора, ай дасти ами гъсол-ъш сер намекъна*; *Хъд-ът бъбин ага* ***пистони*** *gow waрам боша, имруз ам надуш-ъш* (Сист). *Нарбарайи съйа ай бақъwatí* ***дъмба*** *кардаст*; *И gow мегуй* ***съм*** *надошта боша, ки рагаштан наметона* (Дт.). ***Кабутлawък****-а да бари дъгдон, ага бъпазет хъшру мепаза*; *Одамойи калон фақат гушти* ***зъбон*** *мехъран* (Анд.). *Барзагowи пир-а магам бъфърушем, ки* ***дандон*** *да ком-ъш нест*; *Gowи бур* ***lawo-ъш*** *ай съфебодък пъхтан* (Баҕ.). *Амъки Зафар gow-ъш-а къштаст, магам йакбора як* ***рон*** *бъхарем*; *Гушто-ра бъбин, ага ама-ъш* ***парък*** *боша, ба мемоно магам шърwo бъкънем* (Вг.).

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки короии калимаҳои аслии тоҷикӣ дар гӯйиши Ғорон мавқеи калидӣ дошта, дар ташаккули таркиби луғавии лаҳҷаи мазкур мусоидат кардаанд.

3.2.2. Мавқеи вожагони иқтибосӣ

Ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва лаҳҷаву шеваҳои он, аз ҷумла, гӯйиши ғоронӣ воридшавии калимаҳои забонҳои дигар аз даврaҳои қадим шуруъ шудааст. Аз ин рӯ, калимаҳои иқтибосӣ дар баробари калимаҳои худӣ (тоҷикӣ) таркиби асосии забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои он маҳсуб меёбад. Албатта, истифодаи вожаҳои иқтибосӣ дар забонҳои дигар ин маънои нотавон будани онҳоро надошта, падидаи мазкур ба табиати тамоми забонҳо хос аст. Тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, халқи тоҷик дар масири таърих бо дигар

халқу миллатҳо дар самтҳои мухталиф риштаи дӯстиву бародариро барқарор намуда, то ба имрӯз низ ин муносибатҳоро ба роҳ монда истодааст. Чун забон баробари ҷамъият пеш меравад ва ҳар як ҳодисаву воқеае, ки дар ҳаёт ба амал меояд, он дар забон низ инъикос мешавад.

Аз ин рӯ, дар баробари дигар соҳаҳои ҳаёт таъсири ҳодисаҳои ҷамъиятӣ ва забонҳои ғайр на танҳо ба забони умумихалқӣ, балки ба шеваю лаҳҷаҳо низ зиёд ба назар мерасад. Ин таъсирот, пеш аз ҳама, ба тариқи иқтибос гузаштани вожаҳои туркӣ-узбекӣ, арабӣ ва баъдтар, вожаҳои русӣ ба забони тоҷикӣ асос мегарданд. Доир ба раванди иқтибосшавии вожаҳо муҳаққиқону донишмандон ақидаҳои гуногун доранд. Бархе аз онҳо ин ҳодисаи забониро ҳамчун таъсири манфӣ ба забон ҳисобида ва иддае аз онҳо ҳодисаи мазкурро ҳамчун сарчашмаи ғанӣ гардидани забон ҳисобидаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқон Қ. Тоҳирова, Ш. Рустамов, Ш. Исмоилов оид ба ин масъала ба таври зер андешаронӣ намудаанд. Андешаи Қ. Тоҳирова дар ин хусус чунин аст: «Вожаҳои иқтибосӣ захираи луғавии ҳар як забонро ғанӣ гардонда, дар худ маънову тобишҳои навро фаро мегиранд. Дар таркиби луғавии забони адабии ҳозираи тоҷик ғайр аз калимаҳои аслан тоҷикӣ калимаҳои иқтибосӣ низ бисёранд. Дар натиҷаи алоқаю муносибатҳои дурударози иқтисодӣ, сиёсӣ ва мадании халқи тоҷик бо халқҳои дигар ба забони тоҷикӣ бисёр калимаҳо дохил шуда, пойдор гардидаанд ва ин дар таърихи тараққии таркиби луғавии забонамон ҳодисаи манфӣ набуда, балки аз ҳодисаҳои пешқадам ба шумор меравад» [1. 82, с. 25].

Муҳаққиқи варзида Ш. Рустамов доир ба ин самт чунин қайд намудааст: «Яке аз роҳҳои бойшавии таркиби луғавии забон, аз забонҳои дигар қабул намудани калимаҳои ҷудогона мебошад» [1.68, с.101]. Муҳаққиқ Ш. Исмоилов низ иқтибоси калимаҳоро манбаи инкишофи забону лаҳҷаҳо ҳисобида, чунин менигорад: «Иқтибоси калимаҳо аз як забон ба забони дигар яке аз сарчашмаҳои муҳимми рушду такомули таркиби луғавии ҳам забони адабӣ ва ҳам лаҳҷаҳои маҳаллӣ ба ҳисоб меравад» [1. 21, с. 34].

Аз рӯйи андешаи муҳаққикон метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки иқтибоси калимаҳо боиси рушду инкишофи таркиби луғавии забон мегардад, агар он аз рӯйи зарурат бошад.

Дар таърих халқи тоҷик ҳодисаю воқеаҳои гуногунро аз сар гузаронида, пастию баландиҳои зиёдеро дида, бо халқҳои гуногуни дунё ҳамтақдир гардидааст, ки боиси ибдоли вожаҳо шудааст. Вомвожаҳо дар саҳнаҳои гуногуни зиндагии мардуми тоҷик сайр карда, бо савтиёт ва хусусияти дастурии забонамон мутобиқ шудаанд. Ин ҳолат барои ҳазмшавии вомвожаҳо мусоидат карда, ҷиҳати мисли калимаҳои худӣ дар фазои забони тоҷикӣ амал кардан мусоидат кардааст. Муҳаққиқ Ғ. Ҷӯраев ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, таъкид намудааст: «... фақат ҳамонҳое азхудшуда ба шумор мераванд, ки ба тамоми қоидаву қонунҳои забони тоҷикӣ мувофиқат карда бошанд» [1. 94, с.126-127]. Муҳаққиқи ҷавон С. Муъминова оид ба ҳазм ва азхудшавии вожаҳои иқтибосӣ дар лаҳҷаҳо чунин андеша доранд: «Олимон се навъи ҳазмшавии унсурҳои иқтибосиро дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба мушоҳида гирифтаанд – азхудшавии фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ» [1.44, с. 119]. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамаи вожаҳои иқтибосиро дар забон ҳазмшуда наметавон ҳисобид.

Д. Фозилов низ ба масаъалаи вожагони иқтибосӣ дар таҳқиқоти худ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, доир ба истифодаи вожагони иқтибосӣ дар шева чунин таъкид намудааст: «Истифодаи калимаҳои иқтибосӣ дар шева аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки унсурҳои лексикӣ вобаста ба тарзи зиндагӣ, ҷиҳати ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, урфу одат, хислату характери одамони ин мавзеъ бо хусусиятҳои ба худ хоси асрҳои зиёд вобастагӣ дорад» [1. 87, с. 38].

Аз таҳлили вожаҳои соҳавӣ бармеояд, ки ҳақиқатан ҳам, аз ҷиҳати фарогирӣ вожаҳои иқтибосии таркиби луғавӣ ва лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ баробар нестанд. Вомвожаҳои арабӣ дар соҳаи дин, илму маориф зиёдтар ворид гардида, вомвожаҳои туркӣ-муғулӣ бошад, асосан, ба соҳаи мавриди назар

марбут аст. Аз забони русӣ ва аврупоӣ вожаҳое, ворид шудаанд, ки ба техникаю технология ва саноат марбутанд.

Агар ба роҳҳои ташаккули забон назар афканем, мебинем, ки онҳо гуногунранг мебошанд. Пеш аз ҳама, барои мукаммал шудани забон имконоти дохилии забон нақши муҳим дорад, зеро калимаҳои забон дар раванди муносибатҳои ҷамъиятӣ сермаъно шуда, бо маъноҳои навашон, ки ба маҷоз ва услубиёти забон вобаста аст, ҷилва мекунанд. Дар байни имконоти дохили забонӣ калимасозӣ низ мавқеи муҳим дорад. Дар ин самт, ҳамаи ҳомилони забон иштирок карда метавонанд. Боиси зикр аст, ки омили вомгирӣ на танҳо ба забони тоҷикӣ, балки барои ҳамаи забонҳо хос аст. Муҳаққиқ Н.М. Шанский дар ин хусус, воқеан, дуруст қайд намудааст: «Дар рӯйи замин ҳеҷ як забоне вуҷуд надорад, ки тамоман аз таъсири забонҳои дигар озод бошад ...» [1. 176, с. 86]. Ҳаёти воқеии забон муайян мекунад, ки барои ин ё он забон кадом калимаи иқтибосӣ зарур аст.

Ба ин нукта ҳам метавон таваҷҷуҳ кард, ки дар байни калимаҳои дар забон истифодашаванда вожаю истилоҳоти умумихалқӣ мавқеи хос доранд. Калимаҳои умумихалқии шеваҳои забони тоҷикӣ на танҳо аз ҳисоби калимаҳои аслии тоҷикӣ, балки аз ҳисоби вожаҳои иқтибосӣ низ буда метавонад. Бо ин ҳама мавқеи муҳим ва таъсири онҳо ба фазои забонӣ вомвожаҳоро наметавон бартар аз калимаҳои аслӣ донист, зеро дар баёни миқдори онҳо донишмандон бартариро ба забони тоҷикӣ додаанд. Чунки забони тоҷикӣ аз ҷиҳати рушду инкишоф ва истилоҳофарӣ дар радифи забонҳои пуриқтидори ҷаҳон меистад.

Ин нукта мусаллам аст, ки дар байни калимаҳои иқтибосӣ вомвожаҳои арабӣ, туркӣ-узбекӣ ва русӣ-байналмилалӣ мавқеи муайян доранд ва ҳоло ҳам бо омилҳои гуногун воридшавии онҳо ба анҷом нарасидааст. Оид ба вожаҳои иқтибосӣ ақидаи муҳаққиқ Ғ. Ҷӯраев қобили дастгирӣ буда метавонад, ки дар ин хусус ӯ чунин иброз кардааст: «Дар таркиби луғати забони адабии тоҷик, агар баъзе воҳидҳои иқтибосии ҳиндӣ, чинӣ, юнонӣ ва ғайраро истисно кунем, асосан, нақши забонҳои арабӣ, туркӣ ва русию интернатсионалӣ (бо

дарназардошти он ки як силсила калимаҳои забонҳои аврупоӣ тавассути русӣ гузаштаанд) чашмрас аст, зеро забони тоҷикӣ бо ин забонҳо бо ҳукми таърих дар муносибати тулонӣ қарор гирифтааст» [1.94, с.11].

Бояд зикр намуд, ки ҳангоми истифодаи калимаҳои иқтибосӣ дар шеваю лаҳҷаҳо дар онҳо тағйироти овоӣ мушоҳида мешавад. Муҳаққиқ С. Муъминова зимни таҳқиқот ин масъаларо чунин шарҳ додааст: «Омилҳои сар задани тағйироти фонетикӣ дар калимаҳои иқтибосӣ зиёданд, ки ба назари мо, яке аз онҳо дар пайравӣ ба калимаҳои ҳамвазну ҳамоҳанге, ки дар лаҳҷа амал мекунанд, вобаста бошад, дигаре ба нодуруст шунида шудани унсурҳои иқтибосӣ алоқамандӣ дорад. Бо вуҷуди ин, лаҳҷаҳо дар ин бобат қонуну қоидаҳои худро доранд, ки дар асоси он қонунҳо ба тасвир гирифтани ин ҳодисаҳо то ҷойе имкон дорад» [1.44, с.120].

Гӯйиши ғоронӣ, ба монанди дигар лаҳҷаҳои бадахшонии шеваи ҷанубӣ дар муҳити хоси забонӣ-ҷуғрофиёӣ қарор дорад: ин гӯйиш таърихан дар иҳотаи забонҳои эронии шарқӣ амал мекунад. Аз ғарб он бо забони шуғнонӣ, аз шарқ бо забонҳои ишкошимию вахонӣ ва аз ҷануб бо забонҳои пашту ва мунҷонӣ ҳаммарз аст ва аз ин рӯ, равобити таърихии гӯйишварони ин забонҳо боиси иқтибосгирии калимоти забонҳои эронии шарқӣ дар таркиби луғавии гӯйиши Ғорон гардидааст, ки яке аз заминаҳои воқеии инкишофи сохтори луғавии он маҳсуб мешавад ва ҳамин хусусияти лексикию дастурии гӯйиши таҳқиқшаванда онро аз дигар гӯйишу лаҳҷаҳои шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ фарқ мекунонад.

Муҳаққиқи Д. Фозилов оид ба таркиби фонди луғавии гӯйиши мазкур чунин андеша иброз намудааст: «Аз рӯйи фонди луғавии шеваи мазкур маълум мешавад, ки бештари онро калимаҳои тоҷикӣ ташкил медиҳанд. Қисмати дигари фонди луғавиро калимаҳое ташкил медиҳанд, ки онҳо танҳо барои шева хос буда, дар забони адабӣ мавчуд нестанд. Сарнавишти баъзе калимаҳои матрукшудаи забони дарӣ нишон медиҳанд, ки як гурӯҳи вожаҳо имрӯз дар шеваҳо, аз ҷумла, дар шеваи Ғорон дар истеъмоланд» [1.87, с. 34].

Инчунин, С. Шердилова оид ба воридшавии вожаҳои иқтибосӣ ба гӯйиши Ғорон чунин менигоранд: «Калимаҳои иқтибосӣ дар лексикаи тоҷикони Ғорон он қадар зиёд ҳам набошанд, вале як ҳиссаи таркиби луғавии гӯйиши тоҷикони Ғоронро ташкил медиҳанд. Миқдори воҳидҳои иқтибосӣ нисбат ба дигар шеваҳо дар гӯйиши тоҷикони Ғорон кам ба назар мерасанд. Бештари калимаҳои иқтибосӣ аз забони русӣ ба чашм мерасанд ва дар гуфтугӯйи оммаи мардум истифода бурда мешаванд» [1. 102, с. 138].

Аз тарафи дигар, омили муҳимми инкишофи низоми луғавии гӯйиши таҳқиқшаванда ҳамсоягии гӯйишварони он бо намояндагони лаҳҷаҳои шимолии забонҳои дарии Афғонистон низ буда метавонад. Дар ду соҳили рӯди Панҷ аз оғоз то охири водии Ғорон дар деҳоти Тоҷикистону Афғонистон гӯйиши ғоронӣ роиҷ аст, лекин дар садаи ХХ вобаста ба тағйироте, ки дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии гӯйишварон вобаста ба марзбандии байни Русия ва Британиё ба амал омаданд, робитаи мустақими байни ғорониёни қаламрави шуравӣ ва Афғонистон заиф ва ниҳоят комилан қатъ гардид, ки боиси пайдо шудани тафовутҳо дар гуфтори сокинони ду соҳили рӯди Панҷи ҳудуди Ғорон гардид. Бо эҳтимоли зиёд, гӯйиши ғоронии Афғонистон таҳти таъсири шадиди лаҳҷаҳои дарии Бадахшон қарор гирифта, ба он лаҳҷаҳо ҳамрангӣ пайдо кард, аммо гуфтори ғорониёни қаламрави шуравӣ таҳти ҳамон омилҳое, инкишоф ёфт, ки шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ аз онҳо таъсирпазир буданд.

Мутаассифона, гӯйиши ғоронии қаламрави Афғонистон то ба ҳол аз назари муҳаққиқон берун мондааст, бинобар ин дақиқ муайян кардани тафовутҳои миёни гӯйишҳои ғорониёни ду соҳили Панҷ имконнопазир мегардад.

Бо вуҷуди ин, маводи дар дастраси мо қароргирифта имкон медиҳад, ба чунин хулоса оем, ки дар соҳаи чорводорӣ миёни ин лаҳҷаи ғорониёни ду кишвар тафовути хосе вуҷуд надорад. Дар таркиби калимаҳои марбут ба чорводории гӯйиши Ғорон калимаҳои иқтибосӣ қисме аз луғоти фаъолро ташкил медиҳад. Воридшавии ин гуна калимаҳо ба гӯйиши Ғорон дар асоси

омилҳои гуногун сурат гирифтааст, ки онҳоро дар зерфаслҳои алоҳида нишон додан мумкин аст.

3.2.2.1. Калимаҳои арабӣ

Бояд зикр намуд, ки баррасии вожаҳои иқтибосии арабӣ яке аз масоили муҳимми осори илмии муҳаққиқону донишмандон маҳсуб меёбад. Чунки вомвожаҳои арабӣ як қисми калони таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳоро фаро гирифтаанд.

Дар баррасии вожаҳои иқтибосии арабӣ муҳаққиқон Ғ. Ҷӯраев [1975; 2017] Т. Бердиева [1991], М. Кабиров [1995], С. Сулаймонов [1997], М.Н. Қосимова [2003], Ҳ. Маҷидов [2007], М. Ғозиев [2012], С. Раҳматуллозода [2014] ва дигарон заҳматҳои зиёде кашида, осори пурмуҳтавое ба ҷой гузоштаанд. Муҳаққиқони номбурда дар осори худ оид ба вожаҳои иқтибосии арабӣ, омилҳои иқтибосшавӣ ва моҳияти онҳо дар пешрафти забон ибрози андеша кардаанд.

Агар андешаҳои донишмандони болозикрро хулоса кунем, метавон гуфт, ки омилҳои асосии воридшавии вомвожаҳо аз инҳо иборатанд:

1. Истилои кишвари мо аз тарафи арабҳо ва зӯран бор кардани забон.

2. Қабули дини ислом ва ба ин васила, ворид шудани калимаҳо.

3. Аз тарафи олимону донишмандон истифода кардани забони арабӣ зимни навиштани осори худ.

4. Таълим дар мадрасаҳо ба воситаи забони арабӣ.

Забоншиноси шинохта М.Н. Қосимова дар хусуси истифодаи калимаҳои иқтибосии арабӣ дар асрҳои IX-X дар забони адабии меъёр чунин андешаронӣ намудааст: «Азбаски дар асрҳои IX-X забони адабии тоҷик ва намояндагони илму ҳунари тоҷик ба забони арабӣ сахт муқобилият нишон медодагӣ шуданд, калимаҳои арабӣ дар осори хаттии ин асрҳо ниҳоят кам вомехурданд» [1.29, с.80]. Дар асоси таҳлил ва андешаи муҳаққиқон метавон хулоса кард, ки дар муқоиса ба асрҳои IX-X ва охирҳои асри XI-XII теъдоди калимаҳои арабӣ дар

забони тоҷикӣ нисбат ба даврaҳои баъдӣ ва ҳозира хеле кам будааст, ки ин аз поку беолоиш нигоҳ доштани забони тоҷикӣ дар асрҳои гузашта дарак медиҳад.

Оид ба вомгирии вожагони арабӣ дар лаҳҷаҳои бадахшонии забони тоҷикӣ муҳаққиқ А.З. Розенфелд андешаи худро чунин баён намудааст: «Миқдори арабизмҳо, умуман, дар забони тоҷикӣ хеле зиёд будааст, аммо дар баробари ин, дар лаҳҷаҳои тоҷикзабонони Бадахшон боз як қатор калимаҳои арабие ба кор мераванд, ки онҳо танҳо моли ҳамин лаҳҷаҳо мебошанд» [1.164, с. 33].

Бояд зикр намуд, ки истеъмоли вожаҳои иқтибосии арабӣ дар гӯйиши Ғорон, махсусан, дар таркиби воҳидҳои луғавии марбут ба соҳаи чорводорӣ ҳам ба назар мерасанд, аммо аз рӯйи омор теъдоди зиёд нестанд. Албатта, истифодаи онҳо дар гӯйиши Ғорон бо таъсири забони адабии меъёр сурат гирифта, дар даврaҳои гуногун то ба имрӯз ба гӯйиши мазкур ворид шудаанд.

Вожагони мазкур вобаста ба мафҳум ва аломатҳои ифодакунандаи чорво чунинанд:

– номи умумӣ ва узви ҳайвонот: *мол*, *тавқ, (ҳ)алқ, бадан*;

– афзори марбут ба чорво: *нал, алқа, ҷъл, лаҷом;*

– бемориҳои ҳайвонот: *касал, нъхс, айб;*

– ҳолату хислат ва хусусияти ҳайвонот: *алол, аром, а(ҳ)л, қобил, ваши́* ва ғайра.

Бояд зикр намуд, ки вожаҳои зикргардида бо бархе тафовутҳои овоӣ дар забони адабӣ ва ҳамаи лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба кор бурда мешаванд. Ҳамзамон, ҳамин метавон гуфт, ки калимаҳои арабӣ бо теъдоди муайян ба соҳаҳои гуногун ворид шуда, чун калимаҳои худӣ ба қоидаҳои савтию дастурии забонамон мутобиқ гардидаанд.

3.2.2.2. Вожаҳои туркӣ-узбекӣ

Мардуми ориёӣ бо қавмҳои туркзабон дар як давраи муайяни таърихи давлатдории Сомониён бо ҳам муносибатҳои мухталифи фарҳангиву иқтисодӣ доштанд. Баъди парокандашавии давлати Сомониён ва ба сари ҳокимият омадани сулолаҳои кӯчӣ (Қарахониҳо, Салҷуқиҳо), ҳамчунин, зулми

бераҳмонаи муғул, халқи тоҷик бо мардуми турку узбек ҳамсояву ҳамзист дар ин сарзамин шуданд, ки ин воқеаҳо то дараҷае боиси нигоҳ доштани муносибати байни онҳо гардид. Ин ҳолат, ки дар замони Сомониён ҳукмфармо буд, аммо бо суқути давлати Сомониён то андозае коста гардид ва дар замони Ҳокимияти Шуравӣ то ҳадде барқарор гардид.

Тибқи иттилои забоншинос Д. Саймиддинов забонҳои эронӣ бо забонҳои туркӣ дар даврaҳои гуногуни таърих робита доштаанд. Ӯ дар ин бобат чунин нигоштааст: «Равобити забонҳои эронӣ бо забонҳои туркӣ ба даврaҳои гуногуни таърихӣ ва осори хаттӣ иртибот дорад. Чанде аз унвонҳо ва номҳои туркӣ бори нахуст дар осори форсии миёна ва суғдӣ дар имлои расмулхатти паҳлавӣ ва суғдӣ ба мушоҳида мерасанд. Дар осори форсии дарӣ бархе аз ин номҳо ва унвонҳо ҳамчун идомаи суннати осори қалб аз исломӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба кор рафтаанд. Ҳамчунин, бар асоси осори даврaи аввали форсии дарӣ чанд вожаи туркӣ низ дар «Луғати Фурс»-и Асадии Тусӣ зикр ва маънӣ шудаанд. Ҳамин тариқ, вобаста ба вазъи сиёсӣ ва низомӣ дар қарнҳои гуногун, аз асри X1 ва баъд луғоту истилоҳоти туркӣ ва муғулӣ ба забони тоҷикӣ-форсӣ ворид гардид, ки бархе аз онҳо дар осор маҳфуз монда ва бештар луғоти дигар дар лаҳҷаҳои ҷудогона ва забони муштараки гуфторӣ ворид гардиданд» [1.75, с.100].

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар даврaи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайванди дӯстии халқи тоҷику узбек боз ҳам қавитар гашта истодааст.

Албатта, воридшавии вожаҳои иқтибосӣ ба ин ё он забон ба муносибати байни миллатҳо дар самтҳои мухталифи ҳаёт вобастагӣ дорад. Муҳаққиқ Ш. Исмоилов дар хусуси воридшавии вожаҳои иқтибосии туркӣ-узбекӣ ба забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои он чунин қайд намудааст: «Дар даврaҳои дуру дарози таърихӣ вобаста ба муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангию тиҷоратӣ, инчунин, дар натиҷаи баҳамзистии қавмҳои тоҷику турк унсурҳои зиёде аз забонҳои гуногуни туркӣ ба забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои маҳаллии он дохил

шудаанд. Ба таркиби луғавии лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ворид гардидани калимаю истилоҳоти туркӣ, чи тавре ки маълум аст, вобаста ба талабот ва эҳтиёҷоти мардуми маҳаллӣ рӯй додааст. Вале далелҳо собит месозанд, ки дар алоқамандӣ бо шароитҳои мухталифи зиндагӣ ва ҳудуди ҷуғрофӣ дараҷаи дохилшавии калимаю мафҳумҳои туркӣ ба лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ як хел сурат нагирифтааст. Ин ҳодисаро дар зиёд будани унсурҳои туркӣ дар ин ё он шеваю лаҳҷа ва баръакс кам будани онҳо дар шеваю лаҳҷаҳои дигар пай бурдан мумкин аст» [1.21, с. 41]. Воқеан, ҳам андешаи муҳаққиқ дар ин хусус дуруст мебошад. Чунки чунин ҳолат дар шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ мушоҳида мешавад.

Муҳаққиқ Семёнов гуфтори мардуми кӯҳистон ва мардуми Самарқанду Бухороро ба таври муқоиса таҳлил намуда, доир ба тозагии лаҳҷаҳои мардуми кӯҳистон чунин менигорад: «Забони тоҷикони кӯҳистон нисбат ба забони тоҷикони Самарқанду Бухоро тозатар буда, хусусиятҳои забонҳои қадимӣ ва классикиро бештар нигоҳ доштааст. Калимаҳои туркӣ ва арабӣ дар лаҳҷаҳои кӯҳистон нисбат ба лаҳҷаҳои тоҷикони водӣ хеле кам дучор мешавад» [1.165, с. 2].

Боиси зикр аст, ки муносибати ҳасанаи ин халқҳои ба ҳам дӯсту бародар сабаби воридшавии вожагони иқтибосии туркӣ-узбекӣ ба забони тоҷикӣ гардидааст. Зикр кардан бамаврид аст, ки оид ба воридшавии вомвожаҳои туркӣ-узбекӣ на танҳо забоншиносон, балки муаррихон ва дигар донишмандон низ мулоҳизаҳои муҳим иброз кардаанд. Аз ҷумла, донишманд – муаррихи варзида Б. Ғафуров оид ба мавқеъ пайдо намудани вожаҳои тоҷикӣ дар забони узбекӣ ва ба забони тоҷикӣ воридшавии вожаҳои узбекӣ чунин менигорад: «Ҳамсоягии чандинасра ва иртиботи хеле наздик, ҳамчунин, мавҷудияти бунёди умумӣ боиси ба забони узбекӣ нуфуз ёфтани калимоти тоҷикӣ ва ба забони тоҷикӣ дохил шудани калимоти узбекӣ гардидааст. Забоншиносон таъсири мутақобилаи чашмрасеро дар сохти грамматикии ин забонҳо низ қайд кардаанд. Дузабонии тоҷикию узбекӣ як ҳодисаи маъмулист» [1.15, с. 615].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асари оламшумули худ «Забони миллат – ҳастии миллат» доир ба ин масъала чунин қайд менамоянд: «Пайванди ҳамҷаворию ҳамбастагии иҷтимоиву сиёсии тоҷикону узбекон ва истеъдоду қобилияту маҳорати суханварии адибон (хосса шоирон) натиҷаҳоеро ба бор овард, ки онҳо бо ду забон эҷод кунанд ва аксари эшон ба ин муваффақ ҳам гардиданду ба пояи устодӣ расидаанд» [1.16, с. 239].

Ба андешаи Н. Маъсумӣ пешрафти зиндагӣ ва рушди ҷамъият боиси ба вуҷуд омадани тағйирот дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ гардида, вобаста ба ин теъдоди вожагони воридшудаи узбекӣ низ дар таркиб луғавии забони адабӣ афзудааст [1.37, с.101]. Муҳаққиқи ҷойномҳои минтақаи Панҷакент дар таҳқиқоти худ оид ба сабабҳои таърихии пайдоиш ва номгузории ҷойномҳои иқтибосии туркӣ-узбекӣ дар минтақаи мазкур ибрози андеша намуда, чунин қайд кардааст: «Ҳоло дар ин мавзеъҳо аҳолии туркзабон сукунат дошта, номҳо аксар тарҷума шудаву баъзан, аз байн рафтаанд ё ин ки онҳоро ба савтиёти худ ин мардуми кӯчманчӣ мутобиқ кардаанд» [1.20, с.174].

Дар гӯйиши мавриди таҳқиқ дар баробари забони адабӣ, бахусус, дар бахши калимаҳои мансуб ба чорводорӣ низ таъсири калимаҳои иқтибосии туркӣ-узбекӣ ба назар мерасад. Зикр кардан бамаврид аст, ки аксарияти вожаҳои иқтибосии туркӣ-узбекӣ соҳаи мазкурро фаро мегиранд.

Муҳаққиқони соҳа низ ин масъаларо ҳаматарафа таҳлил намуда, дар ин хусус андешаронӣ кардаанд. Вобаста ба ин, муҳаққиқи шеваҳои ҷанубӣ Ғ. Ҷӯраев чунин қайд намудааст: «Агар ба ҳайати калимаҳои иқтибосии туркӣ назар андозем, унсурҳои лексикии ифодакунандаи соҳаи чорводориро бештар мушоҳида мекунем. Ин қабил калимаҳо бевосита номи ҳайвонотро ифода накунанд ҳам, ба навъ, хусусият ва тариқи парво кардани онҳо оиданд» [1.94, с.150-151]. Боиси тазаккур аст, ки воридшавии вожагони иқтибосии туркӣ-узбекӣ дар гӯйиши мавриди таҳқиқ аз дигар манотиқи кишвар ба куллӣ фарқ мекунад. Чунки дар ин гӯшаи дурдасти кишвар воридшавии вожаҳои туркӣ-узбекӣ танҳо бо воситаи забони адабӣ амалӣ шудааст. Бо роҳи мустақим

воридшавии калимаҳои иқтибосии мазкур дар минтақаи мазкур ба назар намерасад, чунки бо сабаби хеле дур будани минтақаи Бадахшон, аз ҷумла, водии Ғорон, дар ин минтақа мардуми узбекзабон сукунат ва рафтуомад низ надоранд. Муҳаққиқ С. Шердилова воридшавии вожаҳои иқтибосии туркӣ-узбекиро ба таври муқоиса нисбат ба лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ таҳлил намуда, чунин қайд мекунад: «Агар ба гӯйиши тоҷикони Ғорон нигоҳ кунем, аён мегардад, ки дар гӯйиши мазкур нисбат ба лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ, алалхусус, лаҳҷаҳои шеваи шимолӣ ва баъзе лаҳҷаҳои ҷанубӣ (махсусан, кулобӣ, кулобии Ҳисор) калимаҳои туркӣ-узбекӣ миқдоран каманд. Воҳидҳои лексикии туркӣ-узбекӣ дар гӯйиши мазкур ба воситаи забони адабии тоҷик ворид шудаанд ...» [1. 102, с.149].

Бо вуҷуди ин, тавре ки дар боло қайд намудем, вожагони иқтибосии туркӣ-узбекии марбут ба ин соҳа дар гӯйиши ғоронӣ нисбат ба дигар соҳаҳо бештар ба назар мерасанд, масалан, калимаҳои ифодакунандаи: абзори марбут ба чорво: *қамчин, тийоқ, тъқум, чоръқ, қанор*; макони чорво: *айлоқ, чула*; маҳсулоти чорво: *қърут, қъмиз, қатиғ, қаймоқ*; аломату хусусият ва ранги чорво: *бъғъз, қъсир, лақашох, чақон, йош, қашқа*, бемориҳои ҳайвонот: *чълоқ, қарасон, қътърма*; номи чорво вобаста ба ҷинс: *той, байтал, кучък, қъшқор* ва ғайра; узви ҳайвонот: *арқа* (тахтапушт), *қабърға, йол, қош, қил, қанот* (бол).

Бояд зикр намуд, ки андешаи муҳаққиқон оид ба баромади вожаҳои *қутос*, *буқа ва қӯтан* гуногун мебошад. Дар муқоиса ба таҳқиқи муҳаққиқон оид ба масъалаи таснифоти калимаҳои иқтибосии туркию узбекӣ, ки муҳаққиқ М. Рӯзиев дар таҳқиқоти худ нишон додааст, дар баъзе ҳолатҳо ҳамақида будан имконнопазир аст. Зеро муҳаққиқ вожаҳои *қутос, буққа* – номи ҳайвонот аз рӯйи ҷинс ва синну сол ва *қӯтан*ро – ҷойи чорво ба иқтибоси туркӣ-узбекӣ [1.70, с. 122] шомил намудааст, ки ба ин андеша ҳамақида наметавон шуд. Чунки аслан, вожаи *қутос* аз юнонӣ буда [2.195, с.707], калимаҳои «буққа ва қӯтан» ба забони тоҷикӣ мансубанд. Дар иртибот ба вожаи «буққа» бояд зикр намуд, ки бо роҳи муқоиса ба фарҳангҳои русӣ-туркӣ вожаи «буққа»-ро, баъзе

донишмандон иқтибос аз туркӣ мешуморанд, розӣ шудан имконнопазир аст. Чунки дар тамоми шеваву лаҳҷа ва гӯйишҳои забони тоҷикии мовароуннаҳрӣ вожаи мазкур серистеъмол мебошад. Дар забони адабии меъёри русӣ ва баъзе дигар забонҳои славянӣ гунаи «бык»-ро дорад. Дар забони адабии меъёри классикии тоҷикӣ-форсӣ бошад, гунаҳои *барзгов//барзагов, гови нар* кор фармуда шудааст.

Вожаи мазкур дар «Луғати решашиносии забони русӣ» дар забонҳои славянӣ ва дигар забонҳо чунин оварда шудааст: «*бык,* аз укр., булғ. – бик. русӣ-славянӣ. *быкъ***.** сербухарв. *δûk,* словен. *bík.* чех. *bỳk*, стар. *bỳkatí, bŭkatí* – маос задан, полск., в.-луж., н. – луж., *byk*.//хешигарӣ бо лтш. *bucêt,* – êju «садо додан, ғалоғула кардан», лит. *buktl* – маос задан», *bukas* – даканг, кимр. *bygad*» [2.201, с.344].

Дараҷаи дигари табдилёбии садонок дар *bŭkatí* – маос задан; ниг. инчунин, Бернекер 1, 112; Mí. EW 27; Мейе, MSL 14, 362. Сербухарв. *δāк бык//буққа*, ки Бернекер (ҳамон ҷо) аз *******быкъ* (буққа) мефаҳмонад. аз афташ, аз далм. *bu̯āk,* – бык/буққа аз лот. *vacca* –гов муштақ гардидааст. Муқ. Фасмер RS 4. 69; Бартоли, Dalm. 2; 172, 381. Андаке дуруст аст, ки вожаи русӣ аз туркӣ бошад. *buka* – бык/буқа бар хилофи ақидаи Корш (Af slPh 9. 493; Зап. РГО этногр. 34, 537). Бар муқобил ниг. Младенов **(«***slavia***»** 10, 251), Брюкер (53-и минб.). Саҳван дар муносибати фонетикӣ гипотезаи Шахматов (33, 87) дар бораи иқтибос аз Келтӣ. *boukkô* – «корова»; ниг. Фасмер, RS 6, 191 [2. 201, с. 258].

Шарҳи маънои вожаи «*буққа*»-ро В. С. Расторгуева ва Д. И. Эделман аз сарчашмаҳо чунин овардаанд: «Ин вожа дар забонҳои ориёӣ **b(h)auk-, *b(h)aug.* – ҳамчунин, дар ҳиндии қадиму миёна **bhuk* – бонг, нидо (рамзиовозӣ), *bukka* – такка, *bukkati, *bukkátiyati* –аккос/баос задан. Метавонад аз **bhukko***–** баромада бошад ё ин ки баргашти калимаи рамзиовозӣ (марбут ба решашиносии ҳ. авр. **bhūgo* **–** «буз», ниг. ** būzá-*), лит. м. *baũkti, baũbti* – маос задан, наъра задан, православ. **bučati, bučiti, *buketi (Se) *bykъ* – буққа ва ғ.,

диал. рус. «маос задан, ваас кардан, ғингос задан» буққа ва ҳкз.» [2. 201, с. 256; с. 258; с. 503; с. 265].

Ҳамин тавр, муҳаққиқони номбурда гунаи тоҷикии ин вожаро дар шакли *буққа* (buqqa) «бык» (ба русӣ) нишон додаанд [2. 207, с. 151].

Қайд кардан бамаврид аст, ки «буққа»-ро дар забонҳои туркӣ-узбекӣ «ҳӯкиз» [2. 201, с. 450] ва дар забони русӣ «бык» (гови нар) мегӯянд.

Дар Луғати калони туркӣ-русӣ ва русӣ-туркӣ (45000 калима ва ибора) калимаи *буққа* аз забони туркӣ ба русӣ ва аз русӣ ба туркӣ чунин тарҷума шудааст: «*okuz – бык* [2. 203, с. 348]; *бык – boqa; okuz*» [2. 203, с. 525].

Инҷо ба назару андешаҳои мухталифи муҳаққиқон метавон ба чунин хулоса омад, ки вожаи *буққа*, ки дар лаҳҷаву гӯйишҳои тоҷикии мовароуннаҳрӣ фаровон истифода мешавад, дар радифи калимасозиҳо, мисли «такка» ва «серка»-и тоҷикӣ бо анҷомаи «-а» ташаккул ёфтааст (буқ+а, так+а, серк+а ва ғ.), ки ин таҳқиқу муқоисаи алоҳидаро тақозо ва талаб мекунад. Зеро бо дарназардошти он ки ин вожа дар забонҳои аврупоӣ (аз ҷумла, лотинӣ – *vacca* ва забонҳои славянӣ – «*бык*» *bukati* ва ғ.) аз қадим истифода шудааст, ки дар он давру замон муносибатҳои забониву ҳамсоягии турктаборон бо мардуми аврупоӣ мушоҳида намегардид. Ва сабаби «букка» ба «буққа» бадал ёфтан ҳам, ҳамон хусусияти овоии забони тоҷикист, ки дар баъзе вожаҳо барои равону самеъ баён ёфтанашон, овози «к» ба «қ» табдил меёбад. Ин ҳодисаи савтиро дар вожаҳои «қаҳрамон», «қоғаз», «қаролу» ва ғайра метавон мушоҳида намуд. Ҳамзамон, зери мафҳуму маънои «бук (буқ)» ҳаминро низ фаҳмидан мумкин аст, ки букидан (буқидан), буқ шудан худ дар баъзе лаҳҷаву гӯйишҳои тоҷикӣ, аз ҷумла, гӯйиши Ғорон, маънои «варамидан/варам кардан ва ё лундагию барҷастагӣ»-ро ифода мекунад. Масалан: *Пешоним-а да санг чъкидъм бъқ шъд*; *Ҷойи бъқ шъдагӣ дард мекъна* (Гч.). Яъне пешонӣ ба санг бархурда, дар натиҷа, варам кард, лундагӣ пайдо шуд. Ана ҳамин «варам, лундагӣ»-ро низ ба фарбеҳиву барҷастагии *буққа* – барзгов, метавон нисбат дод ва ин ҳаргиз аз забонҳои туркӣ буда наметавонад.

Дар иртибот ба вожаи «қӯтан» бошад, бояд қайд кард, ки вожаи «қӯтан»-ро муҳаққиқон В.С. Расторгуева ва Д.И. Эделман дақиқ решаёбӣ кардаанд: «Яғн. *udan* – горная полынь (оне, ки бари говон (мисли густурдан) гузошта мешавад ва аз *gau* – бо маъноҳои «маҳсулоти чорвои калони шохдор» – «шир» ба вуҷуд омадааст» [2. 208, с. 214].

Иқтибос аз тоҷикӣ дар забонҳои помирӣ (бадахшонӣ) масалан, шуғн. *gōw–xūnā* м.р./(ҷ.м.) – оғил/гусолахона (дар дохили ҳавлии зист); *gōw – dumak* м.р. (ҷ.м.). бот. говаки бохтарӣ (vevbascum bactrianum)» айнан. «думи говак» ва ғ.

Ҳамзамон, муҳаққиқони номбурда мафҳуми луғавии ин вожаро чунин шарҳ додаанд: «Аз *gau* – семантикаи «хоҷагии муқимӣ, работ, русто (деҳа)» ва ғ. ба вуҷуд омадааст. Форсии қадим. *gau – pati* – (дар нақл /итақвим эломӣ kambatia) сарвари маскан; форсии миёна gopat – варақаи ҳоким, ав. *gavašayana* – ному тахаллуси Суғд, ки он ҷо дар маҳалҳои муқимӣ зиндагӣ мекунанд, «ав. *gavašitīm* акк. «дар маҳалли муқимӣ зиянда»; осетӣ. *qæw / ɣæw* деҳа, манзил, оҳул» (муштак/сохта ниг. пойинтар) аз ***gauʯa** – ё ин ки ***gau – ia** – бо ифодаи ибтидоии чорпо (ҳайвонот) яйлов/ девлох (истилоҳ аз рӯзгори кӯчӣ мерос мондааст), ҳиндии қад.м. – *gavya* нигоҳдорандаи чорво (ҳайвонот); галаи чорвои калон; муштақи осет. ирон. *qæwkkag, qæwwon* – рустоӣ, *qæwwyng* –кӯча, ... *vqwg//ron* – канори деҳа, *qæwædk* – тартиботи оҳулӣ меъёри зист *gæwmæ* ба хона ... ва ҳкз.» [2. 208, с. 215].

Аз рӯйи мушоҳидаҳо «қӯтан»-ро туркзабонон умуман, истеъмол намекунанд ва ин вожа, аз мафҳумҳои *гава+тана* – говдон//макони говҳо шакл гирифтаву чун дар шарҳу корбурди вожаи «*буққа*» зикр намудем, бо мурури давру замонҳо табдили овозӣ кардааст, яъне дар вожаи «гаватана» – «**г**» ба «**қ**» иваз шудааст, ки имрӯз он дар шакли «қӯтан» ба кор бурда мешавад.

3.2.2.3. Калимаҳои русӣ-байналмилалӣ

Истеъмоли калимаҳои русӣ-байналмилалӣ дар баробари калимаҳои иқтибосии арабӣ, туркӣ-узбекӣ дар забони тоҷикӣ ва шеваву лаҳҷаҳои он ба назар мерасад. Ворид гардидани вожаҳои мазкур ба забон ба ҳодисаҳои

гуногуни таърихӣ алоқамандӣ дорад. Пеш аз ҳама, ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба ҳайати ҳукумати подшоҳии Русия боиси ворид гардидани вожагони русӣ-байналмилалӣ ба забони адабӣ ва лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ гардида, дар ин раванд як қатор вожаҳои соҳавӣ, аз ҷумла, илмиву фарҳангӣ, ҳарбӣ, техникӣ ва дигар соҳаҳо ба забон ворид шуданд. Сабаби дигаре, ки боиси дигаргунии куллӣ дар ҳаёти ҷомеа гардид, ин барқарор шудани Ҳокимияти Шуравӣ дар Осиёи Миёна ба шумор меравад. Аз ин рӯ, мавҷудияти Ҳокимияти Шуравӣ ва сиёсати он ҷиҳати баҳамойии забону фарҳанг ва дигар унсурҳои миллӣ замина гузошт, ки ин ҳолат ба забони тоҷикӣ ва асолати миллии халқи тоҷик таъсири ҳаматарафа расонд. Имрӯз дар таркиби забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои он вожаҳои зиёди иқтибосии русӣ мушоҳида мешаванд, ки натиҷаи ҳамин давраи таърихӣ маҳсуб меёбанд.

Муҳаққиқи варзида Ш. Исмоилов ба масъалаи омӯзиши вожаҳои иқтибосии русӣ ва русӣ-байналмилалӣ дар таркиби луғавии лаҳҷаҳои маҳаллӣ таваҷҷуҳ намуда, чунин таъкид кардааст: «... унсурҳои иқтибосии русӣ ва русӣ-байналмилалӣ дар луғати ҳар як шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба таври алоҳида вобаста ба меъёрҳои дохилии худи ҳамон шеваю лаҳҷа ҳаматарафа омухта шаванд, то ки бо ин роҳ таҳқиқи пурраи муқоисавӣ ва ҷамъбасти илмии ҳамин қабати луғати ҳамаи шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ шароити мусоид фароҳам ояд» [1. 21, с. 48].

Инчунин, вобаста ба сохти нави давлатдорӣ ва шароити давр дар Тоҷикистон зарурат ба миён омад, ки мардум зиндагӣ ва кору фаъолияти худро мувофиқи талаботи замони нав роҳандозӣ намояд. Аз ин лиҳоз, инкишофу пешрафти соҳаҳои мухталифи ҷомеа асоси пайдоиш ва иқтибосшавии вожагони нав ба забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои он маҳсуб меёбад. Раванди воридшавии вомвожаҳои русӣ ва байналхалқӣ ҳам яку якбора сурат нагирифтааст. Онҳо зина ба зина бо пайдо шудани муносибатҳои нави истеҳсолӣ, равнақу ривоҷи техникаю технология ва пурзӯр шудани корҳои саноатӣ сурати тоза доранд. Ин калимаҳо моҳияти бузурги пешравии ақлонии ҷомеа дар масъалаи ҳуши

маснуиро нишон дода, хосияти рӯз то рӯз зиёдшавиро доранд. Садҳо калимаи марбут ба техникаю технология дар сатҳи забони адабӣ мавриди истифода буда, аммо дар шеваҳо дида намешаванд. Ин аст, ки бо таъсири мактабу маориф ва воситаҳои ахбори омма ин гурӯҳи калимаҳо ҳазм шуда, дастраси мардум мегарданд.

Инчунин, дар аксар мавридҳои ин ё он вожаи иқтибосӣ аввал дар байни мардум паҳн шуда, дар мадди аввал корбурди он барои одамон дар назар бегона метобад ва оҳиста-оҳиста забонзада гардида, ҳамчун вожаи худӣ дар забони адабии меъёр мавқеъ пайдо мекунад. Забоншинос Ҳ. Маҷидов низ тарафдори ин ақида буда, дар ин хусус чунин андеша баён кардааст: «Ин гурӯҳи калимаҳои иқтибосӣ низ якбора ба забони адабии хаттӣ қабул нашудаанд. Дар ибтидо онҳо дар муҳовара – забони зиндаи мардум ба кор бурда мешуданд, баъдан, тавассути асарҳои адибони ҷудогона ба забони адабии хаттӣ низ ворид шудан мегиранд» [1. 36, с. 115].

Дар рафти таҳқиқ якчанд калимаҳои иқтибосии русӣ марбут ба ин соҳа мушоҳида гардид, ки онҳо зот, касбу кори марбут ба чорводорӣ, бемориҳои чорво ва абзори соҳаи мазкурро ифода мекунанд: *шведски* – шведӣ, дурагаи гови шветсарӣ бо тоҷикӣ, *афчарка; вътернар* – ветеринар, *старши* – старший *аграном* – агроном, *зотехник; сawхоз, ферма, зawферма калхоз; брслйоз, тъберклос (туберкулез); плуг, бирка, флаг, бак, бушка, бочка.*

Бояд зикр намуд, ки бо мурури замон истеъмоли бархе аз вожаҳои иқтибосии русӣ, аз ҷумла: *зawферма, зотехник, старший, сawхоз, калхоз* дар гӯйиши сокинони ин водӣ истифода намешаванд, ки ин ҳолат, аз тағйири сохти ҷомеа вобастагии зич дошта, ба ҷойи чунин вожаҳо бештар калимаҳои**:** *хоҷагии деҳқонӣ, байторӣ, соҳибкор, деҳқон* ва ғайраҳо истифода мешаванд, ки дар доираи калимасозии забони адабии тоҷикӣ ба майдони муошират ворид гардидаанд.

3.2.2.4. Калимаҳои иқтибосии забонҳои эронии шарқӣ

Таҳқиқ нишон дод, ки вожагони иқтибосии арабӣ, туркӣ, русиву аврупоӣ ҷиҳати ғановати гӯйиши мазкур мусоидат намуда, ин ҳолат иқтибосгирии забонҳои дигари бадахшониро, ки ба гурӯҳи забонҳои шарқии эронӣ мансубанд, аз байн набурдааст.

Гӯйиши ғоронӣ дар муҳити забонҳои эронии шарқии минтақаи Бадахшон рушду таҳаввул кардааст, ки дар шарқ ба забони шуғнонӣ ва аз ғарб бо забонҳои ишкошимию вахонӣ дар ҳамсоягӣ қарор дошта, дар ҷануби минтақаи густариши ин гӯйиш забонҳои пашту ва мунҷонӣ паҳн гаштаанд. Ҳамин муҳити забонӣ, чунончи, аз таҳлили мавод бармеояд, дар вуруди калимаҳои иқтибосии забонҳои эронии шохаи ҷанубӣ шарқӣ ба таркиби луғавии гӯйиши мазкур таъсиргузор будааст. Нахуст метавон аз калимаҳои «умумибадахшонӣ» ёдовар шуд, ки дар тамоми забонҳои ин минтақа мустаъмаланд ва аксари онҳо дар гӯйиши Ғорон низ мушоҳида мешаванд.

Муҳаққиқ С. Шердилова оид ба мавқеи истифодаи калимаҳои умумибадахшонӣ чунин қайд намудааст: «Калимаҳои умумибадахшонӣ инҳо чунин калимаҳое мебошанд, ки дар тамоми забонҳои бадахшонӣ, лаҳҷаву гӯйишҳои онҳо дар байни омма як хел истифода бурда мешаванд» [1.102, с. 135].

Силсилаи вомвожаҳои эронии шарқиро калимаҳое ташкил медиҳанд, ки бевосита аз ягон забони мушаххаси эронии ҷанубӣ шарқӣ ба таркиби луғавии гӯйиши ғоронӣ ворид гардидаанд. Ба тавре ки номбурда таъкид доштааст, дар байни калимаҳои иқтибосии ин гӯйиш вомвожаҳо аз забонҳои шуғнонию ишкошимӣ ва баъдан, вахонӣ бештар ба назар мерасанд [1.102, с.134].

Калимаҳои иқтибосии эронии шарқӣ бо чанд хусусияти худ аз дигар вомвожаҳои ин гӯйиш тафовут доранд. Аввалан, ин калимаҳо дар дигар лаҳҷаҳои шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ мушоҳида намешаванд, сониян, дар таркиби бархе аз ин вожагон овозҳое вуҷуд доранд, ки хоси забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои он намебошанд.

Дар шумори калимаҳои эронии шарқие, ки дар дигар шеваҳои забони тоҷикӣ ба назар намерасанду дар забонҳои эронии ҷанубии шарқии минтақа истеъмол мегарданд. Масалан, вожаи *патфарик* – «ҳайвоне, ки дар рӯзи дуюми пас аз дафни шахс ба хотири руҳу арвоҳи мурда кушта мешавад» (аз решаи *патфар* – маросиме, ки рӯзи дувуми пас аз дафни шахси фавтида баргузор мешавад» < эронии бостон **pat-fara-*; муқоиса шавад: шуғ. *pat-fara,* ишк. *pat-fara, вах. pat-fara*) танҳо дар лаҳҷаҳои тоҷикии бадахшонӣ мустаъмал аст, ки дар шумули вожагони минтақавӣ қарор дорад. Дар радифи чунин вожагон метавон вожагони зерро ёдовар шуд: *сфаниҷ – «*тахтасанге, ки барои боло баромадан аз иморати айлоқ дар даромадгоҳи он гузошта мешавад; зина*»* (< шуғнонӣ *sifanīj*); *шиг* – нидое, ки ҳангоми рондани гусола истифода мешавад (шуғнонӣ *šig* – «гусола»); *шог-шог* – нидое, ки барои ба сӯйи худ хондани гусола кор фармуда мешавад (вахонӣ *šog- šog*, ишкошимӣ *šog- šog,* шуғнонӣ *šog- šog*); *кут-кут* – нидое, ки барои ба сӯйи хондани хар ё харкурра ба кор бурда мешавад (вахонӣ *kot-kot*, ишкошимӣ *kot-kot /kut-kut*); *елчизан* «соҳибхоназан дар айлоқ» (шуғнонӣ *elčizan*).

Як хусусияти муҳимми гӯйишҳои бадахшонии забони тоҷикӣ дар он аст, ки дар низоми савтии онҳо ҳамсадоҳое мавҷуданд, ки одатан дар таркиби вожаҳои иқтибосӣ аз забонҳои бадахшонӣ вохурда, хоси забонҳои бадахшонӣ мебошад [1.44, с. 165] ва дар гӯйиши ғоронӣ аз байни ин ҳамсадоҳо ц ва ʒ мавриди истифода қарор *ръмбъц* – як миқдор маскае, ки пас аз дуғкашӣ барои хурдани кӯдакон мемонанд; *ци-ци* – нидое, ки ҳангоми ба сӯйи худ хондани бузу бузғола гуфта мешавад; *циг* – нидое, ки барои рондани бузу бузғола ба кор бурда мешавад; *цъндик* – ҳайвоне, ки думи хеле кутоҳ дорад (ниг.: вахонӣ *ʒənd* «кутоҳдум»); *цълъқ задан* – ба ду пои пеш истода нишастани саг (ниг. вахонӣ *cluq* – дузону нишастан); *цръмбидан* – пучидан (ниг. вахонӣ стыр – пучидан) , *ʒинглук* – як намуди хоб кардани ҳайвон аст, ки пойҳояшро дар зери шикамаш монда мемонад; *ʒгинцък* – ҳайвони бадфеъле, ки соҳибашро гӯш намекунад; *ʒърт* – садое, ки ҳангоми бод баровардани ҳайвон шунида мешавад (вахонӣ);

Ҙърътък – ҳайвони хурду лоғар; *Ҙъғаст кардан* – садое, ки бузғолаву барра вақти гурусна мондан мебарорand (вахонӣ *Ҙiуas*). Сабаби воридшавии вожагони забонҳои эронии шарқӣ ба гӯйиши Ғорон, пеш аз ҳама, дар он аст, ки водии Ғорон дар иҳотаи минтақаи густариши забонҳои эронии шарқӣ воқеъ гардида, дар натиҷаи рафтуомад, пайванди хешутаборӣ ва додугирифтӣ мардуми минтақа вожаҳо аз забонҳои эронии шарқӣ ба гӯйиши мазкур ворид шудаанд.

Ҳамин тавр, мавқеи калимаҳои иқтибосии арабӣ, туркӣ-узбекӣ, русӣ-байналмилалӣ ва эронии шарқии марбут ба соҳаи мазкур аз рӯйи дараҷаи истифодабарӣ дар баробари калимаҳои худӣ қарор дошта, қисми онҳо аз рӯйи зарурат дар таркиби луғавии забони адабӣ ва лаҳҷаҳои забони тҷикӣ ба вуҷуд омадаанд.

3.3. Таҳқиқи калимасозии лексикаи чорводорӣ дар гӯйиши Ғорон

Дар радифи баррасии ҷанбаҳои маъноӣ, таҳқиқи калимасозии вожагон низ аҳаммияти калони илмӣ дорад. Мутафаккирон ва донишмандони ватанию хориҷӣ доир ба масоили калимасозӣ осори арзишманде таълиф намудаанд. Ин таълифот назароти гуногунеро перомуни вожаву вожасозӣ дар бар мегирад, ки барои муайян сохтани қолабҳои калимасозӣ муфид арзёбӣ мегардад. Дар баробари корҳои шоиста, дар самти калимасозӣ дар сатҳи забони адабӣ дар самти таҳқиқи роҳҳои калимасозии шеваҳои забони тоҷикӣ корҳои зиёде сурат гирифтаанд, ки аз муҳим будани масъала дарак медиҳад.

Пиромуни ин масъала муҳаққиқ Ғ. Ҷӯраев таҳқиқ анҷом дода, калимаро яке аз унсурҳои асосӣ ҳам барои забони адабии меъёр ва ҳам барои забони зинда аз рӯйи аломат ва хосиятҳои муҳимтарини он меҳисобад, ки ин андеша комилан дуруст аст [1.94, с. 34].

Агар ба моҳияти калимасозӣ назар кунем, бешубҳа, нақши онро дар пурра кардани таркиби луғавӣ ва дар ин замина, мустаҳкам шудани фонди асосии луғавӣ дидан мумкин аст. Ба назари мо калимаи сохташуда ва дар маҷмуъ, вожаи нав аввал дар таркиби луғавӣ мавқеъ пайдо кардаву мустаҳкам шуда, дар

сурати сайқал ёфтан ба фонди асосии луғавӣ мегузарад. Забоншинос Ш. Исмоилов дар бахши алоҳидаи таҳқиқоти худ масъалаи калимасозиро баррасӣ намуда, оид ба муҳим будани мавзуи мазкур чунин қайд кардааст: «Калимасозӣ яке аз манбаъҳои муҳимми тараққиёту такомулоти таркиби луғавии ҳар як забон ва шеваю лаҳҷа ба ҳисоб меравад. Зеро сохта шудани калимаҳо тавассути васоити калимасоз (пешвандҳо, пасвандҳо, миёнвандҳо) боиси дар забон ба зуҳур омадани мафҳумҳои нав мегардад» [1.21, с.163].

Аз осори ҳангуфти ба масъалаи калимасозӣ бахшидашуда маълум мегардад, ки таваҷҷуҳи мутахассисон барои муайян сохтани моҳияти вожасозӣ калон аст. Масоили назариявии ин самт аз ҷониби донишмандони ватанӣ, мисли Н. Маъсумӣ [1959, 2011], Ш. Рустамов [1972], Х. Ҳусейнов [1973], С. Алиев [1979], Г. Мирзоев [1987], М. Қосимова [2003], Д. Хоҷаев [2013], С. Раматуллозода [2016, 2019] ва дигарон ироа гардидааст, ки дар пешбурди соҳа муҳим мебошанд. Дар ин самт таҳқиқоти мутахассисони хориҷӣ, аз қабили В.В. Виноградов [1975], Л.С. Пейсиков [1973], Е.А. Земская [1992] ва дигарон назаррас мебошад. Донишмандоне чун М. Давлатова [1969], С. Сабзаев [1991], Н. Насимӣ [1992], С. Низомова [2021], М. Олимҷонов [2022] ва дигарон ба таҳқиқи масоили калимасозии осори адабиёти давраи классикӣ ва муосири тоҷик машғул шуда, дар муайян сохтани қолабҳои калимасозии роҳҳои гуногуни вожасозӣ саҳм гузоштаанд. Дар ин самт шевашиносии тоҷик ҳам қафо намондааст. Таҳқиқоти арзишманди А.З. Розенфелд [1971], Ш. Исмоилов [2018], С. Раҳматуллозода [2019] дар бозкушоии масоили калимасозии шеваҳо мусоидат кардааст.

Калимасозӣ дар дарозои таърих манбаи беҳтарини инкишофи таркиби луғавии забон маҳсуб ёфта, ҳамзамон, дар ташаккули қабатҳои луғавӣ нақши муайян дорад. Муҳаққиқи варзида Д. Саймиддинов масъалаҳои калимасозиро дар забони форсии миёна таҳлилу баррасӣ намуда, чунин андеша иброз намудааст: «Вожасозӣ чун дар дигар забонҳо дар форсии миёна низ аз манбаи асосӣ ва ҳамешагии такмил ва ташаккули луғат маҳсуб мегардад. Тайи рушди

ин забон дар ҳама сабкҳои он луғату истилоҳоти фаровонеро метавон пайдо кард, ки онҳо бар пояи қолабҳои суннатии вожасозӣ танзим ва ташкил ёфтаанд» [1.75, с.112].

Зикр кардан бамаврид аст, ки Ш. Рустамов усулҳои калимасозии забони адабии муосири тоҷикиро таҳқиқ намуда, ҳамзамон, чунин андешаи ҷолиби диққатро иброз намудааст: «Илми соҳаи забони тоҷикӣ, аз ҷумла, калимасозии он таърихи дурудароз дошта, пояи аввалини он дар давраи пеш аз Инқилоби Октябр гузошта шудааст ва он барои ташаккули забоншиносии тоҷик ҳамчун як сарчашмаи асосӣ хизмат кардааст» [1. 68, с. 5].

Дар баробари дигар қабатҳои луғавӣ, вожагони ин соҳа низ бо роҳҳои гуногуни вожасозӣ сохта шудаанд. Бо таваҷҷуҳ ба сохташавии калимаҳои ин соҳа, метавон мушоҳида намуд, ки қисми онҳо бо роҳи вандии калимасозӣ ва васлшавии асосҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд. Ин аст, ки бо роҳи морфологӣ ташаккул ёфтани воҳидҳои луғавии мансуб ба соҳаи чорводорӣ на танҳо дар забони адабӣ, балки дар лаҳҷаҳо низ аҳаммияти махсуси илмӣ дорад.

Калимаҳои марбут ба соҳаи чорводорӣ тавассути равишҳои мухталифи калимасозии забонамон пайдо шудаанд, ки боиси рушду инкишофи вожагони соҳаи мазкур гардидаанд.

3.3.1. Калимаҳои сода

Вожаҳои сода қисмати асосии таркиби луғавии забони адабӣ ва шеваю гӯйишҳо дар бахши калимаҳои марбут ба чорводорӣ маҳсуб меёбанд. Хусусияти барҷастаи морфологии онҳо аз он иборат аст, ки мутобиқи таҳлили усули ҳамзабонӣ (синхронӣ) ба ҷузъҳо ҷудо намешавад, балки бо яклухтии худ маънои луғавӣ доранд. Сохти аксари вожаҳои решагӣ сода буда, онҳо дар муқоиса бо вожагони сохтаву мураккаб, ҳамзамон, дар радифи ҳиссаҳои нутқ мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Муҳаққиқ М. Эшниёзов доир ба масъалаи баррасии калимаҳои сода, ки қисми зиёди онҳо хусусияти умумитоҷикӣ доранд, чунин баён кардааст: «... агар системаи лексикаи шева

дар муқоисаву муқобила омухта шавад, дар он сурат ҷудо кардани калимаҳои умумиторикӣ ва шевагиро зарур аст» [1. 106, с. 35].

Калимаҳои *мол, гов, бъқа, така, бъкл, гъсола, бъз, меш, хар, саг, асп, бара, бъча, шох, лох, сина, сар, по, чъшм, гуш, гардан, даан, зъбон, руда, ҷигар, меъда, шуш, тана, хол, қътан, чула, шола, ағел, охър, зин, ҷил, бъғъз, зоч, шир, ҷърғот, дуғ, панир, қърут, ҷога, пашм, чарм, банд, айлоқ, чупон, нубат, касал, захм, озъх, пору, пъшк, палма, алол, аром, гушт, пуст* ва ғайра чун вожаҳои содаи соҳаи чорводорӣ ба шумор рафта, қисми зиёди вожаҳои мазкур дар бахшҳои боло шарҳ дода шуданд, ки такрори онҳо дубора зарурат надоранд.

3.3.2. Бо пасвандҳо сохтани калимаҳо

Қабати аз ҳама сермаҳсули таркиби луғавии вожагони марбут ба соҳаи чорводорӣ дар гӯйиши Ғорон, вожаҳои сохта маҳсуб меёбанд. Вожагони марбут ба чорводорӣ бо роҳу тарзҳои мухталиф сохта шуда, истифодаи вандҳои вожасоз яке аз роҳҳои муҳимтарини инкишофи ин қабати луғавӣ маҳсуб меёбанд. Дар хусуси ифодаи маъноии таркиби вожаҳои сохта забоншинос Ш. Рустамов зимни таҳлилу таҳқиқи худ чунин менигорад: «Ҳам маънои асос ва ҳам маънои аффикс, маҳз, дар калимаҳои сохта равшан зоҳир мешавад» [1. 69, с. 102].

Забоншиноси Д. Саймиддинов оид ба имкониятҳои калимасозии забони форсии миёна чунин қайд намудааст: «... аз роҳи таҳқиқи қолибҳои вожасозӣ пайдоиши луғоту истилоҳоти фаровонеро дар забони форсии миёна метавон сохт. Тамоми пасвандҳо, бинобари баёни маъно, дар сохтани вожаҳо дар чанд гурӯҳи зайл тасниф гардидаанд: пасвандҳое, ки исми шахс месозанд, пасвандҳое, ки исми макон месозанд, пасвандҳое, ки исми маънӣ месозанд, пасвандҳои сифатсоз» [1.75, с. 9].

Аз нигоҳи грамматикӣ вандҳо ҳамчун маҷмуи морфемаҳо барои тағйироти шаклу маънои калима хизмат менамоянд. Онҳо аз рӯйи вазифа ба вандҳои калимасоз, шаклсоз ва муштараквазифа ҷудо мешаванд. Вандҳои муштараквазифаро вандҳои шаклу калимасоз низ мегӯянд.

Дар калимасозии лексикаи марбут ба чорводорӣ дар гӯйиши Ғорон пасвандҳои зиёде ба кор бурда мешавад, ки аксари онҳо дар забони адабии тоҷикӣ ва дигар лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ маъмул мебошанд.

Муҳаққиқ С. Раҳматуллозода оид ба теъдоди истифодаи пасвандҳои исмсоз дар шеваҳои таҳқиқнамудааш чунин қайд намудааст: «... дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ 35 пасванди исмсоз мавҷуд аст, ки дар сохтани калимаҳои гуногуни исмӣ хизмат менамояд» [1. 64, с. 4].

Агар дурусттар назар намоем, бе мушкилӣ пай бурдан мумкин аст, ки зимни сохтани калимаҳои сохта мувофиқати маънои вожаҳо ва пасвандҳо, ки дар тули таърих хизмат кардаанд, муҳим мебошанд. Ин мувофиқат сунъӣ нест, балки васлшавию баҳамойии онҳо дар асоси маъно сурат мегирад. Ҳам асосҳои маънодор ва ҳам вандҳои калимасоз дар дарозои таърих барои сохтани калимаҳои нав вазифаҳои мушаххас доранд ва аз роҳи таърихӣ баромадани онҳо ғайриимкон аст. Ин аст, ки онҳо дар заминаи ҳамин роҳи тайкарда барои сохтани калимаҳои нав иқдом мекунанд.

Зимни таҳқиқ А. Амлоев роҳи морфологии калимасозиро пайгирӣ намуда, калимаҳои сохташударо аз ду зовия – бо ёрии вандҳо (пешванду пасванд) ва пайвастшавии асоси вожаҳо мавриди таҳқиқ қарор дода, баён месозад, ки: «калимасозии исм ба воситаи пешванду пасвандҳо дар муқоиса ба қисми дуюм (вожаҳои мураккаб) ҷойгоҳи хосро дорост» [1. 7, с. 15].

Роҳу воситаҳои калимасозии соҳаи чорводории гӯйиши Ғорон бо забони адабии тоҷикӣ ва дигар шеваҳои забонамон монандиҳо дошта бошад ҳам, баъзе фарқият ҳам дорад, ки ба тарзи ташкили қолабҳо ва маҳсулнокии онҳо мансуб аст.

Муҳаққиқ Ш. Исмоилов оид ба сермаҳсуливу каммаҳсулии пасвандҳо дар шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ, аз ҷумла, дар лаҳҷаи водии Рашт чунин таъкид намудааст: «Дар ҳақиқат баъзе пасвандҳо ба дараҷае сермаҳсуланд, ки дар доираи якчанд ҳиссаи нутқ калима месозанд, аммо баръакси он, пасвандҳое низ ҳастанд, ки калимасозии онҳо танҳо дар доираи як ҳиссаи нутқ давом мекунад.

Худи ҳамин ҳодиса зарурати ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо намудани онҳоро тақозо мекунад» [1. 21, с. 165].

Маводи мавҷуда гувоҳи он аст, ки пасвандҳои *-а, -и́, -чи́, -гар, -гари́, -ък (-ак, -як), -ин, -дор, -бон, -о, -аки́, -wори́ (-ворӣ), -зор, -гона (-гоник), -дон, -ок, -го (-гоҳ) //-га* (-гаҳ) ва ғайра дар таркиби луғавии соҳаи чорводории гӯйиши Ғорон сермаҳсул мебошанд.

Барои равшан шудани моҳияти калимасозии онҳо дар соҳаи мазкур, дар асоси маводи ҷамъоварда, пасвандҳои мазкур ба таври алоҳида таҳлил карда мешаванд.

Пасванди -а. Пасванди *-а* сермаҳсултарин пасванди забони тоҷикӣ ба шумор рафтаву бо исм, шумораю исм ва сифатҳо пайваст гардида, бо ин роҳ вожаҳои нав сохта мешаванд: *дъгуша, ларза, панҷа, съwора, талха* ва ғайра. ***Дъгуша*** *ба ҷурғоткъни́ бъсйо ҷогаи соз; Бъзи кал-а ай хънъки́* ***ларза*** *гъръфтаст;* ***Съwора*** *ай ама пеш гъзашт* (Сист).

Муҳаққиқ Ш. Исмоилов оид ба сермаҳсулии пасванди мазкур дар забони адабӣ ва лаҳҷаи водии Рашт чунин таъкид намудааст: «Дар забони адабӣ пасванди *–а* яке аз морфемаҳои сермаҳсул ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, онро пасванди «сермаъно, омоморфема ва синоморфема» номидаанд. Дар лаҳҷаи водии Рашт пасванди *(-а* аз ин ҳам сермаҳсултар аст ва аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ, хусусан, аз исм, сифат, шумора ва феъл калимаҳои нав ба нави исмӣ месозад» [1. 21, с.194].

Пасванди *-и́ (-гӣ, -вӣ)* яке аз пасвандҳои серистеъмол буда, тавассути пасванди мазкур исмҳои гуногунмаъно сохта мешавад. Аз рӯйи ифодаи маъно муҳаққиқ Ш. Рустамов исмҳои тавассути ин пасванд сохташударо ба шаш гурӯҳ тақсим намудааст [1.69, с. 45].

Пасванди мазкур дар забони тоҷикӣ ва дар аксар гӯйишу лаҳҷаҳои он, аз ҷумла, дар лаҳҷаҳои Ванҷу Бадахшон [1.163, с. 7-28; 1.164, с.16-17], лаҳҷаи Варзоб [1. 70, с. 140] ва дар гӯйиши Ғорон низ ҳамчун пасванди сермаҳсули исму сифатсоз кор фармуда мешавад: *бъзи́, чарми́, пашми́, меши́, бъзъкбози́,*

сwорӣ́ ва ғ. *Руғани* ***гоwӣ́*** *да зъмистон ба молидан ба ар чи меша*; *Гушти* ***мешӣ́*** *ба хънъкзадагӣ́ фойида дора* (Сб.). *Гушти* ***бъзӣ́*** *боднок бъдаст, ай дасти ами бъсйо одамо парез мегиран*; *Тасмаи* ***чарми-ра*** *ба амсойа додъм* (Кл.). Бо истифода аз маводи дастрасгардида, калимаҳои сохташудаи ин пасвандро вобаста ба ифодаи маъноӣ метавон чунин табақабандӣ намуд:

а) аз исмҳои мансуб ба фаъолият исми маънӣ сохта, амалро ифода мекунанд ва умумиточикӣ мебошанд**:** *чорwодорӣ́*, *гоwдорӣ́*, *бъздорӣ́*, *молдорӣ́*, *мешдорӣ́* ва ғайра. Масалан: ***Чорwодорӣ́*** *да қишлоқо ай бъбоwу бъбъмон ба мо мерос мондаст*; *Молу гоw-а чупонӣ́ накънӣ́ намеша* (Кл.). *Апам Сифатък-а* ***гоwдорӣ́*** *намефорад-ъш, ай дасти ами фақат* ***бъздорӣ́*** *мекъна*; *Гоwи сърх ба* ***гоwдорӣ́*** *меша; Мардъми пеш фақат* ***молдорӣ́*** *мекардан, ки руз-ъшон-а бъгъзаронан* **(**Гч.). *Калоно меган, ки м****олдорӣ́*** *ама wахт обруи одамъст, ами гап рост бъдаст*; *Холайи Марwорӣ́ ай дасти нъмадкънӣ́ зъйотар* ***мешдорӣ́*** *мекъна* **(**Шб.).

б) аз асосҳои исмӣ сифат сохта, аз кадом мавод истеҳсол шудани ашёро мефаҳмонад: *гӯштӣ́, ширӣ́, пашмӣ́, чармӣ́: Ай тасмаи* ***чармӣ́*** *ба хар пардъм бъкънем, ки пардъм-ъш-а найофтъм*; *Халтайи* ***чармӣ́*** *да афтоw қоқ шъдаст (Хғ.). Гоwойи* ***ширӣ́*** *ага харч дошта бошан, Мешойи* ***ширӣ́*** *дар ағел банд мондан* (Дт.)*. Пъга гоwойи бақъwат-а ба* ***гӯштӣ́*** *мебаран*; *Шарфи* ***пашмӣ́*** *да хънъкӣ́ роати ҷон бъдаст* (Қҳ.).

Муҳаққиқони соҳа истифодаи пасванди мазкурро дар шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ зимни таҳқиқи шеваю лаҳҷаҳо таҳлил намуда, дараҷаи истифодаи онро дар лаҳҷаҳои таҳқиқшуда нишон додаанд. Аз ҷумла, Ш. Исмоилов оид ба истифодаи ин пасванд дар лексикаи лаҳҷаи водии Рашт чунин нигоштааст: «Пасванди ***-ӣ*** дар лаҳҷаи водии Рашт аз зарфҳои мураккаб, ки таркибан аз исму ҷонишин иборатанд, калимаҳои зарфии ифодакунандаи замон месозад ва замони воқеъ гардидани амалро ба таври дақиқ ишора мекунад» [1. 21, с. 211].

Пасванди -гар. Пасванди мазкур таърихан қадим ва серистеъмол буда, дар адабиёти классикӣ хеле зиёд ба кор бурда шудааст.

Серистеъмолии ин пасванд, пеш аз ҳама, дар вожасозии исм ба назар мерасад. Дар хусуси васеъ гардидани доираи корбурди пасванди мазкур дар калимасозӣ муҳаққиқ М. Шукуров чунин баён намудаанд: «Азбаски *-гар* яке аз воситаҳои маълуми халқиву классикии калимасозист, дар забони адабии имрӯза фаъол шудани он ҳеҷ ҷойи тааҷҷуб надорад. Аз ҳамин ҷост, ки калимаҳое аз қабили «пайвандгар, баёнгар, равшангар, намоёнгар, таҳиягар» на танҳо ба навиштаҳои бадеӣ ва илмӣ, ҳатто, ба истилоҳот ва публитсистикаи матбуоти ҷорӣ роҳ ёфтаанд. Баъзеи ин калимаҳо аз забони халқ ё адабиёти классикӣ гирифта шудаанд ва баъзеашон наванд» [1.104, с. 168-169].

Бо воситаи пасванди мазкур исмҳои ифодакунандаи касбу кор сохта мешавад: *қълбагар, о(ҳ)ангар, дърawгар, ахтагар, нъмадгар, чармгар, кузагар* ва ғайра. Мисол: *Акаи Карим мегуй* ***қълбагар*** *боша, ки мардъм руз-ъш намедйан;* ***Дърawгар-о*** *ай дърaw дер омадан* (Бр.) *Акаи Алифсайн* ***о(ҳ)ангар*** *бъдаст, досойи нағз месоза; Хонайи* ***о(ҳ)ангар*** *доим пъри о(ҳ)ан* (Гч.). ***Йахтагар*** *амаи баройи нар-а йахта мекъна*; *Да ката Андароб йагон* ***йахтагар*** *намйоwи́, ки баро-ра йахта бъкънем* (Анд.). *Бъбойи Сафар дар қъшлоқ* ***кузагар****и номи́ бъд;* ***Кузагар****о дина ба Диделък ба сари ҷрай рафтан, ки йакбор хъд-ъшон ҷрайи нағзтар бъйоран* (Кл.).

Пасванди *-гари́*. Бо воситаи ин пасванд вожаҳои ифодакунандаи рафтору хислати ҳайвон: *дewонагари́, мастигари́, харгари́* ва шуғли мардуми чорводор: *дърawгари́, ҷъфтгари́* сохта мешаванд. Бояд зикр намуд, ки вожаҳои *дарawгари́* ва *ҷуфтгари́* аз ду зинаи калимасозӣ гузашта, дар зинаи аввал аз асосҳои *дарав* ва *ҷуфт* бо пасванди *-гар* вожаҳои *даравгар* ва *ҷуфтгар* сохта шуда, дар зинаи дуюм бо воситаи пасванди *-ӣ* вожаҳои *ҷуфтгари́* ва *дарawгари́* ба вуҷуд омадаанд.

Пасванди *-ък* (*-ак*). Аз рӯйи мушоҳидаҳо пасванди *-ък* (-ак) дар забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои он, ҳамчунин, дар забонҳои шарқии эронӣ – яғнобӣ ва

гурӯҳи забонҳои бадахшонӣ ба маънои хурдию навозиш зиёд ба кор бурда мешавад. Пасванди мазкур ва гунаҳои савтии он серистеъмол буда, барои сохтани исмҳои марбут ба шахс, ғайришахс ва маънӣ истеъмол мешавад.

Ин пасванд таърихи қадим дошта, ба андешаи муҳаққиқ А. Хромов баромади он аз пасванди суғдии *-ак, -ака* маншаъ мегирад ва дар забони яғнобӣ, ки давоми забони суғдист, барои ифодаи хурдию навозиш ва сохтани исмҳо хизмат мекунад. Вале муҳаққиқ роҷеъ ба сермаҳсулию каммаҳсулии он чизе дарҷ накардааст [1.175, с. 666].

Бояд тазаккур дод, ки пасванди мазкур дар забони адабии муосир ва лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ бо қаринаҳои худ дар муқоиса ба забони адабии солҳои қалбӣ, фаъол гардидааст. Муҳаққиқ С. Раҳматуллозода доир ба вариантнокии вожаҳо дар шеваҳо чунин андеша баён намудааст: «Вариантнокӣ дар шева ва умуман дар забон, дар шаклҳои гуногун вуҷуд доштани ҳамон як мафҳум аст, ки дар натиҷаи тағйири шаклии ину он воҳиди забонӣ пайдо мегардад, вале бо вуҷуди тағйири зоҳир ҳамон хусусият ва вазифаеро адо мекунад, ки варианти аслӣ дар зимма дорад» [1.66, с. 6].

Ин пасванд бо қаринаҳои худ яке аз вандҳои серистеъмол ба ҳисоб рафта, он на танҳо дар забони адабии тоҷик ва шеваҳои забони тоҷикӣ, балки дар дигар забонҳои эронӣ, аз ҷумла, форсӣ, дарӣ, пашту [1.158, с.36] ва ғайра кор фармуда мешавад. Короии ин пасванд ва гунаҳои он дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ мухталиф мушоҳида мешавад: лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон *-ак//-ек* [1. 93, с. 51], райони Китоб *-ак (-йак)* [1.34, с. 27], лаҳҷаҳои Бадахшон *-ак (-ик, -ек, -ук//ък)* [1. 66, с. 26].

Қайд кардан ба маврид аст, пасванди *-ък//-ек (-ак)* ба ғайр аз хусусияти шаклсозии калима, хусусияти калимасозиро низ доро мебошад. Аз ин лиҳоз, ин пасванд сермаҳсул ва серистеъмол буда, дар гӯйиши Ғорон низ бо чунин хусусиятҳо маънои хурдиву навозишро ифода мекунад: *гоwък, харък, калък, нарък, шалък, чапъшък, мешък, бъзък, бъчек, барек* ва ғайра. Мисол: ***Чапъшък***

ай мол ҷъдо шъдаст. Бъзи ***шалък*** *имсол қъсир бъдаст* (Анд.). *Бъчеки* ***калък*** *ай гъшнагъра паҷонък шъдаст*. *Барайи* ***нарък-а*** *гирондаст, къ намемака* (Дт.)

Вожагони *чангък, лесък, чапак* низ бо пасванди *-ък//-ак* сохта шуда, исми муайянро ифода мекунанд. Вожаи *лесък* – орди каме нам гирифта, ки ҳангоми душидан дар пеши гови бегусола монда, ки онро мелесад) аз асоси замони ҳозираи феъли лесидан – *лес* ва пасванди *-ък* сохта шудааст: ***Лесък-а*** *waxти духтан да пеши гоw бъмон, ки шир-ъш-а наѓз бъхамбона* (Гч.). ***Чапако-ра*** *да порудон бъндозет, ки awo мебора* (Кл.).

Пасванди *-ък* (-ак), инчунин, исмҳои ифодагари номи бемории ҳайвонро месозад: ***хоришък, хасък*** ва ғайра. *Меш-о* ***хоришък*** *шудан, магам дору бъмолемъшон*; *Да танаи барайи сърхък* ***хасък*** *баромадаст* (Сб.).

Пасванди -*дор*. Пасванди мазкур умумиточикӣ буда, дар гӯйиши Ғорон сермаҳсул мебошад, он бо исмҳо якҷо омада, соҳибиятро мефаҳмонад: *говдор* – соҳиби гов, *хардор* – соҳиби хар, *аспдор* – соҳиби асп, *буздор* – соҳиби буз, *молдор* – соҳиби чорво ва ғайра. *Апаи Содат, ки молдор-ст ар сол айлоқ мера* (Кл.). ***Гowдоро*** *ширу ҷърѓот-ъшон арзон* (Анд.) *Одамойи* ***хардор*** *боро-ъшон-а пъгайи мардон бърдан*; ***Аспдоро*** *дига аспошон-а ба йагон кас намедъйан* (Гч).

Пасванди -ин. Пасванди мазкур бо вожаҳои гуногуни исмӣ омада, сифат месозад. Мисол: *пашмин, пустин, чармин, муин, қаймоқин, руғанин, палмаин, порубин, чалин, ръхин, сангин* ва ғайра. *Йак гоwи* ***ръхин*** *ама-ра* ***ръхин*** *мекъна* (Кл.). *Да қишлоқо зъмистоно либоси* ***пашмин*** *мепӯшан* (Гч*). Да Бадахшон dewолойи хоношон* ***сангин*** *мебошан*; *Чизойи чармин тез нам мегиран* (Сб.). Ин пасванд дар калимасозии марбут ба чорводорӣ дар гӯйиши Ғорон фаровон истифода шудааст.

Пасванди -*чӣ*. Вожаҳои бо ин пасванд сохташуда, машғулият ва касбу корро ифода мекунанд: *айлоқчи́, тагоwчи́, калхозчи́, сawхозчи́* ва ғайра ба ҳамин гурӯҳ шомиланд. Бисёр муҳаққиқон бар он назаранд, ки ин пасванд, бештар хоси калимасозии забонҳои туркӣ мебошад ва соҳибияту дорандагиро ифода мекунад. Аз ин хотир, метавон дар доираи забони адабии меъёр вожаҳои

айлоқчиро – айлоқдор, дойрачиро – дойразан, танбурчиро – танбурнавоз, фарғоначиро – фарғонӣ ё фарғоначӣ хонд ва ғ.

Пасванди -о. Пасванди мазкур дар гӯйиши Ғорон ба мисли аксари лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ ба сифати қисми асосии шакли ҷамъсоз барои ҷамъбандии исмҳо дар шакли *–о* ба ҷойи пасванди *-ҳо*-и забони адабӣ ба кор бурда мешавад: *мешо, бъзо, харо, гowo, аспо, баро, гъсоло, бъқо* ва ғайра. Мисол: ***Мешо*** *амаш ба wреш шъдан*; *Бъзо да шах банд задану баромадан наметонан*; *Имсол* ***гowo*** *камхарҷ шъдан, ки ширшон тънък шъдаст* (Гч.). ***Харо-ра*** *да зак табела бъзанет, ки ба айлоқ нагърезан* (Кл.). ***Гъсоло*** *ай дъми* ***гowo*** *ба айлоқи боло рафтан;* ***Баро*** *ай гъшнагӣ қариб паҷонък бъшан* (Дт.). ***Бъқо*** *да зак* ***гowo-ра*** *пешкънак доран* (Сист).

Аз рӯйи мисолҳои овардашуда, бармеояд, ки вожаҳое, дар охир садонок доранд, дар шакли ҷамъбандӣ бо пасванди мазкур, садоноки ин гуна калимаҳо ихтисор мешавад: *Буқа –* ***бъқо****, гусола –* ***гъсоло****, барра –* ***баро*** ва ғайра.

Пасванди -*бон*. Ин пасванд дар гӯйиши Ғорон ва дигар шеваву лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ сермаҳсул буда, шуғл ва касбу кори одамонро дар ин соҳа ифода мекунад: *подабон, бъзбон, барбъчабон, гъсолабон, шътърбон, сагбон, гowбон, аспбон, галабон* ва ғайра: ***Подабоно*** *гowo-ра бawахти ба чаро бъردан*; ***Бъзбоно*** *бъзо-ра ба ҷар задану хъд-ъшон дам гъръфтан;* ***Гъсолабон*** *гъсоло-ра ай дъми гowo бърд* (Вз.). *Ай* ***барбъчабоно*** *дарак нест, ки къшо шъдан*; ***Сагбон*** *ба саго-ъш қърс медйад, ки саго-ъш* бақъ*watар бъшан* (Шб.). ***Гowбон*** *ба гow-о ка дохтан рафт, неки гowo wахт ай аҕел баромадан;* ***Галабон*** *асп-о-ра пешкънон. ба лawи дарйо owхъри бърд* (Сист). *Пешо* ***аспо-ра*** дур *ба Чъшмаи Аспо мебърдан, ки шawo ба қъшлоқ нахамбан* (Кл.).

Пасванди -*wор/-wорӣ́* (-вор/-ворӣ). Донишманди рус В.С. Расторгуева ба гунаи *–var* будани ин пасвандро дар форсии миёна нишон додааст [2.206, с.35]. Ин пасванд дар лексикаи марбут ба чорводорӣ дар гӯйиши Ғорон барои сохтани вожаҳои мансуб ба нуқсону беморӣ ва ё ягон хислати ҳайвон корбурд мешавад, ки хеле кам ба мушоҳида мерасад: *dewонawор, сагwорӣ́, бъзwорӣ́* ва

ғайра. *Гов аз дарди пистон хъд-ъш-а* ***дewонаwор*** *ба ар тараф мезана* (Гч.) *Меш-о ай тъшнагӣ* ***сагwорӣ*** *медаwан* (Бш.). Инчунин, ин пасванд бо исмҳо омада, номи ашёро низ ифода мекунанд: *нъмадwор, тъёқwор, калтъкwор, сабадwор* ва ғайра.

Забоншинос Ш. Исмоилов оид ба корбурди гунаҳои пасванди мазкур дар бархе аз лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ чунин андеша баён намудааст: «Пасванди мазкур, асосан, калимаҳое месозад, ки мафҳуми тарзи амалро ифода мекунанд. Пасванди *-вор* гоҳо бо *-е* якҷоя (-воре) омада, амалро ба таври монандӣ ифода менамояд. Дар ин маврид шакли *-воре* як дараҷа ба пасоянди *барин*, ки дар як қисм лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ дар шакли *-ворӣ/ворен* ва *боин/боен* истеъмол меёбад, қаробат пайдо мекунад ...» [1. 21, с. 210].

Пасванди *-зор*. Пасванди мазкур дар гӯйиши Ғорон сермаҳсул буда, ҳамчун ифодакунандаи мафҳуми фаровонӣ, барои номгузории мавзеъҳо, ки аз номи буттаву дарахтон гирифта шудааст, ба кор бурд мешавад. Масалан: *Арчазор, Торонзор, Тутзор, Съфедорзор, Бъруҷзор, Башолзорък, Пудиназор* ва ғайра. Бояд зикр намуд, ки пасванди мазкур дар забони яғнобӣ ҳамчун муродиф дар шакли «–varáэ барои сохтани номҳои ҷуғрофӣ истеъмол мешавад [1. 175, с. 30]. Вале дар гӯйиши Ғорон дар чунин шакл истифода намешавад.

Албатта, аз таҳқиқи ин пасванд маълум аст, на танҳо дар шеваи ҷанубӣ, балки фарохтар аз онҳо маълум аст. Муҳаққиқ О. Маҳмадҷонов истифодаи фаровони гунаи «-вара»-ро дар таркиби ҷойномҳои минтақаи Ҳисор таъкид намудааст: «Ин анҷомаи номсоз бештар дар низоми топонимии қисмати шарқии водии Ҳисор (махсусан, дар навоҳии саргаҳи Кофарниҳон) ба таври васеъ истифода мешавад» [1.33, с. 39]. Ҳамаи ин гуфтаҳо, гувоҳи маъмул будани унсури калимасози мазкур дар забон мебошад.

Пасванди *-го (-гоҳ) //-га (-гаҳ).* Тавассути пасванди мазкур калимаҳое сохта мешаванд, ки онҳо ифодагари номи ашё ва исми маъниву макон мебошанд, аз ҷумла, *чарого, чарохърга* – ҷойи чаридани чорво, *пайга* – аспдавонӣ, *пога* – як қисми хонаи бадахшонӣ, *ҷога* – зарф барои нигоҳдории

маҳсулоти ширӣ ва ғайра. Мисол: *Амъки Гълбек мол-а ба* ***чарого*** *бърд; И* ***чарохърга*** *да дawройи пеш ам ай андаробъйо бъдаст* (Дт.). *Пешо мардъм аспора ба* ***пайга*** *мебърдан.Да* ***пога*** *йагон чи рост бъкънет, ки зъмистон хънък меша; Шир-а да* ***ҷога*** *холи́ бъкън* (Гч.).

Забоншинос Ш. Исмоилов оид ба истифодаи пасванди *-гоҳ (-га)* дар забони адабии меъёр ва лаҳҷаи водии Рашт чунин андеша иброз намудааст: «Пасванди *-гоҳ (-га)* аз пасвандҳои аз калимаҳои содаю мураккаб мафҳумҳои нави исмӣ месозад. Илова бар ин, *-гоҳ (-га)* ҳамчун унсури калимасоз ба исми ҷой, ки худ мафҳуми маконӣ дорад, омада, исми дигар низ сохта метавонад (ҷога – бистар, ҷомахоб). Дар забони адабии муосири тоҷик вожаи *гоҳ* ғайр аз вазифаи пасвандӣ ҳамчун калимаи мустақил маънии исмию сифатӣ низ дошта метавонад» [1. 21, с. 194].

Пасванди *-дон.* Ин пасванд низ дар гӯйиши Ғорон сермаҳсул буда, макон ва ҷойи гузоштану нигоҳдории ягон намуди чизро ифода мекунад. Мисол: *коздон* – зарфе, ки дар он ба гов ва бузу гӯсфанд обу йем ва тарит тар карда медиҳанд, *палмадон* – ҷойи нигоҳдории майдаи пору, *порудон* – ҷойи нигоҳдории пору, *ларфъкдон* – ҷойи нигоҳдории пасафкандаи хушки гов, *(ҳ)езъмдон* – ҷойи нигоҳдории ҳезум, *кадон* – каҳдон, яъне ҷойе, ки коҳро нигоҳ медоранд, *ширдон* – ширдони ҳайвон, *задон* – заҳдон, бачадони ҳайвон ва ғайра. Мисол: *Коза ба мол да* ***коздон*** *бъбарет, ки чалакойи дъга-ра козқати накънет; Имсол йак* ***палмадон*** *бъсозем, ки зъмистон ҷой палма нест* (Кл.). *Да* ***порудон*** *ҷойи помони нест; Ларфъко-ра да* ***ларфъкдон*** *йаксъна ба пешсузи бъмонет* (Дт.). *Кайи съфе-ра да кадон пър кънет, ки тар наша* (Бр.).

Муҳаққиқи варзида С. Мирзоев истифодаи пасванди *-don//dun*-ро дар забони яғнобӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, ҳамзамон, сермаҳсулии пасванди мазкурро дар ин забон таъкид намудааст [1. 43, с. 23].

Пасванди *-ала.* Ин пешванд аксар дар таркиби калимаҳои ифодакунандаи намуди зоҳирӣ ва нуқсони бадани ҳайвон меояд: *зардала* – ҳайвоне, ки ранги омехтаи зарду сафед ё дигар намуд дорад, *съйаала* – ҳайвоне, ки ранги сиёҳу

сафед дорад, *қоқала* – ҳайвоне, ки хеле хароб аст, *каҷала* – кақнамо, ҳайвоне, ки ягон узви баданаш кач аст, *кузала* – ҳайвоне, ки қоматаш хамида бошад ва ғайра. *Гови сърх имсол* ***қоқала*** *шъдаст*; *Меши* ***съйаала*** *ай харобира хас-ъш-а напартофтаст* (Дх.).

Муҳаққиқи шинохта Ш. Исмоилов оид ба нақши пасванди мазкур дар муайян намудани маънои вожаҳо чунин қайд намудааст: «Пасванди *-ала* яке аз маъниҳои сифатҳои сермаъниро мушаххас месозад. Ин ҳодиса, асосан, дар калимаҳое ба амал меояд, ки хусусияти умумиточикӣ доранд ва ҳам дар забони адабию ҳам дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ баробар кор фармуда мешаванд. Сифатҳои умумиточикӣ ҳам баробари қабул кардани пасванди *-ала* ҳолати пешинаи худро дигар карда шаклу маънии лаҳҷавӣ пайдо мекунанд. Ин пасванд имконияти сермаъноии калимаҳоро таъмин мекунад. Ин ҳодиса аз ҳама зиёд дар калимаҳои *куз* ва *кач* мушоҳида мешавад» [1. 21, с.180-182].

Пасванди *-анда*. Пасванди мазкур сермаҳсул маҳсуб ёфта, дар забони точикӣ ва гӯйишу лаҳҷаҳои он тавассути ин пасванд вожагони зиёдеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки аз асоси замони ҳозираи феъл сифати феълӣ сохта шудааст. Мисол: *газъында, чарънда, гирънда, хазънда* ва ғайра. *Хари акаи Қодир* ***газънда*** *бъдаст*; Йагон ***чарънда*** *да пъшта наметоwа* (Сб.). *Саги амсойа* ***гирънда*** *йагон каса ба хона ра намедийа*; ***Хазънда*** *зийотар да амбъйо ҷо мегира* (Дх.).

Пасванди *-ас (-аст).* Пасванди мазкур дар сохтани калимаҳои тақлиди овозӣ, аз ҷумла: *блеғаст, бааст, ангаст, меғаст, мъйawаст* ва ғайра ба кор бурд мешавад: *Бъч-о дар камар* ***блеғаст*** *мекънан*; *Баро ай дасти ҷъйошон* ***меғаст*** *мекънан* (Дт.) *Хари бадхосъят рузи дъроз* ***ангаст*** *мекъна* (Дх.).

Лаҳҷашиноси номбурда низ ҳамин хусусияти пасванди мазкурро дар лаҳҷаи водии Рашт нишон додааст: «Дар лаҳҷаи водии Рашт пасванди *-ас* (-аст) калимаҳое, месозад, ки онҳо бештар садоро ифода мекунанд ва ба инсон, ҳайвонот, дарандагон ва ашёи дигар дахл доранд» [1. 21, с. 196].

Бояд зикр намуд, ки дар калимасозии вожаҳои ифодакунандаи мафҳуми соҳаи чорводорӣ на танҳо пасвандҳо, балки пешвандҳо низ истеъмол мешаванд, ки аз онҳо пешвандҳои *бе-, но-* маъмул мебошанд: *бегуш, бешир, беқъwат, бенъхс, бемол, безъбон; ноҷо, нофорам*: *Гушойи гъсола тарък тамоман наметowан, магам ном-ъш-а* ***бегуш*** *бъмонем; Гowойи мардъм имсол назойдан, ай дасти ами ама* ***бешир*** *мондан* (Қз.). *Амоли чан(д) амсойа да қишлоқ* ***бемол****, неки ба хъд-ъшон бепарwo* (Сб.). *Айwони* ***безъбон*** *ягон гъно надора* (Дт.). *Гowи* ***бешир*** *садо-ъш бъланд* (Кл.). Айwон *ага* ***бенъхс*** *боша, тез бақъwат меша; Да қишлоқ бемолъ гow намеша* (Анд.).

Дар ин радиф метавон гуфт, ки бо пешванду пасванд сохта шудани калимаҳои марбут ба соҳаи мазкурро дар мисоли калимаҳои: *бе+гow+и́, бе+мол+и́, бе+шир+и́* мушоҳида кардан мумкин аст: *Апайи Мобека мега, ки ай* ***бегowи́*** *чан сол сахт азоб кашидъм, магам йак-дъ гъсолайи хъшзот бъгиръм* (Гч.). ***Бемоли́*** *одам-а дъстайи санг мекъна; Имсол амаи бъчо ай* ***бешири́*** *мърдан* (Бш.).

Хулоса, истифодаи пешванду пасванд дар калимасозӣ ҷузъи асосии вожаҳои наву сохта маҳсуб ёфта, онҳо дар қолаби калимасозии забони тоҷикӣ ба роҳ монда шуда, дар пайдоиш ва ташаккули ин қабати луғавӣ нақши муҳим доранд.

1. 4. 3. Калимаҳои мураккаб

Вожаҳои мураккаб яке аз бахшҳои калонтарини ва сермаҳсули таркиби луғавии соҳаи чорводориро ташкил медиҳанд. Ин гурӯҳи вожаҳо давоми солҳои зиёдест, ки ҳадафи омӯзиши мутахассисони соҳаи забон қарор гирифтаанд. Дар ин давра, таҳқиқоти зиёди илмӣ дар шакли рисолаҳои илмиву монография ва дастуру мақолаҳо дар асоси забонҳои форсии миёна, забони адабӣ, забонҳои шарқии эронӣ, ба монанди забони яғнобӣ ва гурӯҳи забонҳои бадахшонӣ ва шеваву лаҳҷаҳои тоҷикӣ таълиф гардидааст, ки саҳми муҳаққиқони шинохтаи тоҷик Ш. Рустамов [1972; 1981], Н. Маъсумӣ [1976], Д. Саймиддинов [2001], М. Қосимова [2003], Д. Хоҷаев [2004], Ғ. Ҷӯраев [2017], С.

Раҳматуллозода [2015; 2019], А. Амлоев [2016], М. Саломиён [2020], Ҳ. Дӯстов [2012], М. Олимҷонов [2022] дар ин самт хеле назаррас мебошад. Дар корҳои анҷомёфтаи зикргардида паҳлуҳои мухталифи вожаҳои мураккаб мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Аз ҷумла, муҳаққиқ С. Раҳматуллозода дар асоси маводи фаровони лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ шаклгирии калимаҳои мураккабро таҳқиқ намуда, маводи шеваҳои мазкурро мавриди баррасии илмӣ қарор додааст. Зимни таҳқиқ муаллиф ба калимаҳои мураккаб таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, онҳоро дар асоси назарияи мавҷудаи калимасозӣ ба мураккаби пайваст, мураккаби тобеъ ва сеҷузъа гурӯҳбандӣ кардааст [1.64, с.121]. Ҳамин гуна муносибат дар таҳқиқи калимаҳои мураккаб аз тарафи дигар донишмандон низ ба назар мерасад.

Андешаи муҳаққиқ Ш. Исмоилов оид ба гурӯҳбандии калимаҳои мураккаб дар нутқи лаҳҷавӣ чунин аст: «Маълум аст, ки калима хоҳ сода бошад, хоҳ сохта ё мураккаб ва ё таркибӣ, вобаста ба хусусиятҳои луғавию грамматикии худ дар забон мутобиқи яке аз категорияҳои грамматикӣ амал мекунад. Ҳамин қоидаи маъмул дар бобати калимаҳои мураккаб, ки дар нутқи лаҳҷавӣ беҳад бисёранд, бештар ва равшантар ба назар мерасад. Аз ин рӯ, лозим аст, ки калимаҳоро ба гурӯҳҳои алоҳида тавсиф намоем. Ҳамин гуна гурӯҳбандиро тобишҳои семантикии онҳо низ тақозо мекунанд» [1. 21, с. 219].

Масъалаи аз ҳама муҳим дар таҳқиқи назарияи калимасозии вожаҳои мураккаб аз он иборат аст, ки калимаҳои мураккаби пайваст дар асоси ҷузъҳои баробарҳуқуқ ва калимаҳои мураккаби тобеъ баробарҳуқуқ набуда, яке ба дигаре тобеъ мебошанд.

А. Амлоев ҳам ба ҳамин андеша буда, дар ин хусус чунин нигоштааст: «Яке аз асосҳои фарқкунандаи калимаҳои мураккаби пайваст ё исмҳои мураккаби типи копулятивӣ аз исмҳои мураккаби типи детерминативӣ дар он аст, ки ҷузъҳои ин гурӯҳ (калимаҳои мураккаби типи пайваст) баробарҳуқуқанд» [1. 7, с. 148].

Дар асоси вожагони марбут ба соҳаи чорводории гӯйиши Ғорон қолиби вожасозии мазкур мавриди таҳлил қарор дода мешавад.

1. Такрори вожаҳо, ки нидоҳои даъват ва овозҳои тақлидии ҳайвоноти гуногунро ифода мекунанд: *бълеғ-бълеғ, шог-шог, лог-лог, ош-ош, хот-хот* ва ғайра.

2. Аз унсурҳои баробарҳуқуқи гуногунасос бе корбурди вандҳо созмон додани калимаҳои мураккаби пайваста, ки анвои хуроки аз маҳсулоти чорво тайёршударо дарбар мегиранд: *ширбиринҷ, ширчой, ширатола, ширбат, ширруған, ширкочӣ* ва ғайра.

Калимаҳои мураккаби типи пайваст дар асоси ду қолиби мазкур аз мавҷудияти ин қолибҳо дар соҳаи чорводории гӯйиши Ғорон дарак медиҳад.

Гурӯҳи дигари вожаҳои мураккаб, ки дар таркиби луғавии соҳаи чорводории гӯйиши Ғорон мавқеи намоён доранд, вожаҳои мураккаби типи тобеъ мебошанд. Тафовути вожаҳои мураккаби тобеъ аз вожаҳои пайваст аз он иборат мебошад, ки ҷузъҳо-асосҳои онҳо на баробарҳуқуқ, балки яке асосӣ буда, дигар тобеи он аст. Муҳаққиқ А. Амлоев низ доир ба тафовути ин гурӯҳи вожаҳо аз ҳамдигар ҳамин нуктаи назарро, ки «як ҷузъ аз ҷузъи дигар вобаста аст» ва «яке аз ҷузъҳо асосӣ ва дигараш ба он тобеъ мебошад» [1. 7, с. 157] таъкид намудааст.

Вожаҳои гурӯҳи мазкурро ба таври зер гурӯҳбандӣ карда метавонем:

1. Вожаҳои мураккабе, ки ҷузъҳои онҳо тобеъ мебошанд ва дар онҳо ҷузъи аввал асосӣ ва ҳиссаи дуюм ба он тобеъ аст. Ба ин гурӯҳ калимаҳои мураккабе ворид аст, ки аз факки изофат ба вуҷуд омадаанд. Ин ба он маънӣ аст, ки аз таркиби ибораҳои изофӣ бандаки изофии *-и* ихтисор шуда, калимаҳо ба ҳам васл мегарданд, ки ҳосилаш вожаи мураккаби тобеъ аст. Бо дарназардошти он ки дар боби аввали кор маънои вожаҳои мазкур бо намунаҳо батафсил оварда шудааст, аз ин рӯ, дар қисми мазкур танҳо доир ба қолибҳои онҳо маълумот дода мешавад:

а) исм + исм: *саргала, сарчупон, тахтапушт;*

б) исм+сифат: *мърғбърйон, дъмдъроз, шохчанг, дъмсъфед, гардансъйа.*

Муҳаққиқ Ш. Исмоилов қолабҳои гуногуни калимаҳои исмиро мавриди таҳлил қарор дода, дар иртибот ба сохтани калимаҳо дар қолиби **исм+исм** чунин андеша иброз кардааст: «Қолаби аз ду исм ба вуҷуд омадани калимаҳои мураккаби исмӣ нисбатан сермаҳсул мебошад. Зеро, дар ҳақиқат, калимаҳое, ки дар асоси ин қолаб сохта мешаванд, аз як тараф, дар ифодаи номи ашёи зиёд ба кор раванд, аз тарафи дигар, тобишҳои гуногуни маъноӣ низ пайдо мекунанд» [1. 21, с. 220].

2. Вожаҳои мураккаби тобеъ, ки ҷойгиршавии ҷузъҳои онҳо аз гурӯҳи якум фарқ мекунад, яъне ҳиссаи якум тобеи дуюм буда, ҷузъи асосии он ҳиссаи дуюм маҳсуб меёбад. Зикр бояд кард, ки шумораи гурӯҳи мазкур назар ба гурӯҳи якум дар таркиби луғавии соҳаи чорводорӣ бештар буда, қолибҳои зерро дар бар мегирад:

а) **исм+сифат**: *гардандъроз, дъмдъроз, дъмсъфед, гушдъроз, дъмкалта, шохчанг, ширмаст, гардансъйа;*

б) **исм+исм**: *харсъwор, аспсъwор, гандъмдъраw, барзагоw, сагбача, хархотък, фъкбанд, побанд, гоwбанд, шохбанд, нъхтабанд, улоғбанд, хархона, аспхона, гъсолахона, бъзхона, саргинхона, молхона, косахона, ширҷога, қърутҷога, ширбат, ширкаду, ширкочӣ, ширчой;*

в) **сифат+исм**: *нарбара, модамеш, модабъз, пирсаг, нарбъз, нархар, мочахар*, *модагоw, нарсаг, қъсирмеш, лақагуш, съйагуш, чапаршох, лапаргуш, сърхсар, съйадъм, съфегардан, дъроздъм, дърозгуш, сърхпъшт, сърдъм, съфепешонӣ, бургардан, калтадъм;*

г) **шумора+ исм**: *ҳазорхона* – меъдаи ҳозимаи ҳайвонот, *дъсол, чорсол, шашсол, (ҳ)афтсол, дасол, чорwо//чорпо* ва ғайра.

3. Дар асоси қолиби исм ва асосҳои феълӣ дар лаҳҷаҳо калимаҳои зиёде ба вуҷуд омадаанд. Ин боиси таваҷҷуҳ ва таҳқиқи онҳо аз тарафи донишмандон шудааст**.** Дар ин қолиб ҷузъи асосӣ феълҳо ба шумор мераванд. Муҳаққиқ А. Амлоев дар таҳқиқоти худ ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда,

чунин қайд кардааст: «Исмҳои мураккаб аз ибораҳои исмие, сохта мешаванд, ки дар онҳо бевосита ҷузъи асосӣ исм мебошад. Аммо дар калимаҳои мураккаби аз ибораҳои феълӣ сохташуда, ҷузъи асосӣ на исм, балки феъл аст» [1. 7, с. 132].

Мутобиқи маводи лаҳҷаи Ғорон қолибҳои зерро овардан мумкин аст:

а) **исм + асоси замони ҳозираи феъл**: *бъзбон, бъзкаш, молдор, бачадор, ҷондор аспрез, аспбоз, гъсолабон, харбон, молбон, гowбон, гowхар, гowфъруш, дуғкаш, гowдуш;*

б) **зарф + асоси замони ҳозираи феъл**: *нимдуш, шawдъраw.*

Инчунин, дар таркиби луғавии вожагони марбут ба соҳаи чорводорӣ калимаҳое вуҷуд доранд, ки онҳо аз ду ва ё зиёда асосҳо ва пасвандҳо таркиб ёфта, ба усули омехтаи калимасозӣ тааллуқ доранд. Аз ҷумла: *кадъраwи́, айлоқгардони́, тагowдори́, ҷърғоткъни́, қърутҷушони́, ширчахсзани́ (ширполойӣ), ширпази́, моникъни́ (ширховонӣ), дуғкаши́, аспдawони́, харҷилкъни́, езумкаши́, порубарори́, чапакзани́, порукафони́, ларфъкчиъни́, бодкъни́, молдори́, молбарори́, гowдори́, саргинҷамкъни́, хардawони́, харсъwори́, нъмадмоли́, гълросткъни́, ҷура(б)бофи́, гъламбофи́, руғаноwкъни́, айлоқхамбони́, айлоқбари́, айлоқгардони́, борбари́, борхамбони́, мешwрешкъни́* (пашми гӯсфандонро тарошидан) ва ғайра.

3.3.4. Вожагони дар қолаби ибора-истилоҳ сохташуда

Дар гӯйиши Ғорон дар баробари калимаҳои сода, сохта ва мураккаби соҳаи чорводорӣ, инчунин, вожаҳое вуҷуд доранд, ки онҳо дар шакли ибора-истилоҳ сохта шудаанд ва онҳо вобаста ба мазмун дар бахшҳои боло шарҳу тавзеҳ дода шуданд. Аз ин рӯ, дар бахши мазкур танҳо чанд намунае аз он бахшҳоро метавон оварда. Мисол: *бъчайи нawшъдаги́, барайи нawшъдаги́, мешойи душои́, меши зоч, бузи куйи́, гowи пир, гowи зоти́, хари дурдaw, хари боркаш, аспи ҷwоз* ва ғайра.

Бояд зикр намуд, ки бештар номи айлоқҷойҳо ва мавзеъҳои чорвочаронӣ дар қолиби ибора-истилоҳ сохта шудаанд ва онҳо ибораҷойном номида

мешаванд: *Айлоқи Назаръак, Айлоқи Некзан, Айлоқи Бибиоҷар, Айлоқи Бахтибек, Дашти Моло, Камари Бъзо, Шawгаи Гowo, Шawгаи Шомадӣ, Дарайи Мазор, Дарайи Тупхона, Дарайи Вазелък, Ҷари Дъроз, Ҷари Делох, Чъшмаи Бандък, Чъшмаи Нуҷелък, Чъшмаи Дъроз, Чъшмаи Аспо, Чъшмаи Бруҷо, Сари Ноw, Сари Къталък,* Но*wи Хине, Howи Шехалӣ, Заки Ошурбеко, Заки Қуло, Хирмани Делох, Сари Ғоро, Паси Бъқ, Пъшти Кро, Қади Ow, Ҷубори Лалмо* ва ғайра.

Баррасии маводи бахши мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки вожагони сода, сохта, мураккаб ва ибора-истилоҳҳои мазкур яке аз қисмҳои муҳимми таркиби луғавии соҳаи чорводорӣ маҳсуб ёфта, усулҳои мухталифи вожасозӣ боиси пайдоиши вожаҳои нав ва бой шудани таркиби луғавии соҳаи мазкур мегарданд.

Ҳамин тавр, аз таҳлилу баррасии маводи ин боб метавон ба чунин хулоса омад, ки калимаҳои аслии тоҷикӣ дар таркиби луғавии гӯйиши Ғорон мавқеи асосӣ доранд. Дар баробари вожаҳои худии марбут ба соҳаи чорводорӣ, инчунин, воридшавии вожаҳои иқтибосӣ дар раванди ҳодисаҳои таърихӣ ба таври васеъ ба забон таъсир расонидааст.

Таркиби луғавии соҳаи чорводории гӯйиши Ғорон низ ба монанди дигар гӯйишҳои забони тоҷикӣ аз калимаҳои сода, сохта, мураккаб иборат мебошад, ки заминаи пайдоиши онҳо таркиби луғавии забон ва қолибҳои калимасозӣ мебошад. Ду роҳи морфологии вожасозӣ – бо вандҳо ва бо пайвастшавии асосҳои гуногун ба вуҷуд омадан. Дар таркиби вожагони марбут ба соҳаи чорводории гӯйиши Ғорон ин омилҳои калимасозӣ равшан ба назар мерасад.

Дар ташаккули вожагони сохтаи марбут ба соҳаи чорводорӣ дар гӯйиши мазкур пасвандҳои *-а, -и́, -чи́, -гар, -гари́, -ък (-ак, -ак), -ин, -дор, -бон, -о, -аки́, -wори́ (-ворӣ), -зор, -гона (-гоник), -дон, -го (-гоҳ)//-га (-гаҳ)* мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Дар маҷмуъ, рушди ҷанбаҳои маъноӣ ва усулҳои гуногуни калимасозӣ заминаи пайдоиши калимаҳои нав ва манбаи ғанӣ гардидани таркиби луғавии калимаҳои марбут ба соҳаи чорводории гӯйиши Ғорон гардиданд.

ХУЛОСА

Аз таҳлилу баррасии вожагони марбут ба соҳаи чорводорӣ дар гӯйиши Ғорон бармеояд, ки на танҳо истифодаи калимаю ибораҳои халқӣ, балки таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни онҳо аз нуктаи назари илмӣ низ амри зарурист. Гӯйиши Ғорон дар заминаи таснифоти луғавӣ-маъноии вожагони соҳаи чорводорӣ дорои маводи фаровон буда, дар таҳқиқи мо мусоидат кард ва натиҷаи баррасии ин масъала моро ба чунин хулоса овард:

1. Таҳқиқ нишон дод, ки гӯйиши Ғорон, мисли дигар лаҳҷаҳои бадахшонии шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ дар муҳити махсуси забонию ҷуғрофиёӣ ҷойгир аст. Ин гӯйиш дар иҳотаи забонҳои эронии шарқӣ, аз ғарб он бо забони шуғнонӣ, аз шарқ бо забонҳои ишкошимию вахонӣ ва аз ҷануб бо забонҳои пашту ва мунҷонӣ ҳаммарз аст. Ин равобити таърихӣ боиси воридшавии калимаҳои забонҳои эронии шарқӣ ба гӯйиши Ғорон гардида, аз заминаҳои муҳимми инкишофи таркиби луғавии он шудааст [4-М; 10-М].

2. Ҳарчанд аз таҳқиқи шеваҳои забони тоҷикӣ беш аз 150 сол гузашта бошад ҳам, масъалаҳои ҳалталаб дар ин самт кам нестанд ва яке аз ин гуна масоил баррасии қабатҳои вожагонии шеваҳо, бахусус, лексикаи соҳавӣ мебошад [2-М; 3-М; 16-М].

3. Маводи гӯйиши Ғорон дар мавриди баррасии калима ва истилоҳоти ифодакунандаи номи умумии чорво ба мо имкон дод, ки он дар диссертатсия ҳаматарафа мавриди баррасӣ қарор дода шавад [5-ҲМ].

4. Яке аз қабатҳои муҳимми вожагони марбут ба номи чорвои хонагиро дар гӯйиши Ғорон вожаю истилоҳоти марбут ба ҳайвоноти хурди хонагӣ ташкил медиҳад. Дар ин росто, вожагони мансуб ба гӯсфанд, синну сол, ҷинсияти луғавии гӯсфандон, рангу намуд, вожагони ифодакунандаи хусусиятҳои зоҳирии гӯсфандон ва вожагони вобаста ба зоту парвариши гӯсфандон дар таркиби луғавии гӯйиши мазкур ҷойгоҳи махсус доранд [3-М].

5. Дар баробари вожагони мазкур калимаҳои ифодакунандаи марбут ба бузпарварӣ низ ҳоизи аҳаммият мебошад. Дар ин замина, зимни таҳқиқ диққати

асосӣ ба вожагони марбут ба синну сол ва ҷинсияти бузҳо, рангу намуд ва хусусияти бадани онҳо ва вожаҳои марбут ба парвариши буз дода шуда, хусусияти хоси дар зиндагии мардум доштани соҳа ва калимаҳои ифодакунандаи онҳо мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтанд [6-М].

6. Дар радифи ҳайвоноти хурди хонагӣ, ҳайвоноти калони хонагӣ низ дар ҳаёти мардуми Ғорон нақши калон доранд ва як теъдоди калони вожаҳо ба ин шохисҳо баррасӣ шудаанд. Вобаста ба ҳайвоноти калони хонагӣ, вожагони ифодакунандаи хусусиятҳои гов, асп ва хар диққатҷалбкунанда буда, дар зиндагии мардум ва пешрафти ҳаёти онҳо аз қадим мусоидат кардаанд [1-М; 2-М].

7. Зимни таҳқиқи калимаҳои мансуб ба гов вожаҳои ифодакунандаи шохисҳои ҷинсӣ ва синнусолии гов, калимаю истилоҳоти вобаста ба рангу намуд, хусусиёти бадани гов, вожагони ифодакунандаи говҳои парворӣ ва фарбеҳ, калимаҳои ифодакунандаи зоти гов, рафтор ва хислати чорво, вожагони ифодакунандаи говҳо аз рӯйи таъинот дар корҳои хоҷагӣ ва нуқсони бадани онҳо мавриди баррасии илмӣ қарор гирифта, хусусияти вожагонии онҳо нишон дода шуд [1-М].

8. Дар заминаи таҳқиқи калима ва истилоҳоти марбут ба ҳайвоноти боркаш ва саворӣ диққати асосӣ ба вожагони марбут ба асппарварӣ ва парвариши хар дода шуда, ин қабати луғавии гӯйиши Ғорон вобаста ба шохисҳои зоҳирии хару асп, синну солу ҷинси хару асп, парвариши онҳо, аломатҳои умумии бадан ва зоти онҳо, вожагони ифодагари таъиноти хару асп дар корҳои хоҷагӣ ва рафтори он маводи фаровони лаҳҷавӣ дошта, аз лиҳози хусусиятҳои маъноӣ баррасӣ гардиданд [2-М].

9. Яке аз қабатҳои асосии истилоҳоти соҳавии гӯйиши Ғорон калимаю истилоҳоти чорводорӣ ба шумор меравад ва баррасии мардумшиносию забоншиносии онҳо аз ҳар ҷиҳат муҳим мебошад.

Дар ин росто, ҷойгоҳи калимаҳои марбут ба маҳсулот ва расму ойини чорводорӣ, макони парвариши ҳайвоноти хонагӣ, калимаҳои ифодакунандаи

касбу кори марбут ба ҳайвоноти хонагӣ, вожагони марбут ба хурокҳои ширӣ ва гӯштӣ, вожагон оид ба бемориҳои ҳайвонот барои нишон додани фарҳанги муносибати одамон ба ҳайвоноти аз қадим ромшуда мусоидат кардааст [4-М; 9-М; 10-М; 12-М; 15-М].

10. Бо назардошти мансубияти забонии вожагони чорводорӣ, метавон мушоҳида намуд, ки онҳо гуногунранг мебошанд. Ин аст, ки дар рисола ба таҳқиқи вомвожаҳо низ таваҷҷуҳ шудаву лаҳҷаи Ғорон ҳам аз ин раванд истисно нест. Зимни таҳқиқ маълум гардид, ки дар ифода намудани вожагони чорводории гӯйиши Ғорон вожаҳои иқтибосии арабӣ, туркӣ ва забонҳои эронии шарқӣ нақши муҳим доранд [8-М; 10-М].

11. Таҳқиқи илмӣ маълум намуд, ки сохтори вожагони чорводорӣ дар гӯйиши Ғорон ҳам тибқи қолабҳои анъанавии калимасозии забони тоҷикӣ сурат гирифтааст. Дар ташаккули вожагони чорводорӣ нақши калимаҳои сода, сохта ва мураккаб муҳим буда, ҳар кадом дар алоҳидагӣ баррасӣ гардида, хусусиятҳои сермаҳсулию каммаҳсулии онҳо дар муқоиса бо дигар шеваҳои забони тоҷикӣ нишон дода шуд [11-М; 13-М].

12. Дар таркиби калимаю истилоҳоти чорводории гӯйиши Ғорон калимаҳои содаи аслии тоҷикӣ ҷойгоҳи муҳим дошта, аз қадимтарин калимаҳо ба шумор мераванд, ки дар ин соҳа истифода гардидаанд.

Бахши дигари калимаҳои марбут ба соҳаи чорводорӣ дар гӯйиши мавриди назар калимаҳоеанд, ки онҳо ба шароити таърихиву иҷтимоӣ ва сиёсиву иқтисодӣ, ҷойи зисти мардуми чорводор ва забонҳои ҳаммарз вобастагӣ дошта, боиси иқтибоси калимаҳо гаштааст [9-М; 10-М].

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар асоси таҳқиқоти илмии мазкур чунин тавсияҳоро оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот метавон пешниҳод намуд:

1. Таҳқиқи вожагонӣ ва сохтории вожагони марбут ба чорводории лаҳҷаи Ғорон собит менамояд, ки ин қабати луғавӣ дорои хусусиёти боарзиши забонӣ ва этнолингвистӣ мебошад. Ин аст, ки таваҷҷуҳ ба ин қабати луғавӣ на танҳо дар сатҳи забони адабии меъёрии тоҷикӣ, балки дар ҳамаи лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ҳоизи аҳаммият мебошад.

2. Роҳу равиши гирдоварии мавод, тадвину табақабандӣ, низоми илмии таҳқиқ, дастовардҳои илмӣ ва усули таҳқиқ дар диссертатсия ҷиҳати ҳалли масоили назариявӣ барои муҳаққиқони ояндаи шевашиносӣ, махсусан, дар самти таҳқиқи қабатҳои луғавӣ муҳим арзёбӣ мешавад.

3. Маводи гирдовардашуда дар диссертатсия барои таҳия ва тадвини луғатномаҳои соҳавӣ, аз ҷумла, соҳаи чорводорӣ маводи зиёде пешниҳод менамояд.

4. Натиҷаҳои кори илмӣ-таҳқиқотиро метавон дар самтҳои гуногуни забоншиносӣ, махсусан, шевашиносию машғулиятҳои луғатшиносӣ, маъношиносӣ, калимасозӣ, мансубияти забонии калимаҳо дар факултетҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ истифода кард.

5. Кори диссертатсионӣ дар таълифи дастурҳо, китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, таҳияи луғатҳои шевагӣ ва ғайра маводи хуби илмӣ дода, истифодаи он ба манфиати кор аст.

РЎЙХАТИ АДАБИЁТ

I. Адабиёти илмӣ ва назариявӣ:

А) Ба забони тоҷикӣ:

1. Абдуқодиров, А. Забон ва услуби назми Мирзо Турсунзода / А. Абдуқодиров. – Душанбе, 1988. – 124 с.

2. Абдуллоева, Г.З. Лексикаи лаҳҷаи Қаратоғ: дис.... ном. илм. филол.: 10.02.01/ Г.З. Абдуллоева. – Душанбе, 2013. – 182 с.

3. Абдуллоева, Г. З. Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор: дисс... д.и.ф.:10.02.01/ Г.З. Абдуллоева – Душанбе, 2023. – 400 с.

4. Авасто. Гузориш ва пажуҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ (Баргардони М. Диловар, Тоҷикфар) / Ҷ. Дӯстхоҳ. – Душанбе: Қонуният, 2001. – 792 с.

5. Айнӣ, с. Забони тоҷикӣ. Ахгари инқилоб / С. Айнӣ. – Душанбе: 1974.– 264 с.

6. Алимӣ, Ҷ. Мавзеъномаи Кулоб / Ҷ. Алимӣ. – Душанбе, 1995. – 80 с.

7. Амлоев, А.Я. Калимасозии исм дар насри бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев / А. Я. Амлоев. – Душанбе: ДСРТ, 2016. – 151 с.

8. Бердиева, Т. Назарияи иқтибос / Т. Бердиева. – Душанбе: ДДТ, 1991.– 128 с.

9. Бердиқулов, Ҳ. Лексикаи чорводории водии Зарафшон: дис....ном. илм. филол.: / Ҳ. Бердиқулов. – Душанбе, 1992. – 132 с.

10. Бозидов, Н. Муқаддимаи забоншиносӣ / Н. Бозидов. – Душанбе, 1977. – 152 с.

11. Бузургзода, Л. Фонетикаи забони адабии тоҷик / Л. Бузургзода. – Сталинобод, 1940. – 55 с.

12. Бузургзода, Л., Ниёзмуҳаммадов, Б. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ.1. Фонетика ва морфология (Барои мактабҳои миёнаи нопурра) /Л. Бузургзода, Б. Ниёзмуҳаммадов. – Сталинобод, 1946. – 230 с.

13. Гадоев, Н. Лексикаи лаҳҷаи Тагнов / Н. Гадоев. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 208 с.

14. Ғаффоров, Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил (дар асоси маводи романи «Одамони ҷовид») / Р. Ғаффоров. – Душанбе: Дониш, 1966. – 224 с.

15. Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғ. Ғафуров. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020.– 976 с.

16. Ғозиев, М. Корбасти вожаҳои иқтибосии арабӣ дар матбуоти тоҷикӣ (давраи истиқлол-солҳои 1991-2008) / М. Ғозиев. – Душанбе, 2012. – 188 с.

17. Дӯстов, Ҳ.Ҷ. Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар забони адабии муосири тоҷик / Ҳ.Ҷ. Дӯстов. – Душанбе: Эҷод, 2012. – 156 с.

18. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. Лексикология, фонетика ва морфология (зери таҳрири Б. Ниёзмуҳаммадов). – Душанбе: Маориф, 1982. – 465 с.

19. Зоҳидов, А. Таъсири забони русӣ ба калимасозии забони ҳозираи тоҷик: докт. илм. филол.: 10.02.22 / А. Зоҳидов. – Душанбе, 1992. – 165 с.

20. Зулфониён, Р.Р. Пажуҳиши забоншиносии ҷойномҳои минтақаи Панҷакат/ Р.Р.Зулфониён. – Душанбе: Истеъдод, 2024. – 268 с.

21. Исмоилов, Ш. Лексикаи лаҳҷаи Рашт / Ш. Исмоилов. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 334 с.

22. Ишкошим. Китоби раҳнамо. – Душанбе: Нодир, 2011. – 488 с.

23. Кабиров, М. Лексикаи лаҳҷаҳои тоҷикони Чирчиқи Вилояти Тошканди Ҷумҳурии Узбекистон: рис. ном. илм. филол. / М. Кабиров. – Душанбе, 1995. – 213 с.

24. Камолиддинов, Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 185 с.

25. Каримова, М. Ташаккул ва инкишофи лексикаи лаҳҷа дар шароити дузабонӣ (дар асоси маводи лексикаи лаҳҷаи Лахш): дис...номз.илми.филол.: / М. Каримова. – Душанбе, 2018. – 172 с.

26. Қаҳҳоров, М. Лексикаи лаҳҷаи Панҷакент: дис...номз.илми.филол.: / М. Қаҳҳоров. – Душанбе, 1998. – 211 с.

27. Қосимов, В. Шеваҳои тоҷикони Фориш: дис....ном. илм. филол.: / В.Қосимов. – Душанбе, 1966. – 324 с.

28. Қосимова, М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои 9-10). / М. Н. Қосимова. – Душанбе, 2003. – 490 с.

29. Қосимова, М. Н. Мухтасар оид ба истилоҳоти забоншиносии пешин / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2003. – 113 с.

30. Қурбонхонова, Н. Устураҳои ҳайвоноту парандагон дар фолклори Бадахшон / Н. Қурбонхонова. – Душанбе: ҶДММ Сифат–Офсет, 2020. – 198 с.

31. Мақсудов, Т. Лексика ва фразеологияи шеваҳои тоҷикони Исфара / Т. Мақсудов. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 160 с.

32. Матробиён, С.Қ. Этнолингвистикаи тоҷик: пажуҳиши назариявӣ ва амалӣ. Асосҳои назариявии этнолингвистика ва тасвири ҷаҳон/ С.Қ. Матробиён.– Душанбе, 2022. – 267 с.

33. Маҳмадҷонов, О.О. Таҳқиқоти таърихӣ ва забоншиносии номвожаҳои ҷуғрофии водии Ҳисор / О. Маҳмадҷонов. – Душанбе, 2012. – 216 с.

34. Маҳмудов, М. Лаҳҷаҳои тоҷикони райони Китоб / М. Маҳмудов. – Душанбе: Дониш, 1978. – 278 с.

35. Маҳмудов, М. Китобномаи адабиёти шевашиносӣ / М. Маҳмудов, С. Раҳматуллозода. – Душанбе, 2020. – 139 с.

36. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ.1. / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе: Деваштич. – 2007. – 242 с.

37. Маъсумӣ, Н. Дар бораи баъзе тағйирот дар таркиби луғавии забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ // Шарқи сурх. – Сталинобод, 1951. – №5.– С. 78-87.

38. Маъсумӣ, Н. Забон ва услуби Аҳмади Дониш / Н. Маъсумӣ. – Душанбе, 1976. – 73 с.

39. Маъсумӣ, Н. Асарҳои мунтахаб /Н.Маъсумӣ. Ҷ. 2.– Душанбе: 1980.– 352 с.

40. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: Пайванд, 2011. – 385 с.

41. Мирбобоев, А. Муқаддимаи филологияи эронӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни бахшҳои филологии мактабҳои олӣ /М. Мирбобоев. – Душанбе, 2015. – 325 с.

42. Мирзоев, Ҳ. Истилоҳоти соҳаи асппарварӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Ҳ. Мирзоев. – Душанбе, 1997. – 185 с.

43. Мирзоев, С. Лексикаи забони яғнобӣ: дис….ном. илм. филол.:10.02.22 / С. Мирзоев. – Душанбе, 1998. – 127 с.

44. Муминова, С. Лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон: дис….ном. илм. филол.: 10.02.01 / С. Муминова. – Душанбе, 2021. – 209 с.

45.Мурватов, У. Шеваҳои тоҷикони маҳалҳои атрофи Андиҷон: дис….ном. илм. филол.: 10.02.22 / У. Мурватов. – Душанбе, 1968. – 434 с.

46. Мурватов, Ҷ. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Бахшҳои исм, сифат, шумора, ҷонишин, зарф. Ҷ. 2. / Ҷ. Мурватов. – Душанбе: Дониш, 1974. – 187с.

47. Муродов, Ҳ. Тасвири бадеии асп дар таърихи адабиёти тоҷик: рис. докт. илм. филол. / Ҳ. Муродов. – Душанбе, 2010. – 306 с.

48. Мухторов, З. Таърихи забони тоҷикӣ / З. Мухторов. – Душанбе: Ҳумо, 2003. – 152 с.

49. Мухторӣ, Қ. Хусусиятҳои луғавию услубии ашъори Рӯдакӣ / Қ. Мухторӣ. – Душанбе, 2006. – 129 с.

50. Муҳаммадиев, М. Лексикаи забони адабии тоҷик / М. Муҳаммадиев, Ҳ. Талбакова, Ю. Нурмуҳаммадов. – Душанбе, 1997. – 190 с.

51. Назарзода, С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гаройиш ва дурнамо / С. Назарзода. – Душанбе: Дақиқӣ, 2004. – 370 с.

52. Неменова, Р.Л. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ (фонетика, лексика) /Р.Л. Неменова, Ғ. Ҷӯраев. Ҷ.1. – Душанбе: Дониш, 1980. – 328 с.

53.Ниёзӣ, Ш. Н. Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ / Ш. Н. Ниёзӣ. – Сталинобод, 1954. – 50 с.

54. Ниёзмуҳаммадов, Б. Забоншиносии тоҷик // Маҷмуаи мақолаҳо ва пажуҳишҳои забоншиносӣ / Б. Ниёзмуҳаммадов. – Душанбе: Дониш, 1970. – 240 с.

55. Ниматов, Г. Лексикаи чорводории забони яғнобӣ: дис….ном. илм. филол.:. 10.02.08 / Г. Ниматов. Душанбе, 1998. – 183 с.

56. Норматов, М. Муқаддимаи забоншиносӣ / М. Норматов. – Душанбе: Матбуот, 2007. – 239 с.

57. Обидов, У. Шеваи Ҷабал – ус – сироҷ /Афғонистони Шимолӣ / У. Обидов. – Душанбе: Дониш, 1977. – 236 с.

58. Обидов, У. Омӯзиши муқоисавии лаҳҷаҳои забони дарии Афғонистон: дис….док. илм. филол.:.10.02.08 / У. Обидов. – Душанбе, 1995. – 334 с.

59. Олимҷонов, М.О. Хусусиятҳои сохториву маъноии калимаҳои мураккаб дар назми Бедил (дар мисоли калимаҳои мураккаби навъи татпуруша). дис....д-ри илм. филол.: 10.02.01. / М. О. Олимҷонов. – Душанбе, 2022. – 385 с.

60. Офаридаев, Н. Ойконимияи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон / Н. Офаридаев. – Душанбе, 2001. – 163 с.

61. Хоркашев, (Раҳматуллозода) С. Калимасозии исм бо пасвандҳо (аз рӯйи маводи шеваи ҷанубӣ-шарқии забони тоҷикӣ) / С. Хоркашев. –Душанбе, 2010. – 143 с.

62. Раҳматуллозода, (Хоркашев,) С. Ташаккули таркиби луғавӣ ва калимасозӣ / С. Раҳматуллозода (Хоркашев). Душанбе: Маориф, 2014. – 120 с.

63. Раҳматуллозода, (Хоркашев,) С. Баррасии лингвистии гурӯҳи мавзуии таркиби луғати лаҳҷа (дар асоси маводи шеваҳои ҷанубӣ ва ҷанубӣ-шарқӣ) / С. Раҳматуллозода (Хоркашев). – Душанбе: Маориф, 2014. – 234 с.

64. Раҳматуллозода, С.Р. Калимасозии исм / С.Р. Раҳматуллозода. – Душанбе: Дониш, 2019. – 225 с.

65. Раҳматуллозода, С.Р. Таҳлили лингвистии вожаҳои марбут ба ҳайвонот ва паррандагон / С. Раҳматуллозода. – Душанбе, 2020. – 57 с.

66. Раҳматуллозода, С.Р. Таҳқиқи лингвистии морфемаи грамматикӣ / С.Р. Раҳматуллозода. – Душанбе, 2021. – 120 с.

67. Раҳмон, Эмомалӣ. Забони миллат – ҳастии миллат. /Э. Раҳмон. – Душанбе: «Эр-граф», 2016. – 516 с.

68. Рустамов, Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик. / Ш. Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1972. – 78 с.

69. Рустамов, Ш. Исм. / Ш. Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1981. – 220 с.

70. Рӯзиев, М. Таҳқиқи луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ (дар асоси маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ») дис….ном. илм. филол.:10.02.01 / М.Р. Рӯзиев. – Душанбе, 2023. – 172 с.

71. Сабзаев, С.М. Забон ва услуби шоирони маорифпарвар / С.М. Сабзаев. – Душанбе, 1991. – 80 с.

72. Саидов, Р. Шеваҳои Вахиёи Боло: дис….док. илм. филол.:.10.02.22 / Р. Саидов. – Душанбе, 1970. – 313 с.

73. Саидов, Ҷ. Баъзе хусусиятҳои истилоҳоти соҳаи чорводорӣ дар лексикаи лаҳҷаи Муминобод / Ҷ. Саидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2012. – №4 (91). – С. 122-127.

74. Саидова, Ҷ.С. Диалектизмҳо ва хусусиятҳои услубии онҳо дар асарҳои А. Самад: дис. н.и.ф.: 10.02.01/ Ҷ.С. Саидова. – Душанбе, 2019. – 181 с.

75. Саймиддинов, Д. Вожашиносии забони форсии миёна. / Д. Саймиддинов. – Душанбе: Пайванд, 2001. – 310 с.

76. Саломиён, М. Вижагиҳои луғавӣ ва маъноии забони ғазалиёти шоирони асрҳои XII-XIV / М. Саломиён. – Душанбе, 2020. – 158 с.

77. Сангинова, Р.И. Лексикаи лаҳҷаи тоҷикони Конибодом: дис. ... ном. илм. филол.: 10.02.22 / Р.И. Сангинова. – Душанбе, 2012. – 183 с.

78. Саркорӣ, О. Оид ба омӯзиши лексикаи соҳаи чорводорӣ дар забони рошорвӣ / О. Саркорӣ // Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2015. – №4/8 (183). – С. 67-71.

79. Сулаймонов, И. Лексикаи чорводорӣ дар лаҳҷаи кӯҳистони Ҳисор / И. Сулаймонов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2010, – №1 (35). – С. 199-209.

80. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Пайванд, 2019, №4. – 128 с.

81. Талбакова, Ҳ. Хусусиятҳои лексикӣ ва фразеологии «Маъвои дил»-и Раҳим Ҷалил: дис…ном. илм. филол.:10.02.01/ Ҳ. Талбакова. – Душанбе, 1977. – 165 с.

82. Тоҳирова, Қ. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (материалҳо) / Қ. Тоҳирова. – Душанбе, 1967. – 82 с.

83. Узбеков, С. Лексика ва фразеологияи лаҳҷаи тоҷикони Андарак / С. Узбеков. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2014. – 182 с.

84. Фарҳодова, С.А. Истилоҳоти ифодакунандаи гов дар гӯйиши тоҷикони Ғорон / С. Фарҳодова // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ). Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2019. – №3 (256). – С. 139-145.

85. Фарҳодова, С.А. Вожаҳои табушуда ва эвфемизмҳои марбут ба чорводорӣ дар гӯйиши Ғорон / С. Фарҳодова // Забон ва истилоҳот (Маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2022. – №4 (4). – С. 134-136.

86. Фозилов, Д.Ф. Хусусиятҳои лексикии «Сафарнома»-и Носири Хусрав / Д.Ф. Фозилов. – Душанбе: ДСРТ, 2013. – 168 с.

87. Фозилов, Д. Ф. Гӯйиши Ғорон (Лексика ва морфология). – Душанбе: Сифат-Осет, 2024. – 180 с.

88. Хонларӣ, П.Н. / Таърихи забони форсӣ. Ҷ. 1. / П.Н. Хонларӣ, – Душанбе, 2017. – 353 с.

89. Хоҷаев, Д. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва афкори забоншиносии ӯ / Д. Хоҷаев. Душанбе: Деваштич, 2004. – 124 с.

90. Хоҷаев, Д. Ташаккул ва таҳаввули забоншиносии форсу тоҷик дар асрҳои миёна / Д. Хоҷаев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. – 344 с.

91. Хромов, А. Л. Чаҳордаҳ мақола / А. Л. Хромов. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 174 с.

92. Ҳусейнов, Х. Забон ва услуби «Одина»-и устод Айнӣ / Х. Ҳусейнов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 226 с.

93. Ҷӯраев, Ғ. Лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон / Ғ. Ҷӯраев. – Душанбе: Дониш, 1975. – 227 с.

94. Ҷӯраев, Ғ. Системаи лексикаи лаҳҷаи забони тоҷикӣ (дар асоси маводи шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ):дис.... док. илм. филол.:10.02.01 / Ғ. Ҷӯраев. – Душанбе, 1992. – 333 с.

95. Шарифова, Г.М. Лексикаи лаҳҷаи Мастчоҳ /Г. Шарифова. – Душанбе, 2024. – 183 с.

96. Шарофов, Н. Оид ба лексикаи касбу ҳунари забони тоҷикӣ / Н.О. Шарофов // Масъалаҳои забоншиносӣ.– Душанбе: Дониш, 1983. – С. 56-60.

97. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Фонетика ва лексика / тартибдиҳандагон Р. Л. Неменова, Ғ. Ҷӯраев, Ҷилди 1. – Душанбе: Дониш, 1980. – 331 с.

98. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ.: Морфология / тартибдиҳандагон Ҷ. Мурватов, Р. Л. Неменова, А. Л. Хромов, Ҷ. 2. – Душанбе: Дониш, 1979. – 252 с.

99. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. / тартибдиҳанда Р. Ғаффоров; таҳти назар ва таҳрири умумии проф. В. С. Расторгуева. – Ҷилди 3.–Душанбе: Дониш, 1979. – 272 с.

100. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ, Ҷилди 4. – Душанбе: Дониш, 1981/1982.

101. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Материалҳо / тартибдиҳанда Ҷамолхон Мурватов; муҳаррирони масъул Р. Л. Неменова, Мансур Маҳмудов, Ҷилди 5.– Душанбе: Дониш, 1982. – 332 с.

102. Шердилова, С.Ф. Таҳқиқоти этнолингвистии лексикаи гӯйиши тоҷикони водии Ғорон (аз гурӯҳи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ) дис. н.и.фил. ихтисоси 10.02.19./ С.Ф. Шердилова.– Душанбе, 2022. – 199 с.

103. Шодиев, Р. Масоили лингвистии номвожаҳои таърихии Хатлон / Р. Шодиев. – Душанбе, 2016. – 117 с.

104. Шукуров, М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад / М. Шукуров. – Душанбе, 1985. – 368 с.

105. Эшниёзов, М. Шеваи ҳардурӣ. / М. Эшниёзов. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 230 с.

106. Эшниёзов, М. Диалектологияи тоҷик / М. Эшниёзов. Қ. 1. – Душанбе: 1977. – 111 с.

107. Эшниёзов, М. Диалектологияи тоҷик / М. Эшниёзов. Қ. 2. – Душанбе, 1979. – 134 с.

108. Юсупова, С. Таҳқиқи луғавӣ-семантикӣ ва сохтории воҳидҳои луғавии марбут ба наботот дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷанубу шарқии забони тоҷикӣ: дис….ном. илм. филол.:. 10.02.22 / С. Юсупова.–Душанбе, 2019. –201 с.

Б) Адабиёти илмӣ бо забони русӣ:

109. Абаев, В.И. Язык как идеология и язык как техника / В.И. Абаев // Язык и мышление. М. – Л., 1934.

110. Абдуназаров, Х. История животноводство Таджикистана: опыт и проблемы (1924-1991 г): дис. д-ра ист. наук.:07.00.01 / Х. Абдуназаров. – Душанбе, 2006. – 289 с.

111. Аламшоев, М. Животноводческая лексика шугнанского языка. / М. Аламшоев. – Душанбе, 2007. – 239 с.

112. Алиев, С.С. Полусуффиксация в системе словообразования в современном таджикском языке в сопоставлении с персидским: автореф. дис. канд. филол. наук. / С.С. Алиев. – Душанбе, 1979. – 55 с.

113. Амонова, Ф. Именное аффиксальное словообразование в современном персидском и таджикском языках. Учебное пособие / Ф. Амонова. – Душанбе: Издателство ТТУ, 1982. – 55 с.

114. Андреев, М.С. Краткий обзор некоторых особенностей таджикских говоров / М.С. Андреев. – Ташкент, 1930. – 63 с.

115. Андреев, М. С. Таджики долины Хуф (Верховья Аму-Дарьи). – Труды Институт истории, арехеологии и этнографии АН. Тадж. ССР. Т. 7. / М.С. Андреев. – Сталинабад: Изд-во АНТ ССР, 1953. – 249 с.

116. Баранникова, Л.И. Ввдение в языкознание / Л.И. Баранникова. – Саратов: Изд-во СУ, 1973. – 384 с.

117. Бердиев, Б. Ромитские говоры таджикского языка: дис. канд. фил. наук: 10.02.22 / Б. Бердиев. – Душанбе, 1979. – 199 с.

118. Бердиева, Т. Лингвистические и экстралингвистические причины арабских заимствований. По материалам прессы 20-х годов / Т. Бердиева. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 271 с.

119. Бобринский, А.А. Горцы верховьев Пянджа (ваханцы и ишкашимцы)./ А.А. Бобринский. – Москва, 1908. – 150 с.

120. Богорад, Ю.И. Горонский говоры таджикского языка. Иранский сборник / Ю.И. Богорад. – М., 1953. – С. 44-58.

121. Болдырев, А.Н. Бадахшанский фолклор /А.Н.Болдырев.– М.,1948.–294 с.

122. Броимшоева, М. Этнолингвистический анализ шугнанских примет и предсказаний дис. ... канд. фил. наук..: 10.02.22 / М. Броимшоева.– Душанбе, 2006. – 187 с.

123. Ведина, Т. И. Введение в языкознание / Т. И. Ведина. – М.: Высшая школа, 2001. – 288 с.

124. Виноградов, В. В. Словообразование и его отношение к грамматике и лексикологии / В. В. Виноградов // Избранные труды. Исследования по русской грамматике. – М.: Наука, 1975. – С. 166 - 221.

125. Головин, Б.Н. Введение в языкознание / Б.Н. Головин. – М.: Высшая школа, 1977. – 311 с.

126.Григорев, В.Г. Обозрение диалектических особенностей употребительного у бухарских таджиков персидского языка // О некоторых событиях в Бухаре, Коканде и Кашгаре / В.Г. Григорев. – Казань, 1861 – 56 с.

127. Давлатова, М. Глагольная лексика и глагольное словообразование в «Зайнул-ахбор» Гардези XI в: автореф. дис. канд. филол. наук. / М. Давлатова. – Душанбе, 1969. – 25 с.

128. Замонов, З. И. Лексика даштиджумского говора таджикского языка: дис. канд. филол. наук. / З. И. Замонов. – Душанбе, 2009. – 155 с.

129. Зарубин И.И. Вершикское наречие канжутского языка. Очерк по диалектографии Гиндукуша/ И.И. Зарубин. ЗКВ,2, 1927. – 314 с.

130. Земская, Е.А. Словообразование как деятельность / Е.А. Земская. – М.: Наука, 1992. – 221 с.

131. Зоолшоева, Ш.Ф. Цветообозначение в шугнано-рушанской языковой группе в этнолингвистическом освещение:дис. .... канд. филол. наук: Ш.Ф.Зоолшоева.– Санкт-Петербург, 2005. – 175 с.

132. Исмоилов, Ш. Лексика Каратегинского говора: дис. канд. филол. наук. Ш. Исмоилов. – Душанбе, 1982. – 203 с.

133. Калинин, А.В. лексика русского языка / А.В. Калинин. – М.: МГУ, 1971. – 231 с.

134. Карамшоев, Д.О специфике заимствованных слов в памирских языках (на материале шугнанского языка). – Забонҳои помирӣ ва фолклор, №I. – Душанбе, 1972, – С. 83-97.

135. Касымов, О. Картина животного мира в «Шахнаме» Абулькасима Фирдоуси / О. Касимов. – Душанбе: Дониш, 2011. – 135 с.

136. Кисляков, А. Н. Древные формы скотоводство и молочного хозяйства у таджиков бассейна р. Хингоу / А. Н. Кисляков // Известия ТФ АН СССР. – №15. / Н. А. Кисляков. – Сталинабад, 1949. – С. 38-44.

137. Кисляков, А.Н. Таджики Каратегина и Дарваза / А. Н. Кисляков, А.К. Писарчик. – Душанбе: Дониш, 1966. – 281 с.

138. Кузнецов, П. Е. Этнографические сведения о таджиках Кокандского уезда / П.Е. Кузнецов // Известия Русский комитет для изучения Средней и Восточной Азии. СПб. 1912. – Серия II, № 1. – С. 42–56.

139. Кузнецов, П. Е. О таджиках Наманганского уезда / П. Е. Кузнецов // Известия Туркестанского отдела Императорского Русского географического общества (ТОИРГО). – Ташкент, 1915. – Т. XI, вып. 2, ч. 1. – С. 1-38.

140. Колпаков, А.П. К вопросу о скотоводческих терминов у таджиков Кулябской области / А.П. Колпаков // Сообщения ТФ АН СССР. Вып. IX. – Сталинабад, 1948. – С. 30-32.

141. Қурбонбекова, Г.О. Фитонимическая и зоонимическая лексика в горонском говоре таджикского языка: дис. канд. филол. наук: 10.02.00. – Языкознание (10.02.01 – Таджикский язык) / Г.О. Қурбонбекова – Хоруғ, 2026.– 175 с.

142. Лопатин, В.В. Русская словообразовательная морфемика / В.В. Лопатин. 1977. – М.: Наука, 1977. – 316 с.

143. Маслов, Ю.С. Введение в языкознание / Ю.С. Маслов. – М.: Высшая школа, 1987. – 272 с.

144. Мирбобоев, А. Лексика животноводства ваханского языка: дис. канд. филол. наук / А. Мирбобоев. – Душанбе, 1991. – 205 с.

145. Мирзоев, Г. Именное суффиксальное словообразование в современном таджикском языке: автореф: дис. канд. филол. наук:10.02.22 / Г. Мирзоев. – Душанбе, 1987. – 20 с.

146. Мирзоев, Ш. Синонимия в лексике шугнанского языка: дис. канд. филол. наук.: 10.02.08 / Ш. Мирзоев. – Душанбе, 1999. – 230 с.

147. Назарова, З.О. Система ишкашимского глагола в сопоставление с бадахшанского таджикской / З.О. Назарова. М: АНРТ: Институт гуманитарнх наук, 1998. – 138 с.

148. Наливкин, В.П. Русско-персидский словарь общеупотребительных слов по наречиям Туркестанского края. – Казань, 1989. – 566с.

149. Насимӣ, Н. Словообразование глагола в языке Садриддина Айни автореф. дис. ... канд. филол. наук./ Н. Насимӣ. – Душанбе, 1992. – 22 с.

150. Низомова, С. Словообразование в художественной и публицистической прозе Садриддина Айни: дис. д.ф.н.: 10.02.19/ С. Низомова. – Душанбе, 2021. – 475 с.

151. Оранский, И.М. Введение в иранскую филологию / И.М. Оранский. – М.: Наука, 1988. – 390 с.

152. Пахалина, Т.Н. Ишкашимский язык: Очерк фонетики и грамматики, тексты и словарь / Т.Н. Пахалина. – М.: Издательство АН СССР, 1959. – 228 с.

153. Пахалина, Т.Н. Сравнительно-историческое описание признаков генетической общности памирских языков / Т.Н. Пахалина. – М.: Наука, 1989. – 272 с.

154. Пейсиков, Л.С. Очерки по словообразованнию персидского языка /Л.С. Пейсиков. – М.: Изд-во МГУ им. Ломоносова, 1973.– 199 с.

155. Пейсиков, Л.С. Лексикология современного персидского языка /Л. С. Пейсиков. – М.: Изд-во МГУ им. Ломоносова, 1975. – 204 с

156. Пещерева, Е. М. Молочные хозяйство у горных таджиков и некоторые связанные с ними обичаи / Е.М. Пещерева // Сб. По Таджикистану. – Ташкент, 1957. – С. 42-59.

157. Перехвальская, Е.В. Этнолингвистика: учебник для академического бакалавриата / Е.В. Перехвальская. – М.: Изд-во Юрайт, 2019. – 351 с.

158. Расторгуева, В.С. Опыт сравнительного изучения таджикских говоров / В. С. Расторгуева. М.: Наука, 1964. – 188 с.

159. Рахматуллозода, (Хоркашев,) С. Лексико-семантический и морфологический анализ предметной лексики в южных и юго-восточных говорах таджикского языка: дис. д-ра филол. наук.10.02.22 / С. Раҳматуллозода (Хоркашев). – Душанбе, 2015. – 367 с.

160. Рахматуллозода, С.Р. Словообразования имён существительных в южных и юго-восточных говорах таджикского языка / С.Р. Рахматуллозода. – Душанбе: Дониш, 2016. – 239 с.

161.Реформатский, А.А. Введение в языкознание / А. А. Реформатский. – М.: Просвещение, 1967. – 542 с.

162. Розенфелд, А.З. Говоры Каратегина / А.З. Розенфелд. – Сталинабад, 1960. – 190 с.

163.Розенфельд, А. З. Ванджские говоры таджикского языка / А. Розенфельд. – Л.: ЛГУ, 1964. – 149 с.

164.Розенфельд, А.З. Бадахшанские говоры таджикского языка / А.З. Розенфельд. – Л.: Изд-во Ленингр. ун. та, 1971. – 192 с.

165.Семёнов, А.А. Материалы для изучение наречии горных таджиков Средней Азии. Вып. 1. – М., 1900. – 56 с.

166.Стеблин-Коменский, И.М. Очерки по истории лексики памирских языков. Названия культурных растений. М., 1982. – 167 с.

167. Сулаймонов, С. Становление арабской и таджикской философской терминологии (на базе филосовского наследия Ибн Сины): дис. канд. филол. наук.:10.02.22 / С. Сулаймонов. – Душанбе, 1997. – 365 с.

168. Султонов, М.Б. Становление и развитие персидско-таджикской научной терминологии (на материале научного наследия IX-XI вв): дис. д-ра филол. наук.:10.02.22 / М.Б. Султонов. – Душанбе, 2008. – 323 с.

169. Таджики Каратегина и Дарваза / Под ред. Н. А. Кислякова и А. К. Писарчик. – Душанбе: Дониш, 1966–1976. Вып. 2: Общественная и семейная жизнь, 1970. – 316 с.

170. Толстой, Н.И., Толстая, С.М. О славаре «Славянские дресности»/ Н.И. Толстой, С.М. Толстая // Славянская этнолингвистика (вопросы теории). – Москва, 2013. – С. 82-83.

171. Трубачев, О.Н. Происхождение названий домашних животных в славянских языках / О.Н. Трубачёв. М.: Изд-во АН СССР, 1960. – 115 с.

172. Тӯраев, Б. Б. Лексико-семантическое и словообразовательное исследование микротопонимии долины Яғноб: дис. … канд. филол. наук.:10.02.22 / Б. Б. Тӯраев. – Душанбе, 2010. – 223 с.

173. Успенская, Л. В. Говоры таджиков Гиссарского района / Л. В. Успенская. – Душанбе: Изд. АН таджикской ССР, 1962. – 115 с.

174. Хромов, А. Л. Говоры таджиков Матчинского района / А. Л. Хромов. – Душанбе, 1962. – 215 с.

175. Хромов, А. Л. Ягнобский язык / А. Л. Хромов // Основы иранского языкознания: Новоиранские языки: Восточная группа. – М.: Наука, 1987. – С. 644-701.

176. Шанский, Н. М. Лексикология современного русского языка / Н.М. Шанский. – М.: Просвещение, 1972. – 327 с.

177. Шанский, Н. М. Основы словообразовательного анализа / Н.М. Шанский. – М.: МГУ, 1993. – 56 с.

178. Шарифзода, Ф.Х. Понятие предложения в современном персидском языкознании : дис. ... доктора филологических наук: 10.02.22 / Ф.Х. Шарифзода (Шарипова). – Душанбе, 2018. – 312 с.

179. Юсупов, Х. Лексические особенности языка произведений Садриддина Айни / Х. Юсупов // АКД. – Душанбе, 1971. – 35 с.

180. Юсупова, М. А. Фразеология романи С. Айнӣ «Дохунда» / М.А. Юсупова // АКД. – Душанбе, 1972. – 26 с.

В) Адабиёти илмӣ ба забони англисӣ

181. Dinguirard, J.C. Ethnolinguistique de la Haute Vallee de Gers Lille / J.C. Dinguirard. – 1976. – 185 с.

182. Olufsen, O. Through the unknown Pamirs (Vakhan and Garon). / O. Olufsen London William heineman – 1904. – 238 page, 25-78.

II.Фарҳангномаҳо

А) Ба забони тоҷикӣ ва форсӣ:

183. Бердиқулов, Ҳ., Муродов, С. Луғати мухтасари лексикаи чорводории водии Зарафшон / Ҳ. Бердиқулов, С. Муродов. – Самарқанд, 1992. –135 с.

184. Ғиёсиддин, Ғиёсиддин Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот. – Ҷ. 1. – Душанбе: Адиб, 1987. – 146 с.

185. Ғиёсиддин, Ғиёсиддин Муҳаммад. Ғиёс–ул-луғот. – Ҷ. 2. – Душанбе: Адиб, 1988. – 480 с.

186. Калонтаров, Я.И., Капранов В.А. Луғати мухтасари русӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-русии терминҳои забоншиносӣ/ Я.И. Калонтаров., В.А. Капранов. – Душанбе: Дониш, 1974. – 95 с.

187. Маҳмудов, М., Бердиев Б. Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро / М. Маҳмудов, Б. Бердиев. – Душанбе: Дониш, 1989. – 280 с.

188. Маҳмудов, М., Ҷӯраев. Ғ., Бердиев, Б. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ / М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев, Б. Бердиев. – Душанбе: Пайванд. 2012. – 946 с.

189. Маҳмудов, М., Ҷӯраев, Ғ., Бердиев, Б. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ / М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев, Б. Бердиев. – Душанбе: Пайванд, 2017. – 842 с.

190. Муҳаммадҳусайн, Бурҳон. Бурҳони қотеъ. – Ҷ. 1. (таҳияи А. Нуров) / Б. Муҳаммадҳусайн. – Душанбе: Адиб, 1993. – 416 с.

191. Муҳаммадҳусайн, Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ. 2. (таҳияи А. Нуров) /Б. Муҳаммадҳусайн. – Душанбе: Адиб, 2004, – 424 с.

192. Муҳаммадҳусайн, Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ. 3. (таҳияи А. Нуров) /Б. Муҳаммадҳусайн. – Душанбе: Адиб, 2014. – 400 с.

193. Рӯзиев, М. Фарҳанги мухтасари луғоти ҳайвоноти хонагӣ / М. Рӯзиев. – Душанбе: Матбааи ДДОТ, 2021. – 26 с.

194. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. – М.: Советская Энсиклопедия, 1969. – 951 с.

195. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – М.: Советская Энсиклопедия, 1969. – 949 с.

196. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1., Ҷ.2. – Душанбе: Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – 949 с.

197. Ҳасандӯст, Мухаммад. Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ. / М. Ҳасандӯст, Ҷ. 1. – Теҳрон: 1393 ҳ. – 585 с.

198. Ҳасандӯст, Муҳаммад. Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ. / М. Ҳасандӯст, Ҷ. 2. – Теҳрон: Осор.– 2956 с.

199. Ҳасандӯст, М. Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ / М. Ҳасандӯст, Ҷ. 3. – Теҳрон: Осор. 1393. – 2080 с.

200. Ҳасандӯст, Муҳаммад. Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ. / М. Ҳасандӯст. Ҷ.4. – Теҳрон: Осор. – 2956 с.

201. Эрматов, С. Луғати узбекӣ ба тоҷикӣ / С. Эрматов. – Душанбе, 2024. – 495 с.

Б) Ба забони русӣ:

202. Аламшоев, М.М. Отраслевой словарь шугнанского языка (животноводство) / М.М. Аламшоев. 2002. – 166 с.

203. Большой турецко-русский русско-турецкий словарь 450000 слов и словосочетаний. – Москва: ООО Дом славянской книги, 2009. – 960 с.

204. Климов, Г.А., Шагиров А.К. Обеказахского название плуга. – Лексико- грамматические особенности языков народов Карачево–Черкесси / Г.А. Климов, А.К. Шагиров / Черкесск, 1990. – 503 с.

205. Макс, Ф. Этимологический словарь русского языка. Том 1. / Ф. Макс. –Москва: Прогресс, 1986. – 577 с.

206. Расторгуева, В.С. Очерки по таджикской диалектологии / В.С. Расторгуева // Вып. 5. Таджикско-русский диалектный словарь. М.: Изд-во Акад. наук тадж. СССР, 1963. – 250 с.

207. Расторгуева, В.С., Эдельман, Д.И. Этимологический словарь иранских языков. Том 2. b – d / В. С. Расторгуева, Д. И. Эдельман. – М.: Вост. лит., 2003. – 502 с.

208. Расторгуева, В.С., Эдельман Д. И. Этимологический словарь иранских языков. Том 3. f – h / В.С. Расторгуева, Д. И. Эдельман. – М.: Вост. лит., 2007. – 493 с.

209. Стеблин-Каменский И.М. Этимологический словарь ваханского языка / И.М. Стеблин-Каменский . – СПБ., 1999. – 475 с.

210. Фасмер, М Этимологический словарь русского языка. Том 1. /М. «Прогресс» 1986 – 577 с.

211. Фасмер, М. Этимологический словарь русского языка. / М. Фасмер. – М.: Астрел, Том 4., 2004. – 860 с.

212. Хотамтоев, Ш. Краткий русско-таджикский словарь/ Ш. Хотамтоев.– Ташкент, 1913.–72 с.

III.Захираи электронӣ:

213. Бобомуродова, М. Фазилатҳои соли асп ва мафҳуми он дар забони тоҷикӣ (Нишонии электронии мақола: https://www.facebook.com/donishgohiomuzgori/posts (санаи мурочиат: 10.03.2026).

IV. Феҳристи номи гӯяндагон:

1*. Зулфониён Раҳим Рачабзода с. тав. 1964, зодаи деҳаи Ғӯсари деҳоти Л. Шералӣ сокини ш. Душанбе, забоншинос.

2*. Мамадҷонов Таваллобек с. тав. 1945, сокини деҳаи Гармчашмаи деҳоти ба номи Аскар Замиров, нафақахур.

3*. Муродмамадова Муслимо с.тав. 1941, сокини деҳаи Кӯҳи Лаъли деҳоти ба номи Аскар Замиров, нафақахур.

4*. Муродмамадов Назар с.тав. (1939-1921). сокини деҳаи Бағӯши деҳоти Қозидеҳ.

5*. Муродмамадова Содатбахт (1935-1923) сокини деҳаи Андароби деҳоти ба номи Аскар Замиров.

6*. Раҳмонова Дурдона (1913-2009) сокини Кӯҳи Лаъли деҳоти ба номи Аскар Замиров.

7*. Собиров Ақназар (1960-2025) сокини деҳаи Дашти деҳоти ба номи Аскар Замиров.

8*. Султонмамадов Чоршанбе с. тав. 1937, сокини деҳаи Делохи сокини деҳоти ба номи Аскар Замиров.

9*. Одинаев Амирхон (1938-2022) сокини деҳаи Хасхараҕи Деҳоти ба номи Аскар Замиров.

10*. Тӯймамадова Ақлимо с.тав. 1948. сокини деҳаи Гармчашмаи деҳоти ба номи Аскар Замиров, нафақахур.

11*. Фарҳодов Алидод с. тав. 1937, сокини деҳаи Кӯҳи Лаъли деҳоти ба номи Аскар Замиров.

12*. Холов Мавлон, с. тав. 1959, сокини деҳаи Ғӯсари деҳоти Л. Шералӣ ш. Панҷакент, нафақахур.

ИНТИШОРОТ
АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. **Фарҳодова, С.** Истилоҳоти ифодакунандаи гов дар гӯйиши тоҷикони Ғорон / С. Фарҳодова // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ). Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2019. – №3 (256). – С. 139-145.

[2-М]. **Фарҳодова, С.** Лексикаи марбут ба ҳайвоноти боркаш дар гӯйиши тоҷикони Ғорон / С. Фарҳодова // Суханшиносӣ (Маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2019. – №3. – С. 51-59.

[3-М]. **Фарҳодова, С.** Истилоҳоти ифодакунандаи гӯсфанд дар гӯйиши тоҷикони Ғорон / С. Фарҳодова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ (Маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2019. – №3 (80). – С. 65-70.

[4-М]. **Фарҳодова, С.** Хусусиятҳои луғавии вожаҳои марбут ба касбу кор дар соҳаи чорводорӣ дар гӯйиши Ғорон (таҳлили этнолингвистӣ) / С. Фарҳодова // Паёми Донишгоҳи Хоруғ (Маҷаллаи илмӣ). – Хоруғ, 2022. – №3 (23). – С. 114-118.

[5-ҲМ]. **Мирбобоев, А. Фарҳодова, С**. Вожаҳои ифодакунандаи номҳои умумии ҳайвоноти хонагӣ дар гӯйиши Ғорон / А. Мирбобоев, С. Фарҳодова //Ахбори АМИТ (Маҷаллаи илмӣ). Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2022. – №3. – С. 274-278.

[6-М]. **Фарҳодова, С.** Вожаҳои ифодакунандаи ҳайвоноти хурди хонагӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи гӯйиши Ғорон) / С. Фарҳодова / /Паёми Донишгоҳи Хоруғ (Маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои гуманитарӣ. – Хоруғ, 2025. – №3 (03). – С. 169-176.

II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[7-М]. **Фарҳодова, С.** Лексикаи ифодакунандаи маҳсулоти ширӣ дар гӯйиши тоҷикони Ғорон / С. Фарҳодова // Маводи конференсияи илмӣ-амалии

ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантон, магистрантон ва донишҷӯёни Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таҳти унвони «Таҳқиқи масъалаҳои муҳимми илмҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва дақиқ дар шароити бисёрфарҳангии таҳсилот» ба ифтихори Рӯзи илми тоҷик. – Душанбе, 2022. – С. 26-30.

[8-М]. **Фарҳодова, С.** Лексикаи ҳунарҳои мардумии марбут ба чорводорӣ дар гӯйиши тоҷикони Ғорон / С. Фарҳодова // Забон ва истилоҳот. – Душанбе, 2022. – №2-3 (2-3). – С. 177-182.

[9-М]. **Фарҳодова, С.** Вожаҳои табушуда ва эвфемизмҳои марбут ба чорводорӣ дар гӯйиши Ғорон / С. Фарҳодова // Забон ва истилоҳот (Маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2022. – №4 (4). – С. 134-136.

[10-М]. **Фарҳодова, С.** Анъана ва расму оини марбут ба чорводорӣ дар гӯйиши Ғорон (таҳлили этнолингвистӣ) / С. Фарҳодова // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Саҳми Пешвои миллат дар тақвияти мақоми забони тоҷикӣ дар арсаи байналмилалӣ» ба ифтихори Рӯзи байналмилалии забони модарӣ, 35-солагии Истиқлоли ҶТ, 30-солагии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва 70-солагии Хуҷанд. – Хуҷанд, 2023. – С. 486-492.

[11-М]. **Фарҳодова, С.** Корбурди пасвандҳои забони тоҷикӣ дар лексикаи марбут ба чорводорӣ дар гӯйиши тоҷикони Ғорон / С. Фарҳодова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони: «Филологияи Шарқ: Пажуҳиши забоншиносӣ, равобитӣ адабӣ ва тарҷумашиносӣ». – Душанбе, 2023. – С. 215-219.

[12-М]. **Фарҳодова, С.** Анвои баъзе хурокҳо дар гӯйиши Ғорон / С. Фарҳодова // Забон ва истилоҳот (Маҷаллаи илмӣ-оммавӣ). — Душанбе, 2024. – №1-2 (7). – С. 163-171.

[13-М]. **Фарҳодова, С.** Таснифи сохтори вожагони марбут ба чорводорӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи гӯйиши тоҷикони водии Ғорон) / С. Фарҳодова // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои

марбут ба забон дар осори безаволи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон». – Душанбе, – 2025. – С. 241-349.

[14-М]. **Фарҳодова, С.** Корбурди вожаҳои иқтибосии марбут ба чорводорӣ дар гӯйиши Ғорон / С.А. Фарҳодова // ENDLESS LIGHT in SCIENCE (Маҷаллаи илмии байналмилалӣ). – Астана, Казахстан, 2025. – №11.– С. 65-71.

[15-М]. Фарҳодова С. Муҳиммияти вожагони ифодакунандаи макони парвариши ҳайвонот дар забони тоҷикӣ / С.А. Фарҳодова // Академиаяи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, 2026. – №1 (1). – С. 139-145.

[16-М]. **Фарҳодова, С.** Гӯйиши Ғорон ва дараҷаи таҳқиқи он / С.А. Фарҳодова // Маҷмуаи мақолаҳои илмии сеюмин ҳамоиши забоншиносони кишварҳои ҳамзабону ҳамфарҳанг дар мавзуи «Забони мо – ҷаҳони мо». – Душанбе, 2026. – С. 639-646.